Академик Раҳим Масов

# Таърихи тоҷикон бо мӯҳри "комилан сиррӣ"

Бахше аз таърихи фошнашудаи тоҷикон дар аввалҳои қарни XX

Нашриёти "Дониш"
Душанбе — 1996

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

***Ба номи худованди бахшандаи меҳрубон***

*Ин китоб ба ифтихори панҷумин солгарди ҷашни истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, 675-солагии зодрӯзи Шайх Камоли Хуҷандӣ ва Саввумин Анҷумани Байналмилалии тоҷикон нашр шудааст.*

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

*Чанд ҳарфе пиромуни тарҷумаи ин китоб*

Ҳангоми тарҷумаи китоби ҳозир, пеш аз ҳама завқи хонандагони тоҷик ва низ ҳамаи форсизабонон дар мадди назар будааст. Ҳатталимкон кӯшиш шудааст, ки кӯчактарин нуктаи китоб фурӯгузор нашавад. Барои суҳулати кори хонанда (бавижа хонандаи тоҷик) дар заминаи ошноӣ бо истилоҳот дар охири китоб вожаномаи мухтасаре дода шудааст.

Дар мавриди гузиниши вожаҳо ва истилоҳот ҳамеша кӯшидаем, ки нахуст аз вожаҳои ноби форсии тоҷикӣ ба кор гирем ва танҳо дар сурати лузум ва адами муродифоти форсӣ, аз вожаҳои арабӣ ва аврупоӣ истифода ба амал омадааст. Куллан дар забони тарҷума як забони миёнае, ки барои ҳама мафҳум бошад, ба кор рафтааст; зимни хондани ин китоб хонандаи тоҷик ба ҷуз мӯҳтаво бо калимот ва истилоҳот низ ошноӣ пайдо хоҳад кард.

М.С.

Номи китоб: **Таърихи тоҷикон бо мӯҳри «комилан сиррӣ»**
Муаллиф: **Академик Раҳим Масов**
Мутарҷим: **Милоди Суғдинажод**
Ношир: **Интишороти «Дониш»**
Душанбе, 1996
Чоп: аввал (ба забони форсии тоҷикӣ)
Шумори нусха: **3000**

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

# ФЕХРИСТИ МАТОЛИБ

Сухане дар бораи ин китоб (Лоик) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5
Пешгуфтор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 12
Фасли якум. Тавсифоти таърихиву нажодӣ. Теъдод ва раддабандии аҳолии Осиёи миёна қабл аз истиқрори Ҳокимияти Шӯравӣ ва марзбандиҳои миллӣ. . . . 17
Фасли дуввум. Тақсимоти милливу давлатии Осиёи миёна. Мубоҳисот ва ихтилофи назарҳо пиромуни баъзе минтақаҳо ва шаҳрҳо. . . . . . . . . . . . . . . . . 70
1. Таърихчаи масъалаи марзбандии миллӣ. . . . . . . . . . . . . 70
2. Таъсиси давлатҳои нав дар Осиёи миёна. . . . . . . . . . . . . 78
Хулосаи матолиб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 112

*Замимаҳо:*

Назари шарқшиносони рус дар бораи тоҷикон (1835-1924) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 124
Гузориши тунднависишудаи ҷаласаи кумисиюни махсуси арзии дафтари Осиёи миёнагии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия* дар бораи марзбандии миллӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . 147
Роҳнамои номи рафиқоне, ки дар баррасии масъалаи марзбандии миллии ҷумҳуриҳои Осиёи миёна, дар ҷаласаи дафтари тадорукотии Кумитаи марказӣ (4 июни 1924) ширкат карда буданд. . . . . . . . . . . . . . . 180
Роҳнамои номҳои коркунони олирутбаи ҳизбиву давлатии Осиёи миёна, ки мустақиман дар марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна ширкат кардаанд. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 183
Ихтисорот . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 188
Вожанома . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 189

* КМ ҲК(б)Р - аломати ихтисории иборати Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия аст, ки дар ин китоб ба кор рафта.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## Сухане дар бораи ин китоб*

Лоиқ Шералӣ

Дар тӯли ҳафтод соли Ҳукумати Шӯравӣ пиромуни таърихи Осиёи миёна ва халқҳои маскуни он, ихтиёран ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи миёна (дар ҳоле, ки русҳо онро ишғолаш карда буданд) аз марзбандии сарзамини Варазрӯд (Варорӯд), ки И.А. Зеленский онро «табартақсим» номида буд, дар чаҳорчӯбаи идиюлужии ҳоким китобҳои зиёде навишта шудаанд, ки аз «иттиҳоди шикастнопазири ҷумҳуриҳои озод» (ва дидем, ки ин иттиҳод дар як чашм задан аз ҳам пош хӯрд) «дӯстии халалнопазири халқҳо», «халқи ягонаи шӯравӣ» бо як сабку маром сухан мерафт. Ин китобҳо аз «гузаштаи тира ва ояндаи дурахшон» сӯҳбат мекарданд, аммо ҳамагӣ аз тааммуқи андеша, таҳлилу баррасии холисонаи илмиву таърихӣ, ҳақиқат ва адолати иҷтимоӣ орӣ буданд. Дар бораи ин ки мардумони Осиёи миёна дар масири торих кай пайдо шуданд, аз куҷо омаданд, чи гуна шакл гирифтанд, то замони табартақсими марзҳо чӣ сарнавишт ва саргузашти торихӣ доштанд, чӣ шаҷара, чӣ ному нишон, чӣ собиқа, чӣ ҳувийят, чӣ фарҳангу саҳми фарҳангӣ дар тамаддуни башар доштанд, сухани росту қавибунёд кам хондаем, ё ҳеҷ нахондаем. Аз ин китобҳо хондаем, ки марзбандии Ҷумҳуриҳои Осиёи марказӣ бо ҳусни тафоҳум, иттифоқи оро ва салоҳдиду ризоияти халқҳои сокини он сурат гирифта, дар ҳоле, ки ин масъала натиҷаи сиёсати миллии дилхоҳи ленинӣ будааст...

Аммо чун китоби тозаи донишманди ғаюри тоҷик, торихшиноси шерҷигар Раҳим Масов «Таърихи тоҷикон бо мӯҳри комилан сиррӣ»-ро мехонем мисли рӯзи равшан мебинем, ки сурати воқеӣ ва торихии ин амали хиёнатбор чи холу хатҳо ва доғу

---

* Ин пешгуфтор аз русӣ тарҷума нашудааст, балки муаллиф онро нахуст ба ҳамин забони форсӣ навиштааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ҷароҳатҳо доштааст. Академик Раҳим Масов «даштҳои худро рифъат бахшида, кӯҳҳои дигаронро паст назада» (таъбири шоири шаҳири қазоқ Олжас Сулаймонуф) муътамад ва асосманд, бо мадорики якрӯву якпаҳлӯи таърихӣ, бо иқтибосҳои пурдонтарин ховаршиносони ҷаҳоншумул, далелҳои қотеъи хаттиву бостоншиносӣ, мавод ва асноди сарбамӯҳри сандуқбанди таърихӣ собит мекунад, ки он ҳама китобҳои сохтагӣ ва мурдахун фарсаххо аз илми истинодӣ ва истидлолӣ дур будаанд. Ин китоб аз назари аввал дунболаи китоби машҳури ӯ «Таърихи табартақсим» (Душанбе 1991) намудор мешавад, аммо чун ба мӯҳтавои он ошно мешавед, мӯй дар баданатон синон мешавад, дил реш-реш, ҷигар лахта-лахта хун мешавад, агар дилу виҷдону инсофи волои инсонӣ дошта бошед. Ин китоб танҳо як кори илмӣ нест, балки достонест пур аз ашку хун, пур аз оҳу фарёд, навишта бо забони аснод, балки фоҷиаомаест аз худии худро куштанамон гоҳо ба дасти худ, гоҳо ба дасти душманон... Ин китоб бо хуни дил иншо шуда ва боястӣ ҳар тоҷики пурҷигар онро бо хуни дил бихонад ва бидонад ки кӣ будаем ва кӣ ҳастем, аз куҷо будаем, ба куҷо расидаем ва киву киҳо моро ба ин партгоҳи ҳалокат кашондаанд?...

Аз фаҷеътарин ва маргбортарин амалҳо ва омилҳо, ки дар умури марзбандии сиёсиву маъмурии маҳдудаи Тоҷикистони имрӯза (пораяке аз Хуросони бузург!) аз байни сатрҳои ин китоб ба чашм мехӯрад, ин аст ки шоир фармуда:

*Бокам аз туркони тирандоз нест,*
*Шеваи тираваронам мекушад.*

Ҷои бахс нест, ки душман душман асту ғосиб ғосиб асту каждум каждум аст ва бояд билошак неш бизанад. Туркони тирандоз аз замони Сомониён ғаразашон маълум буд ва имрӯз ҳам маълум аст, аммо шеваи тироварони худӣ, яъне зодагони миллати худамонро, ки ин қадар хиёнатҳои сангин ва нангинро ба халқи худ раво дидаанд, чӣ сон таъбир кунем? Оҳ, оҳ дилам дорад метаркад, дар ин кишвари сангистон намедонам сарамро ба кадом санг бизанам?

Бибинед: Файзулло Хоҷаюф (дар шиносномa узбак, аммо аслан тоҷик!) ба ҳайси раиси нозирони халқии Ҷумҳурии Халқии Бухоро аввалин коре, ки сомон медиҳад, забони тоҷикиро аз

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

мактабҳои Бухоро тард мекунад; Абдулло Раҳимбоюф (дар шиноснома узбак, вале аслан тоҷик!) ба ҳайси раиси Кумисиюни марзбандии Осиёи марказӣ таркиби халқҳои Осиёи марказиро асосан узбакҳо, қирқизҳо, туркманҳо ва дигар халқҳои камнуфус ё хурд қаламдод мекунад ва тоҷиконро ҳатто дар шумори «халқҳои хурд» намегирад. Ҳатто барои омӯхтани матни мардуми Бухоро ба Бухоро махсус сафар мекунад, гӯё аз Миррих тоза ба рӯи замин афтода бошад ва дар ин шаҳр тухми тоҷикро намебинад, ба ҳарфҳои Абулқодир Муҳйиддинуф (низ дар шиноснома узбак, аммо аслан тоҷик) ин марди дар аввал турқзада, баъд аз хиёнаткориҳои худ ва пайравони худ нисбат ба халқи худ - халқи тоҷик, пушаймон ва хокбарсар, як сари мӯ эътино намекунад, ки мегӯяд ва собит мекунад, ки дар Бухоро ба ҷуз маҳаллаи Дурман, ки панҷ ё шаш хонавода ба ӯзбакӣ гап мезананд, дигар мардум саросар тоҷиканд. Абдурраруфи Фитрат - туркзада (дар шиноснома узбак ва аслан тоҷик) беш аз ин нависандаи тоҷик, маорифпарвар ва ислоҳталаби тоҷик ба ҳайси узви Дафтари сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Бухоро дар Бухоро ва Самарқанд бо ҳамсулуконаш барои ба забони тоҷикӣ ҳарф задан 5 рубл ҷарима меситонд. Абдурраҳим Ҳоҷибоюф (дар шиноснома узбак, аслан тоҷик) дар талоши Самарқанд ба манзалаи пойтахти Тоҷикистон мегӯяд, ки алҳол дар Тоҷикистон ҷангҳои босмачигарӣ давом дорад, байни Самарқанду Тоҷикистон роҳ нест, мо дар деҳаи Қаратоғ ё Душанбе пойтахт месозем. Таззодро бибинед, ки Тошканд бо 1/3 узбак будани нуфусаш пойтахти Узбакистон мешавад, аммо Самарқанд, ки аз қадимтарин шаҳрҳои тоҷикон аст, пойтахти Тоҷикистон шуда наметавонад. Оё масхарагии торих нест, ки қадимтарин халқи бумии Осиёи марказӣ дар Бухоро ва Самарқанд давлати бузурги Сомониёнро бунёд ниҳода, забону фарҳанг ва ҳувийяти миллии худро шукуфойӣ ва рифъат бахшидааст, омада-омада дар деҳаки Қаратоғ (Кӯҳи сиёҳ - вожаи туркӣ) ё Душанбе пойтахт бисозад?

С. Хоҷануф сарвари қирқизҳо (қазоқҳо) исрор мекунад, ки Самарқанд, Хуҷанд ва Сурхондарё ба тоҷикон мутааллиқ бошад, касе ӯро дастгирӣ намекунад, зеро дар кумисиюни марзбандӣ ягон тоҷик набудааст, на-на, будааст: Файзулло Хоҷаюф

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ва Абдулло Раҳимбоюф, аммо узбакзада, ҳама ҷо паллаи тарозуро ба суди узбакон мегардонанд.

Дар ҳайати ҳозирини маҷлис ва машваратҳо ва тасмимгириҳо тақсимбандии марзҳои Осиёи марказӣ намояндаи рус, украин, лотиш, литвунӣ, қазоқ, туркман, узбак будааст, аммо тоҷик на. Зеро об аз саргаҳ гилолуд аст: ғамхори халқҳои мазлуми Шарқ Ленини фаровонхирад аз вуҷуди тоҷик ном халқе дар Осиёи марказӣ ҳарфе намедонистааст ва Абдулло Раҳимбоюф, ки бо ӯ кор кардааст низ намедонистааст, ё аз тарси ҷони худ нодида гирифтааст. Бештар аз ин, аз ҳайати кумиссиюни марзбандӣ донишмандони бузурги торихи Осиёи марказӣ В.В. Бортулд, С. Айнӣ, М.С. Андреюф, А. А. Семёнуф барканор карда мешаванд то парда аз рӯи ҳақиқат набардоранд. Бад-ин минвол ин маҷлис ва машваратҳо - маҷлис ва машваратҳои кӯрони торих ва худфурӯшони миллати тоҷик будааст. Чунон ки мебинем ба қавли Носири Хусрав «аз мост ки бар мост» ё ба қавли шоире:

*Оташ ба ду дасти хеш бар хирмани хеш*
*Ман худ задаам, чи нолам аз душмани хеш.*

Аммо баъдтар ҳарчанд кор аз кор гузашта буд ва оҳани сард кӯфтанҳо суде надошт, Нусратулло Махсум, Ширинчо Шотемур, Абдулло Раҳимбоюф, Чинор Имомуф, Абдурраҳим Ҳоҷибоюф (низ дар шиноснома узбак, аммо аслан тоҷик) ки соли 1924 чанде барои ҷумҳурии худмухтор ва чанде барои вилояти худмухтори Тоҷикистон дар ҳайати Узбакистон ризоят дода буданд, барои аз ҳайати Узбакистон берун омадан ва бунёди Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон талошҳои бедареғ карданд. Нусратулло Махсум, Шотемур, Абдулқодир Муҳйиддинуф ва Абдурраҳим Ҳоҷибоюф дар ин талошҳо сари худро бохтанд. Аммо боз ҳам талошҳояшон комилан ба субут нарасид. Самарқанду Сурхондарё дар ҳайати Узбакистон боқӣ монд. Дар ин маврид ҳатто барқияи «падари халқҳо» - И. Сталин, ки ба ифтихори таъсиси Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон ирсол карда буд ва дар он омада буд, ки «тоҷикон торихи ғание доранд» ва ба тоҷикон мурочиат шуда буд, ки «худро пиромуни фарзандони содиқи Ватани хеш муттаҳид созед ва ба тамоми машриқзамин нишон бидиҳед, ки шумо ворисони шоистаи аҷдоди худ ҳастед, ки дирафши озодиро муҳкам дар даст доштанд» суде набахшид.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Сталин бо он ҳама ҷаббориву қаҳҳорӣ дар ин марҳилаи сарнавиштсоз ба тоҷикон иноятe накард. Ба гунаҳкории худ ва дигар турксадагон иқрор кардани Абдулқодир Муҳйиддинуф «ки мо ин хиёнаткориро сар кардем (яъне инкор кардани тоҷиконро! Л.Ш.) хатои худро ба гардан мегирем ва меҳоҳем ислоҳ бикунем» низ баъд аз арӯсӣ ҳинобандон буд...

Бад-ин гуна, ба тоҷикон чор сангу чор дараи танг расид ва ба кӯҳҳо рондани тоҷикон ва саркӯб кардани рӯҳи тоҷиконро мӯҳри нанговари таърихи «дастомӯз» сабт кард... ва саркӯб кардани рӯҳи тоҷикӣ дар Самарқанду Бухоро ва дигар манотиқи тоҷикнишини Узбакистон бо он ҳама шиорзаниҳои дурӯғини «дилимиз биру тилимиз бошқа» давом дорад...

Бо ин ҳама рӯҳияи тоҷикситезӣ, беадолатӣ, бедодӣ, қудраталабӣ ва қидматҷӯйӣ дар як маврид бояд эътироф кард, ки узбакон бо бедорию ҳушёрии ҳамагонӣ бо «чустию туркӣ» (таъбири Мавлавӣ) бо «узбакию зӯракӣ» (таъбири халқӣ) бо истифода аз сиёсатҳои бемояи ҳазоррӯя, аз нирӯ ва мағзҳои намояндагони чандин миллат, ба хусус аз нохудогоҳӣ ва худфаромӯшии тоҷикони узбакшуда ва ё тоҷикони хонашери майдонғариб, хулоса аз ҳама дору даста, давлати қавӣ ва паҳновар сохтанд. Аммо мо бо «сустию тоҷикӣ» (таъбири Мавлавӣ) дар гурбараваки сандалӣ пинҳон шуда, якдигарро пешпой дода, чор санги кӯҳистонро Ватан хонда (шукри қисмат, ки лоақал ин Ватанро ҳам дорем!) ба вартае расидем, ки хуни ҳамдигарро мерезем... сад дареғ ва ҳайфи он фарҳанги олӣ!...

Аммо дар ин бора, ки дар Узбакистон ҳама тоҷиконро ҷабран шиносномаи «узбак» дода, нуфуси узбаконро зиёд сохта, тоҷиконро оҳиста-оҳиста ба «сирф» расонидаанд ва расонданӣ ҳастанд, ман ба дили худ имон дорам, ки бо шиносномаи узбакӣ тоҷики сарбаланлд, нофармон ва шахсар узбак намешавад, дар дили ӯ оташи суғдӣ боқист, дили ӯ, ҷавҳари ӯ, аслу зоти ориёии ӯ бо ҳазорон ҷилд шиносномаи узбакӣ ба ин зудӣ ва осонӣ зудуда нахоҳад шуд.

Аз он ки дар Узбакистон то имрӯз арсаи забони форсии тоҷикиро танг мекунанд ва шароити мусоидеро барои густариши он фароҳам намеоваранд, як нуктаро бояд бигӯям, ки бародарони узбак ҳар қадар забони форсии тоҷикиро хор кунанд он

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

қадар худашон зарар мебинанд. Зеро як вақт иншооллоҳ дар Узбакистон низ хирадмандони волоҳиммате хоҳанд пайдо шуд, ки ҷаҳли чингизиро раҳо карда, бо камоли поси торих зарурати омӯхтан ва донистани забони форсии тоҷикиро дарк хоҳанд кард, зеро тамоми осори гузаштаи узбакҳоро бидуни донистани забони форсии тоҷикӣ ва арабӣ шарҳу тафсир ва тарҷума наметавон кард. Забони имрӯзаи узбакӣ ҳам бидуни истифодаи фаровон аз забони форсии тоҷикӣ ва арабӣ ғанӣ нахоҳад шуд. Бародарони узбак ин ҳақиқати торихиро фаромӯш накунанд, ки аксар бузургони илму адабашон зуллисонайн буданд (дӯстии Алишер Навоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ мисоли боризи ин гуфта аст), ҳам бидонанд, ки бузургоне мисли Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Мухтор Ашрафӣ, Абдуллоҳ Қаҳҳор, Комил Ёрматуф ва бисёр шахсиятҳои барҷастаи дигар тоҷик буданд. Имрӯз ҳам милёнҳо тоҷик дар ватани торихии худ бо шиносномаи узбакӣ барои қудратмандӣ ва шукуфоии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Узбакистон хидмат мекунанд.

Ҳамчунин дар Тоҷикистон зиёда аз як милён узбак (бо қавму шоху шохчаҳо) зиндагӣ мекунанд ва тоҷикон арсаи забони онҳоро танг накардаанд, поспурти тоҷикӣ надодаанд ва ба ин амр эҳтиёҷе ҳам нест. Бузургворӣ бояд аз ду тараф баробар зоҳир шавад... Он тавр нашавад, ки «дунёро об зер кунад, мурғобиро об то зону» бошад.

Суханро ин ҷо кӯтоҳ мекунам. Ростиро, аз хондани китоби Раҳим Масов хаста ва дилшикастаа шудам. Бахудо, он ҳама зулму бедоди торихро наметавон тани танҳо таҳаммул кард. Аммо чӣ метавон кард?

*Халқи тоҷик дар Осиёи миёна*
*Донӣ танҳо дар осиёи замона...**

Аммо бо ин ҳама эҳсоси танҳоӣ ва навмедӣ умедворам, ки ҳар тоҷики ҷавҳардор сафинаи лангардори Раҳим Масовро бихонад ва бидонад ки дӯсту душманаш кист? Бихонад, бидонад ва ду дастро ба занах сутун намуда бияндешад, ки оё он «тоҷики гарданкашу лашкаршикан» (Хусрави Деҳлавӣ) куҷо шуд? Оё он

---

* Аз муаллифи пешгуфтор (Лоиқ).

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

«ҷангиҳои номии Бухорову Самарқанд, ки аксар марғелонӣ (сорт, тоҷик) мебошанд» (Муҳаммад Заҳируддини Бобур) кучо шуданд? Бихонад ва бидонад, ки «сустию тоҷикӣ» чӣ балоҳое ба сараш овардааст. Бихонад ва бидонад, ки бидуни дифоъ аз ифтихорот ва муқаддасоти миллӣ, бидуни дифоъ аз ватан, модар, ору номуси миллӣ ва фарри ориёӣ наметавон худро соҳибватан хонд. Ва боз барои ҳусни хотима як рубоии Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро, ки аслан тоҷики Вахшонзамин буда, аммо гоҳ-гоҳ даъвогарони камфарҳанг туркаш хондаанд, меоварам ва умедворам, ки ба дарунмояи он андармерасед:

*Ман бандаи он қавм, ки худро донанд,*
*Ҳар дам дили худро зи ғалат бирҳонанд.*
*Аз зоту сифоти хеш созанд китоб,*
*Феҳристи китобро аналҳақ хонанд.***

Январи соли 1995.

** Дар тарҷумаи русии китоб ба ҷои ин рубоӣ, рубоии Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ оварда шудааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Ба ин пурсишҳо ҳатталимкон бояд посуххои беғаразона дода шавад. Ба сабаби парҳез аз такрори ғайризарурӣ, мутамаркиз кардани таваҷҷӯҳ ба масоиле ки ба баҳонаҳои мухталифи сиёсӣ, идеологӣ (идиюлужик) «ба хотири дӯстӣ дар миёни халқҳо» дар замони худ мавриди мамнӯъияти акид қарор дошт, бисёр муҳим буд. Муҳаққиқон аз тарси он, ки сахт муҷозот нашаванд, аз инъикоси ҳақоиқи таърихӣ парҳез мекарданд. Барои онҳо навиштан дар бораи матолибе ки дар чаҳорчӯби сиёсати ҳизбӣ намегунҷид, мамнӯъ буд. Бо вуҷуде ки тамоми манобеъи иттилоотии мамнӯъ ва аснод ва бисёре аз китобҳо дар оршивҳои ҳизбӣ ва китобхонаҳои вижа мавҷуд буд, вале муҳаққиқон ба онҳо дастрасӣ надоштанд.

Муаллиф дар асари қаблии худ «Торихи табартақсим» (Душанбе, 1991) умдатан иштибоҳоти фоҳишеро, ки дар ҷараёни марзбандии миллӣ дар ҳаққи миллати тоҷик эъмол шуда буд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Кумисиюни томмулихтиёри узбакӣ, ки аъзояш ба заҳри пантуркисм оғушта буданд, ҳақиқати мавҷудияти тоҷиконро ҳамчун миллат ва ҳаққи онҳоро бар сарзаминҳои торихии худ, комилан инкор мекард; дар натиҷа аҳолии тоҷикро ба зӯр ба манотиқи кӯҳистонӣ ва водиҳои танг меронданд.

Нодида гирифтани эҳёи ҷараёнҳои пантуркисм, ки тоҷикон аз он сухан мегӯянд ва русҳо низ нигарони эҳёи он дар Русия ҳастанд, ғайримумкин аст. Н.А. Нарочнитская муаррихи рус дар аввалин кунгураи байналмиллалии русҳо, ки дар 26-28 маи соли 1993 дар Маскав баргузор гардид, пиромуни пайдоиши идеяи «Тӯрони бузург» матолибе ироа дод ва аз ҷумла гуфт: «Дар Туркия нақшаҳое (харитаҳое) мунташир шуда, ки сарзаминҳои ҳавошии баҳри Сиёҳ, Қрим, Қафқоз, Арманистон ва Гурҷистон бо Туркия бо як ранг наққошӣ шудааст ва аломатҳои ҳаракат ба сӯи Тотористон ва Бошқирдистон дар он кашида шудааст, ки шиори «Туркҳо муттаҳид шавед!» бар рӯи он навишта шудааст.[1]

Дар ин китоб ихтилофи назарҳо миёни раҳбарони узбакҳо, қазоқҳову туркманҳо ва пиромуни марзбандиҳои миллӣ ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор мегирад, ки қаблан

1. Нарочницская Н.А. Геополитическая миссия России. 1 Всемирный Русский Собор. Первый этап: Российская соборная мысль. 26-28 маи соли 1993, М., 1993, саф. 24.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ба сабабҳое ки имрӯз маълум аст, чизе навишта намешуд. Муаллиф ҳангоми баррасии ин масъала, ки кадом як аз ақвоми кунунии Осиёи миёна ба ростӣ бумиёни қадимии ин минтақа маҳсуб мешаванд, асосан ба таҳқиқоти шарқшиносони номӣ пиромуни торихи мардумони Осиёи миёна ва хиттаи Туркистон, ки замоне ба императории Русия тааллуқ дошт, истинод мекунад.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар байни шарқшиносон, мактаби шарқшиносии рус саҳми бузурге дар таҳқиқоти беғаразона ва қазовати айнии торихи тоҷикон ва дигар ақвоми ҳамсояи онҳо дар Осиёи миёна дорад.

Далойили ғайри қобили инкоре, ки ин муҳаққиқон дар пажӯҳишҳои худ овардаанд, бар ин гувоҳӣ медиҳад, ки қадимтарин бумиёни Осиёи миёна тоҷикон мебошанд. Муҳаққиқони қазоқ, қирқиз ва туркман низ бар чунин ақидаанд, ба истиснои муҳаққиқони узбак, ки ба таври ғайривоқеӣ қавми худро бар хилофи нажодшиносии торихии ақвоми Осиёи марказӣ қадимӣ нишон медиҳанд.

Муаллиф барои нахустин бор, аз маохиз ва асноде истифода карда ки қаблан ба унвони асноди сиррӣ (махфӣ) хориҷ аз дастрас буд. Ин маохиз аз ҷониби «Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия» дар ихтиёри мо гузошта шуд, ки шумораи онҳо ба қарори зайл аст: махзани (фонди) 17, сабти шумораи (опись) 2, парвандаи 154; махзани 17, сабти шумораи 3, парвандаи 431, 443, 468; махзани 17, сабти шумораи 84, парвандаи 485, 508, 738, 739; махзани 17, сабти шумораи 112, парвандаи 566; махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 87, 88, 100, 101, 102, 105; махзани 558, сабти шумораи 1, парвандаи 6556, 2694, 3244, 3245, 3414.

Муаллиф аз раҳбарон ва кормандони ин марказ барои кумак ва интихоби асноди арзишманд пиромуни торихи марзбандии миллӣ ва сохтори давлатии мардумони Осиёи миёна самимона сипосгузор аст.

Муаллиф ҳамчунин аз Ю. Малтсев, А.К.Мирбобоюф ва У.Ишонқулов барои омода кардани мадорик ва нақли қавлҳои фасли «Назари шарқшиносони рус дар бораи тоҷикон»[2] мута-

2. Ин мавод акнун аз нигоҳи китобшиносӣ хеле камёб шудааст. Аглаби навиштаҳои қабл аз инқилоб танҳо як нусха боқӣ мондааст ва аз ин рӯ арзиши торихии онҳо хеле зиёд аст. -Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

шаккир аст.

Мо ба равшан кардани он сафаҳоте аз торихи мардуми тоҷик мепардозем, ки қаблан комилан сиррӣ буд ва дар замони Шӯравӣ аз ҷониби назарияпардозони сохтмони «оянддаи дурахшон»-и мардумони Иттиҳоди Шӯравӣ сахт посдорӣ мешуд. Назарияпардозони Шӯравӣ кӯшиш мекарданд, ки масоилили муҳимми торихӣ ба вижа пайдоиши халқҳои алоҳида ва таллуқи нажодии онҳо, истило бар аҳолии бумӣ ва сарзаминҳои онҳо, аз они худ кардани маънавият ва фарҳанги қавмҳои тасхиршударо аз мардум пинҳон бидоранд. Кутуб ва асноде ки дар ин бора гувоҳӣ медоданд, таҳти кунтрул ва сонсури кумитаи хоссе қарор дошт. Интишор, нақли қавл ва ҳатто бозгӯ кардани мӯҳтавои чунин таҳқиқоте акидан мамнӯъ буд.

Имрӯз дар ин бора бидуни тарс аз барчасби (тамғаи, ярлиқи) миллатгароии буржуозӣ ва мухолифат бо интернатсионализм ва «дӯстии халқҳо» метавон озодона сухан гуфт ва навишт. Акнун барои мардуми тоҷик донистани ҳақиқати торихӣ на танҳо муяссар, балки зарур аст. Фақат бо донистани ҳамаи ҳақоиқи торихист, ки мардуми тоҷик - ин миллати халлоқу мутафаккир ва дар айни ҳол ранҷкашида метавонад дубора ҳам аз лиҳози фарҳангӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ эҳё шавад.

Муаллиф.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Дар фейсбук ба гурӯҳи Китобхона ҳамроҳ шуда, садҳо китоби дигарро ба таври ройгон аз худ кунед




Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## Фасли якум

## Тавсифоти ториxиву нажодӣ, теъдод ва раддабандии қавмҳои Осиёи миёна то истиқрори Ҳокимияти Шӯравӣ ва марзбандиҳои миллӣ

Дар остона ва дар раванди баргузории марзбандии миллӣ дар соли 1924 пантуркистҳо тоҷиконро ба унвони қадимтарин мардуми бумии Осиёи миёна қабул надоштанд. Ба тасаввури онҳо тоҷикони Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Фарғона ва манотиқи дигар узбакҳое буданд, ки забони эрониро пазируфтаанд.[1] Пантуркистҳо дар робита бо муайян кардани тоҷикони кӯҳистонӣ бо мушкилоти сахт рӯ ба рӯ буданд, зеро ин мардум аз нигоҳи вижагиҳои забонӣ, нажодӣ ва мардумшиносӣ бо нажоди турк ҳеҷ ваҷҳи муштарак надоштанд. Вале танҳо ба далели муштарак будани забони тоҷикӣ (форсӣ) байни эрониён ва тоҷикон, кӯшишҳое вуҷуд дошт, то аҷдоди тоҷиконро ба қабилаҳои эронии шарқӣ марбут созанд.[2]

Ҳарчанд ки бар мабнои пажӯҳишҳои сершумор бо истифода аз осори хаттӣ ва бостоншиносӣ собит шудааст, ки тоҷикон қадимтарин мардуми бумии Осиёи миёна маҳсуб мешаванд, вале пантуркистҳо, қирқизҳову узбакҳо ва туркманҳоро аз ҷумлаи нахустин бумиёни ин минтақа мешумурданд. Чунин тасаввуроти фиребанда ва гумроҳкунандае ба вуҷуд меояд, ки дар тақсимоти сарзаминҳо ба ҷумҳуриҳо ва вилоёти мустақил ва худмухтор, ба таври куллӣ афроде ноогоҳ ширкат доштанд, ки худро роҳбари миллӣ медонистанд, дар ҳоле ки воқеият чунин нест.

Ба фикри мо, бузургоне чун Бӯалӣ Сино, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ ва сойири уламо, шуаро ва нависандагоне, ки дорои шӯҳрати ҷаҳонӣ ҳастанд, аз таърихи даврони бостони мардуми тоҷик ба

1. Тибқи гуфтаи Садруддин Айнӣ пантуркистҳо иддао мекарданд: «Дар Осиёи Миёна қавме ба номи тоҷик вуҷуд надорад; тоҷикон ҳамон узбакҳое ҳастанд, ки таҳти таъсири эрониён ва мадраса забони модарии худ, яъне забони узбакиро аз ёд бурдаанд». Нақли қавл аз китоби: Холида Айнӣ. Ҳаёти Садруддин Айнӣ. Душанбе, 1982, саф. 72-73

2. Б.Г. Ғафуров. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. М.: Наука, 1972, саф. 208.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

хубӣ огоҳ буданд. Ағлаби муҳаққиқон, ки дар замони баъд аз инқилоб пиромуни торихи тоҷикон зинда буданд ва дар таҳаввулоте, ки аз ҷониби Ҳокимияти Шӯравӣ сурат мегирифт, фаъолона ширкат доштанд. Таҳқиқоти вижаи В.В. Бартолд, М.С. Андреюф, А.А. Семёнуф ва муҳаққиқони дигар роҷеъ ба торихи тоҷикон хеле шӯҳрат дошт.[3] Чунон ки акнун маълум мешавад, роҳбарони ҳизбиву шӯравӣ дар Туркистон аъамм аз русҳо ва онҳое ки машмули кумисиюни марзбандӣ буданд, аз гузаштаи торихии тоҷикон комилан мутталеъ буданд.

Шоёни таваҷҷӯҳ аст, ки ҳатто худи И.В. Истолин (Сталин) бо торихи даврони бостони тоҷикон ошноӣ дошт. Дар паёми табрикии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Иттиҳоди Шӯравӣ ва И.В. Истолин (Сталин) дабири кулли Кумитаи марказии ҳизб ба мардуми тоҷик ба муносибати эъломи Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ гуфта мешавад:

«Дуруд бар Тоҷикистон - ҷумҳурии ҷадиди заҳматкашони Шӯравӣ, ки дар дарвозаи Ҳиндустон қарор дорад. Самимона орзуманди муваффақияти заҳматкашони Тоҷикистон дар табдили ҷумҳурии худ ба як ҷумҳурии намуна дар миёни кишварҳои Шарқ ҳастам.

Тоҷикон торихи ғанӣ доранд; қобилиятҳои созмондиҳӣ ва сиёсии онон дар гузашта аз ҳеҷ кас пинҳон нест.

Заҳматкашони Тоҷикистон! Фарҳанги кишвари худро ғанӣ кунед, иқтисоди онро тараққӣ диҳед, ба заҳматкашони шаҳру деҳот кӯмак расонед, беҳтарин фарзандони ватани худро дар гирди худ ҷамъ кунед ва ба тамоми машриқзамин нишон диҳед, ки шумо фарзандони халафи аҷдоди худ ҳастед, ки парчами озодиро мӯҳкам дар даст доштаанд.»[4]

Иллати аслии беэътиноӣ ба мардуми тоҷик он аст, ки дар он замон ва дар ҳоли ҳозир аҳолии туркзабон аз назари теъдод

---

3. Мутаассифона муҳаққиқоне чун В.В. Бартолд, С. Айнӣ, М.С. Андреев, А.А. Семеновро пантуркистҳо амдан аз ширкат дар масъалаи марзбандии миллӣ барканор карданд. М.С. Андреев ва А.А. Семенов, ки корҳои зиёдеро дар таҳқиқи торих ва фарҳанги Осиёи Миёна анҷом дода буданд, иҷборан Узбакистонро тарк гуфтанд ва ба Тоҷикистон омаданд.-Р.М.

4. Руҷӯъ кунед: Ба нусхаи дастхатти телегроми И.В.Сталин ба муносибати таъсис шудани Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикситони шӯравии сусиёлистӣ дар соли 1924 (дар бахши замимаҳо).

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

аксариятро ташкил медоднад ва ин омили ҳалкунанда дар ҷараёни марзбандӣ гардид. Вале тоҷикон ба таври ҷудогона аз назари теъдод ҳам аз узбакҳо, ҳам аз туркманҳо, ҳам аз қирқизҳо камтар набуданд, ҳатто баракс дар ағлаби шаҳрҳо ва вилоёт дар муқоиса бо ҳар як аз ақвоми фавқуззикр бештар буданд ва дар маҳалҳои кӯҳистонӣ аксарияти куллро ташкил медоданд. Бояд гуфт, ки дар ин таҳаввулот, манфиатҳои сиёсӣ болотар аз ҳар чизи дигар буд.

Акнун ба баррасии торихӣ дар бораи ақвоми Осиёи Марказӣ дар давраҳои муайяни торихӣ мепардозем.

Илми торих бар асоси воқеиййати инкорнопазир собит кардааст, ки тоҷикон қадимтарин мардумони бумии Осиёи миёна мебошанд.[5] Баъд аз ҳаводиси бисёр фоҷиабор, ки ин мардуми азияткашида таҳаммул карда, онҳо мардуми бумӣ буданду ҳастанд. Бо вуҷуди он ки ин мардум ҳамвора мавриди ҳуҷуми қабойили турку муғул, аъроб ва юнониён қарор гирифта ва дучори ҷангҳои дохилӣ ва режимҳои мустабид гардидаанд, онҳо тавонистаанд фарҳанги миллӣ, торих ва ифтихори миллии хешро нигоҳ доранд. Онҳо имрӯз ҳам ҳамонанди гузашта бахши азими нуфуси Осиёи Марказӣ ва ҳастаи якпорчаи нажодии онро ташкил медиҳанд.

Баъд аз ҳамлаи қабойили кӯчнишини турку муғул ба Осиёи миёна таркиби нажодӣ ва фарҳангии ин минтақа тағйир ёфт.

Иддаи зиёде аз тоҷикон бар асари табъизи нажодӣ кушта шуданд, ки дар ин бора осори хаттӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Тибқи таъйиди пажӯҳишгарон, сокинони Осиёи миёна ба ду гурӯҳи нажодӣ тақсим мешаванд:

1) Қафқозӣ (сафедпӯст)

2) Муғулӣ (зардпӯст)

Гурӯҳи қафқозӣ мураккаб аз ду шоха аст: 1) Гурӯҳи ориёӣ ва ҳиндуурупойӣ.

2) Гурӯҳи сомӣ, ки иддаи каме аз мардуми Осиёи миёна ба вижа яҳудиён ва арабҳоро дар бар мегирад.[6] Намояндагони

---

5. Р.к.: Асари В.В. Бартолд «Таджики. Исторический очерк», ки барои нахустин бор дар Тошканд (соли 1925) чоп шудааст. Бартолд В.В. Куллиёт, ҷилди 2(1), М., Наука, 1963, саф. 451-467 ва ғайра.

6. Р.к.: Туркестанский край. Опыт военно-статистического образования. Ҷилди 4, С.ПБ. 1/880, саф 324.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

гурӯҳи ориёӣ дар авохири карни 13 дар Осиёи миёна ба ҷуз тоҷикон, ки фарзандони бохтариҳо, трансаксиён ва суғдҳо ба шумор меравanд, русҳо, афғонҳо, ҳиндуҳо ва лӯлиён низ буданд.[7]

Нажоди муғулӣ ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: 1) Ақвоми олтойӣ (ақвоми туркиву тоторӣ)

2) Ақвоми муғулӣ ба вижа қиркизҳо (қазоқҳо), қарақиркизҳо, узбакҳо, қарақалпоқҳо, қипчоқҳо, туркманҳо.[8]

Порае аз ақвоми Осиёи миёна, ба монанди сортҳо, торончиҳо, қурамиҳо дар натиҷаи омезиш бо нажодҳои фавқуззикр ё ба иборати беҳтар бар асари омезиши мардумони бумӣ бо мардумони тозаворид ба вуҷуд омадаанд.

Ба ҳамин гуна, агар тафовутҳои нажодии тоҷиконро бо қабойили кӯчнишини муғулу турк, ки дар давраҳои ахири торихӣ ба Осиёи миёна омадаанд, дар назар бигирем, ақидаи бархе аз пажӯҳишгарон дар бораи он ки тоҷикон ва узбакҳо аз як нажоди муштарак ҳастанд, комилан такзиб мегардад.

Байни ақвоме, ки аз нажодҳои комилан мутафовит бархостаанд, ҳич гуна решаи ягона ва муштаракоти нажодие наметавонад вуҷуд дошта бошад. Ба ҷуз ин, барои мардуми тозаворид ҳич далеле вуҷуд надорад, ки худро аз фарзандони суғдиҳо, бохтариҳо ва хоразмиҳо бидонанд.

Ускори Пешло - пажӯҳишгари машҳур менависад: «Ҳазорон сол мешавад, ки ақвоми комилан ҳамгун вуҷуд надоранд. Қавмҳо метавонанд забони нажоди бегонаро бипазиранд ё баръакс забон метавонад монанди қабл дар минтақаи муайяне ҳоким бошад, дар сурате, ки нажод ба иллати омезиши хунӣ кам кам тағйир ёбад.[9]

Мардуми ранҷкашидаи тоҷик аз рӯёрӯиҳои ҳамешагӣ бо нерӯҳои зиёди қабойили кӯчнишин хаста шуда, сарзамини модарии худро тарк гуфта ба дараҳои дурдаст ва танги кӯҳистонӣ кӯчиданд ва ба ин тартиб асолати нажодии худро ҳифз карданд. Дар баробари ин шумори зиёде аз мардуми тоҷик дар марокизи

7. Туркестанский край. саҳ. 324.

8. Ҳамонҷо. Муҳаққиқи араб Абдулҳасан ал-Мадоинӣ (853-830/843) аз қадимтарин муаррихонест, ки дар бораи муҳоҷирати туркҳо ба вилоёти Кошғар (Туркистони шарқӣ) ва Ҳафтруд (Осиёи Миёна) иттилоъ додааст.-Р.М.

9.Р.к.: Остроумов. Сарты. Этнографические материалы. Шумораи якум. Тошканд. 1880. (сарсухан).

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

фарҳангии Осиёи миёна, ки худашон бино ниҳода буданд, боқӣ монданд. Дар айни замон, ин сухан бар сари забонҳо уфтода буд, ки «тоҷик ҳич гоҳ ба турк эътимод нахоҳад кард».[10] Ва ҳол он ки худи истилогарони араб, тотор, муғул ва кӯчнишинони дигар мусалламан наметавонистанд бидуни тоҷикон зиндагӣ кунанд. Дар ин маврид баҷост, ки ба гуфтаи Маҳмуди Кошғарӣ ки Бартолд дар мақолаи «Тоҷикон»[11] зикр кардааст ишора намоем: «Ҳеҷ турке бе тот ва ҳеҷ кулоҳе бе сар нест».

Тоҷиконе ки дар сарзамини модарии худ боқӣ монданд, дар шаройити бисёр баде қарор гирифтанд. Дар ҳар сурат истилогарон ба тоҷикон ба унвони намояндагони қавме боилму фарҳанги олӣ ва забони адабии рушдкарда ва бо ҳунару пеша, ниёзманд буданд. Аз тарафи дигар, дар ин амр собиқаи тӯлонии амалӣ ва ҳамчунин тавонойии идораи давлат ва меъмории тоҷикон нақши муҳим бозӣ кард, ки қабойили кӯчнишини турку муғул наметавонистанд аз он истифода накунанд. Дар тамоми даврaҳои ҳокимияти туркон забони расмӣ ва коргузорӣ дар кишварҳои Осиёи миёна забони тоҷикӣ (форсӣ) буд.[12] Профессор Ричард Нелсон Фрай устоди донишгоҳи Ҳорворди Омрико, ховаршиноси машҳур, эроншинос ва туркшинос мегӯяд: «Ман фикр мекардам, ки дар ин сарзамин (яъне Осиёи миёна-Р.М.) забони туркӣ забони фарҳангӣ ва гуфтугӯйии ҳамагонӣ мебошад. Албатта ин иштибоҳе буд, ки ман баъдтар фаҳмидам. Қабл аз ҷанги ҷаҳонии дуввум ман забони форсиро омӯхтам...»[13]

Пажӯҳишгари торихи мардумшиносии тоҷикон дар даврaҳои охири асрҳои миёна А. Валиев менависад: «Дар маохизи қарнҳои 16-18 роҷеъ ба тоҷикон маводи зиёд ва мушаххас мавҷуд аст, ки дар онҳо на танҳо искони тоҷикон, балки навъи нажоди онҳо низ тавсиф шудааст. Муҳаққиқони то инқилобии рус ва

---

10. Р.к.: Бартолд В.В. Таджики. Исторический очерк. Таджикистан. Маҷмӯаи мақолот, Тошканд, 1925. саф. 102.

11. Ҳамон ҷо, дар саф.102. В.В. Бартолд Маҳмуд Ал-Кошғариро ягона муҳаққиқи араб медонад, ки дар бораи Осиёи Миёна на аз рӯи маохизи китобӣ, балки бар мабнои шиносойии шахсӣ бо ин сарзамин, асар таълиф кардааст. Лақаби тоҷик (тот, тод) дар байни туркманҳо то ибтидои асри 20 роиҷ буд.

12. Ин далелро на танҳо мусташриқини русӣ ва ғарбӣ, балки муҳақиқони эронӣ ва араб низ таъйид мекунанд.-Р.М.

13. Мусоҳиба бо Ричард Фрай. Маҷаллаи «Симурғ», шумораҳои 7-8-9. Теҳрон 1992. саф.82.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

муҳаққиқони шӯравиву хориҷӣ чунин натиҷа гирифтанд, ки дар асри 18 тоҷикон на танҳо дар аморати Бухоро ва хонигарии Қӯқанд балки дар Эрон, Афғонистон низ зиндагӣ мекарданд. Тоҷикони Афғонистон дар Кобул, Ҷалолобод ва кӯҳистон ба сар мебурданд.[14]

Эраҷи Афшор - донишманди машҳури эронӣ далойили қобили таваҷҷӯҳеро роҷеъ ба тоҷикон, ки дар ҳоли ҳозир дар Афғонистон ва Эрон ба сар мебаранд, зикр кардааст. Ӯ аз ҷумла пиромуни тоҷикони Афғонистон мегӯяд: «Тоҷикони Афғонистон дар биёбони Кӯҳдоман, шимоли Кобул, минтақаи Бадахшон (дараи Панҷшер), атрофи шаҳри Ҳирот ва шаҳри Ғазнӣ мутамаркиз шудаанд. Гузаштагони онҳо бумиёне будаанд, ки дар атрофи шаҳри Балх ва ҳавзаи рӯдхонаи Омӯ зиндагӣ мекарданд. Иттилооти нисбатан қадимитарро пиромуни ин мардум сайёҳи чинӣ Чонг Кин дар осори худ овардааст, ки тақрибан дар соли 12 хиҷрӣ (743 милодӣ) ба ин минтақа сафар карда буд.

Тоҷикон яке аз қадимтарин сокинони манотиқи марказии Афғонистон мебошанд. Қабойили кӯчнишини турк, ки аз шимол меомаданд, ҳамвора миҳани онҳоро ишғол мекарданд. Ҳарчанд ки паҳнаи сукунати тоҷикон дар зери фишори туркон ба тадриҷ маҳдуд мешуд, вале онҳо тавонистанд, ки дар навоҳии кӯҳистонии вилояти Ғӯр (имрӯза вилояти Хазораҷот) худро ҳифз кунанд. Онҳо хонадони маҳаллии Ғӯриёнро дар Деҳлӣ ба вуҷуд оварданд, ки то қарни 13 ҳукумат кард.[15] Баъд аз чанд муддат хонадони дигари тоҷикон ба номи куртҳо (1332-1370) Ҳиротро ба тасарруфи худ даровард.[16] Бо вуруди хонадони темуриҳо куртҳо тобеъи онҳо шуданд ва аз он ба баъд онҳо ба тамоми навоҳии Афғонистон пароканда гардиданд. Теъдоди куллии тоҷикон дар Афғонистон дар соли 1956 3 милён нафар, дар соли 1971 2 милён нафар ва 200 ҳазор ва дар соли 1979 (қабл аз ҷанги Шӯравиву афғон) тақрибан 5 милён нафар буд. Тоҷикони Эрон асосан дар

---

14. Валиев А. Этнографические сведения в XYI-XYIII вв. Ахбори Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи улуми иҷтимоӣ, шумораи 3(105), 1981, саф.18.

15. Ғӯриён (1000-1215) хонадоне, ки дар манотиқи алоҳидаи Хуросон, Афғонистон ва Шимоли Ҳинд ҳукумат кардааст.-Р.М.

16. К.Э. Босворт даврабандии дигари хонадони тоҷикии куртҳоро (1245-1389) пешниҳод кардааст. Баъзан ин хонадонро кортҳо низ меноманд.-Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

устонҳои Систон, Балучистон, Хуросон, Кирмон, Язду Астаробод ва ғайра мутамаркиз шудаанд. Тоҷиконе ки дар Систон ва манотиқи дигари Эрон зиндагӣ мекунанд, аслан ба кишоварзӣ иштиғол меварзанд. Иддае аз онҳо ки дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд дар умури илмӣ ва фарҳангӣ тахассус доранд ё дар муассисоти давлатӣ ва миллӣ кор мекунанд. Бархе аз тоҷиконе ки дар Систон зиндагӣ мекунанд номи қадимии қабилаи худро нигоҳ доштаанд, ки номи баъзе аз онҳо ба шарҳи зер аст: канда, дивона, додӣ, сайёд, саргулзоӣ, сарғозӣ, кайхо, солорӣ, паҳлавон, систон, арбобӣ, ғалчайӣ, пудина, арбоб, шаҳриёрӣ ва ғайра».[17]

Эраҷи Афшор бо такя бар маохизи хаттии қуруни вусто (асрҳои миёна) ва таҳқиқоти мусташриқони исломшиносе чун Клифорд, Филд, Акинар Ширин таҳқиқоти шахсӣ вазъияти тоҷиконро баъд аз вуруди Ҳокимияти Шӯравӣ ба Осиёи миёна мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва аз ҷумла мегӯяд:

«Аз тоҷикон танҳо касоне, ки тавонистанд забони миллии худро нигаҳ доранд, помириён ё ғалча, яъне тоҷиконе буданд, ки дар дараҳои кӯҳҳои баланди Помири ғарбӣ ба сар мебурданд. Онҳо тавонистанд, ки забони эронии шарқии худро ҳифз кунанд.[18]

Дар хонигариҳои Бухоро ва Қӯқанд, тоҷикон ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар рустоҳо аксарияти мардумро ташкил медоданд. «Дар нимаи дуввуми асри 18 дар водии Зарафшону Чирчиқ ва низ кӯҳҳое, ки ҳавзаи Зарафшонро аз ҳавзаи Сирдарё ҷудо мекунанд (нақли қавл аз китоби: История таджикского народа, ҷилди 2, китоби 2, Маскав 1964, саф.66) аслан тоҷикҳо зиндагӣ мекарданд; теъдоди узбакҳо, қирқизҳо, қазоқҳо ва ғайра дар ин манотиқ хеле маҳдуд буд.[19]

Муқимӣ шудани тадриҷии қабоили кӯчнишини турку узбак ва сиёсати давлативу иқтисодии хонадони турку муғул,

---

17. Эраҷ Афшори Систонӣ. Шиносоӣ бо мардуми тоҷик. Маҷаллаи Симурғ, шумораҳои 7-8-9. Теҳрон, 1990, саф. 66-67.

18. Эраҷ Афшори Систонӣ. Асари зикршуда. саф. 68.

19. Валиев А. Этнографические сведения о таджиках в XYI-XYIII в.в. Ахбори Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи улуми иҷтимоӣ, шумораи 3(105), 1381. саф. 18. Тоҷикон мардуми бумии шимоли Афғонистон (Бадахшон, Тахор, Кундуз, Мазори Шариф, Самангон ва Балх), маркази Афғонистон (Парвон, Бомиён, Ҳирот, Кобул) ва ҷанубу шарқ (Қандаҳор, Пактиё, Фахор, Луғор) мебошанд.-Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ба тоҷикони бумии Осиёи миёна бетаъсир набудааст. Онҳо ба ҳадди қобили мулоҳизае ба муҳоҷирати иҷбории тоҷикон аз зистгоҳи ҳамвору густарда ба дараҳои кӯҳистонии фоқиди замин, суръат бахшиданд. Омезиши мардуми ориёинажод бо қабойили кӯчнишини турку муғул якбора ё пай дар пай ва дар муддати кӯтоҳ анҷом нагирифтааст; ин ҷараён дар тӯли қуруни мутамодӣ сурат гирифтааст. Тибқи гуфтаи академик Б.А. Литвинский «ба Осиёи миёна омадани мардуми туркзабон ҷараёне тӯлонӣ ва печидаест. Ин ҷараёнро метавон системи амвоҷе талаққӣ кард, ки ба рӯи ҳам меафтанд ва ҳамдигарро мепӯшонанд ва ҳар яке бо сохти аввалия ва амвоҷи мобаъд таъсири муштарак доранд».[20] Муҳоҷирати қабойили туркзабон ҳаракатиякнавохт надоштааст ва чунон ки Литвинский менависад: «Муҳоҷирати қабойил ва ақвоми турк ба Осиёи миёна ва ё манотиқи алоҳидаи он гоҳе авқот абъоди густурдае ба худ мегирифт».[21] Дар натиҷа тағйироти куллӣ дар таносуби теъдоди тоҷикони бумӣ ба суди қабойили кӯчнишини турк ба вуҷуд омад. Рӯёрӯии бумиён бо тозаворидон мунҷар ба ҷангҳои хунин ва нобуд кардани мағлубон аз тарафи ғолибон мешуд. Теъдоди зиёде аз қабойили кӯчнишин дар сарзамини Варорӯд (Мовароуннаҳр) маскан гузиданд. Дар айни ҳол бумиёни Осиёи миёна, яъне тоҷикон дар вилоёти марказӣ ва ҷанубии минтақа, водиҳо ва ҳамвориҳои кӯҳистонӣ зиндагӣ мекарданд ва дар заминҳои қобили кишт ба кишоварзӣ иштиғол меварзиданд. Нажоди тоҷик дар илм ба мардуми бумӣ, кишоварз ва домпарвар ва шаҳрнишин итлоқ мешавад. Аз ҳам парокандагии мардуми тоҷик дар ҳоли ҳозир, ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар хориҷ аз он на танҳо натиҷаи марзбандии миллии 1924, балки натиҷаи таҷовузи қабойили кӯчнишини турку муғул, куштори дастаҷамъии тоҷикон ва ҳамгуншавии (assimilation) тадриҷӣ дар тӯли тамомӣ асрҳои миёна мебошад.

Ҳамгуншавӣ барои бақои ҳар қавме хатари муҳлик дорад. Торихи тамаддуни башарӣ гувоҳи бисёр ҳаводиси асафбори аз байн рафтани ақвоми бузург ва ақалиятҳои миллӣ дар ҷараёни

---

20. Р.К.: Литвинский Б.А. Этногенез и этническая история народов Средней Азии и Казахстана в древности и средневековье. (Теоретический аспект). Проблемы этногенеза и этнической истории народов Средней Азии и Казахстана. Шумораи 1, М., 1990 саф.25.

21. Ҳамон ҷо, саф. 25.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ҳамгуншавии иҷборӣ ва довталабона будааст (ба вижа бобулиҳо, ошуриҳо, модҳо, финикиҳо, гунҳо, ҳайтолиҳо ва ғайра).

Мардумоне ки мавриди ҳамгуншавӣ қарор гирифтаанд, моргинолӣ (ё ба таъбири Чингиз Айтматуф - манқурт) хонда мешаванд, ки аз ойин ва решаҳои миллии худ барканда шудаанд, гузаштагони худро намедонанд, самтгирии мушаххас ва нуқтаи иттико надоранд ва ҳеч чизе барои онҳо муқаддас нест. Фикри чунин мардумон ботил шуда, танҳо барои ба даст овардани суди моддӣ мусоид шудааст ва барои онҳо ҳеч аҳамияте надорад, ки он суд аз тарафи чи касе мерасад; аз дӯст ё душман, аз худо ё шайтон? Онҳо ягонагии ботинии худро аз даст додаанд ва моҳияти инсонии онон поймол шудааст.

Яке аз илали суръат бахшидан ба ҷараёни ҳамгун шудани бумиён бо қабоили тозаворид, пазируфтани дини ислом аз сӯи қабоили турку муғул мебошад. Эҳтимолан ҳақ ба ҷониби Литвинский аст, ки мегӯяд: «Нақши ислом дар ҷараёни тағйироти нажодии тоҷикон фавқулодда муҳим буд».[22]

«Дар ибтидо дини ислом монеъи ҳар гуна омезиши нажодии (вале на иқтисодиву фарҳангӣ) мусулмонон бо ақвоми ғайримусулмон буд. Пазируфта шудани ислом аз сӯи онҳо метавонист ба суръати бештари ҷараёнҳои мутаволии омезиши нажодӣ хидмат кунад. Дар ислом мусулмон будан аз нигоҳи дараҷабандӣ болотар аз ҳар гуна тааллуқоти миллист».[23]

Баъд аз он ки қабоили турку муғул дини исломро пазируфтанд, ҷараёнҳои омезиши мутақобил хеле густариш ёфт. Дини воҳид, дар ҳамсоягии ҳамдигар зистани мардуми бумӣ ва ақвоми тозаворид муносиботи иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва гузори кӯчнишинон ба зиндагии муқимӣ - иллатҳои аслии омезиши миллатҳои гуногун мебошанд.

Омезиши тоҷикон баъд аз таҷовузии қабоили кӯчнишини узбак ба Осиёи миёна бо роҳбарии Шайбонихон дар қарни 16 ва сукунат гузидани онҳо дар муҳити тоҷикон, шиддати бештаре

---

22. Ҳамон ҷо, саф. 23.

23. Ҳамон ҷо, саф.23. Тибқи гуфтаи К.Э. Босворт торихи мактуби мугулхо дар охири қарни 12 ва ибтидои қарни 13 аз замони ёфт шудани «Торихи махфии мугулхо» (қарни 13) мушоҳида мешавад. Нахустин ёддоштҳои мактуб пиромуни мугулхо дар манобеи тоҷикиву форсӣ ва чинӣ дар қарни 12 ба назар мерасад.-Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

пайдо кард. Дар осори торихии қабл аз инқилоби Уктобр ва замони Шӯравӣ ба таври мусаллам собит шудааст, ки тоҷикон чун миллат дар қарни 8-9 шакл гирифтанд. Ҷараёни ташаккули нажодии онҳо муддатҳо қабл дар қарнҳои 7-8 оғоз шуда буд. Ҳамчунон ки муаррихони узбакӣ бар мабнои таҳлили маохизи хаттӣ собит кардаанд, «истилоҳи узбак ҳамчун исми ҷамъ (истилоҳ), ки бар тамоми мардуми турку муғули дашти Қипчоқ итлоқ мешавад, эҳтимолан танҳо дар солҳои 60 қарни 14 ба вуҷуд омадааст».[24]

Ва ин ҳукм комилан одилона аст. Дар ҳеч як аз осори торихӣ ва ҷуғрофиёии тоҷикӣ (форсӣ) ва арабӣ, ки то рӯзҳои мо боқӣ мондааст, то қуруни 14-15 истилоҳи нажодии узбак дида намешавад. Аз қарни 9 бад-ин тараф донишмандоне чун Ибни Руст, Ибни Хурдодбеҳ, Абӯисҳоқи Истархӣ, муаллифи номаълуми «Ҳудудул-олам». Алҷайҳонӣ, Гардизӣ, Муҳаммади Тӯсӣ ва сойири донишмандони эрониву арабӣ дар осори худ вожаи туркро чун истилоҳи нажодӣ ва вожаи Туркистон (маҳалли иқомати туркон)-ро чун истилоҳи ҷуғрофиёӣ на чун мафҳуми давлативу сиёсӣ мавриди истифода қарор додаанд. Дар навиштаҳои ин донишмандони мутафаккир ва ҷиддӣ, ки дар дунёи мутамаддини шарқу ғарб шӯҳрат доранд ва низ осорашон ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда; аз даҳҳо қабилаи Осиёи миёна ёд шудааст, вале номе аз қавми узбак мушоҳида намешавад. Ҳатто дар осори саромадони адабиёти узбак ва қазоқ миллатҳое, ки баҳс дар бораи онҳо аз мавзӯи мо хориҷ аст[25], ва Абӯрайҳони Берунӣ (қарни 11), Абӯнасри Форобӣ (қарни 10) ва Маҳмуди Кошғарӣ (қарни 11) ки масойили нажодии ақвоми туркро баррасӣ кардаанд, ҳеч гуна истилоҳи нажодии узбак ба чашм намехурад.

Он чи ба вожаи Туркистон марбут мешавад, он аст ки ин вожа ҳанӯз дар қарни 14 ҳам дар забони форсӣ (тоҷикӣ), ҳам дар арабӣ ва ҳам дар туркӣ дорои мафҳуми давлатӣ, сиёсӣ ва идорӣ

24. Ҳамон ҷо, саф.32.

25. Абдуррашид ал-Бағувӣ дар «Китоби Талхисул-асар ва аҷойибул-маликул-қаҳҳор», ки пас аз ин дар бораи он сухан хоҳад рафт, торихи дақиқ ва наҳваи фавти Абӯнасри Форобиро (345/356-57) зикр кардаст, ки зимнан мо ҳамкорони худро дар Қазоқистон, ки танҳо торихи тақрибии зиндагии Форобиро муайян кардаанд, дар ҷараён хоҳем гузошт.-Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

набуд.[26]

Танҳо як мисол барои гуфтаҳои фавқ меоварем. Абдуррашид Албағувӣ - мунаҷҷим ва сайёҳи донишманди туркиюласли озарбойҷонӣ (қарни 14-15) менависад: «Туркистон - номи куллии ҳамаи кишварҳои туркӣ мебошад. Марзҳои он аз иқлими аввал шурӯъ шуда то умқи шарқ идома пайдо мекунад ва то иқлими ҳафтум имтидод меёбад. Иддаи зиёди аҳолии он дар хаймаҳо ва иддае низ дар рустоҳо зиндагӣ мекунанд. Туркҳо дар қисмати шарқии ҳамаи иқлимҳо аз ҷануб то шимол зиндагӣ мекунанд. Онҳо бо теъдоди зиёд, ҷасорати зиёд, таҳаммул, зоҳире чун ҳайвони ваҳшӣ, сурати паҳн, бинии паҳни хобида, дастҳои бузург ва ахлоқи пасти худ бо ақвоми дигар тафовут доранд. Онҳо ғазабнок ва султаҷӯву зӯргӯ ҳастанд. Онҳо гӯшти ҳайвонро ба ҳар чизи дигар тарҷеҳ медиҳанд ва онро хом мехӯранд. Онҳо монанди ҳайвонот ҳамеша одат доранд аз зӯри худ истифода кунанд ва зиндагии онҳо - ҳамла ва таъқибҳои мудовими ғизолони рамида ва парандаҳои ваҳшӣ мебошад. Вақте ба назар мерасад, ки аз даву тоз хаста шудаанд, онҳоро дар ҳоли пешин мебинед, ки асбҳоро маҳмез мезананд ва аз кӯҳҳо боло меравaнд».[27]

Шояд баъзе аз ин суханҳо дар мавриди зоҳири сокинони Туркистон эҳсосотӣ бошанд, ки албатта ба виҷдони муаллиф вобаста аст, вале як чизро набояд фаромӯш кард, ки Албағувӣ мусулмони содиқ буд. Китоби ӯ чун ҳар китоби дигаре ки бо суннатҳои илмии исломӣ навишта мешуд, бо ибораи «Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим» нахустин ояи Қуръони карим шурӯъ мешавад.

Ва ин, муаллифро мутааҳҳид месохт, ки ҳама чизро комилан ҳаққонӣ ва мунсифона мунъакис намояд. Аз ин рӯ он чӣ Абдуррашид Албағувӣ мусулмони содиқи туркиюласл роҷеъ ба Туркистон иброз доштааст, мо наметавонем мавриди тардид қарор диҳем.

Баъд аз он ки қабоили узбак, Мовароуннаҳрро забт кар-

---

26. Баъзе муҳаққиқон бар он ҳастанд, ки вожаи Туркистон шакли тағйирёфтаи мафҳуми ҷуғрофиёии «Турон» аст, ки маъмулан дар ривоёти асотирии эронӣ муқобили мафҳуми ҷуғрофиёии Эрон гузошта шудааст.-Р.М.

27. Ал-Бағувӣ Абдуррашид. Китоби Талхисул-асар ва аҷойибул-маликул-қаҳҳор. Мутарҷим ва муаллифи пешгуфтор: З.М. Буниятова. М., Наука, 1971, саф. 90.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

данд, қабойиле ки баъд аз ҳуҷумҳои тотору муғул боқӣ монда буданд ва аз назари забону ахлоқ бо ҳам наздикӣ доштанд, бо онҳо омехта шуданд, ва лақаби узбак ба худ гирифтанд. Барои ҳамин забони гуфтугӯйии туркҳои Осиёи миёна, Қазоқистон, Қафқози шимолӣ, атрофи Волга ва Сибир дар муқоиса бо забони туркҳои усмонӣ, забони чиғатойӣ ва мардумонаш туркҳои чиғатойӣ номида мешаванд.

Ҳамчунон ки Б.А. Литвинский ишора мекунад, ташаккули узбакҳо ҳамчун нажоде ҷудогона аз асрҳои 15-16, баъд аз маскан гузидани узбакҳои шайбонӣ дар Осиёи миёна сурат мегирад.[28]

Давраи шаклгирии узбакҳо ҳамчун миллате мустакил мутобиқи меъёрҳои торихӣ «дирӯз» маҳсуб мешавад. Дар чунин давраи кӯтоҳи торихӣ эҷод кардани арзишҳои бузурги фарҳангӣ аз имкон берун аст, вале осонтар аз ҳама аз они худ кардани фарҳанги бузургест, ки тоҷикон дар тӯли ҳазорҳо сол ба вуҷуд овардаанд.

Барои он ки хонандагон дойираи тасаввуроти бештаре дар бораи торихи ақвоме, ки акнун дар сарзамини Осиёи марказӣ ва Қазоқистон зиндагӣ мекунанд, дошта бошанд, бар рӯи масъалаи пайдоиш ва торихи нажодии ақвоме, ки дар кишварҳои мустақили кунунӣ яъне Узбакистон, Қазоқистон, Қирқизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон вуҷуд доранд ва ба номи онҳо номида мешаванд, таваққуф мекунем. Мавод ва иттилооти нажодӣ ва фарҳангӣ ки мавриди истифодаи мо қарор гирифт аз осори илмии чоп шуда дар замони қабл ва баъд аз илҳоқи (пайвасти) Осиёи миёна ба Русия, ки аксари онҳоро муҳаққиқони русӣ навиштаанд, гирифта шудааст. Дар мавориди зарурӣ аз таҳқиқоти муҳаққиқони ғарбӣ, осори хаттии шарқ ва бойгониҳо истифода гардидааст.

А.Д. Гребенкин - донишманди рус, ки солҳои зиёд дар Осиёи миёна зиндагӣ карда буд, менависад: «Узбакҳо мегӯянд, ки номи онҳо мураккаб аз ду вожа аст: уз ва бек (бик, бак) яъне худ беки худ, худ оқои худ (худ хоҷаи худ). Вале чун бек (бик) вожаи туркон ва кӯчнишинон нест, метавон тавзеҳоти худи онҳоро ба унвони тавзеҳоти қобили эътимод талаққӣ кард, вале як чиз мусаллам аст ва он ин аст, ки онҳо худро баъд аз тасхири Осиёи

28. Литвинский Б.А. Асари зикршуда, саф.32.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

миёна «узбак» номидаанд».[29]

Мутеъ сохтани мардуми бумии Осиёи миёна (тоҷикон) чунон ки қаблан ҳам ишора шуд, дар замони Шайбониён (1500-1598) ба охир расид. К.Э.Босворт профессори донишгоҳи Мончестер, дар Осиёи миёна пайдо шудани шайбониёнро чунин тавзеҳ медиҳад:

«Баъд аз он ки Туғтамиш бо урдуи сафед ба ғарб юриш кард ва дар ҷануби Русия ба Урдуи тиллоӣ пайваст, Сибири ғарбӣ ба дасти Шайбон - писари кучаки Ҷучӣ ки номи шайбониён ва Шайбонихон аз ин ном пайдо шудааст, афтод. Яке аз шохаҳои шайбониён - хонҳои Тюмен, то қарни 17 дар Сибир мавҷуд буданд. Теъдоди зиёде аз урдуи шайбониён ба Мовароуннаҳр ҳаракат карданд, ки ба номи узбегҳо шинохта шуданд ва гузаштагони ҳамин мардуме ҳастанд, ки имрӯз дар Узбакистони Шӯравӣ зиндагӣ мекунанд. Дар соли 851/15-1447 Абулхайр, Хоразмро аз темуриён гирифт ва дар соли 906/1500 наберан ӯ Муҳаммади Шайбонӣ аз охирин ҳокимони темурӣ, Мовароуннаҳрро комилан забт кард. Дар тӯли қарни 16 шайбониёни суннимазҳаб бо сафавиёни Эрон, ки шиамазҳаб буданд, ҷангҳои мудовим доштанд. Шайбониён дар Бухоро то 1597-1598 ҳукумат карданд, то замоне ки ҳокимият ба дасти ҷониён гузашт, ки шаҷараашон ба Урду - писари Ҷучӣ мерасад. Хонигарии дигар ба номи Хоразм ё Хива, ки дар ин ҷо ба вуҷуд омад, то охири қарни 18 таҳти ҳокимияти арабшоҳиён, яке аз шохаҳои шайбониён, қарор дошт».[30]

Дар мақолаи ториxиву нажодӣ роҷеъ ба узбакҳо, ки И.И. Гейр чоп кардааст, гуфта мешавад: «Ба душворӣ метавон таъйид кард, ки узбакҳо гурӯҳи ҷудогонаи мустақилеро ташкил медоданд. Возеҳтар аз ҳама онҳоро ихтилоти ғайримутаҷонис ва ё маъҷуне аз қабойили гуногуни туркӣ метавон донист».[31]

Баъд аз ин муаллиф таъйид мекунад, ки узбакҳо мағлуб-

---

29. Гребенкин А.Д. Узбеки. -Дар китоби: Русский Туркестан. Маҷмӯаи нашршуда ба муносибати намоишгоҳи политехникӣ. Шумораи 2, М., 1872, саф.58.

30. Босворт К.Э. Мусульманские династии. Справочник по хронологии и генеалогии. Тарҷума аз англисӣ ва тавзеҳоти П.А. Грязневич. М., Наука, 1971, саф. 207-208.

31. Гейрь И.И. Туркестан. - Тошканд, 1910, саф.33.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

кунандаи тоҷикон ҳастанд ва аз ин рӯ ҳокимони барҷастаи давлатҳое, ки истиқлоли худро ҳифз кардаанд, ба вижа Бухоро ва Хива, аз ин қабоил бархостаанд. Онҳо ба гурӯҳи сокин ва нимасокин тақсим мешаванд, яъне онҳое ки тобистон ба биёбон кӯч мекунанд ва зимистон ба рустоҳо (қишлоқ) бармегарданд..»[32]

Муаллиф касонеро, ки дар гузаштаи наздик дар Бухорои шарқӣ яъне манотиқи марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистони кунунӣ зиндагӣ мекарданд, аз қабоили кӯчнишин ва нимакӯчнишин медонад. Дар маохиз, арқоми гуногун пиромуни теъдоди қабоил ва тавоифи узбакзабон дода шудааст. Тибқи муҳосибаи И.И. Гейр онҳо то 90 шохаро ташкил медоданд.[33]

А.Д. Гребенкин менависад: «Дар муҳосибаи тоифаи узбакҳои Осиёи миёна мо рақами дурусте пайдо намекунем. Хаников раддабандии узбакҳоро аз китоби «Нассяд-намяши-узбек» иқтибос карда мегӯяд, ки теъдоди онҳо ба 97 шоха мерасад. Борнс ба вуҷуди 33 қабилаи узбак ва Вамберӣ низ ба ҳамин теъдод ишора мекунад».[34]

Масалан, дар бекигарии Кӯлоби то инқилоби Октябр таркиби нажодии аҳолӣ хеле рангоранг буд. Дар худи Кӯлоб бештар тоҷикон зиндагӣ мекарданд. Қабилаҳои узбакзабон бахши кӯчакеро ташкил медоданд. Дар соли 1906 Снесарев менависад, ки дар бекигарии Кӯлоб ва Балҷувон тоҷикон аз 3/2 бахши мардум ва узбакҳо аз 3/1 бахши мардумро ташкил медоданд.[35]

Ҳамин муаллиф мутазаккир мешавад, ки қабоили туркзабон дар манотиқи талу таппадори бекигариҳои Кӯлобу Балҷувон сукунат доштанд, яъне заминҳои борвар ва чарогоҳҳои хуб дар дасти онҳо буд ва заминҳои бесамар ва водиҳое, ки чарогоҳ надошт дар ихтиёри тоҷикон қарор дошт.[36]

Дар ҷануби Тоҷикистон ба истиснои навоҳии кӯҳистонӣ, ба вижа Кӯлоби то замони инқилоб, чунин қабоили турку муғули узбакзабон зиндагӣ мекарданд:

1. Қатағанҳо - баъд аз задухӯрдҳои зиёд бо амири афғонӣ

---

32. Ҳамон ҷо, саф.33.
33. Ҳамон ҷо, саф. 33.
34. Гребенкин А.Д. Асари зикршуда, саф. 58.
35. Снесарев. Восточная Бухара (Рисолаи низомиву торихӣ). С.Пб., 1906, саф.38.
36. Ҳамон ҷо, саф. 41.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ба вилояти собиқи Кӯлоб муҳоҷират карданд ва аслан дар ноҳияи Пойтуғ маскан гузиданд.

2. Муғулҳо - ин қабила ҳам аз Афғонистон омад ва дар Коври, наздики Чӯбак ва Фархор сукно гузид.

3. Қаликҳо (қалуғҳо) - аз Афғонистон кӯч карда, дар Сарчашма ва Чандғортош ва Бешариқ маскан гирифтанд. Баъд аз инқилоби Октябр ва истиқрори ҳокимияти Шӯравӣ ин қабила дубора ба Афғонистон кӯч кард.

4. Семиҳҳо - дар маҳаллаи Сарсибулоқи ноҳияи Мӯминобод ва дар рустои Даҳанаи ноҳияи Кӯлоб зиндагӣ мекарданд.

5. Қисамирҳо - дар Момирак, Ҳундукул, Балхиобӣ, Тӯтакавш, Пистамазор ва Ҷарқалъа зиндагӣ мекарданд.

6. Туркҳо - дар рустоҳои Тибалай, Типчоқ, Боғи Ҳабиб ва Туркон маскан доштанд.

7. Ҷонқатағонҳо - дар рустоҳои Чӯбак, Сайёд, Бешкапа ва Ҷилга ба сар мебурданд.

8. Қаршиҳо - асосан дар пиромуни Кӯлоб зиндагӣ мекарданд.

Арабҳо ки ба забони форсии тоҷикӣ такаллум мекунанд, дар Нарбулоқ, Саричашма, Лағмон (дар наздикии шаҳри Кӯлоб), Фархор ва Пойтуғ зиндагӣ мекарданд, ки худро аз насли арабҳои нахустин, ки Осиёи миёнаро тасхир карда буданд, медонистанд.[37]

Балучҳо ки хостгоҳашон аз Афғонистон аст, дар канораи рӯдхонаи Панҷ дар навоҳии Порк, Чӯбак, Фархор, Чашмаи ишқон зиндагӣ мекарданд. Афғонҳо дар Пойтуғ, Бештегирмон, Сариосиё, Шӯртеппа (наздики Фархор) ва дар рустое ба номи Афғонкишлоқ наздики Дилл ва низ ду-се рустои афғонӣ, ки яке аз онҳо Афғондилӣ ном дошт, зиндагӣ мекарданд. Ҳазораҳо дар Пойтӯғ, Диллӣ ва дар худи шаҳри Кӯлоб ба вижа дар Кӯлоби куҳан ва Кӯҳнашаҳр ба сар мебурданд.

Қабойил ва ақвоми фавқуззикр, дар тӯли ҳокимияти Шӯравӣ бо тоҷикони бумӣ яъне сокинони Хатлони бостонӣ махлут ва

---

37. Пиромуни замони омадани аъроб ба Осиёи миёна А.Д. Гребенкин ба ду ривоят ишора мекунад; Тибқи ривояти нахустин аъроб чун тасхиргар ва интишордиҳандаи дини ислом дар қарни 8 ва тибқи ривояти дуввум онҳоро Амир Темур (тақрибан дар соли 1405) ба Осиёи миёна овард. Дар охирҳои қарни 13 ба сурати гурӯҳ-гурӯҳ дар водии Зарафшони Тоҷикистон зиндагӣ мекарданд.- Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ҳамгун шуданд ва тадриҷан ба зиндагии муқимӣ рӯй оварданд ва тарзи зиндагӣ, фарҳангу забони тоҷиконро пазируфтанд. Дар натиҷа теъдоди зиёде дурага пайдо шуданд, ки дар шарёни онҳо хуни туркиву муғулӣ ва тоҷикӣ ҷорист. Дар қиёфаи (сурати) мардуми Тоҷикистони ҷанубӣ, вилояти Хатлони кунунӣ тағйироти нажодӣ низ ба назар мерасад ва дар симои онҳо нишонаҳои ҳиндуурупоӣ ва туркиву муғулӣ мушоҳида мешавад, ки хоси ин ду нажод аст. Ҷараёнҳои ҳамгуншавӣ дар манотиқи дигари Хатлонзамини кунунӣ ба вижа Ёвон, Ғозималик, Қубодиён, Куйбишев, Бохтар, Данғара ва навоҳии дигари Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ низ сурат мегирифт (дар ҳоли ҳозир ҳам идома дорад). Муҳаққиқони қабл аз инқилоб (онҳое, ки илмро барои хидмат ба сиёсатбозон ва ё ҳар гуна идеология тағйир надода буданд) торихи пайдоиши нажодии узбакҳоро омӯхта, онҳоро аз табори қирқизҳо ва қазоқҳои кунунӣ медонанд.

А.Д. Гребенкин дар бораи 20 қабилаи узбак тавзеҳоти нажодиву ҷуғрофиёӣ медиҳад, ки дар охири қарни 13 дар водии Зарафшон зиндагӣ мекарданд ва шарҳи онҳо ба қарори зер аст: туаклҳо, мингҳо, туркҳо, найманҳо, уйшунҳо, кутчиҳо, қатағанҳо, манғитҳо, сараҳо, бағринҳо, юсҳо, қирқҳо, қарақалпоқҳо, катаҳо, қипчоқҳо, митанҳо, туркманҳо, ҷалоирҳо, дурманҳо, урганҷҳо.[38] Ба ҷуз ин, қабоили мазбур ба гурӯҳҳои кӯчактаре тақсим мешуданд, ки шарҳи онҳо чунин аст: туаклҳо-6, мингҳо-бештар аз 13, туркҳо-6, найманҳо- бештар аз 12, уйшунҳо-3, кутчиҳо-4, манғитҳо-24, юсҳо-16, қирқҳо- бештар аз 5, қарақалпоқҳо- бештар аз 25, катаҳо-6, қипчоқҳо- бештар аз 9, митанҳо-3, туркманҳо- бештар аз 15, ҷалоирҳои наздик ба туркман-2 ва ғайра. Бидуни шак, ин тақсимоти қабилаӣ комил нест, вале ангораҳои муайянеро аз тақсимоти нажодии узбакҳо дар торихи гузаштаи нисбатан наздик (120 сол қабл) нишон медиҳад.[39]

Ба эҳтимоли зиёд, худи калимаи узбак ба унвони як истилоҳи сиёсӣ (на ба унвони як истилоҳи нажодӣ) дар замони Узбакхон аз насли Ҷӯчӣ (писари бузурги Чингизхон) ки аз рӯи ҳасад дини исломро дар байни қабоили турки биёбонҳои дашти Қипчоқ ҷорӣ карда буд, пайдо шудааст. Вақте ки онҳо ислом-

38. Гребенкин А.Д. Узбеки. саф. 69-109.
39. Гребенкин А.Д. Узбеки. саф. 69-109.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ро пазируфтанд, дар муқоиса бо ҳамнажодони дигар узбаки худ (шаманиҳо) худро ба номи хони худ, узбак номиданд.[40]

«Дар нимаи дуввуми қарни 15 баъд аз фурӯпошии мулки Ҷӯчӣ ва ба вуҷуд омадани хонигариҳои мустақил дар Русияи урупоӣ ва дар замони Абулхайрхон, иддае аз қабоили турк ба шарқ кӯч карданд ва номи қазоқро ба худ гирифтанд. Танҳо қабоили маъдуди турк, ки ба хонадони ҷучиҳо вафодор монда буданд, номи узбакро ҳифз карданд».[41]

Дар маохизи илмии тоҷикӣ, мафҳуми нажодии узбак, бори аввал дар асари Ҳофизи Таниши Бухорӣ, муаррихи машҳури қарни 16 «Шарафномаи шоҳӣ» ба кор рафтааст. Дар ин асари бузурги торихӣ муаллиф, зимни тавзеҳот дар бораи Мовароуннаҳр ва марзҳои он менависад:

«Ҳамон марзи ғарбӣ ки ба самти шимол имтидод меёбад, Дашти Қипчоқ, яъне кишвари узбакҳо ва Туркистон аст».[42]

Ҳамин тавр, тибқи навиштаи Ҳофизи Таниш гурӯҳи нажодие, ки узбак хонда мешуд, дар нимаи дуввуми қарни 16 (замони тавлиди асар, ки муаллиф онро ба Абдуллохони дуввуми Шайбонӣ бахшидаст, ба дашти Қипчоқ (яъне ба шимолу ғарби Узбакистони кунунӣ, ки ҳоло биёбони Тосқудуқ дар он ҷост) муҳоҷират кард. Замоне ки узбакҳо муттаҳид шуданд ва тахти роҳбарии шайбониён ба ҳудуди Мовароуннаҳр тохтанд ва темуриён (1370-1506)-ро шикаст доданд, нуфузашон бештар шуд. Ва пас аз он ба тахти хонигариҳои тозатаъсиси Хива, Қӯқанд ва Бухоро дар Осиёи миёна аз насли хонадони муғулу узбак нишастанд.

Дар натиҷа «сипоҳи шайбонӣ», ки на танҳо шомили нажоди аслии турк буд, балки бидуни шак дорои бахши зиёди насли муғулӣ буд, ки замоне бо Чингизхон омада буданд, дар Туркистон бо қабоили турк, ки қаблан дар он ҷо муқимӣ шуда буданд (ба истилоҳ чиғатойӣ; гирифташуда аз номи Чиғатой - писари дуввуми Чингизхон, ки molики қисмати зиёди Туркистон буд) ва

40. Туркестанский край. ҷилди 19. Спб. 1913, саф.380.

41. Ҳамон ҷо, саф.380. Шайбониён (1500-1598) аз наслҳои Ҷучӣ дар Мовароуннаҳр ҳастанд, ки дар Бухоро ҷониҳо - хонҳои собиқи Аштархонро иваз карданд. -Р.М.

42. Ҳофизи Таниш ибни Муҳаммади Бухорӣ. Шарафномаи Шоҳӣ. Нусхаи хаттии 88. Тарҷумаи форсӣ, пешгуфтор, тавзеҳот аз М. Салоҳиддинова. Бахши 1. М., Наука, 1983, саф. 219.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ба аҳолии бумии эронии ин хитта махлут шуданд.[43]

Хулосаи назари муҳаққиқон дар бораи ташаккули узбакҳо ба унвони маъҷуне аз нажодҳои гуногун ба қарори зер аст: «Унвони узбакро бояд чунин маънӣ кард: Маъҷуне аз қабойили туркиюласле, ки бо омезиш бо баъзе унсурҳои муғуливу эронӣ ба лаҳҷаи чиғатойӣ сухан мегӯянд ва бо таваҷҷӯҳ ба маҳалли зист аз назари вижагиҳои бостоншиносӣ ва нажодӣ бо ҳам тафовут доранд».[44]

Қабойили турку узбак, ки тайи қуруни мутамодӣ (қарнҳои дароз) бо тоҷикон омехта шудаанд (ба вижа дар Самарқанд, Бухоро, Фарғона) аз ҳамқавмони худ, ки то ба ҳол сурати туркиву муғулии гузаштагони худро ҳифз кардаанд, хеле фарқ мекунанд. Боре, тибқи гуфтаҳои муҳаққиқон дар ибтидои асри 20 узбакҳо дар муқоиса бо тоҷикон аз нигоҳи фарҳангӣ ва фикрӣ ақибуфтода буданд. «Аксарияти афроди мазҳабӣ ва идории узбакҳо тоҷикон ва сортҳо буданд».[45] Аз ин рӯ, «дар сарзамине, ки дар замони Темур ва табори ӯ, илму ҳунар ва фарҳанг рӯ ба рушд ниҳода буд, узбакҳо на танҳо ба рушди фарҳангӣ мусоидат накарданд, балки бар он таъсири манфӣ гузоштанд. Зеро онҳо кӯчнишин ва домпарвар буданд ва то муддати зиёде аз зиндагии муқимӣ нафрат доштанд ва то ба ҳол низ иддаи зиёде аз онҳо аз одатҳои кӯчнишинии худ даст накашидаанд.»[46]

Тибқи саршумории нуфуси соли 1897 дар Туркистони Русия шумори узбакҳо, ки аз нигоҳи пайдоиш бо қазоқҳо хешӣ доранд, 726072 нафар буд. Теъдоди куллии узбакҳо дар тамоми Осиёи миёна дар охири қарни 19 наздик ба 2 милён нафар буд, дар ҳоле, ки қабойили турку муғул ки мушаххас набуд ба кадом қавм тааллуқ доранд, машмули ин идда буданд.[47]

---

43. Туркестанский край. ҷилди 19, саҳ.380. Муҳаққиқони муосир гоҳе Шайбониёнро узбакиён меноманд, (масалан К.Э. Босворт) -Р.М.

44. Ҳамон ҷо.

45. Ҳамон ҷо, саф. 381.

46. Туркестанский край, ҷилди 19, саф. 696. Мутаассифона назари В.В Бартолд дар бораи нуфузи тотору мугул дар Осиёи миёна аз нигоҳи илмӣ қобили қабул нест ва далелҳои маохизи хаттӣ онро инкор мекунад (Руҷӯъ кунед: Масалан ба ахбори Ибни Асир). В.В. Бартолд саъй кард, ки дар аъмоли султаҷӯёни бегона, ки тамаддуни мардуми бумии Осиёи миёнаро хароб карданд, омилҳоеро пайдо намояд, ки гӯё мӯҷиби пешрафти иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа гардиданд. -Р.М.

47. Ҳамон ҷо, саф.380.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Дар бораи узбакҳое, ки дар охири қарни 19 дар водии Зарафшон (минтақаи шимолии Тоҷикистони кунунӣ) зиндагӣ мекарданд, хулосаҳои А.Д. Гребенкин қобили таваҷҷӯҳ аст:

«Минтақаи Зарафшон гоҳ гоҳе ба ҳаводиси фоҷиаборе дучор шудааст, ки баъд аз он теъдоди мардуми он, ба вижа мардуме, ки дар заминҳои борвар ва қобили кишт сокин буданд, кам мешуд. Аз ин рӯ узбакҳоеро, ки ҳоло дар минтақаҳои Зарафшон ба сар мебаранд, (яъне дар охири асри 19 -Р.М.) аз насли ононе донистан, ки дар замони нуфузи умумии узбакҳо ба водии Зарафшон омадаанд, саҳеҳ нест. Дар воқеъ инро низ набояд инкор кард, ки иддаи қалиле (қаме) аз узбакҳои водии Зарафшон дар замони Темур ва шояд пештар аз он ба инҷо омадаанд, вале аксарияти онҳо дар ин авохир аз манотиқи гуногуни Осиёи миёна омадаанд.[48]

Ҳамин тавр, моҳиятан узбакҳо аз иттиҳоди даҳҳо қабилаи турку муғул ташкил ёфтаанд, (ҳамонанди ҳоли ҳозир) бидуни он ки истиқлоли қавмӣ ва муштаракоти нажодӣ дошта бошанд. Дар авохири қарни 19 ва чаҳоряки аввали қарни 20 ҷараёнҳои тамаркузи узбакҳо тақвият меёбад, лаҳҷаи воҳиди забони туркӣ дар байни онон ривоҷ пайдо мекунад, эҳсоси тааллуқ доштан ба қавми узбак ва дигар нишонаҳо, дар марҳалаи гузор аз қавм ба миллат, пайдо мешавад. Тасхири Осиёи миёна аз ҷониби Русия ва ба вуҷуд омадани хиттаи Туркистон дар дохили Императории (империяи) Русия ки дар роҳи сармоядорӣ гом бардошта буд, дар ин замина нақши муҳимме дошт.[49]

Дар хиттаи Туркистон, ки бахши аслии узбакҳо дар онҷо зиндагӣ мекарданд, дар муқоиса бо манотиқи дигари Осиёи миёна, муносиботи аввалияи сармоядорӣ зудтар рушд мекард. Таъсис кардани муассисоти саноатӣ, роҳҳои оҳан, ба ҷараён андохтани сармояи бонкӣ, ба вуҷуд омадани тиҷорати сармоядорӣ, ба роҳ андохтани омӯзиши замонавӣ (мудерн), зиёд шуда-

48. Гребенкин А.Д. Узбеки. саф. 751.

49. Ҷараёни тасхири Осиёи миёна аз ҷониби императории Русия аз соли 1864 шурӯъ шуда то соли 1897 идома доштааст. Генерал-губернатории Туркистон шомили 5 вилоят буд, ки барои идора кардани Осиёи миёна аз тарафи Русия истифода мешуд. Он соли 1867 таъсис шуд, ки пойтахташ Тошканд буд.- Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ни теъдоди афроди идорӣ дар бахшҳои гуногуни хусусӣ ва давлатӣ, іздиёди теъдоди коргарон, муҳандисон ва кормандони фаннӣ аз ҷониби сармоядорони рус дар хиттаи Туркистон, дар урупоии (европоӣ, фарангӣ) шудани узбакҳо сахт муассир будааст. Дастакҳои (рычаг, калид, аҳрум) аслии иқтисодӣ ва фарҳангии хиттаи Туркистон баъд аз русҳо ба дасти узбакҳои сарватманд афтод. Мардуми бумӣ аз умури идорӣ барканор шуданд.

Дар баробари нуфуз ва рушди муносиботи сармоядорӣ дар Туркистон системи ҷадиди омӯзиш ба вуҷуд омад: мактабҳои миллӣ бо методҳои нав,[50] омӯзишгоҳҳои олӣ, буржуозиёи милии узбак пайдо шуд. Баъд аз омадани баъзе намояндагони таҳсилкардаи ақвоми муғул ба мисли тотор ва бошқирд ба Осиёи миёна, ки аз сиёсати миллии Русияи подшоҳӣ (тезорӣ) норозӣ буданд, таъсири идеологияи пантуркизм тақвият меёбад. Сиёсати пантуркизм ҳам дар муқобили системи истеъмории Русия ва ҳам дар муқобили бумиёни Осиёи миёна, яъне тоҷикон, мубориза мекард. Ҷараёни истеъмор кардани мардуми тоҷик аз қарнҳои миёна шурӯъ шуда, дар замони пайваст шудани Осиёи миёна ба Русия тақвият меёбад ва дар замони Шӯравӣ анҷом мепазирад; ки дар ин бора дар фаслҳои оянда сухан хоҳад рафт. Акнун ба тавзеҳоти нажодии қавмҳои дигар мепардозем.

То замони Шӯравӣ дар Осиёи миёна ва Туркистони Русия ду қавм - қазоқҳо ва қирқизҳо ба номи қирқиз машҳур буданд. Бояд гуфт ки ин ду қавм, ки акнун дар кишварҳои мустақили Қазоқистон ва Қирқизистон зиндагӣ мекунанд, аз нигоҳи фарҳанг, вижагиҳои маишат ва ахлоқ ба ҳамдигар хеле наздик ҳастанд, вале аз нигоҳи пайдоиш, вижагиҳои мардумшиносӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Тибқи осори муҳаққиқони қабл аз Инқилоби Октябр, қазоқҳо дар биёбонҳои вилояти Сирдарё (Сайҳун), Ҳафтрӯд ва низ навоҳии шимолу ғарби вилояти Моварoихазари (Закаспий) хиттаи Туркистони императории Русия зиндагӣ мекарданд. Худи истилоҳи «қазоқ», «қирқизқайсоқ»-ро эҳтимолан онҳо дар ҷараёни пайвастшавии довталабона ва иҷборӣ ба Русия, аз истилога-

50. Аз соли 1905 дар Тошканд, Самарқанд, Бухоро ва Қӯқанд мактабҳои миллӣ бо методҳои нав таъсис шуд, ки дар онҳо ҷавонони тараққихоҳи узбаку тотор ва тоҷик таҳсил мекарданд.-Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

рон гирифтанд. Онҳо ҳангоми бархурд бо мардуми бегона худро бо истилоҳҳои мазбур ном мебурданд, то ин ки тафовути худро аз қабойили дигари турку муғул, қирқизҳо, узбакҳо ва қарақалпоқҳо нишон диҳанд.

Дар маохизи (маъхазҳои) қабл аз Инқилоби Октябр ривояте ба назар мерасад, ки тибқи он қазоқҳо аз қабоили гуногуни турку муғул, ки машмули фармонравойии Чингизхон буданд, баъд аз нимаи дуввуми қарни 15 ба вуҷуд омадаанд. Қавмҳо ва қабоили узбакӣ, ки аз иттиҳоди қабилаҳо ҷудо шуда буданд ба шарқ кӯч карданд ва аз ҳамсоягони худ номи қазоқ (яъне афроди бесарпаноҳу озод)-ро ба худ гирифтанд.[51] Ҳамчунин ривояти пайдоиши қазоқҳо аз узбакҳо, дар байни қазоқҳо ва қарақирқизҳо (қирқизҳои кунунӣ), дар тӯли солҳои дароз, ҳатто то кудитои (табаддулоти) октябри соли 1917 боқӣ монда буд. Ривояти дигар низ вуҷуд дорад, ки тибқи он, ин қавм аз назари мардумшиносӣ мутааллиқ ба шохаи турку тотори нажоди муғул аст ва ба 3 бахш ё урду тақсим мешавад.[52] Ва ин 3 урду мураккаб аст аз урдуи бузург, миёна ва кӯчак. Ба сарзамини Туркистон ва Осиёи миёнаи он замон аслан аҳли урдуи кӯчак кӯч мекарданд. Ин ҳама баъд аз фурӯ пошидани императории бузурги Чингизхон дар охири асри 16 ҷараён дошт; ба ҷои вулуси (подшоҳии, аморати) аз ҳам пошидаи Ҷӯчӣ, чаҳор хонигарии мустақил таъсис ёфт: Қазон, Аштархон, Урдуи сафед, Урдуи Сибир. Сарнавишти минбаъдаи се вулус - Қазон, Аштархон ва Сибир барои мо аз замони мактаб ошно аст; ин вулусҳоро Иван Грозний шоҳи Русия тасарруф ва ба Русия пайваст кард. Урдуи сафед ба Урдуи Нӯғай ва узбакҳои кӯчнишин тақсим шуд. Қабилае ки дар оянда қавми қазоқ аз он муташаккил мешавад, аслан ба хонигарии узбакҳои кӯчнишин тааллук дошт.[53]

Ҳатто баъд аз фурӯпошии вулуси Чиғатой, ки сарзамини Мовароуннаҳр ва Туркистони Шарқиро фаро мегирифт, сокино-

---

51. Туркестанский край, ҷилди 19, саф. 66.
52. Туркестан. Чопи дуввум, Тошканд, 1910, саф.36.
53. Феоктистов А. Русские, казахи и Алтай. М. - Уст-Каменогорск. 1992: саф.18. Эренг (Иренак, Ирнак) охирин хон аз дудмони Арабшоҳиён дар охири қарни 17 ҳукумат кардааст. Баъд аз ӯ чингизиёне аз насли қазоқ дар Хива ҳукумат карданд ва ниҳоят хонадони қунгуротҳои узбак ҳокимиятро ба даст гирифтанд. -Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ни аслии ин марзу бум тоҷикон ва мулҳақони ба онҳо узбакҳои кӯчнишин буданд. Қабойиле ки баъд аз солҳои зиёд қавми қазоқ аз онҳо ташаккул ёфт, дар ибтидо машмули хонигарии узбакҳои кӯчнишин буданд. Баъд узбак-қазоқҳо дар охири қарни 16 ба таври дастаҷамъӣ ба Мовароуннаҳр кӯчиданд ва ба мардуми эронизабон пайваст шуданд. Аз ҳамин мавқеъ ташаккули қавмҳои қазоқу узбак шурӯъ мешавад.

Ба хотири айният ва беғаразона баён кардани ҷараёни вақоеъ, бояд мутазаккир шуд, ки дар солҳои 60 ва 70 аксари муҳаққиқони қазоқ бар ин ақида буданд, ки танҳо дар қарнҳои 15-18 «қавми қазоқ бо номи кунунии худ рӯи саҳнаи торих омад ва низ ҷараёни ташаккули қавми қазоқ ва давлати миллии қазоқҳо анҷом пазируфт. Онҳо бад-он ишора мекарданд, ки ин давра ба ҳадди кофӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст».[54] Дар воқеъ истилоҳи «қазоқ» нахустин бор дар асари «Зубдатул-осор» (қарни 16) таълифи Абдуллоҳи Балхӣ муаррихи тоҷик мушоҳида мешавад.[55]

Баъдҳо, ин хулосаи муҳим ва воқеӣ, ки бар мабнои таҳлили манбаъҳои торихӣ, монанди: Торихи Рошидӣ, Тазкираи Хоҷа Муҳаммади Шариф, Шарафномаи Шоҳӣ, Торихи Қипчоқӣ, Торихи Кошғар ва ғайра ба даст омадааст, заҳри таълимот ва таъбироти дурӯғини шитобкоронаи пайдоиши қавми қазоқро аз байн бурд. Истилоҳи узбак-қазоқ бори аввал дар «Торихи Рошидӣ» - таълифи Мирзо Ҳайдар (қарни 16) ба кор рафтааст.

Дар осори вижа ва куллӣ пиромуни торихи пайдоиши қазоқҳо ақидае бад-ин мазмун матраҳ мешуд, ки «қазоқҳо» аз назари хунӣ, забонӣ ва торихи пайдоиш, қавмҳои ба ҳам наздик нестанд, балки омехтае аз қабилаҳои мухталифи туркзабон ва муғулзабон ҳастанд, ки дар натиҷаи юришҳои Чингизхон ба самти ғарб бурда мешуданд, ба Урдуи тиллоӣ дохил буданд ва дар тӯли қурун дар як минтақа зиндагӣ мекарданд; бо гӯйишҳои мухталиф сухан мегуфтанд ва ба тадриҷ ба ҳамдигар наздик мешуданд.»[56]

«Дар ҷараёни азҳампошии Урдуи тиллоӣ, ки Нуғайро

---

54. Материалы по истории казахских ханств XY-XYIII веков. (Маводи гирифташуда аз осори форсӣ ва туркӣ) Алма-Ато, Наука, 1969, саф.2.

55. Ҳамон ҷо, саф. 133.

56. Руҷӯъ кунед: Феоктистов А. Русские, казахи и Алтай, саф.38.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ҳам дар бар мегирифт, қабоилии кӯчнишини узбак аз Урдуи тиллоӣ ҷудо шуданд. Баъд аз муҳоҷират кардани узбакҳои кӯчнишин ба Осиёи миёна, гурӯҳҳои кӯчаки маҳаллӣ, ки хостгоҳи муғулӣ доштанд, низ ба навбаи худ аз онҳо ҷудо шуданд ва муқим гардиданд».[57]

Ҳамин қабилаҳо, тақрибан аз миёнаҳои қарни 16 дар як иттиҳод муттафиқ мешаванд, ки аз ҳамин замон шаклгирии нажоди қазоқ шурӯъ мешавад. Баъд аз ҳуҷуми калмикҳо дар соли 1613 ба сарзамине, ки қабоилии қазоқ сукно доштанд, иттиҳоди қабоилии қазоқ аз ҳам мепошад. Тақрибан баъд аз 100 сол, дар соли 1723 қазоқҳо дар саҳнаи таърих пайдо мешаванд. Тибқи ишораи А. Феоктистов, ин дафъа қазоқҳо аз 3 иттиҳоди сиёсӣ муташаккил шуданд, ки ба номҳои Урдуи бузург, Урдуи миёна ва Урдуи кӯчак шӯҳрат доштанд».[58]

Ҳар кадом аз ин 3 иттиҳод ё урду аз кӯҳҳои Урал то Олтой, яъне бахши ҷанубу ғарбии Сибир, сарзаминҳои вижаи худро доштанд. Раддабандии торихии пайдоиши узбакҳо, қазоқҳо ва қирқизҳо коре сахт душвор аст ва табиист, ки иштибоҳот ва бедиққатиҳои зиёд дар кори муҳаққиқон ворид мешуд. Мушкили аслӣ иборат аст аз набудани маъхазҳои мӯътамади хаттӣ. Ончӣ ба маводи бостоншиносӣ марбут мешавад, он аст ки он ҳам маҳдуд аст ва посухгӯи масоиле ҳамчун давраи пайдоиши шаҷара, қабила, қавм ва он ҳам қавмҳои наздике ҳамчун узбак, қазоқ, қирқиз ва туркман нест. Омӯхтани торихи гузаштаи онҳо ба тaври алоҳида ва ҷудо аз ҳам кори бисёр душвор ва ҳатто ғайри қобили имкон аст. Ин халқҳо дорои решаи ягона, бархости нажодии воҳид ва сохтори комилан ҷадид мебошанд ва ин асли қазия аст.

Тибқи ақидаи аксарияти муҳаққиқони машҳури мардумшиносӣ қазоқҳо ба нажоди ба истилоҳ муғулии Сибири ҷанубӣ тааллуқ доранд. Ҳамчунон ки мардумшиносон таъйид мекунанд, «нажоди муғулии Сибири ҷанубӣ - нажоди дараҷаи дуввуми (дурага) маҳсуб мешавад, ки аз ду нажод - нажоди муғулии аз ҷои дигар омада ва нажоди бостонии урупоии Сибири ҷанубӣ ташаккул ёфтааст».[59]

Теъдоди қирқиз-қазоқҳо табқи саршумории соли 1897 дар

57. Ҳамон ҷо, саф.39.
58. Ҳамон ҷо.
59. Р.к.: Феоктистов А. Асари зикршуда, саф.40.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

тамоми хиттаи Туркистон ба ҷуз Бухоро наздик ба 1 млн. 571 ҳазор нафар буд.[60] Тааҷубовар аст, ки ҳам қирқиз-қазоқҳо ва ҳам қарақирқизҳо дар ибтидои асри 20 худро ба узбакҳо мутааллиқ медонистанд ва пайдоиши худро аз қабилаҳо ва ақвоми дигари тотору муғул, қалмиқу муғул намепазируфтанд.

Ҳамин тавр, иттиҳоди воқеии ҳамаи қазоқҳо дар як ҳукумат танҳо баъд аз истиқрори Ҳокимияти Шӯравӣ сурат гирифт. 26 августи соли 1920 Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистони шӯравии сусиёлистӣ дар доҳили Ҷумҳурии федероли Русияи шӯравии сусиёлистӣ таъсис шуд. Баъд аз марзбандии миллии соли 1924, ба унвони ҷумҳурии мустақил машмули Иттиҳоди Шӯравӣ шуд. Пиромуни таърихи таъсиси Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) дар соли 1924, дар фасли оянда ба таври муфассал сухан хоҳад рафт.

В.А. Ромодин бар ин аст, ки масъалаи замони густариши истилоҳи қавми қирқиз дар Тиён-Шон мубҳам ва баҳсангез аст. Ин истилоҳ, ки акнун ба номи қавми қирқиз итлоқ мешавад, дар гузашта гоҳе маънии дигар дошт; вақте ки дар бораи табаъаи хонҳои қирқизӣ ё қабойили ғайриқирқизӣ, ки тобеъи қирқизҳо буданд, сухан мегуфтанд ин истилоҳ ранги сиёсӣ мегирифт. Дар маъхазҳо сароҳатан ба тағйири маънии калимаи қирқиз ишора шудааст.[61]

Қирқизҳои кунунӣ то соли 1936, яъне то таъсиси Қирқизистони шӯравӣ дар маохизи торихӣ бо номи қарақирқиз ё бурут шинохта мешуданд. Дар қуруни гузашта онҳо сарзаминҳои густрурдаи доманакӯҳҳо ва водиҳои Тиён-Шон, бахши ҷанубии Ҳафтрӯд, навоҳии шимолу шарқии Сирдарё доманакӯҳҳои водии Фарғона ва бахши шарқии Вилояти худмухтори Бадахшони кӯҳистонии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар гузашта ба номи Помир машҳур буд, дар ихтиёри худ доштанд.

Баъд аз тасхири Осиёи миёна тавассути Русияи тизорӣ (подшоҳӣ), русҳо аввалин бор бо бархурд ва ошноӣ бо ин қабилаҳо номҳои зерро ба онҳо доданд: ваҳшиву сангӣ ва ё қирқизҳои

---

60. Туркестанский край, ҷилди 19. саф.36.

61. Материалы по истории киргизов и Киргизии. Шумораи 1. М., Наука, 1973, саф.6.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

сиёҳ.[62]. Ин номҳо дар осори ториxиву адабии то замони Шӯравӣ боқӣ монданд. Қадимтарин тазаккур дар бораи қирқизҳо (хирхиз) дар навиштаҳои Ибни Хурдодбеҳ (қарни 9) ба назар мерасад.[63]

Ҳамон гуна, ки дар маохизи хаттӣ омадааст, қарақирқизҳо дар гузаштаҳои дури таърихӣ давлате мустақил доштаанд, вале баъд таҳти ҳокимияти гунҳо қарор гирифтаанд ва бо унсурҳои гуногуни муғулӣ ва ғайри муғулӣ омехта шудаанд,[64] ва баъд аз муддате тӯлонӣ онҳо ба қабилаҳое аз табори худ (яъне қирқиз-қазоқҳо) мулҳақ шуданд.

Қаблан ва шояд дар ҳоли ҳозир ҳам худи қирқизҳои кунунӣ низ бар ин ақида ҳастанд.

Тибқи саршумории соли 1897 теъдоди куллии қарақирқизҳо дар Туркистони Русия ва аморати Бухоро 535 ҳазор нафар буд, ки 4000 нафари онҳо дар бекигарии Қаротегини Бухорои шарқӣ зиндагӣ мекарданд.[65]

Агар теъдоди куллии қирқизҳо (қазоқҳо) ва қарақирқизҳо (қирқизҳо)-ро дар маҷмӯъ ҳисоб кунем, онҳо дар он замон 2 млн. 106 ҳазор нафар нуфуси Осиёи миёна ва Қазоқистонро ташкил медоданд.[66] Мисоли боризи пайдоиши муштарак доштани узбакҳо, қазоқҳо ва қирқизҳо - боқӣ мондани суннати номгузорӣ то ба ҳол дар байни ин мардум мебошад, ба ҷуз номҳое, ки баъд аз пазируфтани ислом ва ё бо таъсири забони форсии тоҷикӣ пайдо шудаанд.[67] Номҳои зер хеле зиёд истифода мешаванд: Сотиволдӣ - хариду фурӯш, Болта - табар, Тохта - ист, Турсун - бигзор зиндагӣ кунад, Ӯлмас - намемирад, Арслон - шер, Бӯрибой - гург, Туякбой - наъл, Тезек - пахн ва ғайра. Дар натиҷаи омезиши нажодии тоҷикон ба вижа дар манотиқе, ки мардуми туркзабон бештар ҳастанд, аксари номҳои мазбурро тоҷикон пазируфтаанд: Турсунуф, Улмасуф, Бӯрӣ, Туракулуф, Қараюф, Бердиюф ва ғайра.

Туркманҳо ки аз нигоҳи забонӣ ва мардумшиносӣ аз уз-

---

62. Туркестанский край, ҷилди 19, саф. 366.
63. Материалы по истории киргизов и Киргизии. саф. 7.
64. Туркестанский край, ҷилди 19, саф. 367.
65. Туркестанский край, ҷилди 19, саф. 367.
66. Ҳамон ҷо, саф. 368.
67. Ғафуров Олим. Имя и история. Пиромуни номи арабҳо, форсҳо, тоҷикон ва туркҳо. Фарҳанг. М., Наука. 1987.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

бакҳо, қазоқҳо, қирқизҳо ва қабойилу ақвоми дигари тотору муғул фарқ мекунанд, «хешони наздики» қазоқҳо, қирқизҳо ва ба вижа узбакҳо маҳсуб мешаванд. Дар гузаштаи на чандон дури торихӣ, онҳо дар ҳамон сарзамине зиндагӣ мекарданд, ки соли 1924 Ҷумҳурии Туркманистон дар онҷо таъсис шуд. Ба ҷуз он, онҳо дар Аморати Бухоро, вилояти Сирдарёи Туркистон, дар марзҳои хонигарии Хива (ки Русия тасхир карда буд) дар ҳудуди Афғонистон ва Эрон низ зиндагӣ мекарданд. Теъдоди зиёди онҳо дар вилояти Закаспий (Мothervarои Хазар)-и Туркистони Русия сукно доштанд. Тибқи саршумории соли 1897 теъдоди куллии туркманҳо дар устони кулли Туркистони Императории Русия 450000 нафар буд.[68]

Иттилоот ва далойили торихӣ - пиромуни пайдойиши туркманҳо бисёр зидду нақизанд. Тибқи як ривоят, гузаштагони туркманҳо қабойили турк буданд, ки номи куллиашон кангалҳо буд ва онҳо миҳани худ - водии «Иссиккӯл»-ро тарк гуфта, дар поёнобҳои Сирдарё сукно гузиданд ва номи оғуз ё ғузҳоро (оғуз - гови нар) ба худ гирифтанд.[69]

Дар натиҷаи ихтилофҳо ва ҷангҳои дохилӣ бо қабойили дигари турку муғул, онҳо иҷборан ба канорҳои чап ва иддае ҳам ба канорҳои рости поёнобҳои Омӯ кӯч карданд.[70] Ба ҳангоми тасхири Осиёи миёна тавассути русҳо, туркманҳо ҳанӯз сохтори шаҷарайӣ ва тақсимоти қабилайии худро нигоҳ медоштанд. Иттиҳодҳои аслии қабилайии туркманҳо ба шарҳи зер буд: теке (барраи сангӣ), сарикҳо, солориҳо ё салирҳо, ёмудҳо.[71] Иттилооти дигаре вуҷуд дорад, ки тибқи он туркманҳо ба 7 қабила тақсим мешаванд, ки шарҳи он ба қарори зайл аст: теке, чавдорҳо, ёмудҳо, тукленҳо, сарикҳо, солориҳо ё силирҳо.[72] Худи

---

68. Туркестанский край, чилди 19, саф.383.

69. Ҳамон ҷо, саф. 384.

70. Пайдо шудани туркманҳои кӯчнишин дар Сурияи шимолӣ дар маъхазҳои хаттии миёнаи қарни 11 ба назар мерасад. Дар Осиёи сағир қабилаҳои туркман дар селки поёнии қарни 11 ва дар Форс дар қарни 13 пайдо шудаанд. Хонадони Қарақуюнлу (1380-1463) дар Озарбойҷон ва Ироқ ҳукумат кардаанд. Қабилаи туркмании Қоҷор дар наздики Астаробод, дар канораҳои Хазар дар миёнаи қарни 13 сукно гузидааст ва шояд ҳамин боиси ташкили силсилаи Қоҷория (1779-1925) дар Эрон шуд.-Р.М.

71. Туркестанский край. чилди 19, саф. 384.

72. Туркестан. Чопи дуввум, Тошканд, 1910, саф.48.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

вожаи туркманро иддае аз вожаи форсии тоҷикии «туркмонанд» ва иддае аз ибораи туркии «турк мен» (ман турк ҳастам) медонанд.[73]

Дар тавзеҳоти В.В. Бартолд роҷеъ ба пайдоиши турманҳо аз ҷумла омадааст: «Баъзе ривоёт ва номҳои туркманӣ ба робита доштани туркманҳо бо вулуси (ҳукумати) Ҷӯчӣ (Урдуи тиллоӣ) ишора мекунанд вале иттилооти мушаххасе дар бораи ин робита боқӣ намондааст. Туркманҳо чун давлати худро надоштанд, зоҳиран гоҳе аз шоҳи Форс, гоҳе аз хони Хива ва гоҳе аз амири Бухоро тобеъият мекарданд.»[74]

Туркманҳо, ки сарзамини байни Осиёи миёна ва Эронро ишғол карданд, равобити байни мардумони ориёӣ, бумиёни Осиёи миёна - тоҷикон ва эрониёнро аз ҳам пошиданд. Баъд аз он ки амири Бухоро - Масъуд дар охири қарни 18 ва ибтидои қарни 19 тоҷиконро аз сарзамини фавқуззикр ба Бухорову Самарқанд муҳоҷир кард, шаройити мусоиде барои туркманҳо ҷиҳати кӯчидан ба он ҷо фароҳам омад (сарикҳо дар солҳои 1790-91 ва теке дар соли 1834).[75]

Яке аз авомили аслӣ, ки боиси ҷудо шудани тадриҷии тоҷикон аз сойири қавмҳои эронӣ гардид, вуҷуди равияҳо ва мазҳабҳои гуногуни исломӣ мебошад. Ҳамчунон ки ошкор аст, мардуми Ироқ, иддаи зиёде аз мардуми Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва Чин пайрави мазҳаби шиа ҳастанд. Мусалмонони шимол ва ҷануби Қафқоз (Озарбойҷон, бахше аз осиҳо ва гурҷиҳо), Бадахшони кӯҳистонӣ (исмоилиён) ҳамчунон аз аҳли ташайюъ маҳсуб мешаванд. Тақсими мазҳабҳо аз қарнҳои аввалияи ривоҷи ислом пайдо шуда буд. Вале тоҷикон баъд аз нуфузи ислом ба Осиёи миёна, ба мӯҷиби ҳаводиси торихӣ, ки баҳси он феълан аз муҷоли баҳси мо берун аст, пайрави мазҳаби суннӣ

---

73. Туркестанский край, ҷилди 19, саф.384.

74. Бартолд В.В. Место Прикаспийских областей в истории мусульманского мира. - Баку, 1924, саф.32.

75. Андреев Н.С. По этнографии таджиков. - Дар китоби: Таджикистан. Маҷмӯаи мақолот, Тошканд, 1925, саф. 156. Беҳтарин пажӯҳиш роҷеъ ба торихи туркманҳо китоби: Очерки истории туркменского народа, таълифи В.В. Бартолд аст, ки бори аввал соли 1929 ва баъд соли 1962 ба забони англисӣ (тарҷумаи В. ва Т. Минорскийҳо) чоп шудааст. Руҷӯъ кунед: В.В. Бартолд. Куллиёт, ҷилди 2(1), М.; Наука, 1963, саф. 545-623. -Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

шуданд. Ихтилофоти мазҳабӣ байни сунниён ва шиъиён дар давраҳои муайяни рушди иҷтимоъӣ ва иқтисодии кишварҳои Осиёи марказӣ, аксари авқот ба кашмакашҳо ва бархурдҳои хунӣ мунҷар мешуд. Ихтилофоти мазҳабӣ ба муносиботи мутақобили кишварҳои мусулмони ин минтақа низ таъсироти манфӣ ворид сохт.

Чунон ки маълум аст, тоҷикон пайрави мазҳаби ҳанафӣ (гирифташуда аз номи Абӯҳанифа мутаваффо дар соли 767, бунёдгузори ин мазҳаб, ки дар қарни 8 дар шаҳри Куфаи Ироқ пайдо шудааст)[76] ҳастанд. Муносиботи сиёсӣ ва мазҳабӣ байни ҳокимони Эрону Ироқ дар тӯли қуруни мутамодӣ то ҷанги ахири Эрону Ироқ, ки боиси куштори милёнҳо нафар шуд, ҳамеша сард будааст. Ин омил ва авомили дигар (аз ҷумла ҷудо будани Осиёи миёна аз ҳанафиёни дигар - Анатолий, Балкан, Қафқози шимолӣ, соҳилҳои баҳри Сиёҳ, Индонезӣ, Ироқ) ба вижа баъд аз нуфузи тотору муғул дар қарни 13, ба ҷудо шудани тоҷикон аз ҳаммазҳабиёни ҳанафии худ мусоидат кард.

Агар қаблан омили мазҳабӣ боиси ҷудоии мардумони эронӣ буд, акнун дигар ҷудоии ҷуғрофиёйӣ низ ба он афзуда шуд.

Баъд аз тасхири Осиёи миёна тавассути русҳо ва карордоди мунъақида байни Русия ва Англис дар соли 1895, қавмҳо ва қабилаҳои турку муғул аз ҳама тараф - аз шимол, аз ғарбу ҷануб ва аз шарқ, тоҷиконро комилан дар муҳосира қарор доданд. Баъд аз ин, тоҷикон ба ҳукми торих, дар ибтидо ба таври ғайритабиӣ ва баъдан ба таври иҷборӣ бо мардуми турකзабони Осиёи марказӣ ҳамгун шуданд.

Тақрибан ҳамин гуна вазъият дар робита бо қавми тоҷик баъд аз марзбандии миллӣ соли 1924 низ ҷараён дошт. Тоҷиконро ҳам аз назари идорӣ ва ҳам аз назарии ҷуғрофиёйӣ мунзавӣ (ҷудо) карданд. Ҳатто он робитаи каме ки дар ибтидои ташаккули давлатҳои Узбакистон ва Тоҷикистон вуҷуд дошт, дар солҳои баъд ба хотири сиёсати вижаи роҳбарони вақти Узбакистон, аз байн рафт. Сиёсати муҳоҷир кардани мардуми узбакзабон ва истиқрори иқтисодии онҳо аслан дар манотиқи марзии ду киш-

76. Ислам. Энциклопедический словарь. М., Наука, 1991, саф. 273.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

вар, байни Тоҷикистону навоҳии тоҷикнишини Узбакистон (масалан байни Самарқанду Панҷканд, водии Ҳисор ва вилояти Сурхандарё, ноҳияи Шаҳритузу Тирмиз ва ғайра) пиёда карда мешуд.

Хатти ҳавоӣ байни шаҳрҳои Самарқанд - Душанбе ва Бухоро - Душанбе ба тадриҷ ихтисор ва ниҳоят комилан боздошта шуд.[77] Дар солҳои ахир хатҳои утубус ки робитаи шаҳрҳо ва навоҳии ду кишварро барқарор мекард, ба таври маснӯъӣ ва бо ҳадафҳои иқтисодиву сиёсӣ мутаваққиф шуд. Ин ҳама, албатта, равобити хешу таборӣ, фарҳангиву иқтисодии тоҷикони бумии Узбакистон ва Тоҷикистонро суст мекунад. Ин гуна сиёсат танҳо бо як ҳадаф амалӣ мешавад: роҳ надодан барои ба ҳам наздик шудани тоҷикон, нигоҳ доштани рушди худшиносии миллии онҳо, маҳрум намудани онҳо аз ҳисси ваҳдат ва пуштибонии ҳамдигар. Чунин робитае бо ҷумҳуриҳои дигари Осиё миёна ва Қазоқистон низ вуҷуд надорад.

Дар осори таърихӣ, ки русҳо ва муҳаққиқони урупоӣ дар бораи тоҷикон таълиф кардаанд, гуфта мешавад, ки тоҷикон дар муқоиса бо қавмҳои дигар, ки дар ҳоли ҳозир дар Осиёи миёна зиндагӣ мекунанд, наслҳои мустақими қадимтарин бумиёни ин сарзамин ҳастанд, ки дар ин ҷо аз давраҳои моқабли торих зиндагӣ мекарданд. Роҷеъ ба пайдоиши вожаи тоҷик муҳаққиқони кунунӣ, муаррихон, забоншиносон, мардумшиносон ақидаи муштарак надоранд. Бояд гуфт ки вожаи тоҷик дар фарҳангҳои қуруни вустоӣ (асрҳои миёнагӣ) шарҳ шудааст. Садруддин Айнӣ бар ин ақида аст, ки иллати ба тарзҳои мухталиф тавзеҳ ёфтани ин вожа он аст, ки муҳаққиқон дар ин фарҳангҳо маънии ҳои гуногун ва нодурусти онро истифода кардаанд. Садруддин Айнӣ ба натиҷаҳои зерин мерасад:

1) Вожаи тоҷик ба қавме итлоқ мешавад, ки ба забони форсӣ сухан мегӯяд ва дар ибтидо дар мавриди мардуми форсизабони Осиёи миёна ва Хуросон ба кор рафтааст.

2) Мардуми форсизабони Осиёи миёна ва Хуросон ки аз замонҳои қадим бо номи тоҷик хонда мешуданд, мардуми бумии

77. Ҳарчанд намояндагони расмии Ҷумҳурии Узбакистон чанд дафъа ваъда доданд, ки аз баҳори соли 1994 хутути ҳавоии Душанбе-Самаканд ва Душанбе-Бухоро дубора барқарор карда мешавад, вале ин кор амалӣ нашуд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ин марзу бум ҳастанд ва муҳоҷир нестанд. С. Айнӣ бо натиҷагириҳои худ, ин таъбир ки гӯё истилоҳи тоҷик аз забони арабӣ ба вуҷуд омада ва дар солҳои 40 ройиҷ будро комилан нафӣ мекунад.

Муҳаққиқон Р. Маҳмадшоюф ва У. Обидуф менависанд: «С. Айнӣ дар охирин фасли мақолаи худ (С. Айнӣ. Маънии калимаи тоҷик, тавзеҳи он дар фарҳангҳо, истеъмоли он дар осори муаллифони шарқӣ ва торихи пайдоиши ин калима. 1943. тарҷумаи русӣ) умдатан аз шарҳи омиёнаи ин вожа ҳимоят мекунад, ки калимаи тоҷик аз вожаи тоҷ ва ё-и нисбӣ ва кофи масдарӣ сохта шудааст (тоҷ + и -и нисбӣ + к - исмсоз). С. Айнӣ мисоле мезанад, ки вожаи «тоҷӣ»-ро ба ҳар чиз ки ба калимаи тоҷ муносибат дорад, метавон итлоқ кард; вале вақте хостаанд, ки аз ин вожа исме хос баро мардуми мутамаддине, ки ба форсӣ ҳарф мезанад, дуруст кунанд, бад-он пасванди масдарии к-ро афзудаанд ва калимаи тоҷик ҳосил шудааст.[78]

Хулоса, таъбири ройиҷтар он аст, ки калимаи тоҷик аз вожаи тоҷ сохта шудааст. Таъбири дигар он аст, ки калимаи тоҷик баъд аз тасхири Осиёи миёна тавассути аъроб ва нуфузи қабилаҳои турку муғул пайдо шудааст. Баъд аз ин мардуми бумиро «тозик» ё «тозӣ» (ба маънии араб) мехонданд.[79]

Шояд таъбири нахусти пайдойиши калимаи тоҷик (аз вожаи тоҷ) таъбире қонеъкунанда бошад. Муҳаммади Тӯсӣ мунаҷҷим ва сайёҳи машҳури қарни 12 дар «Аҷоибул-махлуқот ва ғаройибул-мавҷудот» нақшаи ҷуғрофиёйии Осиёи миёнаро тарсим кардааст. Дар ҳошияи тасвири шаҳрҳо, рӯдхонаҳо, номҳои ҷуғрофиёйӣ, тасвири ду одам низ оварда шудааст, ки яке зан ва дигаре мард аст ва ҳар ду даст ба дасти ҳамдигар рост

78. Муҳаммадшоюф Р., Обидуф У., С. Айнӣ дар бораи пайдойиш ва маънии истилоҳи «тоҷик». Ахбори Академияи улуми ҶШС Тоҷикистон, Шӯъбаи улуми иҷтимоӣ. Шумораи 2(100), 1980, саф.92-93.

79. Бартолд В.В. Таджики. Дар китоби: Таджикистан, маҷмӯаи мақолот, Тошканд, 1925, саф. 98. Агар ривояти дуввумро дар бораи пайдойиши номи қавми тоҷик ба назар бигирем, пас тибқи гуфтаи муаллифи «Худудул-олам» дар охири қарни 10 навоҳии бузурги тоҷикнишин (тозиён) дар ҳудуди Афғонистон дар минтақаҳои Ҳирот ва дар ҳудуди Эрон дар минтақаи Кошон мутамаркиз шудааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

истодаанд. Онҳо бар сар тоҷҳои кунгурайӣ доранд.[80] Соли 1987 дар Тоҷикистон тоҷи бириҷӣ (ки бостоншиносон онро тоҷи дурахшон номидаанд) ёфт шуд, ки ҳоло дар музеи пажӯҳишкадаи торих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Аҳмади Дониши Академияи улуми Тоҷикистон маҳфуз аст.[81]

Дар байни худи мардуми тоҷик, калимаи тоҷик ба маънии тоҷ низ истеъмол мешавад ва ба одаме итлоқ мегардад, ки дар ҷомеа мавқеи муносиб дорад ва сарбаландона зиндагӣ мекунад. Дар байни тоҷикон ба вижа тоҷикони кӯҳистонӣ номҳои Тоҷ, Тоҷак, Тоҷиддин, Тоҷбахт, Тоҷбахш бисёр ройиҷ аст.[82]

Табиист, ки шояд ин пурсиш пайдо шавад, ки вожаи «тоҷик» барои аввалин бор кай мавриди истифода қарор гирифт ва кай ин калима ҳамчун истилоҳи қавмӣ дар Осиёи марказӣ ройиҷ гардид? Беҳтарин посух ба ин пурсишро мо дар осори нависанда ва олими машҳур Садруддин Айнӣ (1878-1954) пайдо кардем, ки ӯ бунёнгузори адабиёти тоҷик баъд аз инқилоби Октябр (1917) аст ва осори худро ба забонҳои тоҷикӣ, узбакӣ ва русӣ мунташир кардааст. Ӯ менависад: «Дар тӯли умрам ман китобҳои зиёд таълиф кардаам ва ҳамаи онҳо як мавзӯъро дар бар мегиранд ва аз як мавод таркиб шудаанд. Ҳамаи ин китобҳо дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон, кишвари кӯҳистонии ман, дар бораи Помир - яке аз баландтарин чакоди дунё, дар бораи зодбуме, ки дар гузашта урдуҳои мутааддиди муҳоҷимон поймолаш кардаанд, дар бораи фарзанди ин сарзамин аст, ки дар қарни 8 милодӣ номи тоҷикро ба ӯ додаанд».[83]

С. Айнӣ донандаи хуби адабиёти қуруни вустои (қарнҳои миёнаи) тоҷику узбак, чеҳраи саршинос дар байни мустаршриқини ҷаҳонӣ, дар муайян кардани замони пайдоиши номи қавми худ наметавонист иштибоҳ кунад. Донишмандони бузурге ҳамчун академик В.В. Бартолд, Саид Нафисӣ, А.А. Семенов, Б.Ғ. Ғафуров, А.М. Мирзоюф ва дигарон ақидаи ӯро тарафдорӣ ме-

---

80. Аҷойибул-махлуқот ва ғаройибул-мавҷудот. Муҳаммад ибни Маҳмуди Тӯсӣ. Тасҳеҳи дуктур Манучеҳри Сутуда. Теҳрон, 1966, саф. 202.

81. Древности Таджикистана. Каталог выставки. Душанбе, Дониш, 1985, саф. 249,193. Тасвири он тоҷ даар муқоваи китоб оварда шудааст.

82. Ғафуров Олим. Имя и история. Пиромуни номи аъроб, форсҳо, тоҷикон ва туркон. саф. 193.

83. С. Айнӣ. Судьба одного народа. М., Новое время, шумораи 45, 1951, саф.7.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

карданд.[84] Ба таври хулоса, истилоҳи тоҷик бори нахуст аз қарни 8 пайдо шудааст.

Тақрибан ҳамаи пажӯҳишгарон ба вижа мусташриқини русӣ аамм аз муаррих, забоншинос, мардумшинос, ҷуғрофидон, заминшинос, гиёҳшинос, ки вазъияти мардуми тоҷикро дар қуруни вусто ва пас аз он мавриди баррасӣ қарор додаанд, ба як далели мусаллам ишора мекунанд, ки ба ҷуз тоҷикон, сойири мардумони Осиёи миёна мардуми муҳоҷир ҳастанд ва мардуми ғайрибумии минтақа маҳсуб мешаванд.

Баъд аз фурӯпошии давлати якпорчаи Сомониён (тоҷикон), ки бештар аз 100 сол (қарнҳои 9-11) побарҷо буд, тоҷикон дигар натавонистанд давлати миллии худро эҷод кунанд. Онҳо маҷбур буданд дар сарзамини давлатҳое, ки туркон ва муғулон дар Осиёи миёна ташкил медоданд ба сар баранд. То миёнаҳои қарни 19 тоҷикон мисли сойири қавмҳои минтақа ба таркиби се давлати Осиёи миёна шомил буданд: хонигарии Хива ва Қӯқанд ва аморати Бухоро. Баъд аз тасхири Осиёи миёна аз тарафи русҳо, тоҷикон бар зиндагии худ дар Туркистони рус ва аморати Бухоро идома доданд. Дар Туркистони рус тақрибан 7 дар сади аҳолии вилоят тоҷикҳо буданд.[85] Тибқи омори ғайрикомили саршумории соли 1897, теъдоди куллии тоҷикон дар тамоми Осиёи миёна 750000 нафар ё наздики 9 дар сади тамоми аҳолии минтақа буд.[86]

Тибқи навиштаи А. Шишов дар «Туркестанские ведомости» (соли 1906, шумораи 45), теъдоди тоҷикон мувофиқи саршумории нуфуси соли 1897 дар вилоёти Туркистон 519200 нафар, ба вижа дар вилояти Самарқанд 217000 нафар, вилояти Фарғона 172000 нафар, вилояти Сирдарё 130000 нафар буд. Теъдоди куллии тоҷикон дар сарзаминҳои русии Осиёи миёна 519000 нафар буд.[87]

Теъдоди куллии тоҷикон дар аморати Бухоро ба изофаи Бухорои шарқӣ, шомили навоҳии Рӯшон, Шуғнон, Вахон 358000 нафар буд. Бинобарин теъдоди куллии тоҷикон дар тамоми Осиёи

84. Мирзоюф А.М. Рудаки, жизнь и творчество. М., Наука 1968.
85. Туркестанский край, ҷилди 19, саф. 404.
86. Ҳамон ҷо. саф. 405.
87. Шишов А. Таджики. Религия и обряды. Маҷаллаи: Средняя Азия, Тошканд, 1911.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

миёна 1 млн. 830000 нафар буд.[88]

Ҳамчунон ки дар арқоми фавқуззикр дида мешавад, теъдоди куллии тоҷикон дар ибтидои қарни 20, сарфи назар аз ҷараёнҳои табиӣ ва иҷбории ҳамгунсозӣ дар муқоиса бо ақвоми туркзабони Осиёи миёна аксариятро ташкил медод. Вале баъд аз чаҳоряк қарн, дар соли 1924, дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ тоҷикон ба ҳайати қавмҳои аслии Осиёи миёна шомил нашуданд. Гуфтаҳои В.И. Ленинро роҷеъ ба нуқтаи назарҳо дар бораи лоиҳаи қарори Кумитаи марказӣ пиромуни вазифаҳои Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия дар Туркистон, ба хотир меоварем, ки дар он ба лузуми додани имконот ба гурӯҳҳои миллии Туркистон барои таъсис ҷумҳуриҳои худмухтор ва ба ақалиятҳои миллӣ (эҳтимолан тоҷикон низ аз ақалиятҳои миллӣ маҳсуб мешуданд), барои таъсиси комунаи миллӣ сароҳатан ишора шудааст. Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон мутааҳид мешавад, ки кунгураи шӯрои заҳматкашони узбакҳо, қирқизҳо ва туркманҳоро баргузор ва сохтори идории онҳоро муайян намояд.[89]

Дар гуфтаҳои В.И. Ленин ба вижа бад-ин нукот ишора мешавад: 1) «Дастур дода шавад то нақшаи Туркистони тақсимшуда бар узбакия, қирқизия ва туркмания таҳия шавад; 2) Шеваҳо ва роҳҳои тақсим шудани ин 3 бахш ба таври дақиқ таъйин карда шавад».[90]

«Лоиҳаи вазъияти Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравӣ » боиси чунин тасмими Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия, дар бораи вазифаҳои ин ҳизб дар Туркистон гардид, ки 23 маи 1920 ҳайати намояндагии Туркистон шомили Рискулов, Хоҷаюф ва Бек-Иванов ба он Кумита пешниҳод карда буд. Дар лоиҳаи мазкур эҷоди як давлати якпорчаи мустақили турк бар мабнои иттиҳоди ҳамаи қавмҳои туркзабони Осиёи миёна ва Қазоқистон пешниҳод шуда буд. Ҳамчунин қасди пантуркистҳо на танҳо боиси нигаронии роҳбарони Ҳизби болшевикӣ балки пешвои онҳо - барпокунандаи Давлати шӯравӣ - В.И. Ленин гардид. Зеро иттиҳоди қавмҳои

88. Ҳамон ҷо.
89. Ленин В.И. Куллиет, ҷилди 41, саф.544.
90. Ҳамон ҷо, саф. 436.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

туркзабони Осиёи миёна дар як давлат ва эҳтимоли пайваст шудани сойири қавмҳои турку муғули Сибир ва сарзаминҳои атрофи Волга ба онҳо, хатаре марговар ҳам барои болшивикон ва Ҳокимияти Шӯравӣ ва ҳам барои тамоми Русия маҳсуб мешуд.

Посух бад-ин пурсиш, ки чаро В.И. Ленин дар мулоҳизоти худ аз тоҷикон ёдовар нашудааст, чунин аст, ки В.И. Ленин дар бораи мавҷудияти он узбакҳо, қирқизҳо ва туркманҳо ки сухан мегӯяд, тасаввуроте надошт. Ва низ ҳеч далеле вуҷуд надорад, ки чунин бипиндорем В.И. Ленин нисбат ба қавмҳои туркзабони Осиёи миёна таваҷҷӯҳи бештаре дошт, то ба тоҷикон. Ба ҳар сурат мулоҳизоти ӯ дар ҷараёни марзбандии миллии соли 1924 нақши муҳимме бозӣ кард; ба ҷои як давлати нерӯманд ва якпорчаи туркӣ чаҳор ҷумҳурии кӯчаку бузург ва барои Шӯравӣ ва Русия беҳатар ба вуҷуд омад. Дар воқеъ ҳақро ба гузаштагон бояд дод, ки гуфтаанд: Тақсим куну ҳукумат кун. Ва он чи аз ин тақсимот ба тоҷикон расид, ба ҳама маълум аст: кӯҳҳои пурбарфу водиҳои танги безамин.[91]

Дар ин робита, мехоҳам аз Н. Павлов нақли қавл кунам ки хеле бар қалби одам асар мегузорад «Баъд аз юруши Тимучин (Чингизхон) зарбае сахт ба миллати эронӣ ворид шуд. Бояд мунсифона иқрор кард, ки дар ҳоли ҳозир тоҷикон мардуми аз ҳама ҷонсахттаранд; ба ин қавми нодир зарбаҳои зиёд ворид шудааст; вале кофӣ буд, ки ба тоҷикон каме фурсати танаффус бидиҳанд ва онҳо дубора ҷон мегирифтанд. Ин сатрҳоро ман вақте менависам ки мо дар остонаи эҳёи нави ин миллати гаронмоя ва ҷонсахт қарор дорем, ки то ин замон ин миллат беҳадаф зиндагӣ мекард ва ин натиҷаи се зарбае буд, ки Темучин, Темур ва узбакҳо ворид сохта буданд».[92] Ду зарбаи фоҷиабортарро ба он се изофа мекунем, ки яке марзбандии миллии соли 1924 ва дигаре ҷанги бародаркуши соли 1992 мебошад, баъд аз он мо тоҷикон муддати дароз наметавонем ба иттиҳоди милливу арзӣ ва яго-

---

91. Ҳамон тавр ки маълум аст, 93 дар сади сарзамини Ҷумҳурии Тоҷикистони шӯравии сусиёлистии собиқро (ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон) минтақаҳои кӯҳистонӣ ва танҳо 7 дар сади онро водиҳои танг ташкил медиҳанд, ки саросар пахта кишта шудааст. Дар сойири заминҳои ноҳамвор мисли боздоштгоҳҳо бештар аз 5 млн. нафар зиндагӣ мекунанд.-Р.М

92. Павлов Н. История Туркестана. Тошканд, 1910, саф.11.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

нагӣ даст биёбем. Н. Павлов ҳамаи фоҷиа ва дарди мардуми тоҷикро бо нуфузи турку муғулҳои муҳоҷир ва наслҳои ояндаи онҳо дар симои пантуркистҳо, шовинистҳои минтақаӣ марбут медонад, ки гоҳе бо нафрат ва гоҳе бо ҳасад ба тоҷикон, ба вижа ба фарҳанги бостонӣ ва пурғанои онҳо нигоҳ мекарданд. Ҳамкорони узбаки мо ҳамеша дар баҳси илмиву торихии «кӣ кӣ ҳаст» (яъне пайдоиши нажодӣ) наметавонистанд далелҳое мӯҳкам пешниҳод кунанд ва мағлуб мешуданд ва муддаъӣ буданд, ки тоҷикон турконе мебошанд, ки забони форсиро пазируфтаанд. Гӯё дар байни аъробе ки Осиёи миёнаро тасхир карданд, форсҳо низ буданд. Нахуст он ки марзҳои торихӣ ва хостгоҳи қабилаҳои турку мӯғул, ба вижа вулусҳои собиқи узбакҳо ҳеч гоҳ мавриди тасхири аъроб қарор нагирифта буд.[93] Дуввум он ки бохтариён, хоразмиён ва суғдиён ба гӯйишҳои наздик ба забони форсӣ ҳарф мезаданд. Ин наздикии гӯйишҳо боиси зуд пазируфтани забони комилтари форсӣ (тоҷикӣ) гардид. Далелҳо ва намунаҳои фолклории баҷомонда шаҳодат медиҳад, ки то тасхири арабҳо мардуми Бохтар ва Суғд тақрибан бо як забон ҳарф мезаданд ва тафовутҳое ночиз дар гуфтори онон вуҷуд дошт.

Ибни Ҳавқал дар китоби машҳури худ «Суратул-арз» менависад: «Мовароуннаҳр, ки машмули Фороб, Суғд, Самарқанд, Хоразм ва воҳаҳои ҳавзаи рӯди Ҷайҳун аст, кишвари туркон нест ва мардуми сарзаминҳои мазбур турк нестанд».[94] Ҳатто як назари сатҳӣ ба номҳои кӯҳҳо, водиҳо, рӯдхонаҳо, шаҳрҳо ва маҳаллоти маскунии Осиёи миёна, нишон медиҳад, ки дар гузашта ин сарзамин ба вижа маҳаллоти кӯҳистонӣ ба ақвоми турку муғул тааллуқ надоштанд ва ба ҳеч як аз гӯйишҳои забони туркӣ такаллум намекарданд. Номҳои ҷуғрофиёйии Осиёи миёна, ки дар зер оварда мешавад, бозгӯкунандаи он аст, ки онҳо

93. Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобир ал-Балозурӣ. Тасхири Хуросон. (Гирифташуда аз «Футӯҳул-булдон»). Тарҷума аз арабӣ, пешгуфтор ва тавзеҳоти Ғ. Ғоибова. Душанбе. Дониш, 1987.

94. Viae et regna, Descriptio ditionis mostemical austore Abulkasim ibn Haukal. Ed. M. Ide Goeje Lugdun; Batavorum, 1873 (BGA,11). Ибни Ҳавқал (қарни 10) арабзода буд ва ӯро наметавон ба хушбинӣ ва ё бадбинӣ нисбат ба туркҳову тоҷикҳо муттаҳам кард.-Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

решаи бостонии тоҷикиву эронӣ доранд.[95]

Номи кӯҳҳо ва дараҳо: Помир, Ҳиндукуш, Ховак, Бутан, Сурхон (Сурхандарё), Шовдор.

Номи рӯдҳо: Ому (Омударё), Ҷайҳун-Гайҳун, номи бостонии Вахш, Сирдарё, Вахш (Сурхоб), Чорёб, Вахоб, Рӯдак, Андароб, Панҷ, Охшу, Оби Гарм, Кумруд, Наҳомрӯд, Пуроб, Чорҷӯй, Зарафшон, Ҳафтрӯд, Искандаркӯл, Пайкон, Рӯди Шош (Чоч).

Номи шаҳрҳо ва маҳаллот: Бадахшон, Тахорон, Балх (Бохтар), Рудак, Бомиён, Рашт, Кофарниҳон, Вишгард, Қубодиён, Омул, Навбаҳор, Куҳандиз, Чармонгон, Регдашт, Шеробод, Андиҷон, Бухоро, Самарқанд, Марғиён, Шопургон, Форёб, Миёна, Берун, Афросиёб, Кеш, Сангдиз, Панҷканд, Ёркат, Офаринкат, Рев, Хоразм, Кӯшки Муғон, Пайканд, Навканд, Осиёб, Регистон, Мохрӯз, Хонгоҳ, Висар, Варманд, Нур, Бардод, Заргарон, Марзин, Навкадак, Ромин, Разнон, Сакон, Юмгон, Кашмихон, Боғобод, Абевард, Дарун, Сурхкат, Тороб, Хартанг, Худобод, Шокон, Суғдбил, Урганҷ, Гургонак, Сакокат, Бағдодак, Себ, Ҷигарбанд, Ахсикат, Хучистон, Деҳнав, Шош-Чоч, Уштуркат ва бисёри дигар.

Муддатҳо пеш собит ва мусаллам шудааст, ки ҳама номҳои таърихӣ ва ҷуғрофиёии Осиёи миёна аз нигоҳи пайдоиш тоҷикӣ ва эронӣ ҳастанд. То замони Аббосиён (қарни 8-13 мелодӣ) мо ҳатто як номи ҷуғрофиёии туркӣ дар ин сарзамин пайдо накардем. Он таъбири дурӯғин, ки гӯё тоҷикон, туркони форсипазируфтаанд, қобили ҳеч нақду баррасӣ нест. Дар ин сурат, пурсише матраҳ мешавад, ки чаро дар давлатҳои туркӣ, ки забони тоҷикӣ (форсӣ) дар тамоми давраи мавҷудияти онҳо то эҷоди Ҷамоҳири Шӯравӣ забони ҳоким (расмӣ) буд, мардуми туркзабон ба тоҷикзабон (форсизабон) ё тоҷик табдил нашуданд?

Хостгоҳи забони муосири тоҷикӣ (форсӣ), Осиёи марказӣ ба вижа навоҳии Хуросон, Бохтар, Суғд буданд ва ҳастанд. Решаҳои ин забон ҳамроҳ бо забонҳо ва гӯйишҳои тоҷикиии бостонӣ (забонҳои эронии бостон) дар Бадахшон, Зарафшон ва дигар манотиқи кӯҳистони Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамҷаво-

95. Дар осори Маликушшуаро Баҳор - шоир ва донишманди машҳури эронӣ, Ричард Фрай - эроншиноси машҳури амрикоӣ, профессор А.З. Розенфелд - муҳаққиқи рус ва дигарон дар ин бора маълумоти мӯътамад оварда шудааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

худашон мегӯянд - қазоқ, дар он замон (яъне қарнҳои 15-16) ҳеҷ рабте бо хостгоҳи Бобур ва Навоӣ надоштанд. Пас, ба ҳар сурат истилоҳи сортро қирқизҳо насохтаанд.

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки вожаи сорт дар осори қабл аз ҳамлаи муғул мушоҳида намешавад ва онро нахустин бор муғулҳо ба кор бурдаанд. Тибқи гуфтаҳои Рашидуддин (қарнҳои 13-14 -Р.М.) муғулҳо вожаи сартактайро ба маънии тоҷик истифода мекарданд».[99]

Мо ба ҷуз мувофиқ будан бо Бартолд, чорае дигар надорем ва ҳаминро изофа мекунем, ки дар торихномаи муғулӣ истилоҳи тазик дида намешавад. Вале муодилҳои он сартаул ва ё сартугул, яъне сорт истифода шудааст.[100] Ҳамзамон В.В. Бартолд бо далели қотеъ собит кард ки «вожаи сартаул ва сартактай аз решаи сарт (сорт) сохта шудааст».[101] Ва ӯ боз менависад: «Узбакҳо, ки дар ибтидои қарни 16 мустаъмароти (мустамликаҳои) темуриёнро тасхир карда буданд, аз гиройишҳои миллӣ ва фарҳангӣ бегона буданд ва ба тафовути турку тоҷик низ таваҷҷӯҳ намекарданд. Сортҳо дар қиболи узбакҳои истилогар ва муттафиқони кӯчнишини онҳо, мардуми муқимӣ (ғайрикӯчнишин) буданд. Абулғозӣ (қарни 17) сортҳоро дар муқобили узбакҳо ва туркманҳо танҳо шаҳрнишинони Осиёи миёна медонад ва аз «қизилбошҳо» (форсҳо) ҷудо мекунад».[102] Баъдтар ин ном ба рустонишинон ва шаҳринишинони Осиёи миёна итлоқ мешуд (нисбат дода мешуд), ки аз дер замонҳо тоҷикон аз ҷумлаи онҳо маҳсуб мешуданд. Хеле баъдтар дар натиҷаи омезиш ва ҳамгуншавии тоҷикон бо ақвоми кӯчнишини турку муғул, гурӯҳҳои нажодии сершумори муқимӣ ба вуҷуд омаданд, ки вобаста ба маҳалли иқомат ва зиёду кам будани ин ё он миллат ба забони тоҷикӣ ё туркӣ такаллум мекарданд.

А.Д. Гребенкин дар рисолаи мардумшиносии «Тоҷикон»

---

99. Бартолд В.В. Куллиёт, ҷилди 2, М., Наука, 1964, саф. 304.

100. Рашидуддин. Маҷмӯаи торихномаҳо. Ҷилди1, китоби 2. Тарҷума аз форсӣ А.И. Смирнова, ҳавошии Б.И. Панкратова ва А.И. Смирнова. М., Л., Интишороти Фарҳангистони улуми Итиҳоди Шӯравӣ, 1952, саф.67.

101. Бартолд В.В. Куллиёт, ҷилди 2, саф.312.

102. Ҳамон ҷо, саф. 313.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ҳангоми тавсифи тоҷикони водии Зарафшон, минтақаҳои зисти мардуми бумии Осиёи миёнаро нишон медиҳад:

«Бо тасарруфи шаҳрҳои Туркистон (соли 1864) мо ба кишвари тоҷикон ворид шудем ва ҳар чӣ амиқтар ба шарқу ҷануб ҳаракат мекардем, тоҷикон ба ҳамон андоза бештару бештар ба назар мерасиданд, ниҳоят дар риштакӯҳҳои Тиёншон, ки рӯдҳои Чирчиқ, Ангрен, Сирдарё, Оқсу ва Зарафшон аз он сарчашма мегиранд, тоҷикон бар туркон фузунӣ доранд ва дар баъзе минтақаҳо танҳо қавми тоҷик бидуни омезиш бо қавми дигар ба сар мебаранд. Хулоса, дар тӯли 6 сол мо русҳо имконияти хубе барои омӯхтани боқимондаҳои бошандагони бостонии Осиёи миёна, ҷиҳати пажӯҳиши шаклгирии ин қабила доштем, ки замоне бахши аъзами Осиёи миёнаро дар даст доштанд ва намояндаи тамаддуни тамоми ҷаҳон маҳсуб мешуданд».[103]

Ҳамин тавр, А.Д. Гребенкин минтақаҳои буду боши нажодии (этнографии) тоҷиконро аз сеяки охири қарни 19 бадин тараф хеле дақиқ таъйин мекунад. Ӯ мутазаккир мешавад, ки дар ҳавзаи Зарафшон тоҷикон 3 ном доштанд: номи куллӣ - тоҷик, номи вижа барои тоҷикони ҳавзаи Марв тад ва сорт ки туркон ба лаҳни таҳқиромез ба тоҷикон мегуфтанд.[104]

А.Д. Гребенкин менависад: «Туркманҳо тоҷиконро «тад» мегӯянд. Аҳли шаҳри Марв (наздики шаҳри имрӯзии Марви Ҷумҳурии Туркманистон.-Р.М.), ки амири Бухоро Шоҳмуродхон ба Бухоро оварда буд, худро тад ва эронӣ мегӯянд. Онҳо мегӯянд: Мо аз насли тад ва қабилаи форсӣ ҳастем. Тадҳо дар Марв ҳамон нақшро доштанд, ки тоҷикон дар Самарқанд, Бухоро ва шаҳрҳои дигари Осиёи миёна. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки аз ҳамаи марвиёни Самарқанд танҳо тадҳо ба забони форсии маъмул сухан мегӯянд ва шуғлу шаклашон бо тоҷикон муштарак аст».[105]

А.Д. Гребенкин хабар медиҳад, ки дар замони ӯ, дар ҳавзаи Зарафшон - тоҷикон дар 52 русто ва 5 шаҳр зиндагӣ мекарданд: Самарқанд, Ургут, Каттақӯрғон, Панҷакант ва Панҷшанбе. «Тоҷикони кӯҳистон аз Сӯҷинаву Ургут ба сӯи шарқ, ба самти

---

103. Русский Туркестан, шумораи 2, М., 1872, саф. 1.
104. Ҳамон ҷо, саф. 1.
105. Ҳамон ҷо, саф. 2.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

болооби Зарафшон ва шохаҳои он фазои зисти яксон доранд».[106]

Сортҳо дар тӯли торихи худ ду давраи ҳамгуншавиро пушти сар кардаанд. Дар давраи аввал тоҷикон дар узбакҳо таҳлил рафтанд ва сортҳо аз онҳо ба вуҷуд омаданд, ки аз узбакҳои асили муғулнажод хеле фарқ мекарданд ва ба тоҷикон шабеҳ буданд. Дар осори торихӣ омадааст, ки «дар байни сортҳо ду шакли нажодӣ мушоҳида мешуд: яке бо бартарии нишонаҳои туркиву муғулӣ (ба вижа дар вилояти Сирдарё) ва дигаре бо бартарии нишонаҳои эронӣ, ки бештар дар вилояти Фарғона ва навоҳии ҷанубӣ ба сар мебаранд ва дар байни онҳо симоҳои зебо зиёд аст».[107]

Давраи дуввум, замони шӯравӣ ки сортҳоро ба таркиби миллати узбак шомил сохтанд. Дар натиҷа онҳо ҳамчун гурӯҳи мустақили нажодӣ аз байн рафтанд.[108] Дар ҳоли ҳозир дар баъзе ҷоҳо ба вижа қирқизҳо тоҷиконро сорт мегӯянд.

Дар охири қарни 19 ва чаҳоряки қарни 20, сортҳо аз лиҳози теъдод баъд аз маҷмӯи қирқизҳо ва қазоқҳо дар ҷои дуввум қарор доштанд. Тибқи саршумории 1897 дар Туркистони рус, аксарияти сортҳо дар вилояти Фарғона 788989 ё 50,18 дар сади тамоми мардум, дар вилояти Сирдарё 144275 нафар ё 9,76 дар сад, дар вилояти Самарқанд 18073 нафар ё 2,1 дар сад мардум ба сар мебурданд.[109] Дар вилояти Зокоспӣ (Моварои Хазар) ва Ҳафтрӯд теъдоди сортҳо чандон зиёд набуд. Хулоса, теъдоди умумии сортҳо дар Туркистони рус дар соли 1897 967010 нафар ё 18,30 дар сади тамоми мардум буд.[110]

Дар воқеъ теъдоди сортҳо дар Туркистони рус, Бухоро ва Хива хеле бештар аз 1 млн. буд.[111] Иллати кам сабт шудани теъдоди сортҳо он буд, ки теъдоди зиёди онҳо ҳамроҳ бо намоян-

---

106. Ҳамон ҷо, саф. 3.

107. Туркестанский край, ҷилди 19, саф. 393.

108. Яъне тибқи омори расмии Узбакистон, дигар истилоҳи нажодии «сорт» вуҷуд надошт, валé аҳолии сорт дар он ҷо боқӣ монданд. - Р.М.

109. Туркестанский край, ҷилди 19, саф. 392.

110. Ҳамон ҷо, саф. 392.

111. Барои иттилооти муфассал дар бораи сортҳо, руҷӯъ кунед: Остроумов Н.П. Сарты. Этнографические материалы, шумораи 1. Тошканд, 1890, шумораи 2. Народные сказки сартов. Тошканд, 1892; шумораи 3. Пословицы и загадки сартов. - Тошканд, 1895; Шишов А. Сарты. - Тошканд, 1907.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

дагони ақвоми дигар ба исми «турк» сабти ном карда шуда буданд. Вале дар саршумориҳои баъдӣ, ба вижа баъд аз октябри 1917 сортҳо комилан сабт намешуданд. Аз онҳо ҳатто ёд ҳам накарданд, ба феҳристи қавмҳои хиттае, ки мавриди саршуморӣ қарор мегирифт, ворид накарданд. Хатаре ҷиддӣ вуҷуд дорад, ки тоҷикони бумии Узбакистон ба чунин сарнавиште гирифтор хоҳанд шуд. Аз саршумории соли 1926 ва давраҳои баъдии замони Шӯравӣ то ба ҳол дар Узбакистон теъдоди умумии тоҷикон амдан ва худогоҳона кам карда мешавад.

Охирин саршуморӣ дар Иттиҳоди Шӯравии гузашта дар соли 1989 нишон дод, ки теъдоди узбакҳо дар Узбакистон дар замони Шӯравӣ 10 баробар зиёд шудааст. Вале теъдоди тоҷикон — мардуми бумии ин сарзамин тақрибан афзойиш наёфтааст. Дар баъзе шаҳрҳо, ноҳияҳо ва вилоятҳоии Узбакистон онҳо гӯё комилан аз байн рафтаанд. Агар на мо, ояндагони мо, аз торих хоҳанд донист, ки мардуми тоҷик дар Узбакистон аз байн рафтаанд, ҳамчунон, ки мардуми сорт аз саҳнаи торих. Ба ақидаи аксарияти донишмандони машҳури ҷаҳонӣ на танҳо афроди дурагаи турку тоҷик сорт буданд, балки аксарияти кулли сортҳо тоҷикон буданд, ки ба мӯҷиби шаройитҳои айниву зеҳнӣ, забони тоҷикӣ ва пайдойиши нажодии худро аз даст додаанд. Ҳамин гуна, тоҷикони бумии Узбакистон ва вилояти Оши Ҷумҳурии Қирқизистон ҳам аз назари забонӣ ва ҳам аз назари шиноснома ба узбак тағйир дода шуданд. Ҳамон тавр ки мо иттилоъ дорем, ин гуна ҳамгунсозии иҷбории ҳамвора дар тӯли даҳсолаҳо ё дақиқтар таййи 70-100 соли ахир сурат мегирифтааст. Дар ҳамин робита баҷост, ки аз гуфтаҳои М.С. Андреев ёдовар шавем, ки мегӯяд: «Тасхири русҳо, мардуми тоҷикро аз юрушҳои чаповулгаронаи кӯчнишинони турк наҷот дод.»[112] Дар давраи нуфузи русҳо дараҷаи тасхири сарзаминҳои тоҷикон тавассути қабойил ва ақвоми турку муғул хеле кам шуд. Аз сӯи дигар, бад-он ишора мешавад, ки «бо таъсири истиқрори назм ва беҳтар шудани хутути иртиботӣ забони аксарият яъне забони узбакӣ бештару бештар забони тамоми аҳолӣ» ба вижа тоҷиконе, ки дар Туркистони рус зиндагӣ мекардаанд, мешуд.[113] То замони тасхи-

112. Андреев М.С. По этнографии таджиков. саф.111.
113. Ҳамон ҷо.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ри Осиёи миёна тавассути русҳо забони тоҷикӣ (яъне форсӣ) забони расмии кишварҳои Осиёи миёна буд ва аксарияти тоҷикони Қӯқанд, хонигарии Хива ва аморати Бухоро забони узбакиро намефаҳмиданд. Ҳамон тавр ки Андреев ишора мекунад, дар ибтидои нуфузи русҳо дар рустоҳои кӯҳистонии улёи (болооби) Чирчиқ ҳеҷ кас туркӣ намедонист.[114] Ва дар мавриди Самарқанд, Бухоро, Хӯҷанд ва шаҳрҳои дигар низ чунин вазъ вуҷуд дошт.

Иллати густариши сареъи забони туркӣ дар байни тоҷикони бумӣ, он аст ки барқарории иртибот бо ҳукуматдорони рус тавассути ин забон осонтар буд, зеро русҳо бо худ мутарҷимони тотору қирқизро (қазоқро) оварда буданд. Камолуддин — қозиюлқуззоти собиқи Самарқанд, ки ба иллате мавриди белутфӣ воқеъ шуда буд, дар соли 1871 номаи бароат (сафедкунӣ)-ро на ба забони модарии худ (форсӣ), балки ба забони туркӣ навишт, ки мӯҳтавои он барои русҳо фаҳмонда шавад.»[115]

Нуфузи мардуми туркзабони Русия ба Осиёи миёна, ба густариши забони туркӣ дар байни тоҷикон бисёр мусоидат кард. Бояд гуфт, ки омадагони ҷадид — тоторҳо, бошқирдҳо ва қазоқҳои таҳсилкарда нисбат ба ҳамнажодони маҳаллии (Осиёи миёнаии) худ тамаддуни баладтаре доштанд. Инро низ бояд ба назар гирифт, ки иттиҳоди ақвом ва қабоили турк дар маҷмӯъ, аз теъдоди тоҷикони Осиёи миёна бештар буд. Ҳамин тавр, Осиёи миёнаро тасхир кардани русҳо ва ба Русия мулҳақ шудани он, на танҳо мардуми тоҷикро аз бераҳмиву зӯргӯии раҳоӣ бахшид, балки ҳамгунщавии табиъии онро бо мардуми ғайрибумии Осиёи миёна, ба вижа Туркистони рус тақвият бахшид. Боре, номгузорӣ шудани сарзаминҳои тасхиршуда ба исми Туркистон, бояд ин маъниро медошт ки дар гузашта ва ҳол дар ин ҷо танҳо туркон зиндагӣ мекунанд, вале воқеъият он аст, ки итлоқи ин ном ба ин хитта комилан мувофиқ нест ва ҳатто бо гузаштаи торихии он ихтилоф дорад. Ин ном ба қавмҳои тотору муғул, танҳо аз назари идорӣ ва на воқеӣ иҷоза медиҳад, ки зоҳиран худро қадимтарин мардуми Осиёи миёна маҳсуб доранд. Вале барои ин иддао ҳеч

---

114. Ҳамон ҷо.

115. Андреев М.С. Асари зикршуда, саф.111.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

гуна далели нажодӣ ва ҷуғрофиёйӣ вуҷуд надорад.

Академик Бартолд муҳаққиқи машҳури рус, туркшинос ва эроншинос, чеҳраи эътирофшуда дар илм, истилоҳи Туркистонро чи гуна тавзеҳ медиҳад? Ҳамон вақт ӯ навишта буд: «Туркистон вожаи форсист ва маънии кишвари турконро дорад. Маълум аст, ки барои форсҳо танҳо марзҳои ҷанубии Туркистон (бо Эрон) аҳамият дошт ва табиист, ки ин марз ба вазъи сиёсӣ марбут буд. Туркҳо вақте ки бори нахуст дар қарни 6 дар Осиёи миёна пайдо шуданд, то каронаҳои Окс (Омӯ — Р.М.) пеш рафтанд.

Дар натиҷаи ғалабаи аъроб, туркҳо ба шимол ронда шуданд; аз ин рӯ барои ҷуғрофидонҳои араб дар қарнҳои 3-9 ва 4-10 хиттаи Туркистон на аз шимоли Окс, балки аз шимоли вилояти фарҳангӣ, ки Мовароуннаҳр номида мешавад, шурӯъ мешуд. «Туркистон-кишвари туркон (на давлати туркон,- Р.М.) дар он замон дар шимолу шарқи Мовароуннаҳр тасаввур мешуд.»[116] В.В. Бартолд дар пажӯҳишҳои худ ҳамчун туркшинос, вожаи Туркистонро ба маънии давлат истифода накардааст. Ӯ хуб медонист, ки мафҳуми давлатдориро нисбат ба туркҳои сокини Осиёи миёна танҳо баъд аз эҷоди хонадони маҳаллии темуриён (1370-1506) метавон истифода кард.[117]

Дар ибтидои қарни 20 М. Хартман — шарқшиноси машҳур ва пас аз ӯ муҳаққиқони дигар дар осори худ таъйид мекарданд, ки баъд аз тасхири Осиёи миёна тавассути русҳо, итлоқи номи Туркистон ба кишвари Мовароуннаҳр комилан нодуруст аст.[118] В.В. Бартолд бо ин ақида мухолиф буд, вале ӯ натавонист онро бо далелҳои кофӣ бар мабнои асноди торихӣ нафӣ (инкор) намояд. Эҳтимол меравад ки В.В. Бартолд таҳти таъсири фазои сиёсии Русияи тезорӣ (подшоҳӣ) қарор дошт. Тибқи гуфтаи ӯ, вожаи Туркистонро дар қарни 19 «ибтидо англисҳо (на русҳо) бар асари касрати (зиёд будани) истеъмоли форсиву афғонӣ ин вожаро вориди истилоҳоти илмӣ карданд.»[119]

---

116. Бартолд В.В. Куллиёт, М., Наука, 1965. саф.518.

117. Босворт К.Э. Мусульманские династии. Аз англисӣ ба русӣ тарҷумаи П.А. Грязневич. —М., Наука,1971 саф.217-220.

118. Hartmann. Chnesisch — Turkestan, Halle, 1908. саф. 1.

119. Бартолд В.В. Куллиёт, ч.3, саф.519.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Бо вуҷуди ин, В.В. Бартолд наметавонист хилофи ҳақиқати тарихиву илмӣ сухан бигӯяд. Ӯ менависад: «Дар осор, ба вижа дар гузоришҳои сафарӣ; Туркистони русӣ, чинӣ ва афғонӣ аксари вақтҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ҳарчанд ки вожаи Туркистон танҳо дар Русия ва Афғонистон ба маънии идорӣ (яъне давлатӣ) истеъмол мешавад.»[120] В.В. Бартолд бо ин гуфтаҳояш дар ҳақиқат эътироф мекард, ки вожаи Туркистон танҳо дар охири қарни 19 ва бо ибтикори Русияи подшоҳӣ мақоми идорӣ ва давлатиро касб кард. Вале мафҳуми Мовароуннаҳр ҳамчун истилоҳи нажодиву давлатӣ дар қарни 7 пайдо шуда буд.

В.В. Бартолд (1869-1930) он замон мафҳуми «Мовароуннаҳр»-ро чи гуна шарҳ медод? Ӯ менависад: «Мовароуннаҳр (вожаи арабист, ба маънии он чи дар он тарафи рӯд қарор дорад)- номи вилоятест, ки арабҳо тасхир ва ба ислом тобеъ кардаанд ва дар шимоли Омӯдарё воқеъ аст ва шомили заминҳои қобили кишт аст. Марзҳои Мовароуннаҳр дар самтҳои шимолу шарқ то онҷо ки ислом ҳокимият мекард, қарор дошт ва вобаста ба вазъияти сиёсӣ буд. Номи Мовароуннаҳр аз осори ҷуғрофиёии араб ба забони форсӣ ворид шудааст. Дар худи Осиёи миёна истилоҳи Мовароуннаҳр бо таъсири суннатҳои адабӣ то ин охирҳо истифода мешуд...»[121]

Дар ҳеч як аз осори В.В. Бартолд, ки дар бораи тарих, ҷуғрофиё, фарҳанг ва нажодшиносии қавмҳои эронӣ ва Осиёи миёна навишта шудааст, истилоҳи Мовароуннаҳр ҳамчун мафҳуми нажодӣ ва давлатӣ мавриди истифода қарор нагирифтааст. Вале оё ин дуруст аст? Зеро вожаи арабии Мовароуннаҳр, ки тарҷумаи таҳтуллафзи вожаи форсии «Варорӯд» аст, дар мероси фарҳангии тоҷикон 13 қарн аст, ки вуҷуд дорад ва ҳамчунон бар вуҷуди худ идома медиҳад. Дар осори илмӣ ва ҳунарии мардумони мутамаддини шарқу ғарб мафҳуми Мовароуннаҳр аз қарни 8

120. Ҳамон ҷо, саф.519.

121. Бартолд В.В. Куллиёт, ҷ.3, М., 1965. саф.477. Муҳаққиқ мақолаи худро дар бораи Мовароуннаҳр дар «Энциклопедия Ислама» (ҷ.3) дар ибтидои қарни 20 чоп кардааст. Гоҳо дар маъхазҳо вожаи арабии Мовароуннаҳр (он чи дар поёни рӯд қарор дорад) ба чашм мерасад, ки ба сарзамини ҷанубии Омударё итлоқ мешавад, вале ин вожа монанди вожаи Мовароуннаҳр роиҷ нагардид. - Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

то ибтидои қарни 20 бо нажоднома ва давлатдории тоҷикон-қадимтарин қавми Осиёи миёна — мушобеҳ дониста мешуд. Дар ин бора ба тафсил сухан хоҳем гуфт. Қабл аз ҳама ба осори хаттии фарҳанги тоҷикон ва табори онҳо — мардуми Эрон таваҷҷӯҳ хоҳем кард.

Дар «Ҳудудул-олам минал-машриқ илал-мағриб», ки дар соли 982 муаллифе гумном онро таълиф карда ва нахустин бор В.В. Бартолд онро чоп кардааст,[122] истилоҳи Туркистон ба маънии идориву давлатӣ истифода нашудааст. Муаллифи ин асари машҳур, ки ҳафт бор чоп шуда (дар Русия, Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Англия), ҳатто истилоҳи Туркистонро бо мафҳуми нажодшиносӣ низ мавриди истифода қарор надодааст. Дар айни ҳол, ӯ ба истилоҳи Мовароуннаҳр ҳамаи нишонаҳои нажодшиносӣ ва идориву давлатиро мутааллиқ месозад: вилоёти бузург (ба монанди Суғд, Чағониён, Сурушана, Буттемон, Фарғона, Чазғол, Сух, Илок, Чоч (Шош), Испиҷоб, Фороб), ки шомили 130 шаҳри бузургу кӯчак, Бухоро — шаҳри марказӣ, марзҳои давлатӣ, минтақаи назди марзӣ, системи хуби обёрӣ, саноати истихроҷи маъдан, бозорҳо ва марказҳои кишоварзӣ ва коргоҳҳои хуб барои сиккасозӣ буд.[123] Мовароуннаҳр ҳастаи (маркази) нажодии давлати нерӯманди феодалии Сомониён (885-1005) вале дар замони ғуруби он буд.

Муаллифи «Ҳудудул-олам» менависад: «Кишваре ки марзҳои шарқии он ба марзҳои Тибет пайваст мешавад. Ва марзҳои ҷанубии он ба Хуросон ва каронаҳои он васл мешавад. Дар самти ғарбии он, марзи ғузҳо ва халлуххо қарор дорад. Ва он кишварест бузург, ободва сарватманд ва дарвозаи Туркистон ба шумор меравад. Ва ҷои тоҷирон аст, ва мардуми он ҷангҷӯ, мусулмон ва тирандози хубе ҳастанд. Ва дини онон дини порсойист. Он кишварест, ки адолат ва дод дар он ҳоким аст. Ва дар кӯҳҳои он конҳои зиёди нуқраву тило ва ҳамаи анвоъи сангҳои гаронбаҳо

---

122. Ҳудудул-олам. Дастхати Тумон. Бо пешгуфтор ва хавошии В.В. Бартолд. Нашриёти Академияи улум. Ленинград,1930.

123. Муосирони муаллифи «Ҳудудул-олам», олимони саййоҳе ҳамчун Абӯисҳоқ Алистахрӣ, Абӯязиди Балхӣ, Ибни Ҳавқал ва дигарон дар бораи теъдоди зиёди шаҳрҳои бузургу кӯчаки Мовароуннаҳр иттилоъ медиҳанд ва шумори онҳоро то 150-170 зикр мекунанд. Тибқи гуфтаи Алистахрӣ теъдоди рустоҳои Мовароуннаҳр то ба 3000 мерасид. -Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ба мисли зоҷ, арсаник, гӯгирд ва нашодур вуҷуд дорад.

Бухоро шаҳри бузургест ва дар тамоми Мовароуннаҳр нисбатан обод. Ва дар ин ҷост маҳарри ҳокими шарқ. Дар ин ҷо мева ва об фаровон аст. Шаҳрвандони Бухоро тирандозони моҳиранд ва барои ислом мубориза мебаранд. Ва аз он ҷо ба ҷойҳои мухталиф қолиҳои зебо, саҷҷода ва щӯраро содир мекунанд. Ва андозаи марзи Бухоро 12 дар 12 фарсанг аст.[124] Атрофи тамоми шаҳр бо девор иҳота шудааст. Шаҳристон ва рустоҳо дар беруни девор ҷойгир шудаанд.[125]

Ҳамин тавр, масоҳати Бухоро — бузургтарин шаҳри Мовароуннаҳр, пойтахти давлати Сомониён дар соли 982 иборат буд аз 144 фарсанги мураббаъ, ки баробар аст бо 1150 километри мураббаъ. Ин масоҳат шомили шаҳракҳои мутавассит, ки дар атрофи Бухоро зиёд буданд, намешуд. Тибқи навиштаҳои Абдуррашид Ал-бағувӣ ва Ҳофизи Таниш дар замони темуриён масоҳати Бухоро мисли пеш 144 фарсанги мураббаъ буд.

Тибқи ахбори муаллифи «Ҳудудул-олам» ва муҳаққиқони қарнҳои 9-10, Бухоро дар охири қарни 10 пойтахти Хуросон ва Мовароуннаҳр буд ва дар сарҳалқаи 130 шаҳри бузургу кӯчаки Осиёи миёна қарор дошт. Дар «Ҳудудул-олам» гуфта мешавад, ки Туркистон шомили биёбонҳои густардаест ва дар он қабилаҳои сершумори туркҳои кӯчнишин зиндагӣ мекунанд.[126] Дар байни онҳо тоғузғузҳо аз ҳама бештаранд.

Абӯисҳоқи Истахрӣ зимни тавзеҳот дар бораи Мовароуннаҳр менависад: «Ман шунидам, ки Мӯътасим ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир нома навишт ва он номаро ба Нӯҳ ибни Асад фиристод. Абдуллоҳ ибни Тоҳир чунин посух дод: Дар Мовароуннаҳр 300 000 русто ҳаст. Аз ҳар рустое метавон як пиёда ва як савораро гирифт ва аз ин ҳеч хисорате ворид намешавад.»[127]

---

124. Фарсанг (тоҷикӣ) ва фарсах (арабӣ) воҳиди андоза, ки он замон дар Осиёи миёна ба 7-8 километр баробар буд. -Р.М.

125. Hududul-Olam minal-Mashrig ilal-Magrib. Compiled in 982-3 A.D. 372 A.H. Edited by Manoochehr Sotoodeh. Ph.D., Tehran 1962, p. 105-106.

126. Тибқи осори муаллифони тоҷику форсу араби қарнҳои 9-10 (Ибни Хурдодбеҳ, Ибни Руст, Ибни Ҳавқал, Абӯисҳоқи Истахрӣ, Абӯзиди Балхӣ ва дигарон) дар Мовароуннаҳр дар замони шукуфоии давлати Сомониён аз 130 то 150 шаҳри бузургу кӯчак вуҷуд дошт.

127. Masalik wal-mamalik. Anonymous Persian Translation from Y/YI Century A.H. by Abu Ishsk Ibrahim Istakhri. Edited by Iradj Afshar. Copiright 1990. Tehran, Iran. p. 229.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Ал-Мӯътасим (883-842) халифаи аббосии Бағдод, ки Нӯҳ ибни Асад — ҳокими Самарқанд тобеъи ӯ буд. Аз шавоҳид чунин бар меояд, ки Нӯҳ ибни Асад теъдоди мардуми Мовароуннаҳрро хеле дақиқ таъйин кардааст. Дастаҳои ҷангӣ, ки хилофати араб мехост ташкил кунад, мумкин буд 600 000 нафар шавад. Вале таваҷҷӯҳи мо ба чизи дигар аст. Агар бо ҳисоби камтарин дар як русто то 100 нафар аз зану мард ба сар мебурданд, пас теъдоди кулии танҳо рустонишинони Мовароуннаҳр дар ибтидои қарни 8 мумкин аст, наздики 30 милён нафар бошад. Теъдоди куллии аҳолии миҳани тоҷикон (ҳам рустонишинон ва ҳам шаҳрнишинон) дар қарни 9-10 ба эҳтимоли қавӣ ба 32-33 милён нафар мерасид. Албатта, ин танҳо ба мардуми муқимӣ (кишоварз, домдорон, тоҷирон, пешаварон ва ғайра) марбут мешавад. Ба ҷуз ин, мардуми минтақаҳои ба истилоҳ наздимарзиро ки шомили даҳҳо ҳазор турки ғайринизомӣ аст, метавон ба онҳо афзуд, ки тибқи «Ҳудудул-олам» дини исломро пазируфта буданд.[128]

Дар сарзамини Туркистон дар охири қарни 10, тибқи маъхазҳои хаттӣ, дар минтақаи буду боши тоғузғузҳо танҳо як шаҳри бузург бо аҳолии омехтаи турку чинӣ ба номи Чинанҷкет[129] вуҷуд дошт. Муаллифи «Ҳудудул-олам» мегӯяд, ки дар охири қарни 10, дар Осиёи миёна на давлате ба номи Туркистон ва на қавме ба исми туркистонӣ вуҷуд надошт. Дар он замон танҳо фаҳмиши нажодии «қабилаи турк» вуҷуд дошт. Муаллиф қабоили туркро, ки дар Осиёи миёна ба сар мебаранд, ном мебарад. Ҳар кадом аз ин қабилаҳо дар вилояти хоси худ мутамаркиз шуданд. Ӯ аз 12 қабила ном мебарад, ки номи онҳо ба шарҳи зер аст: тоғузғуз, тотор, яғмо, хирхиз, халлух, чигил, тухс, кимоқ, ғуз, биҷинак, хафтҷах, маҷғарӣ. Чунон, ки аз шавоҳид бармеояд, минтақаҳои қабилаӣ бо аҳолии хеле зиёд вуҷуд

---

128. Дар китоби «Масолик вал-мамолик»-и Ал-истахрӣ Мовароуннахр дар миёнаи қарни 10 давлати бузурги рушдкарда нишон дода шудааст, ки дар хар русто мусофирхона вуҷуд дошт ва даду домро бо меваи дарахтон парвариш мекарданд.

129. Ибни Фақехи Ҳамадонӣ аз чанд шаҳри на чандон бузург, ки ба тоғузғузҳо тааллуқ дошт, ёд мекунад.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

доштааст, ки баъдан аз онҳо иттиҳодҳои нажодии (қавмии) узбакҳо, қазоқҳо, туркманҳо ва қирқизҳо шакл гирифтаанд. Дар «Ҳудудул-олам» баъзе гурӯҳҳои кӯчаки қавмӣ ба номи куллии турк хонда мешаванд. Аз он 12 иёлати турknажод, аз ҳама бузургтар вилояти тоғузғузҳо буд, ки дар бораи он ба тафсил баҳс хоҳад шуд. Муаллиф менависад: «Дар ин минтақа бештар аз ҳама туркҳо ҳастанд ва бидуни шак аҳолиаш аз ҷоҳои дигар бештар аст. Шоҳони Туркистон дар даврони гузашта аз тоғузғузҳо интихоб мешуданд. Мардумаш силаҳшӯр ва хуб мусаллаҳ ҳастанд. Тобистон ва зимистон онҳо дар ҷустуҷӯи чарогоҳҳо ва обу ҳавои мусоид аз ҷое ба ҷое кӯч мекунанд...»

Тоғузғузҳо бузургтарин қабилаи турк ҳастанд ва тоторҳо яке аз қабилаҳои тоғузғузҳо маҳсуб мешаванд. Чианаҷкет шаҳрест мутавассит ва шаҳри аслии тоғузғузҳо аст. Қароргоҳи ҳамешагии шоҳ бо Чин ҳаммарз аст.[130] Бар мабнои ёфтаҳо ва осори хаттии бостонӣ, мардумшиносон собит кардаанд, ки қавми уйғур ва расми давлатдории он аз қабилаи тоғузғузҳо шакл гирифтааст. Аз ин рӯ, дар ин бора дигар баҳс нахоҳем кард.

Маълумоте ки «Ҳудудул-олам» ва Ал-Истахрӣ дар бораи сарватҳои табии Мовароуннаҳр медиҳанд, аз тарафи муаллифони баъдӣ таъйид карда мешавад. Масалан, муҳаққиқи арабзабони қарни 15 Абдуррашид Ал-Бағувӣ менависад: «Мовароуннаҳр — он ҷӣ дар поёни наҳр, яъне Ҷайҳун аст. Яке аз вилоёти пешрафта, пурмаҳсул ва ободаст. Дар ҳама ҷои он шаҳрҳо, рустоҳо ва мазраоҳо вуҷуд доранд. Ҳавои ин ҷо бисёр мусоид, обаш бисёр ширин ва аз кӯҳҳо равон аст. Хоки он хеле пурмаҳсул аст. Шаҳрҳои хиттаи Мовароуннаҳр ба қарори зайл аст: Бухоро, Самарқанд, Ҷанд, Хуҷанд. Мардумаш озод, боимон, хирадманд, саховатманд ҳастанд ва монанди он аст, ки гӯё дар як хона зиндагӣ мекунанд, ва ҳар касе — хеш аст ё бегона ба хонаи шахси дигар, ҳамчун ба хонаи худ меравад. Ва ҳар марде ба фикри он аст, ки меҳмонро саховатмандона бо он чи дорад меҳмондорӣ кунад, бидуни он ки қаблан ӯро мешинохт ё хайр ва бидуни

---

130. Материалы по истории киргизов и Киргизии. Шумораи 1, М., 1973 (тарҷума аз араби П. Писарский) саф.17

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

чашмдошт ба подош. Онҳо ба сохтани корвонсароҳо, роҳҳо ва вақф барои эҳтиёҷоти ҷиҳоди муқаддас ва афроди олим машғул ҳастанд. Ва тамоми Мовароуннаҳр шомили вилоёти каноримарзӣ аз Хоразм то Фарғона аст.»[131]

Хонандагон метавонанд эътимод кунанд, ки муаллифони мусулмони қарнҳои миёна ба мисли Ал-Истархӣ, Ал-Қазвинӣ, Ал-Бағувӣ[132] ва дигарон аз Мовароуннаҳр ва мардуми бумии он бо ситойиши зиёд ҳарф мезананд.

Эҳтимолан, ин як амри тасодуфӣ нест. Осори муаррихони қарнҳои миёнаи тоҷику форсу араб ҳокӣ аз он аст, ки Мовароуннаҳр ҳамчун хастаи нажодиву фарҳангӣ, тиҷоративу санъатӣ, кишоварзиву низомии миллати тоҷик дар тӯли садаҳо аз ҳамаи дастаҳои давлати феодалии рушдкарда, бархурдор будааст.

Маҳалли ҷуғрофиёйии хоси Мовароуннаҳр, ки аз он ҷодаи бузурги абрешим мегузашт ва бузургтарин кишварҳои шарқу ғарбро ба ҳам мепайваст, захираҳои фаровони зеризаминӣ ва нирӯи кор, шаҳрҳои обод ва заминҳои ҳосилхез ва рамаҳои зиёд, ҳамеша таваҷҷӯҳи ошноён ва бегонагонро ба худ ҷалб мекард. Сарнавиштии торихии онон чунин будааст.

Навиштаи муаллифи «Ҳудудул—олам» дар бораи вилоёти Испиҷоб ва дигар маҳаллоти Мовароуннаҳр ба мисли посгоҳи марзии Шилт, Чоч, Фороб, Кунҷдеҳ, Шилҷа, Тироз, Миконкес, Фурункес, Навикес ва ғайра ҳокӣ аз он аст, ки:

1. Байни Мовароуннаҳр ва сарзаминҳое, ки ақвоми турк зиндагӣ мекарданд, хати фосил ва дар шаҳрҳои бузург посгоҳҳои марзӣ ва дижҳои нигаҳбонӣ вуҷуд дошт.

2. Байни Мовароуннаҳр ва сарзамини туркон минтақаҳои бетараф ё ба истилоҳи имрӯза минтақаи ҳойил мавҷуд буд, ки амнияти давлатии мардуми бумиро аз ҳамлаҳои берунӣ ҳифозат мекард.

3. Дар минтақаи бетараф дар ҳазорон хайма ба истилоҳ

---

131. Багувӣ Абдуррашид. Китобут-талхис вал-асар ва аҷоибул-маликул-қаҳҳор. Тарҷума, тавзеҳот ва ҳавошии З.М. Бунилтова, саф.98. Тибқи гуфтаҳои С.П. Толстова, Ҷанду ҳамон харобаҳои Ҷонқалъа аст, ки дар 30 километрии Қизилурду (Ҷумҳурии Қазоқистон) ҷой гирифтааст. -Р.М.

132. Багувӣ Абдуррашид. Ҳамон ҷо. саф.91-93, 95-98, 88, 80 ва ғайра.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

«туркҳои сулҳҷӯ» зиндагӣ мекарданд, ки исломро пазируфта буданд ва ҳамчунон ки аз шавоҳид бар меояд, ба нирӯҳои марзбонӣ барои муқобила бо «кофирон», яъне қабилаҳои турк, ки дар охири қарни 10 ҳанӯз мусулмон нашуда буданд, кумак мекарданд.[133]

Аммо мо ва хонандагон ба чизе дигар таваҷҷӯҳ дорем. Дар илм барои фазои бузурги Осиёи миёна ду истилоҳи ҷуғрофиёӣ ва қавмӣ вуҷуд дошт: «Туркистон» ва «Мовароуннаҳр». Ин ду истилоҳ дарбаргирандаи ақвом ва қабоилли мухталифи нажодӣ ва қавмӣ буданд. Мафҳумҳои «Туркистон» ва «Мовароуннаҳр», ки ҳамеша дар осори тоҷикӣ (форсӣ), туркӣ (чиғатоӣ) ва забони арабӣ, ки ҳамзамон бо нуфузи ислом (қарни 8) то ибтидои қарни кунунӣ ройиҷ буда, мавриди истеъмол аст. Оё ин истилоҳот аз нигоҳи ҳақиқати таърихӣ ва мантиқи айнии илмии як ҷомеаи мутамаддин, шомили мақоми давлатдорӣ буд? Агар посух мусбат аст, пас тибқи кадом меъёри (милоки) айнӣ?

Мо дар ин ҷо истилоҳоти «давлатдорӣ» ва «хонадонҳои бардадорӣ ва феодалӣ»-ро ба ҳам нахоҳем омехт, зеро ба ҳам нисбат додани истилоҳоти «қонунӣ» ва «сиёсӣ» кори беҳудаест.

Дар тӯли қарнҳо, дар ҳудуди бекарони Осиёи миёна силсилаи хонадонҳои зиёде зуҳур мекарданд ва аз байн мерафтанд, ки иддаъои касби мақоми давлатдорӣ доштанд. Вале муваффақ намешуданд. Оё дар ин сурат Мовароуннаҳр ва Хуросон мақоми давлатӣ доштанд? Саъй мекунем ин масъаларо ҳаллу фасл намоем. Фарз шудааст, ки дар таърихи ақвоми мухталиф, минҷумла ақвоми Осиёи миёна, феодализм дар натиҷаи синтези таҷзияи муносиботи ҷомеаи аввалия ва бардадорӣ (ғуломдорӣ) ба вуҷуд омадааст. Дар илм собит шудааст, ки дар таърихи қавмҳои мухталиф аз ҷумла қавмҳои Осиёи миёна ин синтез шомили 3 марҳила будааст: а) бартарии аввалӣ; б) бартарии дуввумӣ; в) мувозинаи нисбии синтези муносибати ҷомеаи аввалия ва бардадорӣ.[134]

Истилоҳоти «давлати феодалӣ» ва «муносибати феодалӣ»

---

133. Муаллифи «Ҳудудул-олам» «туркони ба истилоҳ оштӣ»-ро ба туркони бечанак, халлух, гуз, канзина, ягмоӣ ва ғайра мухолиф мегузорад. -Р.М. Hududul-Olam minal-mashrig ilal-magreb. p. 117,114,115,118,123.

134. Философский словарь. Бо таҳрири М.М. Розентал. Чопи саввум. М., 1972, саф.431.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

шомили унсурҳоест аз қабили: шаҳрҳо бо сохторҳои иҷтимоии онҳо, марзҳои давлатӣ бо дастгоҳҳои муҳофиз (артиш, нирӯҳои марзбонӣ, диҷҳои нигаҳбонӣ), системи хуби обёрӣ, роҳҳои обӣ ва корвонрав, тиҷорат ва бозори нирӯи кор, системи молия ва андоз, сохторҳои қаҳрия (додгоҳҳо, зиндонҳо ва ғайра), дастгоҳи идорӣ ва ғайра.[135]

Ҳамаи унсурҳои мутазаккира, ки як давлати феодалӣ аз онҳо ташкил мешавад, дар ҳамаи осори таърихӣ ва ҷуғрофиёии пиромуни Мовароуннаҳр, оғоз шуда аз қарни 8 (Зайд ибни Алӣ) то ибтидои қарни 20 (Муҳаммад Содиқи Гулшанӣ)[136] вуҷуд доранд.

Вақте мо дар осори сершумори таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ ба истилоҳи Туркистон бархурд мекунем, ки ҳамзамон бо истилоҳи Мовароуннаҳр вуҷуд дошт, чунин натиҷа мегирем, ки истилоҳи Туркистон ҳам аз назари феодалӣ ва ҳам аз назари бардадорӣ дарбаргирандаи мақоми «давлат» ва ё «давлатмадорӣ» нест.

Дар воқеъ бояд то ба охир самимӣ бошем. Баъзе афроди ба истилоҳ муҳаққиқ барои чунин ҳолатҳои душвор истилоҳеро ихтироъ карданд, ки он «феодализми кӯчӣ» унвон дорад. Бояд эътироф кард, ки ин истилоҳ ҳамон гуна зишт ва таҳайюлист, ки истилоҳоте ҳамчун «сармоядории кӯчӣ», «сусиёлизми кӯчӣ» ва ё «коммунизми кӯчӣ» ва он орӣ аз мантиқи илмист.

Ҳамин гуна, эътимод ҳосил кардем, ки ҳам муаллифи «Ҳудудул-олам» (қарни 10), ҳам Абдуррашид Ал-Бағувӣ (қарни 15) ва ҳам муаллифони дигари қарнҳои 9 то ибтидои 20, ки дар бораи халқҳои Осиёи миёна навиштаанд ва вожаи Туркистонро истифода кардаанд, ҳеч гоҳ онро бо мафҳуми «давлат» ва «давлатмадорӣ» марбут насохтаанд.[137]

Номи «хиттаи Туркитсон» нахустин бор дар забони маъмурон ва муҳаққиқони рус пайдо шуд, ки дар охири солҳои 60 қарни 19 ба дунболи ҳайати эъзомии (экспидитсияи) истеъмории им-

---

135. Ҳамон ҷо. саф.432.

136. Муҳаммад Содиқи Гулшанӣ – муҳаққиқи охири қарни 19 ва ибтидои қарни 20, муаллифи асари арзишманди таърихӣ ва ҷуғрофиёии Бухорои шарқӣ ба номи «Таърихи Ҳумоюн» аст, ки нусхаи ягонаи он дар захираи Институти мероси хаттии Академияи Улуми Тоҷикистон маҳфуз аст.

137. Бартолд В.В. Куллиёт, ҷ.3. М., Наука, 1965, саф.518-520.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ператори рус Александри 2 ба Осиёи миёна омада буданд. Хонадонҳои пуршумори турк, ба вижа хонадони темуриён (1370-1506) яке аз қудратмандтарин силсилаи турк, ки дар Осиёи миёна ба сар мебурданд, бо доштани муаррихон ва зиндагиноманависони зиёд дар дарбор, ба муосирон ва ояндагони худ натавонистанд собит кунанд, ки дар чи замоне давлате ба номи «Туркистон» вуҷуд доштааст.[138]

Даҳҳо ҳазор нусхаи хаттӣ ба забонҳои тоҷикӣ (форсии-дарӣ), арабӣ, туркӣ ва дигар забонҳои шарқӣ, ки дар захираҳои нусхаҳои хаттии кишварҳои Осиёи марказӣ (Тоҷикистон, Узбакистон, Афғонистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон) ва Русия маҳфузанд, шоҳиди нотавонии онҳост.

Ин амр боиси таҳайюр аст, ки рисолаи «Ҳудудул-олам» бо чунин ҳаҷми кӯчак (39 сафҳаи дастнавис) ки 7 бор ба форсии дарӣ (манзур хатти форсӣ), тоҷикӣ (манзур форсии сирилик) ва англисӣ чоп шудааст, бештар аз 60 сол мешавад, ки ба забони русӣ ва забонҳои туркии Осиёи миёна чоп нашудааст. Ин дар ҳолест, ки даҳҳо торихномаҳои бузургу кӯчак ва рисолаҳое, ки ҳатто кӯчактарин ишорае ба торихи қавмҳои Осиёи миёна доранд, дар беҳтарин интишороти Маскав, Тошканд, Алмаато тарҷума ва нашр шудаанд. Бо эътимоди қавӣ, ин амри тасодуфӣ нест. Равшанӣ андохтан ба ҳақиқати торихӣ, барои иддае боиси нигаронист. Вале торихи миллатҳо дер ё зуд сафаҳоти ношинохтаи худ — аъамм аз сафеду сиёҳ ва бо хун навиштаро ба ҷаҳониён боз хоҳад кард.

Торихи Осиёи миёна, ки садои он ҳанӯз аз аъмоқи қарнҳо ва авроқи зардшудаи дастнависҳо, ки аксар дар оршивҳои вижа бо ҳафт мӯҳр бар пушт нигаҳдорӣ мешавад, чунин ба гӯш мерасад ки: императориҳои бузург пайдо мешаванд ва аз байн мераванд ва бо ғорату чаповули қавмҳои дигар сарватманд мешаванд. Ин императориҳо мероси торихӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ҳувияти миллии давлати тоҷиконро олуда сохтанд, давлате, ки аъроби истилогар ҳатто номи миллии он — Варорӯдро рабуданд ва онро бо тарҷумаи арабии Мовароуннаҳр иваз карданд. Торих

---

138. Асли (принсипи) даврабандии хонадонии торихи мардумони машриқ кӯҳна шудааст ва аз назари торихшиносии муосир қобили пазириш нест.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

гувоҳ аст, ки чанд хонадони қудратманди турк вуҷуд дошт, ба мисли: қарохониён (992-1211), чиғатоиён (1227-1370), шайбониён (1500-1598), темуриён(1370-1506) ва ниҳоят қочориён (1779-1925) ва ғайра. Вале торихи Осиёи миёна давлатеро ба номи Туркистон ҳеч гоҳ намешинохт. Ҳокимияти Шӯравӣ дар соли 1924 барои нахустин бор дар торихи Осиёи миёна зимни ба истилоҳ «марзбандии миллӣ» — калиди дарвозаҳои давлатҳои миллиро ба узбакҳо, қазоқҳо, қирқизҳо, туркманҳо ва қарақалпоқҳо супорид. Чунин ҳодисаи торихиро ба ҳамсоягони тоҷикон дар Осиёи миёна воқеан бояд табрик гуфт. Барои нахустин бор дар торих, ин қавмҳо ҳокимияти миллии худро ба даст оварданд. Мардуми азияткашидаи тоҷик низ худмухтории миллӣ ба даст оварданд. Дар бораи он, ки ин ҳодиса чи гуна рух дод ва чӣ ҷонбозиҳое дар ин роҳ ба харҷ рафт, сафаҳоти беғаразі асноди бойгониҳо бо рамзи «комилан сиррӣ» ё «акидан сиррӣ» ҳикоят хоҳанд кард.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## *Фасли дуввум*

# ТАҚСИМОТИ МИЛЛӢ ВА ДАВЛАТИИ ОСИЁИ МИЁНА. ИХТИЛОФИ НАЗАРҲО ПИРОМУНИ МАРЗҲО ВА ШАҲРҲО

## 1. Торихчаи марзбандии миллӣ.

Бояд зикр кард, ки торихнависии Шӯравӣ аз ибтидои пайдо шуданаш ба баррасии масъалаи мазкур таваҷҷӯҳи чашмгире дошт. Пиромуни мавзӯи марзбандии миллӣ дар тӯли Ҳокимияти Шӯравӣ, теъдоди зиёде мақолот, монографияҳо, ки аз ҷониби муаррихон файласуфон ва намояндагони улуми дигари иҷтимоӣ навишта шуда, чоп ва нашр шудааст. Ба ҷуз ин, дар робита бо масоиле, ки дар ин китоб мавриди баҳс қарор мегирад, дар осори куллӣ ки пиромуни торихи ҷамоҳири шӯравии сусиёлистии Осиёи миёна ва Қазоқистон навишта шудааст, фаслҳои вижае ихтисос дода шудааст. Боре, муаллифони Шӯравӣ дар пажӯҳишҳои марбут ба торихи масъалаи марзбандиҳои миллӣ, ба таври худогоҳона (ба иллати бар ҳама маълуми «дастур аз боло» ва мулоҳизоти идеологиву сиёсӣ) аз тавзеҳоти воқеъбинонаи ин «табартақсим», ки сарнавишти ояндаи қавмҳои Осиёи миёнаро моҳиятан дигаргун кард, иҷтиноб меварзиданд. Ин тақсимот барои тоҷикон фоҷиаи миллии баъдиро ба дунбол дошт.

Қабл аз кудитои (табаддулоти) октябри 1917 Осиёи миёна аз нигоҳи сохтори идориву сиёсӣ иборат буд аз: устони кулли* Туркистони императории Русия ва кишварҳои вобаста ба Русия: хонигарии Хива ва аморати Бухоро. Баъд аз кудитои октябри

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

соли 1917 Бухоро ва Хива ҳамчун давлатҳои «мустақил» муддате кӯтоҳ боқӣ монданд. Ҳокимияти Шӯравӣ дар Хива дар охири соли 1919 ва дар Бухоро дар моҳи сентябри 1920 мустақар шуд. Вале баъд аз сарнагун кардани режимҳои хонӣ ва амирии ин кишварҳо номҳои идорӣ ва давлатии худро ҳифз карданд; зоҳиран танҳо унвони ҷумҳурии халқии шӯравӣ ба номи онҳо изофа шуд: Ҷумҳурии халқии Хиваи шӯравӣ; Ҷумҳурии халқии Бухорои шӯравӣ. Туркистони рус соли 1918 дар ҳайати Русия, ба Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ табдил шуд.

Сарфи назар аз дигаргуниҳое, ки баъд аз инқилоб дар номҳо, созмонҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, ҳамаи дастгоҳҳои идориву давлатӣ, ки муҷаддадан дар сарзамини Осиёи миёна ташкил шуд, ҳамонанди қабл аз инқилоб чандмиллиятӣ боқӣ монданд, танҳо бо ин тафовут, ки дар баъзе шаҳрҳо, ноҳияҳо ва вилоятҳо воҳидҳои арзӣ ва иқтисодӣ бо номҳои нав дар чаҳорчӯби арзии кӯҳна мушоҳида мешуд. Ин хитта аз назари миллӣ ҳамонанди қабл бо қавмҳои омехтаи Осиёи миёна боқӣ монда буд. Посух ба ин пурсиш, ки чаро ҳамзамон бо истиқрори Ҳокимияти Шӯравӣ, марзбандии миллӣ сурат нагирифт, комилан равшан аст; дар Туркистони рус ҷанги дохилӣ шурӯъ шуд; дар Бухоро ва Хива ҷунбиши босмачиён алайҳи Ҳокимияти Шӯравӣ барпо шуд, ки ҳатто то замони баъд аз марзбандии миллӣ идома дошт.[1] Ҳамин гуна ҷунбишҳои зиддишӯравӣ бо иштироки деҳқонон, низомиёни норозӣ ва дигар қишрҳои иҷтимоӣ дар Русияи фидиротиф (фидирол), Моварои Қафкоз (Закаспий), Украина ва дигар манотиқи собиқи императории Русия низ ҷараён дошт. Аз ин рӯ, дар замоне ки масъалаи будан ва набудани Ҳокимияти Шӯравӣ на танҳо дар марказ, балки дар музофот низ ҳал мешуд, Ҳокимияти марказӣ намехост, ки ҷумҳуриҳои миллӣ дар Осиёи миёна ташкил шаванд. Ғайр аз ин органҳои ҳизбиву шӯравӣ ва

---

1. Ҷунбиши босмачиён (босмачӣ – роҳзан, горатгар) ҷунбиши зиддишӯравии мардуми Осиёи миёна аст, ки аслан чун вокуниши тудаҳои деҳқон алайҳи иштироки кардани иҷборӣ ва эҷоди колхозҳо ба вуҷуд омадааст. Ин ҷунбиш аз охири солҳои 20 шурӯъ шуд ва то охири солҳои 30 идома дошт. -Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

роҳбарони ҳокимияти нав мутмаин буданд, ки иваз ба номҳои ба истилоҳ ҷумҳурии халқӣ, шӯравӣ ва сусиёлистӣ, худ ба худ ҳамаи масойили иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва миллии қавмҳои Осиёи миёнаро ҳал хоҳад кард.

Мушкилоти тозае дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳуриҳои Осиёи марказӣ пайдо шуд. Бо камоли бетарафӣ (беназарӣ) бояд мутазаккир шуд, ки дар баробари тағйироте, ки дар минтақа ҷараён дошт, худшиносии миллӣ дар байни иддае аз мардуми маҳаллии ҷамоҳири тозатаъсиси Шӯравӣ бавижа дар дастгоҳи ҳизбиву шӯравӣ пайдо мешуд ва таҳким меёфт. Ба ақидаи аксарияти роҳбарони Маскав ва афроди салоҳиятдори онон дар Осиёи миёна вуҷуди тамоюлҳои миллӣ, пиёда кардани ин асли марксистиро дар бораи «бо кӯмаки пролетарҳои кишварҳои пешрафта, кишварҳои ақибафтода метавонанд аз тариқи пиллаҳои муайяни рушд ба сохти Шӯравӣ ва аз он ба коммунизм бирасанд, бидуни он ки вориди сохти сармоядорӣ бишаванд»[2] бозмедошт.

Масъалаҳои амиқи иҷтимоӣ, ки барои ҳаллу фасли онҳо даҳҳо ва шояд садҳо сол лозим буд, аз роҳи ирода дар муддати кӯтоҳе ҳал карда мешуданд. Масалан гузори Ҷумҳуриҳои халқии шӯравии Бухоро ва Хива ба «сусиёлисм» дар чаҳор сол сурат гирифт. Вале барои ин гузор, ҳамчунон, ки аз асноди бойгониҳо бармеояд, заминаҳои лозими иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ фароҳам набуд. Ва низ мардуми ин ҷамоҳир аз дарки идеяҳои марксистӣ, сусиёлистӣ ва кумунистӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоӣ, ки Ҳокимияти Шӯравӣ аз роҳи шикастани қолабҳои гузашта ҷорӣ мекард, ба дур буданд.

Аммо, хатти машйи* аз «боло» таъйиншуда ва тасмимоти кунгураҳои ҳизбӣ дар марказ ва музофот, на танҳо гузори кӯтоҳи қавмҳои Осиёи миёнаро ба сусиёлисм, балки эҷоди ҷумҳуриҳои яксони миллиро дар байни узбакҳо, туркманҳо, қазоқҳо, қирқизҳо, тоҷикон ва қарақалпоқҳо, дархост мекард.

Бояд зикр кард, ки чанд сол пеш аз марзбандии миллӣ, дар асноди расмӣ ва органҳои ҳизбиву шӯравӣ, мардуми маҳаллии

2. Ленин В.И. Куллиёт, ҷ.41, саф.246.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Осиёи миёна бар асоси хусусияти нажодӣ сабт намешуданд, балки «турк» ё «мусулмон» хонда мешуданд. Дар асноди бойгониҳо истилоҳоте ҳамчун мадрасаҳо, донишсароҳо, забонҳои туркӣ ё мусулмонӣ ва пролетари турк ё мусулмон ба чашм мехурад. Дар қарор ва дастурҳои кунгураи 1 Ҳизби кумунисти Ҷумҳурии Туркистон дар бораи кори ҳизбӣ дар байни пролетарҳои мусулмон, аз ҷумла гуфта мешавад: «Барои ҷазби тӯдаҳои мусулмон ба эҷоди зиндагии нав, забони туркӣ (забони мардуми маҳаллӣ) дар баробари забони русӣ забони давлатӣ шинохта мешавад, ки дар сар то сари ҷумҳурӣ ба забонҳои дигар бартарӣ дорад.»[3]

Ҳамчунон ки аз санади боло бармеояд (ва чунин аснод хеле зиёд аст), инҷо қавмҳо ва забонҳои мушаххаси Осиёи миёна дар назар гирифта нашудааст, балки ба таври куллӣ истилоҳоти қабл аз инқилобӣ ба монанди: туркон, мусулмонон, бумиён истеъмол шудааст.

Дар он замон ҳанӯз худшиносии миллии бисёре аз мардуми минтақа, таъйин нашуда буд, ки худро намояндаи ин ё он қавм бидонанд, ба вижа мардумони туркнажоди Осиёи миёна намедонистанд ба чи қавме тааллуқ доранд. Масалан, қазоқҳо ҳамчун қавми мустақил шакл нагирифта буданд, онҳоро қирқиз меномиданд. То замони тақсимот ва ташаккули ҷумҳуриҳои миллӣ қавмҳои туркро ба узбакҳо, туркманҳо, қазоқҳо ва қирқизҳо ҷудо намекарданд; ҳамаи онҳо ба номи куллии «қавми турк» хонда мешуданд. Вазъияти миллӣ ва сиёсиву фарҳангии қавмҳои қирқизу қазоқ, ки машмули Ҷумҳурии Туркистони сусиёлистӣ ва Ҷумҳуриҳои халқии Бухоро ва Хоразм буданд, барои намояндагони қазоқу қирқиз қобили пазириш набуд. Кормандони идории қирқиз аз ҳамон оғоз мухолифи таъсиси Ҷумҳурии худмухтори Туркистон дар ҳайати Русияи фидирол буданд. Онҳо эҷоди давлати воҳид ва мустақили туркиро дархост мекарданд, ки тамоми сарзамини Осиёи миёнаро фаро бигирад ва раҳбарону органҳои давлатӣ танҳо аз туркҳо иборат бошанд. Баъд аз чанд муддат, яъне солҳои 1920-1922 кормандони қазоқу қирқиз мас-

3. Культурное строительство в Туркестанской АССР. (1917-1924). Маҷмӯаи аснод, ҷ.2, Тошканд, 1973, саф.35.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ъалаи ҷудо кардани қирқизҳои (қазоқҳои) Туркистон ва таъсиси ҷумҳурии худмухторро дар ҳайати Русияи фидирол матраҳ карданд.

Ин дархост тибқи фармони Кумитаи марказии иҷроияи Ҷумҳурии Русияи фидироли шӯравии сусиёлистӣ дар 1 сентябри соли 1920 дар бораи таъсиси Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистон (Қазоқистон) амалӣ гардид. Вале вазъи нооромӣ Туркистон ва манотиқи дигар, ки тобеъи Русияи фидирол буданд, монеъи амалӣ шудани он фармон мешуд. Кормандони Ҷумҳурии халқии Хоразм хостаи мушобеҳи болоро тақозо карданд; яъне тақсим кардани Хоразм ба Ҷумҳуриҳои Туркистон ва Узбакистон. Вале дархости онон танҳо дар маҳдудаи Хоразм бидуни дар назар гирифтани манофеи ҷумҳуриҳои дигар ғайримумкин шинохта шуд.

Дар соли 1922 қарақирқизҳо масъалаи ташкили вилояти вижаи худмухтори кӯҳистониро, ки шомили чанд ноҳия аз вилоятҳои «Ҷетису» (Ҳафтрӯд) ва Сирдарё буд, матраҳ карданд. Норизоятии аслии қарақирқизҳо ба муҷиби латма задан ба ҳуқуқии миллии онҳо аз тарафи роҳбарони миллатҳои ғайриқарақирқиз ба вуҷуд омада буд.

Намояндагони кунгураи 12 шӯроҳои саросарии Туркистон дар оғози соли 1924 лузуми таъсиси вилояти худмухтори Фарғонаро пешниҳод намуданд. Онҳо дар бораи вилояти Самарқанд низ чунин изҳори назар карданд. Дар ин замина онҳо на танҳо ба иртиботи иқтисодии ин вилоят, балки ба ин далел, ки аксарияти мардуми ин вилоятҳо узбак ҳастанд, такя мекарданд.

Ҳамчунон ки санадҳои бойгониҳо гувоҳӣ медиҳанд, танҳо тоҷикон бошандагони бумии Осиёи миёна ҳеч гуна дархосте барои таъсиси давлати мустақил дар сарзаминҳои модарии худашонро накарданд. Иллати чунин бархӯрди ғайрифаъъол барои эҷоди давлати миллӣ он аст, ки тоҷиконе ки дар органҳои марказии давлатӣ ва ҳизбии се ҷумҳурии Осиёи миёна кор мекарданд, дар шиноснома ба номи «узбак» сабт шуда буданд. Масалан дар феҳрасти афроде, ки дар баррасии масъалаи марзбандии миллии ҷумҳуриҳои Осиёи миёна, дар ҷаласоти Дафтари тадорукотии Кумитаи марказии ҳизби Кумунисти Туркистон

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

дар 4 июли 1924 ширкат карданд, номи Абдулло Раҳимбоюф дар радифи чаҳорум қарор дорад, дар сутуни тааллуқи миллии вай навиштаанд: ӯзбак, вазифа — дабири Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Туркистон, муовини раиси Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон, узви Дафтари сиёсии Осиёи миёнаии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия.[4] Моҳиятан, Абдулло Раҳимбоюф нақши аслиро бозӣ мекард: раис буд ва корҳои тадорукотии миллӣ ва давлатиро ба ӯҳда дошт, тарафдори фаъъоли эҷоди Ҷумҳурии мустақили Ӯзбакистон ва дар таркиби он таъсиси вилояти худмухтори Тоҷикистон ва на Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон буд. Дар ин бора ба таври муфассал баъдтар баҳс хоҳад шуд. Дар ин давра, ба феҳрасти 13 нафарӣ, ки дар мақомоти олии давлатӣ кор мекарданд ба ҷуз тоҷикон, намояндагони дигари ақвоми Осиёи миёна шомил буданд. Тартиби ин феҳраст аз нигоҳи миллӣ ба шарҳи зер аст: ӯзбак — 3 нафар, қирқиз — 5[5], рус — 1, украин — 1, латиш — 1, литвонӣ — 1, туркман — 1 нафар.[6] Пиромуни ин масъалаи сарнавиштсоз барои қавмҳои Осиёи миёна муборизаи шадиде сурат гирифт, дар байни намояндагони ақвоми туркзабон: ӯзбакҳо, туркманҳо, қирқизҳо (қазоқҳо), қарақалпоқҳо ва ғайра мубоҳисаҳои сахт даргирифт. Дар ташкилотҳои ҳизбӣ ва органҳои шӯравӣ гурӯҳҳои миллии вижа пайдо шуданд, ки дар байни қавмҳо ва қабилаҳои хешованд барои ворид сохтани ин ё он минтақае ба яке аз ҷумҳуриҳои тозатаъсис таблиғот мекарданд. Намояндагони расмии ӯзбакҳо кӯшишҳои вижа дар ин роҳ ба харҷ медоданд ва тоҷиконе, ки ҳамон вақт худро ӯзбак медонистанд, ба онҳо пайвастанд. Онҳо дар остонаи марзбандии миллӣ ва давлатӣ саъй мекарданд, ки бар «эҳсоси миллатгароии ӯзбакҳо алайҳи туркманҳо, тоҷикон, қазоқҳо ва қарақалпоқҳо бияфзоянд.»[7]

---

4. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди таърихи навини Русия, маҳзани 17, сабти шумораи 112, парвандаи 566, барги 42.

5. Қазоқҳо то соли 1925 расман қирқиз ва қирқизҳои кунунӣ ба номи қарақирқиз хонда мешуданд. -Р.М.

6. Ҳамин тавр, дар феҳристи 13 нафарӣ зоҳиран, на дар воқеъ ҳатто як нафар намояндаи тоҷикон ҳам набуд, ки аз манофеи онҳо ҳимоят кунад.

7. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди таърихи навини Русия, маҳзани 17, сабти шумораи 112, парвандаи 566, баргҳои 27-31.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Яке аз вазифаҳое, ки дастандаркорони тақсимоти милливу давлатӣ ба ӯҳда доштанд, он буд, ки «тақсимоти милливу давлатӣ на танҳо бояд ба густариши тамоюлҳои тааррузии тоҷири узбак мусоидат накунад, балки баръакс бояд онро суст кунад ва роҳҳои мубориза̣и муташаккилона алайҳи онро нишон диҳад.»[8] Ин гуна иттилоот пиромуни вазъи раванди тақсимоти давлатӣ ва корҳое, ки бояд дар оянда анҷом мешуд, ба таври мураттаб аз номи дабири Дафтари сиёсии Осиёи миёнагӣ ба аъзои Дафтари сиёсӣ ва ҳайати дабирони Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия (дар Маскав) фиристода мешуд. Идеяи расмии баргузор кардани марзбандии давлатӣ дар Осиёи миёна ба пиндори дастандаркорони он, аз он иборат буд, ки дар оянда кӯмакҳои мушаххас ба кишварҳои миллӣ расонда мешавад, муборизаҳои дохилӣ ва ихтилофҳои байни қавмҳои гуногуни кишварҳои собиқи халқии сусиёлистии чандмиллиятии Осиёи миёна кам шавад. Вале бараксн он сурат гирифт: муқобила ва душманӣ байни намояндагон ва гурӯҳҳои мухталиф дар остонаи ҳалли масъалаи марзбандии миллӣ ва давлатӣ, афзоиш ёфт. Сарфи назар аз ин, дар ибтидои соли 1924 тасмим гирифта шуд, ки ҷумҳуриҳои Осиёи миёна — Туркистон, Бухоро, Хоразм мавриди тақсимоти миллӣ қарор гиранд.

Соли 1922 — Иттиҳоди ҷамоҳири Шӯравии сусиёлистӣ эҷод шуд, ки 70 сол идомаи ҳаёт дошт. Баъдҳо қавмҳои Осиёи миёна ҳам шомили он шуданд. В.В. Бартолд дар соли 1925 ба унвони муҳаққиқ ва на сиёсатмадор ин рӯйдоди муҳимро арзёбӣ карда навишта буд: «Ба таркиби Иттиҳоди шӯравӣ, канораҳои шимолии чанд ҷаҳони фарҳангии шарқи гузашта ва имрӯз: - фарҳанги бостонии шарқӣ, фарҳанги масеҳии шарқӣ, фарҳанги мусулмонӣ ва будоӣ дохил шуданд. Русия, ки акнун Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ аст, бештар аз ҳама ба ҷаҳони фарҳангии Осиёи миёна наздик аст ва аҳамияти он на танҳо ба дастовардҳои ин минтақа (дастовардҳои иқтисодии Осиёи миёна дар назар дошта шудааст -Р.М.) балки ҷараёнҳои гуногуни фарҳангӣ

8. Ҳамон ҷо, барги 32.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

аз ҷануб, ғарб ва шарқ марбут мешавад».

Осиёи миёна мавриди таваҷҷӯҳи танҳо муҳаққиқони рус қарор надошт, вале русҳо, Осиёи миёнаро аз бисёр ҷиҳатҳо бо таҳқиқоти илмӣ кашф карданд, ба тавре ки бидуни таҳқиқоти русҳо шиноҳти Осиёи миёна то ба ҳол низ ғайримумкин аст.»[9]

В.В. Бартолд дар заминаи баррасии вазифаҳои илми шарқшиносӣ, дар воқеъ даҳҳо сол аз дигарон пештар рафта буд. Масалан ӯ пайғамбарона навишта буд: «Ба вижа, илми шарқшиносӣ ба рушди густурдаи улуми инсонӣ ниёз дорад ва масойил бояд аз нигоҳи андеша ва ҳақиқати илмӣ, бидуни гаройиш ба назарияҳои муғризона ва тамоюлҳои муваққатӣ, ба хусус миллатгаройӣ мавриди баррасӣ қарор гирад.»[10]

В.В. Бартолд насби муҷассамаҳои пурзарқу барқро ба ифтихори ҳамшаҳриёни истилогари худ дар майдонҳои шаҳрҳои бегона ва эҳдоси мақбараҳо барои онҳо ҳамонанди суннатҳои бардадории фиръавнҳои Мисри бостон, эҷоди сиёҳчолҳо ва тиҷорати одамонро дурандешона пешгӯйӣ карда ва навишта буд:

«Шакке нест, ки ин хоста агар на дар ҳоли ҳозир, аммо дарояндаи наздик бароварда хоҳад шуд ва ба таври муваққат хориҷ кардани «он» аз донишгоҳҳо ва кӯшишҳои муҳаққиқони мухталиф (ба хотири тамоюлҳои миллигаройӣ) барои ҷилва додани ҷанговарони Чингизхон ва Боту ба унвони афроди дорои фарҳанги олӣ» аз назари дастовардҳои илмӣ муддате тӯлонӣ таъсир нахоҳад дошт.»[11]

Дар ин миён пешдовариҳои талхи В.В. Бартолд амалӣ мешуданд, наслҳои Чингизхон ва Боту, остинҳои худро боло зада, даст ба кори табартақсим заданд. Роҳбарони Шӯравӣ фаъолияти онҳоро аз Кохи Кремли Маскав бо дурандешӣ назора ва ба самти дилхоҳ раҳнамойӣ мекарданд.

9. Бартолд. В.В. Куллиёт, М., Наука, 1977, саф.581.
10. Бартолд В.В. Ҳамон ҷо, саф. 582.
11. Ҳамон ҷо, саф. 582.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## 2. Таъсиси давлатҳои ҷадид дар сарзамини Осиёи миёна

Тақсими сарзаминҳои ҷумҳуриҳои собиқи Осиёи миёна: Туркистон, Бухоро ва Хива ба таври амалӣ ба ҷумҳуриҳо ва вилоёти «мустақил» ва худмухтор пас аз кунгураи 12 шӯроҳои Ҷумҳурии Туркистон дар феврали 1924 оғоз гардид.

То ин замон масъалаи марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна дар Дафтари тадорукотии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия мавриди баррасӣ қарор гирифта буд ва ин Дафтар ба Я.Э. Рудзутак дастур дод то ҳангоми буданаш дар Туркистон ин масъаларо таҳқиқ кунад. Баъд аз дарёфти ризоияти комили Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия, барои барпо кардани марзбандии миллӣ дар Осиёи миёна, фақат иқдомҳои зоҳирӣ боқӣ монда буд, монанди: баргузор кардани ҷаласоти ҳизбии Кумитаҳои марказии Ҳизби кумунисти ҷумҳуриҳои Бухоро, Туркистон ва Хоразм, ҷаласоти мухталиф бо ширкати раҳбарони ин ҷамоҳир, эҷоди кумисиюнҳо пиромуни масъалаи баргузории марзбандии миллӣ ва давлатӣ. Ин ҳама иқдомҳои зоҳирӣ хеле сариъ ва тибқи ситсенарияе, ки қаблан навишта шуда буд, сурат гирифт. Ба қавме ҳаққи истиқлол ва заминҳои густурдаву ҳосилхез ва ба қавме дигар манотиқи худмухтори аз ҳам дурафтода ва сарзаминҳои кӯҳистонӣ ва дараҳои амиқ бояд вогузор мешуд.

Роҳбарони Ҷумҳурии халқии Бухоро қабл аз дигарон ба ҳалли масъалаи марзбандӣ пардохтанд. Абдулло Раҳимбоюф дар ҷаласаи масъулони ҳизбӣ, дар бораи марзбандии ҷумҳуриҳои Осиёи миёна суханронӣ кард. Пиромуни ин масъала мухолифатҳои усулӣ ва эътирозоти хоссе вуҷуд надошт. Ҳамаи ширкаткунандагон бо иттифоқи назар изҳор карданд, ки замони

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

масъалаи тақсимоти Осиёи миёна тибқи вижагиҳои миллӣ, комилан фаро расида ва матраҳ кардани он саҳеҳ аст.[12]

25 феврали 1924 масъалаи марзбандӣ дар ҷаласаи умумии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Бухоро ба сурати мушаххастаре баррасӣ гардид. Файзулло Хоҷаюф раиси шӯрои нозирони халқӣ[13] суханронӣ ва пешниҳод кард, ки аз сарзаминҳои ду ҷумҳурӣ — Туркистону Бухоро; — Ҷумҳурии Узбакистон бо вилояти худмухтори Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркманистон таъсис карда шавад. Ба ақидаи ӯ, вилоёт ва навоҳии қирқизнишини Туркистон бояд ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) мулҳақ мешуданд ва дар дохили Ҷумҳурии Қирқизистон ба қарақирқизҳо ҳаққи худмухторӣ дода мешуд. Ҳар ҷумҳурии тозатаъсис, сарфи назар аз системи яксони иқтисодии Осиёи миёна, тибқи қонуни шӯравӣ довталабона машмули Ҷумҳурии Русияи фидироли шӯравии сусиёлистӣ ва ё Иттиҳоди шӯравӣ мегардид.

10 марти 1924 дар ҷаласаи Дафтари иҷроияи Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Бухоро, Файзулло Хоҷаюф бори дигар ба сурати мушаххастаре суханронӣ кард. Бар мабнои суханронии ӯ тасвибномае содир шуд, ки дар он аз ҷумла навишта шуда буд: а) — Қавмҳои Осиёи миёна мутобиқи асли якпорчагии миллӣ тақсим ва муттаҳид мешаванд ва ҷумҳуриҳои вижаи шӯравиро: узбакҳо, туркманҳо ва бахше аз қирқизҳо, ки машмули Ҷумҳурии Қирқизистони кунунӣ мешаванд, ташкил медиҳанд. Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистонро мардуми тоҷики минтақаҳои Мастчоҳ, Қаротегин ва Ғарм, ки машмули Ҷумҳурии Узбакистон мебошад, ташкил медиҳанд.

б) Узбакистон — узбакҳои Бухоро — ба истисноии канораи чапи Омударё, Фарғона, вилояти Сирдарё, ба истисноии бахши қирқизнишин, вилояти Самарқанд, Хоразм — ба истисноии манотиқе, ки туркманҳо ва қирқизҳо ба сар мебаранд, муттаҳид хоҳад кард.

в) Бухоро ҳамчун бунёди Ҷумҳурии Узбакистон пазируф-

---

12. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия, махзани 17, сабти шумораи 112, парвандаи 566, барги 16.

13. Раиси шӯрои кумисорҳои халқӣ.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

та мешавад ва дар он ҷо кунгураи умумии Узбакистони шӯравӣ баргузор мегардад, ки дар он имкони интиқоли марказ (пойтахт -Р.М.) ба Самарқанд мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.[14]

Касе аз ҳуззор ба ин иқдоми зиддитоҷикӣ, ки намояндагон ва ҳайати дабирони Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Бухоро дар мавриди шаҳрҳои тоҷикӣ раво диданд, эътироз накард. Ағлаби ҳозирини ин ҷаласа дар воқеъ аз назари қавмӣ, на аз назари шиносномайӣ, тоҷик буданд. Чунин тоҷиконе дар байни роҳбарони ҳизбӣ ва давлатии Ҷумҳурии халқии Бухоро аксариятро ташкил медоданд, аз ҷумла: Аҳмадбек Мавлонбекуф — дабири аввали Ҳизби кумунисти Бухоро, Файзулло Хоҷаюф — раиси шӯрои нозирони Ҷумҳурии Бухоро ва Абдулло Раҳимбоюф — раиси кумисиюни марзбандии миллии Осиёи миёна. Дар китоби «Торихи Узбакистони шӯравӣ» (История Узбекской ССР), ки соли 1967 чоп шуда, омадааст: «Ба манзури таҳкими органҳои ҳизбӣ ва давлатӣ дар Ҷумҳурии халқи Бухорои шӯравӣ бо тавсияи Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия, Абдулло Раҳимбоюф — кумунисти тоҷик, узви Дафтари сиёсии Осиёи миёнагии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Русия ва дабири Кумитаи марказии Ҳизби кумунист дар соли 1923 ба Бухоро фиристода шуд.»[15] Ӯ дар шиносномааш узбак сабт шуда буд. Ҳамчунин Абдулқодир Муҳйиддинуф, Абдурраҳим Ҳоҷибоюф, Чинор Имомуф ва бисёр тоҷикони дигар аз замони таъсиси Ҷумҳуриҳои Туркистон ва Бухоро, ки онҳо дар органҳои раҳбарӣ ифои вазифа мекарданд, дар шиноснома узбак сабт шуда буданд. Дар асноди расмӣ, муассисоти ҳизбӣ, давлатӣ, созмони кумунистии ҷавонон ва иттиҳодияҳои синфии омӯзиш ва парвариши Бухоро ва Туркистон, вақте дар бораи миллият сухан мерафт, ба ҷуз миллияти тоҷикон, миллияти ҳамаи ақвоми дигар чун: турксабону русзабони Осиёи миёна сабт мешуд. Масалан, дар гузориш дар бораи теъдоди узви Созмони ҷавонони кумунисти Бухоро (аз 2-4 июни соли 1924) теъдод ва миллияти

---

14. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия, махзани 17, сабти шумораи 112, парвандаи 566, барги 17.

15. История Узбекской ССР. Ҷ.3. Тошканд, 1967, саҳ.320.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

қавмҳои зер сабт шудааст: узбакҳо, тоторҳо, яҳудиҳо, арманҳо, лаҳистониҳо, қирқизҳо, туркманҳо, порсҳо, гурҷиҳо, форсҳо, олмониҳо, арабҳо.[16] Маълум нест, ки оё тоҷикҳоро ба порсҳо мутааллиқ сохтаанд ё ба форсҳо? Шояд таҳиякунандагони гузориш бадин иллат аз тоҷикон ном набурдаанд, ки ҳамаи ҷавонони туркзабонро бар ивази узбаку тотору туркману қирқиз, ба таври сода турк гуфтаанд. Онҳо дар мавриди туркон ба вижа миллияти онҳо иштибоҳе накардаанд. Аммо он чи ба тоҷикон марбут мешавад, он аст ки онҳо бори дигар хостаанд таъкид кунанд, ки тоҷикон дар Бухоро вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ аз мардуми бумии Осиёи миёна ба исмҳои гуногун ном бурдаанд: сортҳо, порсҳо ва ё форсҳо.[17]

Ман ҳамеша фикр мекунам: аз куҷо ва ҷаро ин қадар нафрат дар байни раҳбарони кӯчаку бузурги турку тотор, ба вижа узбак нисбат ба тоҷикон пайдо шудааст? Шояд онҳо ба мо ҳасад мебаранд, ки аз онҳо мутамаддинтарем? Ё ба хотири он ки мо фарҳанги бостонӣ ва ғанӣ дорем ва аз насли орийӣ ҳастем ва ё дар гузашта зеботару боҳуштар аз ҳоло будаем? Ҳар чи метавонад бошад... Шояд ҳокимият ва зӯроварии чандқарнаи туркҳо моро ба бардаҳои тарсу табдил карда, ки дар соли 1924 натавонистем аз ҳуқуқи ҳаққаи худ барои эҷоди давлати мустақил дифоъ кунем, ҳамаи сарзаминҳоеро, ки аз нигоҳи таърихӣ ва аксарияти қавмӣ ба тоҷикон тааллуқ доранд (ва на танҳо бар асоси ду ноҳияи кӯҳистонӣ: Мастчоҳу Ғарм, чун Қаротегин ҳамон Ғарм аст) муттаҳид созем. Навоҳӣ ва вилоёти тоҷикнишини Ҷумҳурии Бухоро монанди шаҳри Бухоро ва навоҳии атрофи он — Рометан, Пешкӯҳ, Ғиждувон, Шофиркон, Вобканд куҷо шуданд, ки 70-80 дар сади аҳолишон тоҷикон буданд? Ҳамчунон ки аз аснод бармеояд, дар ибтидо бахши боқимондаи Бухорои шарқӣ ё кӯҳистонӣ низ ба Тоҷикистон дода нашуда буд, то чи расад ба вилоятҳои Сурхондарё ва Қашқадарё, ки комилан машмули

---

16. История Бухарской Народной Советской Республики (1920-1924). Маҷмӯаи аснод, Тошканд, 1976, саф.162.

17. Дар воқеъ чанд ҳазор форсе, ки аз Эрон ба Осиёи миёна омада буданд, дар назар дошта шудааст ва чанд милён тоҷик ба ҳисоб гирифта нашудааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Ҷумҳурии «мустақили» Узбакистон шуда буданд. Нахуст, барои тоҷикон вилояти маҳдуде ва сипас ҷумҳурии худмухторро дар назар гирифтанд, он ҳам на дар таркиби Узбакистон, балки се минтақаи аз ҳам бурида ва ё дақиқтар бигӯем, ду минтақаи кӯҳистонӣ — яке Мастчоҳи кӯҳистонӣ, дигаре минтақаи кӯҳистонии Ғарм, ки ҳар ду минтақаро силсилакӯҳҳои Ҳисор аз ҳам ҷудо мекунад. Марзбандии миллӣ ва давлатӣ дар оғоз чунин ҷараён дошт. Баъд сарзамини Ҷумҳурии оянда шӯравии сусиёлистии худмухтори Тоҷикистонро каме густариш доданд: Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубии кунунӣ ва навоҳии Бадахшони кӯҳистонӣ (Помири ғарбӣ)-ро ба он изофа карданд. Куҷо буд он замон мавзеъи устувори Абдулқодир Муҳйиддинуф, Абдурраҳим Ҳоҷибоюф, Чинор Имомуф, ки дар замони таҷдиди ташкили Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ ботаъхир пайдо шуд? Ҳамчунон ки яке аз онҳо — А. Муҳйиддинуф иқрор мекунад, онҳо дар ибтидо таҳти таъсири идеяҳои пантуркизм қарор доштанд ва худшиносии милли онҳо бо заҳри пантуркизм омехта буд. Шояд ҳамин тавр ҳам буд, вале он чи мусаллам аст, он аст ки баъд аз таъсиси Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ ҳамаи онҳоро яке пас аз дигаре бо баҳонаҳои гуногун, минҷумла фиристодани коршиносони собиқадори тоҷик ба Тоҷикистон ронданд; фақат ҳамон вақт худшиносии миллии онҳо бедор шуд. Он вақт маълум шуд, ки онҳо мубтакирони фаъъоли таъсиси Узбакистони шӯравӣ — ки якҷо бо бародарони узбак кӯшишҳои зиёде ба харҷ дода буданд, дар ниҳоят худро бидуни ирода дар ҷумҳурии ақибуфтода аз назари иқтисодиву фарҳангӣ дарёфтанд, ки худашон онро ташкил дода буданд. Онҳо иштибоҳи худро фаҳмида ҳамроҳ бо Шириншо Шотемур ва Нусратулло Махсум (Лутфуллоюф) ҷудо шудани Тоҷикистон ва табдил шудани он ба ҷумҳурии ҳафтуми Иттиҳоди шӯравиро мусиррона дархост мекарданд.

Ҳамон тавр ки маълум аст, дар натиҷаи марзбандии миллии Осиёи миёна, дуввумин ҷумҳурӣ ки истиқлол касб кард ва мустақиман машмули Иттиҳоди Шӯравӣ шуд, Туркманистон буд. Он на танҳо туркманҳои Бухоро ва Хоразм, балки туркманҳои тамоми Туркистонро дар ҷумҳурии воҳид муттаҳид мекард,

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ҳарчанд ки аз нигоҳи теъдод аз тоҷикҳо камтар буданд.

Тибқи маъхазҳои ғайримуассақ, теъдоди куллии ҳамаи туркманҳои Осиёи миёна 650 000 нафар буд[18] ва бар асоси ҳамон маъхазҳо теъдоди тоҷикон 1 миллону 200 000 нафар буд.[19] Ин арқом дар гузориши Я.Э. Рудзутак, дар бораи марзбандии ҷамоҳири Осиёи миёна дар пиленуми Кумитаи марказӣ, ки 25-28 сентябри соли 1924 баргузор гардид, оварда шудааст. Дар инҷо нақши аслиро мавзеи мустақил ва устувори туркманҳо ва раҳбарони онҳо — Н. Айтакуф ва К. Атобоюф бозӣ карданд ки аз манофеъи миллати худ дифоъ намуданд. Туркманҳо то инқилоби октябр худро нисбат ба аморати Бухоро бештар мустақил эҳсос мекарданд. Дар муносибат бо Ҷумҳурии халқии Бухорои шӯравӣ низ ҳамон сиёсатро истифода мекарданд. Ин далел шаҳодат медиҳад, ки дар соли 1923, як сол қабл аз марзбандии миллӣ дар навоҳии туркманнишини Ҷумҳурии халқии Бухорои шӯравӣ ҷунбишҳо ва тазоҳуроти аланӣ (рӯирост, кушода) алайҳи раҳбарони Бухоро ва сиёсати миллии онҳо рух медоданд. Ба назари мо иллати ҷидии дигар, ки боиси эҷоди Ҷумҳурии мустақили Туркманистон шуд, душманин торихии миллӣ аст, ки байни қабоили туркман ва узбак вуҷуд дошт ва ин ду қавм барои ба даст овардани сарзаминҳои дорои манобеъи фаровони об ва ҳавзаҳои Омударё бо ҳам дар ситез буданд ва баъд аз истиқрори Ҳокимияти шӯравӣ дар Бухоро ва Хива низ бархӯрдҳои хунин байни ин ақвом идома дошт. Беш аз ин дар ҳамон оғози марзбандии миллӣ аз Ҷунайдхон, ки тайи 6 сол алайҳи Ҳокимияти шӯравӣ мубориза мекард, паёме расид, ки дар сурати таъсиси Ҷумҳурии мустақили Туркманистон ӯ ба ҳама гуна мубориза хотима хоҳад дод ва майл дорад бо ҳамқавмон ва бародарони туркмани худ мусолиҳа кунад.[20]

Дар муқоиса бо Иброҳимбек — роҳбари гурӯҳҳои босмачиён — аз қабилаи лақай, ки алайҳи Ҳокимияти шӯравӣ дар сарза-

18. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 17, сабти шумораи 2, парвандаи 154, барги 34.

19. Ҳамон ҷо.

20. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 17, сабти шумораи 2, парваднаи 154, барги 34.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

мини Ҷумҳурииояндаи Тоҷикистони худмухтори шӯравии сусиёлистӣ, яъне Бухорои шарқии собиқ меҷангид, худшиносии миллии Ҷунайдхон хеле бештар буд. Табиист ки раҳбарони мутаадиди босмачиён ғолибан аз миёни қабойили узбакзабони Бухорои шарқӣ бармехостанд, ки майли мубориза барои Ҷумҳурии мустақили Тоҷикистон ва ё манофеъи мардуми тоҷикро надоштанд, аксари ин раҳбарон ба вижа Иброҳимбек ҳатто забони тоҷикиро намедонист ва шадидан тарафдори барқарор кардани аморати Бухоро таҳти раҳбарии амири сарнагуншуда — Саййид Олимхон — аз насли қабилаи манғити узбак буд.[21] Ӯ ва гурӯҳҳои дигари босмачиён муборизаи худро баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистони худмухтор ҳам идома доданд, ки он яке аз иллатҳои лузуми эҷоди Ҷумҳурии Тоҷикистони мустақил — бо марзҳои кунунии он гардид. Масъалаи тақсимоти миллӣ ва давлатии Осиёи миёна дар ҷумҳуриҳои дигар — Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ ва Ҷумҳурии халқии Хоразми шӯравӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Пиромуни ин масъала ҳамонанди Бухоро Абдулло Раҳимбоюф суханронӣ кард. Ӯ даҳуми марти соли 1924 дар ҷаласаи аъзо ва номзадҳо ба узви Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Туркистон, аъзои Дафтари сиёсии Осиёи миёнагӣ, Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Русия, аъзои ҳайати раисаи Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон ва кормандони масъул дар шаҳри Тошканд, дар бораи марзбандии Ҷумҳуриҳои Осиёи миёна сухан гуфт. Дар авосити моҳи марти ҳамон сол дар ҷаласаи кормандони масъули ҳизбӣ дар шаҳри Хива низ А. Раҳимбоюф дар ин бора суҳбат кард. Амалан ӯ яке аз раҳбарони пешрав ва ё аз лидерҳои дараҷаи яки ҷараёни марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна буд. Миллияти Раҳимбоюф тоҷик ва дар шиноснома узбак сабт шуда буд, гардонандаи сарнавиштиояндаи миллии мардумони Осиёи миёна ба вижа қавми тоҷик буд.

Ҳангоми баррасии масъалаи марзбандии Ҷумҳурии Тур-

---

21. Силсилаи амирони Бухоро аз аз қабилаи мангит аз соли 1753 то 1920 ҳукумат карданд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

кистон пешбинӣ шуда буд, ки сарзамини он ба таркиби ҷумҳуриҳои миллии отии Узбакистон, Қирқизистон ва Туркманистон ҳамроҳ ва дар баробари он ба қирқизҳо ва тоҷикҳо вилоятҳои мустақили худмухтор ҷудо карда шавад. Ҳамчунон ки ҳаллу фасли баъдии масъала ҳокист, ба навоҳии тоҷикнишини Ҷумҳурии Туркистон мақоми худмухториро, ки қаблан таъйин шуда буд, надоданд ва онҳоро ба таркиби Ҷумҳурии Узбакистон шомил сохтанд. Дар ин миён ақли солим ба мантиқӣ будани таъсиси ҷумҳурии воҳид ва мустақили Тоҷикистон аз ба ҳам пайвастани заминҳои пора-пораи тоҷикон бо вилояти Самарқанд ва Ҷумҳурии Бухоро, ки аксарияти кулли мардумашон тоҷик буданд, раҳнамоӣ мекард.

Мусалламан тоҷикон аз лиҳози теъдоди нуфус ва сарзамини дорои вазъи мусаллат дар Осиёи миёна буданд. Тибқи арқоми зикршуда дар рӯзномаи «Зарафшон» (11 сентябри соли 1923), ки ба забони узбакӣ чоп мешуд, теъдоди куллии тоҷикони Осиёи миёна дар вилоёт ва ҷумҳуриҳо 3-4 милиёнро ташкил медод. Аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Бухоро 1,2 милиён, дар вилояти Самарқанд 750 000, дар вилояти Фарғона 400 000 ва дар навоҳии дигар бештар аз 100 000 зиндагӣ мекарданд. Ҳамин тавр дар замони таъсиси Ҷумҳурии Узбакистон дар он ҷо бештар аз 2 милиён нафар тоҷик зиндагӣ мекард. Тибқи саршумории соли 1989 дар Ҷумҳурии Узбакистони шӯравии сусиёлистӣ теъдоди тоҷикон 933560 нафар будааст, яъне теъдоди онҳо ду баробар коҳиш доштааст.[22]

Дар раванди марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна кумисиюни масъул барои таъйини марзҳо байни кишварҳои ҷадиди миллӣ бо мушкилоти печидае мувоҷеҳ шуд. Ин мушкилот умдатан марбут ба дақиқ таъйин нашудани марзҳои қавмӣ буд. Ба таври мушаххас ончи монеъи ин кор мешуд, омехтагии сарзами-

---

22. Ниг: Национальный состав населения СССР. М., 1991, саф..13,92,130. Ин арқоми даҳшатнокро дар назар гирифта, мумкин буд дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар чаҳорчӯби Созмони милал масъалаи куштори ҳамагонии таррохишудаи (генотсид) мардуми тоҷикро матраҳ кард. Вале мо ҳоло на дар бораи генотсиди қавми тоҷик, балки дар бораи ҳамгунсозии иҷбории он сӯҳбат мекунем.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

нҳои қавмҳо тайи қарнҳо дар Осиёи миёна буд; миллатҳои гуногуни дар ҳамсоягӣ ва омехта бо ҳам зиндагӣ мекарданд, дар ҷумҳуриҳои муҷаддадан ташкилшуда баъд аз кудитои Октябри соли 1917 марзҳои дақиқи миллӣ ва давлатӣ вуҷуд надошт, ба ҷуз ин дар ҷараёни марзбандии миллӣ ва давлатӣ сарзаминҳо ва маҳалли зисти қавмҳои гуногун шитобкорона ва бидуни ҳеҷ далеле таъйин шуда буд.

Дар оғоз, тасмим гирифта шуд, ки марзҳо бар мабнои асли миллӣ ва сиёсӣ таъйин шавад. Асли миллӣ ва сиёсӣ иборат буд аз раддабандии миллӣ ва ягонагии сарзаминҳо. Тибқи ин усул бартарӣ ва тарокуми ин ё он қавм дар сарзамини муайяне бояд поя қарор мегирифт ва аз ҳар гуна аз ҳам буридагии сарзаминҳо сарфи назар мешуд. Асли иқтисодии таъйини марзҳо иборат буд аз: тамоюли иқтисодӣ, хутути иртиботӣ ва вуҷуди системҳои обёрӣ ва ғайра.

Аз ин ду асл, (на барои ҳамаи қавмҳо -Р.М.) асли миллӣ ва сиёсӣ ба унвони асли таъйинкунанда интихоб шуда буд ва гоҳ-гоҳ кумисиюн ба асли иқтисодӣ низ таваҷҷӯҳ мекард. Ҳамчунон ки раванди марзбандии миллӣ ва давлатӣ гувоҳ аст, усули мазбури ва усули дигари қонунӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба наҳви хеле боризе нақз шуд. Дар натиҷаи ин марзбандӣ, Узбакистон дорои сарзаминҳои пурмаҳсул, пурнуфус ва иқтисоди рушдкарда дар Осиёи миёна гардид; вилояти Фарғона, Самарқанд ва бахше аз Сирдарёи Ҷумҳурии Туркистон, бахши аслии Бухорои ғарбӣ аз ҷумла шаҳри Бухоро, бахши ҷанубу ғарбии Хоразм ва низ шаҳри Тошканд ҷузви Узбакистон шуд. Фақат Бухорои шарқӣ ва навоҳии Бадахшони кӯҳистонӣ ва Помири шарқӣ ҷузви Тоҷикистон шуд.[23]

Дар ҷараёни марзбандии миллӣ ва давлатӣ баҳсҳои шадид байни кумитаҳои Узбакистон, Қазоқистон, Туркманистон

23. Ҳамин тавр, ба давлати миллии аввалияи Тоҷикистон ҳеҷ маркази идориву сиёсӣ ва шаҳри бузурге замима набуд. Ҳамаи афроди рӯҳонӣ, равшанфикр ва фарҳангии тоҷик гӯё дар гурбат афтоданд, ҳарчанд ки дар меҳани худ ва дар меҳани гузаштагони худ ба сар мебурданд. Манотиқи бузурге бо шаҳрҳои Бухоро, Фаргона, Хива, Урганч, Тирмиз, Марв ва ғайра, ки тоҷикон ва сортҳо аз қадим дар он ҷо зиндагӣ мекарданд, гӯё дар муҳоҷирати иҷборӣ қарор гирифтанд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ва Қирқизистон барои сарзаминҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба вуҷуд меомад. Амалан кумисиюни миллии мустақили тоҷикон вуҷуд надошт. Сарнавишти ояндаи ба истилоҳ давлати миллии тоҷиконро аслан кумисиюни узбакҳо ҳаллу фасл мекард, ки тоҷикони узбакшудаи монанди Абдулло Раҳимбоюф, Чинор Имомуф ва дигарон ҷузви он ҳайат буданд. Онҳо ҳам дар масъалаи таъсиси вилояти худмухтор ва баъдан Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар мубоҳисоти байни қазоқҳо ва узбакҳо барои ин ё он замин, ки ҳар қадом аз ин ақвом иддаои онро доштанд, комилан ва бо тамоми ҳастӣ тарафдори узбакҳо буданд.

Мубоҳисоте низ пиромуни лузуми таъсиси фидиросиюни Осиёи миёна, дорои органҳои марказӣ дар шаҳри Тошканд ҷараён дошт. Қазоқҳо ва қирқизҳо аз як тараф ва узбакҳо, ки тоҷикон низ онҳоро пуштибонӣ мекарданд, аз тарафи дигар, барои аз они худ кардани шаҳр талош мекарданд. Ихтилофи назарҳо ва мубоҳисоти шадид байни туркманҳо ва узбакҳо пиромуни масоили об, таҷҳизоти обёрӣ ва замину об вуҷуд дошт.

Тайи моҳҳои март, апрел ва маи соли 1924 чанд ҷаласа ва машвара барои баррасии масъалаи марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна дар Ҷумҳурии халқии Бухорои шӯравӣ, Ҷумҳурии халқии Хиваи шӯравӣ ва Ҷумҳурии Туркистон, баргузор шуд. Ва низ ин масъалаи фавқ дар ҷаласоти умумии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Бухоро, Ҳизби кумунисти Туркистон баррасӣ гардид. Марти 1924 дар пленуми Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Туркистон кумисиюни тақсимоти миллӣ таъсис шуд. Ба ҳайати кумисиюн Раҳимбоюф, Варейкис, Хоҷануф, Абдурраҳмонуф, Эшонхоҷаюф, Манжара, Айтакуф, Арабоюф , куллан 9 нафар намояндаи ҳамаи ақвоми Осиёи миёна шомил буданд, ба ҷуз тоҷикон, зеро Абдулло Раҳимбоюф, ки ҳама ӯро тоҷик медонистанд, дар ҳамаи асноди ҳизбӣ ба номи «узбак» сабт шуда буд. Ба ҷуз он, ӯ ҳамзамон зимни баррасии масъалаи мазбур, кумисиюни узбакҳоро намояндагӣ мекард. Дар ҷаласае ки 6 июни 1924 баргузор шуд, Дафтари сиёсии Осиёи миёнагӣ лоиҳаи тасвибномаи Дафтари сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русияро таъйид кард, ки кумисиюн пешниҳод карда буд ва дар он гуфта мешуд: «Ба хотири иродаи

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Дар фейсбук ба гурӯҳи Китобхона ҳамроҳ шуда, садҳо китоби дигарро ба таври ройгон аз худ кунед




Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

равшани Кумитаҳои Ҳизби кумунисти Бухоро ва Туркистон ва низ бахше аз кормандони масъули Хоразм, Дафтари сиёсии К.М.Ҳ.К.(б)Р. қарор мекунад...»[24]; дар идомаи он банд ба банд қарори кумисиюн дар бораи таъсиси ҷумҳуриҳо ва вилоёти мустақили худмухтор дар ҳайати Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ ва Ҷумҳурии Русияи фидироли шӯравии сусиёлистӣ ва масоили дигар оварда шудааст. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки марзбандӣ на бо иродаи ақвоми Осиёи миёна, балки «бо иродаи равшани Кумитаҳои марказии Ҳизби кумунист ва кормандони масъули ҷамоҳири Осиёи миёна сурат гирифтааст.

Аз масоиле ки раҳбарони ақвоми туркзабон бо ҳамдигар ҳамоҳанг карда буданд, бештар аз ҳама масъалаи Тошканд мавриди мубоҳиса буд, ки қазоқҳо, қирқизҳо ва узбакҳо барои он талош мекарданд. Аммо, дар банди 13 қарори кумисиюн роҷеъ ба ин масъала гуфта мешуд: «Бо назардошти вуҷуди иддао аз тарафи кормандони қирқиз (қазоқ) дар масъалаи Тошканд, қарор мешавад, ки шаҳри Тошканд ба ҷумҳурии Узбакистон дода шавад».[25]

С. Хоҷануф — яке аз раҳбарони барҷастаи қирқиз (қазоқ) дар бораи Тошканд мегӯяд: «Тошканд, ба унвони маркази вилоят, на танҳо ба шаҳрвандони он, балки ба тамоми мардуми вилоят тааллуқ дорад, пас ҷаро ҳангоми баррасии масъалаи тааллуқи Тошканд ба кадом давлат, танҳо таркиби миллии уезди Тошканд ба назар гирифта мешавад.»[26] Ба ақидаи ӯ шаҳри Тошкандро бояд шаҳри чандмиллиятӣ ҳисоб кард, бо онки аҳолии русзабон дар ин шаҳр бар шаҳрвандони туркзабон бартарӣ доранд. Агар ба шаҳр аз нуқтаи назари иқтисодӣ, идорӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ нигоҳ кунем, он ҳаққан бояд ба қирқизҳо (қазоқҳо) тааллуқ дошта бошад, зеро аксарияти нуфуси иёлати Тошканд қирқизҳо (қазоқҳо) мебошанд, ки бо иллатҳои гуногун натавонистанд маркази миллии худро ба вуҷуд биёранд. Дар айни ҳол онҳо

---

24. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 87, баргҳои 163-164.

25. Ҳамон ҷо.

26. Ҳамон ҷо, барги 165.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ҳуқуқи комил доранд, ки Тошкандро маркази миллии худ бидонанд, он ҳам ба муҷиби он ки ин шаҳр амалан аз ҳисоби истисмори рустонишинони миллати қирқиз (қазоқ) эҷод ва густариш ёфтааст. Ҳамчунон ки Хоҷануф мегӯяд, Тошканд аз нигоҳи торихӣ мустаъмараи узбакҳо, сортҳо (сортҳо—яъне тоҷикон -Р. М.) маҳсуб мешавад ва нерӯи бузурги ҷаззобест барои тоҷирони сорт, ки аз ҳисоби аҳолии биёбоннишин зиндагӣ мекунанд.[27] Ба ақидаи раҳбарони қирқизи (қазоқи) Ҷумҳурии Туркистон, Тошканд маркази ягонаи иқтисодии навоҳии шимолии Туркистон, яъне қазоқҳои дампарвар ва дар айни ҳол маркази иқтисодии тамоми вилояти Тошканд, ки аксарияти нуфуси он қазоқҳо буданд, маҳсуб мешуд. Аз ин рӯ ба гумони қазоқҳо, Тошканд ба унвони ягона маркази фарҳангӣ барои қирқизҳо (қазоқҳо)-и Туркистон аҳамияти фавқулодда дошт.[28]

Ба ақидаи С. Хоҷануф, вогузор кардани Тошканд ба Ҷумҳурии Узбакистон дағалона вайрон кардани қавонини шӯравӣ ва усули ҳуқуқии ҳалли масъалаи миллӣ мебошад. Дар ниҳоят, ӯ пешниҳод мекард, ки агар Тошканд машмули Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) намешавад, лозим аст, ки он ҳамчун шаҳри озод ва маркази фидиросиюни ҷамоҳири Осиёи миёна бимонад ва қароргоҳи Кумитаи марказии иҷроияйи Ҷумҳурии Қирқизистони шӯравии сусиёлистӣ дар онҷо бошад.[29]

Нуктаи назарҳои қирқизҳо (қазоқҳо)-и узви кумисиюни тақсимоти миллӣ ва давлатии Осиёи миёнаро ҳам дар бораи шаҳри Тошканд ва ҳам дар бораи таъсиси фидиросиюни Осиёи миёна намояндагони қарақирқиз комилан пуштибонӣ карданд. Минҷумла онҳо чунин пешниҳод мекарданд: «Дар сурати таъсис нашудани фидиросиюни Осиёи миёна — илзоман Вилояти худмухтори Қарақирқиз мустақиман ҷузви Ҷумҳурии Русияи фи-

---

27. Ҳамон ҷо, баргҳои 165-166. Тибқи гуфтаи М.С. Андреев: Аҳолии бумии шаҳри Тошканд дар соли 1924 сортҳо, тоҷикон (тоҷикони водинишин ва кӯҳистонӣ) қирқиз — қазоқҳо, туркманҳо, торорҳо, бошқирҳо, яҳудиён ва дунганҳо буданд. Дар байни аҳолии бумии шаҳри Тошканд аз узбакҳо номе бурда нашуда буд.

28. Ҳамон ҷо.

29. Ҳамон ҷо.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

диролӣ шӯравии сусиёлистӣ мешавад. Ва бо ҷамоҳири Осиёи миёна тавассути шӯрои иқтисодии Осиёи миёна ҳамкории иқтисодӣ хоҳад кард.»[30]

Онҳо барои гирфтани тасмими ниҳоӣ барои онки ба кадом ҷумҳурии мустақили Осиёи миёна ворид шаванд, кунгураи якуми шӯроҳои Вилояти Қарақирқизро баргузор карданд. Кумисиюни Туркистон, ба таврӣ куллӣ бо тасмимоти Дафтари сиёсии Осиёи миёнагии Ҳизби кумунисти Туркистон мувофиқат кард, «ба истисноӣ масъалаи вогузор кардани шаҳри Тошканд ба Ҷумҳурии Узбакистон.»[31]

Масалан К. Айтакуф бо асли мушаххас кардани шаҳр ва вогузор кардани он ба ин ё он ҷумҳурӣ тибқи таъаллуқот ё нишонаҳои миллӣ бо дар назар гирифтани он ки чи касе дар ин шаҳр зиндагӣ ва тиҷорат мекунад, мухолифат мекард.

Ба гумони Айтакуф, агар тибқи ин асл амал шавад, пас туркманҳо ва қирқизҳо (қазоқҳо) дар Осиёи миёна ҳеч гоҳ шаҳр надоштанд. Зеро зиндагии кӯчнишинии туркманҳо, қазоқҳо, қирқизҳо ва узбакҳо дар тӯли қурун имкон намедод, ки онҳо шаҳрҳои миллии худро дошта бошанд.[32] Аз мантиқи ӯ чунин метавон натиҷа гирифт, ки ҳамаи шаҳрҳои Осиёи миёна ҳаққан ба ягона қавми бумӣ ва сокини ин минтақа яъне тоҷикон таъаллуқ дорад ва бояд машмули вилояти худмухтори Тоҷикистон шаванд.

Ба ақидаи ӯ бояд ба ин асл такя кард, ки кӣ дар ин шаҳр зиндагӣ ва тиҷорат мекунад: «шаҳри Тошканд мунҳасиран бозори қирқизҳо (қазоқҳо) мебошад. Қирқизҳои вилояти Сирдарё бидуни Тошканд наметавонанд зиндагӣ кунанд ва дар уездҳои атрофи Тошканд ғолибан қирқизҳо зиндагӣ мекунанд. Аз теъдоди куллии аҳолии шаҳр танҳо 1/3 узбакҳо мебошанд, ки дар

30. Ҳамон ҷо, барги 167.

31. Ҳамон ҷо.

32. Масалан дар ин бора, «Материалы по истории казахских ханств XY-XYIII веков». Таҳиякунандагон С.К Иброҳимуф, Н.Н. Мингулуф, К.А Пишулина, В.П. Юдин, Алма-Ато .1949. Ва низ осори сершумори хатии ақвоми эронӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

шаҳри Тошканди қадим зиндагӣ мекунанд ва дар инҷо фақат масъалаи Тошканди қадим матраҳ аст. Вале шаҳри Тошканд бояд ба қирқизҳо тааллуқ дошта бошад.»[33]

Дар ибтидои феврали соли 1924 буд, ки барои нахустин бор масъалаи марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна матраҳ шуд ва намояндаи доимии Ҷумҳурии Қирқизистони (Қазоқистон) шӯравии сусиёлистӣ дар Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон дар бораи илҳоқи вилоёт ва навоҳии мушаххасе аз Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ ба Ҷумҳурии Қирқизистон хабар додааст. Дар гузориши ин намоянда аз ҷумла гуфта мешавад: «Назароти кормандони узбаке, ки ба ҳифзи ин вилоёт дар таркиби хиттаи Туркистон таваҷҷӯҳи бештаре доранд, яксон нест. Баъзе аз кормандони узбак, ки албатта теъдодашон хеле кам аст, дар бораи пайвастани ҳамаи сарзаминҳои вилоёти Сирдарё, Ҳафтрӯд, Омударё ба иловаи уездҳои Тошканд ва Мирзочӯл ба Ҷумҳурии Қирқизистони шӯравии сусиёлистӣ эроде надоранд. Ҳамчунин ин гурӯҳи эроди хоссе алайҳи пайвастани манотиқе аз Фарғона ва Помир, ки қарақирқизҳо, қипчоқҳо ва қазоқ-қирқизҳо дорои аксарият ҳастанд, ба Ҷумҳурии Қирқизистон, надоранд.

Ҳамин тавр, ин гурӯҳи кормандони узбак барои вогузор кардани шаҳри Тошканд — бузургтарин марказ Осиёи миёна ба Қирқизистон мувофиқанд.»[34]

Дар идомаи гузориш гуфта мешавад, ки гурӯҳи дуввуми кормандони узбак ба пайвасти вилоёти қирқизнишини Ҷумҳурии Туркистон ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) мухолифате надоштанд, вале комилан мухолифи ба машмулият даровардани уездҳои Тошканд ва Мирзочӯл ба Қирқизистони (Қазоқистон) оянда, ки ба гумони онҳо сарзамини узбакҳо маҳ-

---

33. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 87, барги 166. Дар бораи аҳолии бумии шаҳри Тошканд. Нигаред: Андреев М.С. Вещие сны, несколько примет и детская игра «Сорока-Ворона» среди некоторых народов, главным образом Средней Азии. — Известия Главного Срдене-Азиатского музея. Выпуск 2. Материалы по этнографии. Тошканд. 1923. -Р.М.

34. Ҳамон ҷо, барги 37.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

суб мешавад, буданд. Гурӯҳи мазкур шадидан мухолифи вогузории шаҳри Тошканд ба Ҷумҳурии Қирқизистон буданд ва онро маркази муҳими иқтисодӣ ва фарҳангии Осиёи миёна ва шаҳри бумии узбакҳо ҳисоб мекарданд.

Ағлаби кормандони узбаки Ҷумҳурии Туркистон, ба вижа онҳое ки хостгоҳашон аз Тошканд буд, на танҳо шадидан мухолифи ҷойгоҳи шаҳри Тошканд — ба унвони пойтахти Ҷумҳурии ояндаи Қазоқистон буданд, балки мухолифи илҳоқи вилоёт ва навоҳии қазоқнишини Ҷумҳурии Туркистон ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) буданд. Аз ин рӯ, Журченев намояндаи доимии Ҷумҳурии Қирқизистон дар Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон ва Счастнев - дабири масъул, ба ҳукумати Ҷумҳурии Қирқизистони шӯравии сусиёлистӣ пешниҳод карданд, ки дар робита бо марзбандии дар пеш доштаи Осиёи миёна иқдомоти муқаддамотиро анҷом диҳанд. Аз ҷумла: таҳқиқи дақиқи теъдоди қирқизҳо (қазоқҳо), ки дар роҳи оҳани Осиёи миёна ва Тошканд кор мекунанд; баргузории умури таблиғотӣ дар байни аҳолии миллӣ ҷиҳати ташаккули афкори умумӣ ва басиҷи мардум ҷиҳати илҳоқи вилоёти мушаххаси қирқизнишин (қазоқнишин) ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон), пешниҳод карда мешуд.

Намояндагони қирқиз (қазоқ) барои илҳоқи шаҳри Тошканд ба Ҷумҳурии Қирқизистон аҳамияти бузургеро қоил буданд, онҳо ҳатто барои илҳоқи муваққатии шаҳри Тошканд ба Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистон шӯравии сусиёлистӣ мувофиқ буданд, он ҳам ба ин далел, ки шаҳри Тошканд маркази иқтисодии сарзаминҳои шимолии Ҷумҳурии Туркистон мебошад.

Дар ин гузориш бадин низ ишора мешуд, ки тарҳи сохтани роҳи оҳан, ки қаблан дар назар гирифта шуда буд, шаҳри Тошкандро бо манотиқи дигари вилояти Ҳафтрӯд, ба вижа Сергиопол, ки бо устони Семипалатински Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) ҳаммарз аст, мепайвандад.

Ҳамон гуна ки намояндагони қазоқ таъйид мекарданд, шаҳри Тошканд аз нигоҳи иқтисодӣ бо вилоёти қирқизнишин (қазоқ) робитаи танготанг дорад. Аз ин рӯ ба хотири сохтани

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

роҳи оҳани Ҳафтрӯд, аҳамияти шаҳр афзоиш хоҳад ёфт. Ин роҳи оҳан муҳимтарин василаи иртиботии Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) хоҳад шуд. Хуруҷи Тошканд аз ҳайати вилоёте ки аз назари иқтисодӣ ба ин шаҳр марбут мешаванд, чунин маънӣ дошт, ки қирқизҳо (қазоқҳо) мусалламан нерӯи умдаи иқтисодӣ ва сиёсии худро аз даст хоҳанд дод. Ба ҷуз ин, дар ин гузориш омадааст, ки «шаҳри Тошканд аз назари фарҳангӣ ҳамон нақшро дорад, ки Самарқанд барои тоҷикон, яъне муҳимтарин маркази фарҳангӣ ва маънавии қирқизҳоест, ки дар Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ зиндагӣ мекарданд.»[35]

Шаҳри Тошканд аз назари торихӣ ва суннатӣ бештар ба аҳолии қирқиз (қазоқ) марбут буд, то ба узбакҳо. Сарфи назар аз он ки акнун дар шаҳри Тошканди кадим аксарияти аҳолӣ узбакҳо мебошанд, ағлаби аҳолии вилояти Тошканд ва вилоёти наздик ба он қирқизҳо (қазоқҳо) ҳастанд. Агар ин аслро дар назар бигирем, ки тибқи он шаҳрҳои бумии тоҷикон яъне Самарқанду Бухоро ба Ҷумҳурии Узбакистон дода шуд, пас дархости қирқизҳо (қазоқҳо) дар бораи вогузор кардани Тошканд ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) комилан мустадалл хоҳад буд. Зеро ҳангоми вогузор кардани ин ё он шаҳр ба яке аз ҷамоҳири миллӣ, ки дар оянда таъсис хоҳанд шуд на сохтори қавмии аҳолии он шаҳр, балки сохтори миллии навоҳии атрофи он шаҳр ё вилоят ба таври куллӣ дар назар гирифта мешавад. Агар гуфтаҳои Ленинро дар мавриди шаҳрҳое, ки дар атрофи он миллати дигар бартарӣ дорад, дар назар бигирем, сохтори миллии худи шаҳр шарти аслӣ маҳсуб намешавад. Дар ин сурат аҳолии атрофи шаҳрро набояд аз сарзаминҳое, ки ба онҳо тамоюл доранд, ҷудо ва мунзавӣ кард. Дар ин робита ҳақ ба ҷониби қирқизҳо (қазоқҳо) буд, ки илҳоқи шаҳри Тошкандро ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) тақозо мекарданд.

Иллати дигари ба вуҷуд омадани ин дархост дар он аст, ки бархе аз намояндагони узбак то ҳадде аз назари равонӣ ба ин кор омода буданд; онҳо барои пойтахтиояндаи худ ба ҷуз Тошканд имконоти бештаре барои интихобро доштанд, масалан шаҳрҳое

35. Ҳамон ҷо.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

монанди Самарқанд, Бухоро, Фарғона, Қӯқанд ва ғайра. Дар гузориш гуфта мешавад, ки кумисиюни узбак лузуми эҷоди давлати воҳидро мураккаб аз аҳолии узбаки Бухоро (ва на танҳо узбак балки тоҷик -Р.М.), Хоразм ва Ҷумҳурии Туркистон, тарафдорӣ мекунад. Бад-ин манзур Раҳимбоюф яке аз кормандони баландпояи узбак ба Бухоро ва Хоразм сафар кард. Намояндаи доимии Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) дар Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон, тавсия кард, ки матни суханронии намояндагони Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) дар конфронси ҷумҳуриҳои Осиёи миёна пиромуни марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна, дақиқан мавриди баррасӣ қарор гирад. Дар зимн гуфта мешуд, ки дар Ҷумҳурии чандмиллиятии Туркистон ҳуқуқи баъзе гурӯҳҳои миллӣ аз ҷониби гурӯҳи дигари миллӣ нақз мешавад. Кӯч кардани аҳолии қирқиз (қазоқ) аз ноҳияи Ҷиззахи вилояти Самарқанд ба вилояти Сирдарё ба хотири фишори аҳолии узбак мисоли боризи ин далел мебошад.[36]

Дар гузориши намояндаи зисалоҳи Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) дар Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон, ба муовини раиси Дафтари сиёсии Осиёи миёнаии К.М.Ҳ.К.(б)Р. дар торихи 14 маи 1924, гуфта мешуд, ки иддаои Ҷумҳурии шӯравии сусиёлистии Қирқизистон ба сарзаминҳое марбут мешавад, ки дар сар то сари он қирқизҳо (қазоқҳо) зиндагӣ мекунанд.[37] Таҳти гуфтаи мазкур ҳудуде дар назар дошта мешуд, ки аҳолии онро қирқизҳо ва қавмҳое, ки аз назари фарҳангӣ ва илмӣ ба онҳо наздик буданд, яъне қарақалпоқҳо, қарақирқизҳо, қурамаҳо ва қипчоқҳо ташкил медоданд, ки на танҳо аксарияти нисбӣ, балки дар ағлаби маворид аксари куллро доро буданд. Дар ин гузориш, як силсила навоҳии Ҷумҳурии Туркистон оварда мешуд, ки бидуни шак бояд машмули Ҷумҳурии Қирқизистон (яъне Қазоқистон) мешуд. Ҳамон тавр ки дар боло зикр шуд, ба ақидаи намояндаи зисилоҳ, шаҳри Тошканд ҳатман бояд машмули Ҷумҳурии Қирқизистони (Қазоқистон) шӯравии сусиёлистӣ

---

36. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 87, барги 37.

37. Ҳамон ҷо, барги 169.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

шавад. Зеро, шаҳри Тошканд моҳиятан маркази вилояти Сирдарё мебошад, ки аксарияти сокинони онҷо қирқизҳо (қазоқҳо) ва қабоилу ақвоми наздик ба онҳо ҳастанд. Ҳамаи кормандони масъули Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) дар паёми худ ба И.В. Истолин, В.М. Молотуф. А.А. Андреюф дабирони масъули К.М.Ҳ.К.(б)Р. ва низ Я.Э. Рудзутак дабири К.М.Ҳ.К.(б)Р., масъули марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна, ҳамин мавзӯъро ҷонибдорӣ мекарданд. Кормандони баландпояи ҳизбӣ ва давлатии қирқиз (қазоқ) дар гузориши дастаҷамъии худ, мусиррона дархост мекарданд, ки Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) аз Оренбург ба Тошканд мунтақил шавад ва ҳамзамон масъалаи вилоёти Туркистон, ки қирқизҳо, яъне қазоқҳо дар онҷо зиндагӣ мекунанд, ҳаллу фасл гардад.

Дар асноди бойгониҳо ҳамчунин назароти намояндагони тоҷик ва узбак муштаракан оварда мешавад, зеро кумисиюни мустақили тоҷикӣ ва ё ҳатто зеркумисиюне барои марзбандии миллӣ ва давлатӣ ташкил нашуда буд. Дар ин робита ҳамаи масоил бавижа масоили мавриди ихтилоф аз номи узбакҳо ва тоҷиконро кумисиюни узбакҳо ҳал мекард. Табиист ки дар мубоҳисот ва ихтилофи назарҳо пиромуни шаҳри Тошканд ва сарзаминҳои дигари Ҷумҳурии Туркистон байни қазоқҳо ва узбакҳо, тоҷикон бидуни ҳеч гуна тардид, кумисиюни узбакро тарафдорӣ мекарданд.

Моро бештар чизи дигар мутаҳаййир месозад: тоҷиконе, ки дар баргузории марзбандии миллӣ, давлатӣ дар ҳайати кумисиюни миллии узбак ширкат мекарданд, дар аснод ба номи узбак сабт шуда буданд, вале дар бойгониҳо ба назароти «рафиқони узбак ва тоҷик» ишора шудааст.[38] Пас маълум мешавад, ба ҳар ҳоле ки тоҷикон миллияти худро пинҳон мекарданд, дар байни кормандони ҳизбӣ ва давлатии Туркистон ва баъдан Узбакистон ба номи тоҷик шӯҳрат доштанд. Ва ҳамин боиси аз кор барканор кардани онҳо дар Узбакистон ва ба кор омадани онҳо

38. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 87, барги 164.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ба Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон, ки баъд аз чанд сол Ҷумҳурии иттиҳод шуд гардид.

Қабл аз марзбандии миллӣ ва давлатӣ ва дар ҷараёни баргузории он назароти мухталиф роҷеъ ба эҷоди фидиросиюни Осиёи миёна бар мабнои ҷумҳуриҳои миллии тозатаъсис ва машмул шудани онҳо ба Иттиҳоди шӯравӣ, пешниҳод мешуд. Бавижа намояндагони Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) монанди Хоҷануф, Исфандиёруф ва Худойқулуф ба ин масъала исрор мекарданд ва аз ҷумла мегуфтанд: «фидиросиюни Осиёи миёна таъсис ва Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистони шӯравии сусиёлистӣ, ки он вақт ҷузви Русияи фидирол буд, ба-дон мулҳақ шавад.»[39]

Ин яке аз шартҳои ҳатмӣ буд, ки кормандони қазоқи Ҷумҳурии Туркистон барои марзбандии миллии қирқизҳо (қазоқҳо) пешниҳод мекарданд. Ба гумони онҳо, бидуни анҷоми ин масъала, марзбандии миллӣ ва эҷоди фидиросиюни Осиёи миёна барои қирқизҳо (қазоқҳо) ҳеч маънӣ нахоҳад дошт. Ба ақидаи С. Хоҷануф «агар баръакс қирқизҳои Ҷумҳурии кунунии Туркистон машмули Ҷумҳурии Қирқизистон нашаванд, пас қирқизҳо ба ононе, ки ин тарҳро рехтаанд, лаънат хоҳанд гуфт».[40] Аз дидгоҳи ӯ «Осиёи миёна» аз назари арзӣ, иқтисодӣ, ҳатто этнографӣ дорои мафҳуми воҳид аст. Ба назари ӯ марзбандӣ бар мабнои нишонаҳои миллӣ ва қабилаӣ ва эҷоди «ҷумҳуриҳои мустақил» чунин маънӣ дорад, ки як ҷисми зинда тикка-тикка шавад ва сар, бадану пойҳо ҷудо аз ҳамдигар ва мустақил зиндагӣ кунанд.[41]

Чанд сол баъд торихнависони марксистӣ бо гуфтаҳои С. Хоҷануф, яке аз раҳбарони равшанфикр ва жарфандеши қазоқ,

39. Ҳамон ҷо.

40. Ҳамон ҷо.

41. Фақат ҳоло, баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сусиёлистӣ дар соли 1991 ҳаққонӣ будани назарот ва ақоиди С. Хоҷануф комилан равшан мешавад. Ҳамакнун раҳбарони давлатии Ҷумҳуриҳои мустақили Осиёи миёна ба лузуми ҳамгароии иқтисодии ҷумҳуриҳои Осиёи миёна ва кишварҳои дигари Иттиҳоди кишварҳои муштаракулманофеъ, ки дар тӯли 70 сол ба организми зиндаи иқтисодӣ табдил ёфтааст, пай бурдаанд. Марзбандии соли 1924 ва фурӯпошии 1991 — ин ду паҳлӯи як сикка аст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ба муқобила пардохтанд ва ӯро муттаҳам бар он мекарданд, ки ӯ мавҷудияти қавмҳои алоҳида яъне қазоқҳо, қирқизҳо, узбакҳо, қарақалпоқҳо ва ғайраро дар Осиёи миёна нафӣ мекард, ки ба назари мо ин гуфта комилан нодуруст аст. Дар воқеъ ӯ як чизро мехост: Дар як ҷумҳурии мустақил ва ҷузви фидиросиюни ҷумҳуриҳои мустақили миллии Осиёи миёнаи Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сусиёлистӣ муттаҳид кардани қазоқҳои Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ ва Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистони шӯравии сусиёлистӣ, ки он вақт машмули Ҷумҳурии Русияи фидироли шӯравии сусиёлистӣ буданд.

Аз сӯи дигар С. Хоҷануф мухолифи эҷоди ҷумҳуриҳои бузург ва таъсиси ҷумҳуриҳои худмухтори қавмҳои дигари ҷузви онҳо; аз ҷумла тоҷикон машмули Узбакистон ё қазоқҳо ва қирқизҳо машмули Ҷумҳурии Русияи фидироли шӯравии сусиёлистӣ буд. Ӯ мегуфт: «Агар масъалаи марзбандӣ ба манзури ободонии шӯравии Осиёи миёна сурат мегирад, бояд норизоятӣ ва нокомиҳоеро, ки «истиқлолият»-и «ҷумҳуриҳои мустақил» ба дунбол хоҳад дошт, дар назар гирифт ва танҳо Ҷумҳурии Узбакистон қобилияти ҳаёт хоҳад дошт, вале қирқизҳо, туркманҳо дар ҳамаи муносибот тобеи узбакҳо ҳастанд ва аз ҳаққи эътироз ва ширкат дар идораи Ҷумҳурии Узбакистон маҳрум мебошанд.»[42] С. Хоҷануф моҳиятан ба таврӣ шадид мухолифи эҷоди ҷумҳуриҳои миллӣ, ки аз назари арзӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқҳои ғайримусовӣ доранд, буд. Ӯ ҳамчунин мухолифи тақвияти давлатӣ ва сиёсии як ҷумҳурӣ, аз ҷониби қавми дигар ва поймол кардани ҳуқуқи арзӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, миллӣ ва давлатии онҳо буд. Мутаасифона С. Хоҷануф ба таври усулӣ манофеъи қавмҳои туркзабони Осиёи миёна яъне қазоқҳо, қирқизҳо, туркманҳо ва қарақалпоқиҳоро дар назар мегирифт, вале ҳуқуқи миллии қадимтарин қавми Осиёи миёна, яъне тоҷиконро фаромӯш мекард. Баъдҳо дар замони табдили Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ ба ҷумҳурии мустақил, С. Хоҷануф қотеъона дархост мекард, ки на танҳо ноҳияи Хӯҷанд ва навоҳии дигари

---

42. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 87, барги 164.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Тоҷикистони шимолии кунунӣ, балки вилояти Сурхондарё, шаҳри Самарқанд ва дигар манотиқе, ки тоҷикони бумӣ дар онҷо зиндагӣ мекунанд ва дар соли 1924 машмули Ҷумҳурии Узбакистон шуда буданд, ба Тоҷикистон дода шавад.

С. Хоҷануф мавзеи усулии худро дар бораи марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна дар номае, ки ба К.М.Ҳ.К.(б)Р. ирсол карда буд, баён дошта; аз ҷумла мегӯяд, ки дар байниағлаби қавмҳои Осиёи миёна, ба ҷуз бахше аз узбакҳо ва тоҷикон, ки дар остонаи гузор аз одобу русуми феодолӣ ва қабилаӣ ба муносибати сармоядорӣ ҳастанд, русуми падарсолорӣ ва қабилаӣ вуҷуд дорад. Ҳатто ҷараёнҳои иҷтимоӣ, ки тахти таъсири ҷунбишҳои инқилобии Русия дар чаҳоряки аввали қарни 20 дар Осиёи марказӣ сурат мегирифт, тарзи суннатии зиндагии ағлаби ақвоми Осиёи миёнаро камтар дигаргун сохт. Таҳаввулоти куллӣ, ки баъд аз истиқрори Ҳокимияти шӯравӣ дар зиндагии қавмҳои Осиёи миёна сурат гирифт, ҳанӯз таъсире дар вижагиҳои маишӣ ва ахлоқии онҳо накарда буд. Ба ақидаи С. Хоҷануф зимни баргузории марзбандии миллӣ ва давлатӣ бояд дар навбати аввал ин нукта ва вижагиҳои дигари миллии қавмҳои Осиёи миёнаро дар назар гирифт.

Ӯ ба лузуми марзбандии давлатӣ ва миллӣ тибқи асли миллӣ ва лузуми таъсири муфиди он дар рушди қавмҳо ва гурӯҳҳои миллии Осиёи миёна шакке надорад ва онро танҳо иқдом барои ҳалли одилонаи равобити байни миллатҳо медонад ва дар айни ҳол мегӯяд: «Арзёбии нодурусти ин масъала дар амал ба назар мерасад, ки масъаларо ба балоҳат мекашонад ва яксӯнигариҳое вуҷуд дорад, ки танҳо вижагиҳои фавқуззикри муносиботи иҷтимоӣ ва иқтисодии Осиёи миёна метавонад посухгӯи он бошад.»[43]

Ӯ тасмимоти ургонҳои (органҳои) ҳизбӣ ва шӯравии Ҷумҳурии халқии Бухорои шӯравӣ, Ҷумҳурии халқии Хиваи шӯравӣ, Ҷумҳурии Туркистонро тахти раҳбарии Дафтари сиёсии Осиёи миёнагии Кумитаи марказии Ҳ.К.(б)Р. ва бо мувофиқ-

43. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди таърихи навини Русия. Махзани 17 сабти шумораи 112, парвандаи 566, барги 40 ва пушти барги 40.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ати раҳбарони кохи Кремли Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ «дар бораи аз ҳам ҷудо шудани бахшҳое аз Осиёи миёна ё матраҳ кардани масъала дар бораи фақат Ҷумҳурии Узбакистон, нафӣ кардани манофеъи ҳамаи гурӯҳҳои камтавони миллӣ, ки аз нигоҳи фарҳангӣ ва иқтисодӣ вобаста ба узбакҳо ҳастанд»[44] аз ҷумлаи масоили бепояи марзбандии миллӣ медонист.

Ба гумони ӯ, эҷоди худмухториҳои миллӣ, ки посухгӯии манофеъи миллӣ дар чаҳорчӯби ҳифзи якпорчагии Осиёи миёна, яъне фидиросиюни Осиёи миёна буд, шакли маъқултари марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна маҳсуб мешавад. Ба ақидаи ӯ, ҷумҳуриҳои мустақили зер машмули ин фидиросиюн мешаванд: Ҷумҳуриҳои Узбакистон, Туркманистон ва Вилоятҳои худмухтори Қарақирқиз ва Тоҷикистон.[45]

Гуфтаҳои Хоҷануф дар ин ҷо бо якдигар дар тазод аст. То ин дам ӯ дар бораи нақзи ҳуқуқи миллӣ зимни эҷоди ҷумҳуриҳои мустақил баҳс мекард. Тоҷикон ва қарақирқизҳо (қирқизҳо)-ро дар чаҳорчӯби вилоятҳои худмухтор қарор дода, барои қирқизҳо (қазоқҳо) ҷумҳурии мустақил ва ғайривобаста аз узбакҳо ва Русияро дархост мекард.

Гузашта аз тазод дар назароти С. Хоҷануф, ватанпарастӣ, усулият ва ҷасорат дар гуфтаҳои ӯ қобили таваҷҷӯҳ ва эҳтиром аст. Инро дар мавриди баъзе тоҷикони бешаҳомат, бидуни усулият ва фурӯхташуда, ки халқи худро ба хотири манзалат ва комёбии шахсии худ фурӯхтаанд, наметавон гуфт. Мо фикр мекунем, ки бародарони қизоқи мо дар бораи зиндагии С. Хоҷануф хоҳанд навишт. Таҳқиқотеро ба ӯ ихтисос хоҳанд дод ва хиёбонҳову шаҳрҳоро ба номи ӯ хоҳанд кард. Ӯ ҳамчун корманди сиёсиву миллӣ ва ватанпарасти миллати худ ҳаққан сазовори ин мебошад.

С. Хоҷануф шаҳри Тошкандро ба унвони пойтахти фидиросиюни Осиёи миёна пешниҳод мекард, ки шаҳри интернатсионалӣ ва амалан маркази бахши қирқизҳои Ҷумҳурии Туркистон

---

44. Ҳамон ҷо.
45. Ҳамон ҷо.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

дар он замон буд ва дар бештарин қисмати сарзамини Тошканд қирқизҳо (қазоқҳо) (70 дар сад дар вилояти Тошканд ва 51 дар сад дар уезди Тошканд) сокин буданд[46]. У бар мабнои далоили мушаххас, тааллуқи шаҳри Тошкандро ба узбакҳо рад кард. Масалан, тибқи омор, дар остонаи марзбандии миллӣ ва давлатӣ, аҳолии шаҳри Тошканд куллан 380000 нафар буд, ки 130000 нафари он дар шаҳри Тошканди қадим, ақвоми мухталифи узбакҳо, тоҷикон, қазоқҳо ва намояндагони қавмҳои дигари Осиеи миёна ва 250000 нафари он дар шаҳри нав, русҳо ва аҳолии русзабон зиндагӣ мекарданд. Ҳамин тавр, шаҳри Тошканд тибқи сохтори аҳолии шаҳр комилан узбакӣ нест. Ғайр аз ин, аксари аҳолии ҳамаи шаҳрҳои Ҷумҳурии Туркистон ва минҷумла Тошкандро қирқизҳо (қазоқҳо) ташкил медоданд

Тибқи гуфтаи В.И. Ленин омили аслӣ дар муталлиқ будани шаҳре ба як ҷумҳурӣ на сохтори қавмии аҳолии худи шаҳр, балки сохтори миллии сарзамини атрофи шаҳр аст. Агар шароити машмули шудани Самарқанду Бухоро ва дигар шаҳрҳои торихии тоҷиконро ба Ҷумҳурии Узбакистон дар назар бигирем, пас шаҳри Тошканд мусалламан бояд ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) вогузор мешуд. Ба ҷуз ин, шаҳри Тошканд тақрибан ягона маркази фарҳангӣ ва иқтисодии вилоёти қирқизнишин буд. Аз даст додани шаҳри Тошканд барои қазоқҳо ба маънии аз даст додани тамоми вилояти кишоварзии Сирдарё буд. Намояндагони казоқ мусиррона ва мудаллал машмул сохтани тамоми вилояти Сирдарёро ҳамчун пойгоҳи асосӣ ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) дархост мекарданд. Вагарна таъсиси Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) ҳеч маънӣ надошт. Онҳо мегуфтанд, ки дар оянда Ҷумҳурии Қирқизистон чун ҷумҳурии пароканда ва ғайри қобили зист боқи хоҳад монд. С. Хоҷануф ба кори Дафтари сиёсии Осиёи миёнагии К.М.Ҳ.К.(б)Р. ва кумисиюни марзбандии миллӣ ва давлатии он эрод гирифта аз К.М.Ҳ.К.(б)Р. хост, ки ин масъаларо баррасӣ намояд ва масъаларо дар чаҳорчӯби оддӣ ва корӣ қарор диҳад, бо дастурҳои

46. Ҳамон ҷо.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

комил ба самти собит раҳнамуд созад ва ба гароишҳои якҷониба ва мутаъзоҳирона хотима диҳад ва аз шитобгариҳои насанҷида ва якҷониба ҷилавгирӣ кунад.[47]

Тибқи нақшаи марказ яъне К.М.Ҳ.К.(б)Р. ва Ҳокимияти шӯравӣ, марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна бояд ин масъалаи асосиро ҳал мекард: ҳатталимкон нигоҳ доштани тамомияти арзиву иқтисодии Ҷумҳурии Туркистон яъне тавлидкунандаи аслии панба дар замони шӯравӣ ва ҳамонанди қабл аз инқилоби Октябр. Тибқи нақша, марзҳои Ҷумҳурии Туркистон аз ҳисоби Ҷумҳурии халқии Бухорои шӯравӣ, Ҷумҳурии халқии Хиваи шӯравӣ бояд тавсиъа ва номи он ба Ҷумҳурии Узбакистон тағйир меёфт. Таъсиси Ҷумҳуриҳои дигар ва вилоёти худмухтори миллӣ бояд ихтилофи байни гурӯҳҳои миллиро дар ургонҳои ҳизбӣ ва давлатии Ҷумҳурии Туркистон аз байн мебурд, ки бидуни шак боиси нороҳатӣ ва асабонияти раҳбарони ҳизбӣ ва идории Давлати шӯравӣ дар Маскав буд. Ихтилофот ва рӯёрӯйиҳои шадид байни кумисиюнҳои миллии алоҳида ва раҳбарони онҳо боиси нигаронии ҷиддии кормандони ургони ҳизбии вижаи Дафтари сиёсии Осиёи миёнаийи Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия гардид, ки рӯйдодҳои Осиёи миёнаро, ба вижа онҷи ба марзбандии миллӣ ва давлатӣ марбут мешуд, назорат мекарданд ва ба Маскав гузориш медоданд. Ин кумисиюн дар навбати аввал масъули баргузории муваффақиятомези марзбандӣ буд. Аз ин рӯ дар бораи раванди шурӯъшудаи марзбандии давлатӣ, ҳаводиси марбут ба он, мавзеъи гурӯҳҳо ва роҳбарони миллии алоҳида зимни ҳалли ин масъала мустақиман ба дабирон ва узвҳои Дафтари сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия иттилоъ дода мешуд.

Дар 8 августи соли 1924 гузориши вижае аз тарафи И. Карклин муовини раиси Дафтари Осиёи миёнаӣ ва узви ҳайати раисаи Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон бо мӯҳри «комилан сиррӣ» шахсан ба И.В. Истолин дабири Кумитаи марказии

47. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 17, сабти шумораи 112, парвандаи 566, барги 41.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия ва Я.Э. Рудзутак раиси Дафтари Осиёи миёнаийи Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия ирсол шуда буд, ки дар он роҷеъ ба анҷоми тақрибии тасвибномаи Дафтари сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия пиромуни марзбандии Ҷумҳуриҳои Осиёи миёна хабар дода мешуд.

Аз ҷумла умури мушаххасе, ки Дафтари Осиёи миёнаийи Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия барои ташкили фаъолиятҳои умумӣ дар байни аъзои маҳаллии ҳизб ва умури таблиғотӣ дар заминаи марзбандии миллӣ ва давлатӣ дар назар гирифта буд, анҷом нашуд. Аз сӯи дигар гуфта мешуд, ки «баъзе рафиқон мекӯшанд, ки пешдастӣ кунанд ва хоҳӣ нахоҳӣ онро ба масири нодуруст ҳидоят кунанд.»[48]

Ба унвони мисоли бориз тазоҳури беш аз сад қирқизи савора дар назди бинои Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон оварда мешавад, ки вогузории шаҳри Тошканд ва вилояти Тошкандро ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) тақозо мекарданд. Ба ақидаи гузоришгар тазоҳуроти қиркизҳо (қазоқҳо) аз ҷониби яке аз кормандони ҳизбии миллати қазоқ ташкил ва ҳидоят шуда буд.

Дар ин робита, Дафтари иҷроияи Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Туркистон тасвибномае содир кард, ки тибқи он «барои аъзои ҳизб, кормандони ҳизбӣ ва давлатӣ мамнӯъ буд, ки бидуни иҷозаи урғонҳои ҳизб дар бораи масъалаи марзбандӣ бо тӯдаҳои ғайриҳизбӣ баҳс кунанд» то чи расад ба ташкили тазоҳурот ва намояндагиҳои мухталиф.

Аз ин рӯ он ки дар таърихи гузашта гуфта шудааст: «Марзбандии миллӣ дар фазои густардаи демократӣ сурат гирифт» ва «ҳангоми истиқрори марзҳо манофеъ ва хостаҳои аҳолӣ ва муносиботи иқтисодиву ҷуғрофиёйӣ ҷиддан дар назар гирифта шуда буд» ва «ин ҳама кори азиму пурзаҳмат танҳо дар сурати изҳори назари ҳамагонӣ ва ширкати гурӯҳҳо дар ҳалли ҳамаи масоили печида, метавонист бо муваффақият анҷом шавад»[49] дурӯғи маҳз

48. Ҳамон ҷо, махзани 62, сабти-шумораи 2, парвандаи 88, барги 48.
49. Ҳамон ҷо, барги 149

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

аст. Ҳеч гуна «изҳори назари ҳамагонӣ» ва он ҳам дар фазои демократӣ дар байни тӯдаҳо анҷом напазируфтааст. Ширкати мардуми маҳаллӣ, ба вижа ғайриҳизбиён дар изҳори назар, бо дастури вижаи ургонҳои ҳизбӣ ва шӯравӣ акидан мамнӯъ шуда буд. Эътирозот ва тазоҳуроти аҳолии қазоқи уезди Тошканд барои вогузор кардани шаҳр ва вилояти Тошканд ба Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон) иқдоме хосс маҳсуб мешуд, ки миллатгароён ба манфиъати қавми худ ташкил дода буданд. Муқассири тазоҳуроти эътирозомези қазоқҳои вилояти Тошканд алайҳи тасмимоти насанҷида дар бораи вогузор кардани шаҳр ва вилояти Тошканд ба Ҷумҳурии Узбакистон, Хоҷануф дониста шуд. Баъд аз он ки Хоҷануф аз кунгураи XIII-и ҳизб, ки масъалаи марзбандӣ дар он баррасӣ шуда буд, баргашт, бидуни дастурҳои Дафтари Осиёи миёнайии ҳизб ва мувофиқати Маскав дар сафаҳоти рӯзномаҳои маҳаллӣ масъалаи мазбурро матраҳ намуд, мусоҳибаи ӯ бо рӯзномаи қирқизии (қазоқии) «Оқ жӯл» мусоҳибаи аҷӯлона ва бемулоҳизае арзёбӣ шуд, ки гӯё мӯҷиби норизоятии аҳолии қирқиз (қазоқ) алайҳи марзбандии миллӣ ва давлатӣ гардид.

Сарфи назар аз иқдомҳои мамнӯъкунандаи ургонҳои ҳизбӣ барои ҷилавгирӣ аз мудохилаи аҳолии маҳаллӣ дар мубоҳисот ва таъйини хутути марзии ҷумҳуриҳои миллӣ ва вилоёти нав, машмул сохтани минтақае дар яке аз ҷамоҳири миллӣ, тазоҳуроти ғайрирасмӣ ва муташаккилонаи қабойил ва аҳолӣ дар ҳама ҷо ба амал меомад. Баъзе аз кормандони Хоразм ва низ пешвоёни қабилаҳои бузурги туркман мухолифи марзбандии миллии Хоразм буданд. Фаъол шудани аҳолии маҳаллӣ барои ҳалли марзбандии миллӣ ҷиҳати таъйини сарнавишти худ ва ҳатталимкон дархости эҷоди вилоёт ва ҷумҳуриҳои аз назари миллӣ ҳамгун боиси нигаронии Дафтари Осиёи миёнайии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия гардид ва он ба Маскав мурооҷиа кард, то ҳалли амалии масъаларо суръат бахшад. Қарор шуд, ки дар Дафтари Осиёи миёнайӣ, кумисиюне таъсис шавад, ки мустақиман таҳти раҳбарии он Дафтар фаъолият кунад. Дар пленуми навбатии Кумитаи марказии ҳизби кумунисти Туркистон пас аз гузоришҳои иттилоотӣ дар бораи

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

тасвибномаи Дафтари сиёсии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия роҷеъ ба марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна «музокироте сурат нагирифт ва танҳо намояндаи Ҷумҳурии Қирқизистон чанд суол матраҳ кард; монанди: «Чаро Кумитаи марказӣ (яъне Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия -Р.М.) ба зиёни миллатҳои дигар (яъне қирқизҳо) ба узбакҳо ва туркманҳо (Узбакистони мустақил, Туркманистон) имтиёзҳои бештар медиҳад? Чаро Дафтари сиёсӣ тасмим гирифт, ки шаҳри Тошканд ба Узбакистон тааллуқ дошта бошад, бо вуҷуди он ки дар ҳузури рафиқони туркистонии Дафтари тадорукотӣ, масъалаи шаҳри Тошкандро ҳал нашуда боқӣ гузошта буд.»[50]

4 июни 1924 дар ҷаласаи умумии Ҳизби кумунисти болшевикони Русия, бо ҳузури намояндагони туркистонии кунгураи XIII Ҳизби кумунистии болшевикони Русия масъалаи тақсимбандии Осиёи миёна ба ҷумҳуриҳои миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар он ҷаласа масойиле ба монанди: муттаҳид кардани ҷумҳуриҳои миллӣ дар фидиросиюни воҳиди Осиёи миёна ва дар сурати машмул нашудани баъзе ҷумҳуриҳо ба ин фидиросиюн, мутааллиқ сохтани шаҳри Тошканд ба яке аз ҷумҳуриҳо мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар ин ҷаласаи умумӣ аз номи Дафтари Осиёи миёнаӣ Я.Э. Рудзутак сухан гуфт. Баъд аз суханронии ӯ, намояндагони ҳамаи миллатҳои Ҷумҳурии Туркистон ба ҷуз тоҷикон дар музокирот ширкат карданд. Намояндагони узбак ҳам аз тарафи тоҷикон ва ҳам аз тарафи худ сухан гуфтанд ва идеяи таъсиси фидиросиюни Осиёи миёнаӣро пуштибонӣ накарданд. Намояндагони туркман эҷоди ҷумҳуриҳои мустақилро тарафдорӣ карданд ва дар робита бо шаҳри Тошканд (ки бояд ба кадом ҷумҳурӣ тааллуқ дошта бошад, яъне ба қазоқҳо ё қирқизҳо) аз ҳеч гурӯҳе ҳимоят накарданд. Абдураҳмонуф намояндаи қирқизҳо изҳор

50. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди таърихи навини Русия. Махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 88, барги 149.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

кард, ки «шаҳри Тошканд бояд ба Ҷумҳурии Қирқизистон таал-луқ дошта бошад.»[51]

Вале дар тасвибномаи ҷаласа омадааст: «Назароти намояндагони Туркистон шунида, дархости аксарияти ҳизбиён ва ақвоми Туркистон дар назар гирифта шуд, ки дар Осиёи миёна ҷумҳуриҳои мустақили Узбакистон ва Туркманистон таъсис карда шавад ва тибқи қарордоди махсус машмули Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ гарданд. Дар Ҷумҳурии Узбакистон Вилояти худмухтори Тоҷикистон таъсис карда шавад. Ҷумҳурии Қарақирқизистон таъсис ва мустақиман ба Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ мулҳақ шавад. То равшан шудани масоиили мавриди баҳс масъалаи шаҳри Тошканд ҳал нашуда боқӣ бимонад.»[52]

Аммо, дар охирин марҳалаи ҳалли масъалаи марзбандӣ ба ҷои Ҷумҳурии Қарақирқизистон, Вилояти худмухтори Қарақирқизистон (Қирқизистон) таъсис шуд, ки машмули Ҷумҳурии Русияи фидироли шӯравии сусиёлистӣ буд. Дар замимаи суратҷаласаи Дафтари тадорукотии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшевикони) Русия дар 4 июни 1924 навишта шудааст: «Бо дар назардошти вуҷуди эрод дар масъалаи шаҳри Тошканд аз ҷониби кормандони қирқиз, шаҳри Тошканд бояд ба Ҷумҳурии Узбакистон дода шавад.»[53]

Дар ниҳояти амр, шаҳри Тошканд пойтахти Ҷумҳурии Узбакистон шуд, бо вуҷуди он ки мубоҳисоти мудовим байни қазоқҳо, қирқизҳо ва узбакҳо ҷараён дошт: ки ин шаҳр ба кӣ таалуқ дошта бошад? Зимни интихоби пойтахт барои ҷумҳуриҳои тозатаъсис мушкилоти зиёде пайдо шуд. Бисёре аз ақвом бавижа қазоқҳо, қирқизҳо ва туркманҳо дар гузашта пойтахт надоштанд.[54] Агар ба шаҳрҳо аз дидгоҳи комилан миллӣ нигоҳ

---

51. Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 102, барги 2.

52. Ҳамон ҷо. барги 2.

53. Ҳамон ҷо, махзани 17, сабти шумораи 112, парвандаи 566, барги 9.

54. Барои он ки дар ин масъала комилан бегараз бошем, бояд аз он ёдовар шавем, ки қаблан навиштаем. То иттиҳоди қазоқҳо, қирқизҳо ва туркманҳо ба миллатҳои воҳид дар ибтидои асрҳои миёна қавмҳои турк дар Осиёи миёна пойтахтҳо доштанд. Масалан пойтахти тогузғузҳо шаҳри Чинанҷкет буд, ки баъдан аз байн рафт. Вале дар мавриди қазоқҳо, қирқизҳо ва туркманҳо торих аз чизи дигар гувоҳӣ медиҳад

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

кунем, яъне бартарии миллатеро дар байни аҳолии шаҳр дар назар бигирем, пас ба ҷуз чанд маркази вилоят, узбакҳо низ дорои теъдоди хеле каме аз шаҳрҳо буданд. Аҳолии шаҳрҳои умда ва торихии Осиёи миёна ба монанди Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд ва баъзе шаҳрҳои ақвоми омехта аслан тоҷикон буданд, ки баъдан аз шаҳрҳои миллӣ ва сарзаминҳои торихии худ маҳрум шуданд. Дар оғози таъсиси ҷумҳурии мустақили тоҷикон дар соли 1929 ба тоҷикон, ки муддаъии шаҳрҳои Бухорову Самарқанд буданд, ҳеч як аз ин шаҳрҳоро ба хотири манофеъи иқтисодӣ, хутути иртиботӣ, бозор, ҳаёти муштараки иқтисодӣ барнагардонданд. Аммо вақте ки масъалаи тааллуқи шаҳри Тошканд ба узбакҳо ё қазоқҳо ҳал мешуд, ҳамаи ин манофеъ дар назар гирифта нашуданд. Агар манофеъи фавқуззикрро дар назар бигирем, бидуни шак шаҳри Тошканд бояд ба Ҷумҳурии Қазоқистон дода мешуд. Вале чунин нашуд, зеро аксарияти аҳолии Тошканди қадим узбакҳо буданд, яъне дар ин ҷо масъала тибқи нишонаҳои миллӣ ҳал шуд. Дар мавриди масъалаи Самарқанд гироишҳои иқтисодии ин шаҳрро мабно қарор доданд, ҳарчанд ки дар ин сурат низ он ба тоҷикон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дошт. Кормандони ҳизбӣ ва шӯравии радаи болоии узбакҳо, ки аз ҷониби тоҷикони ҷаҳонватан фаъолона пуштибонӣ мешуданд, мутобиқ бо шароит ҳамзамон муддаъии ду шаҳри марказии Осиёи миёна, яъне Тошканду Самарқанд буданд. Соли 1924 дар раванди баргузории марзбандии давлатӣ, вақте ки қазоқҳо усулан дархост мекарданд, ки шаҳри Тошканд пойтахти Ҷумҳурии Қазоқистон шавад, узбакҳо низ ба унвони пойтахти ояндаи ҷумҳурии худ мудаъии шаҳри Тошканд буданд, ки ба он даст ёфтанд.

Баъдҳо вақте, ки масъалаи табдили Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон ба ҷумҳурии мустақил матраҳ шуд ва имкони вогузор кардани Самарқанд ба унвони пойтахт ба Тоҷикистон фаро расид узбакҳо то замони ҳалли масъалаи Самарқанд байни тоҷикону узбакҳо пойтахти Ҷумҳурии Узбакистонро ба Самарқанд интиқол доданд. Пас аз радди вогузории Самарқанд ба тоҷикон ва баъд аз он ки рустои Душанбе дар соли 1931 пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ таъйин

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

шуд, пойтахти Ҷумҳурии Узбакистони шӯравии сусиёлистӣ дубора аз Самарқанд ба Тошканд мунтақил шуд. Аз тарафи худ дастандаркорони тақсимоти марзӣ, ин асл ки «оё пойтахтҳои якмиллиятӣ муҷиби поягузории фарҳанги миллӣ ва рушди миллии миллат дигар мешавад?» нақз шуд (вайрон карда шуд).[55]

Табиист ки барои ҷумҳуриҳои миллии тозатаъсис, ба ҷуз Узбакистон лозим шуд пойтахтҳои худро дар ҷои тақрибан камнуфус монанди қишлоқҳо ё йайлоқҳо бисозанд, ки дар ибтидо ба унвони пойтахтҳои ҷумҳуриҳои ба истилоҳ мустақил комилан номуносиб буданд. Аз ин рӯ пойтахтҳои нав бо дар назардошти тарокуми аҳолии бумӣ комилан миллӣ набуданд. Ин шаҳрҳо дар ағлаби маворид, ба шева ва шабеҳи шаҳрҳои Русия эҳдос шуда буданд, ки тайи солҳои Ҳукумати шӯравӣ бо аҳолии русзабон ё бартарии онҳо, бо сабки шаҳрсозии комилан бегона ва бидуни вижагиҳои маҳалливу миллӣ, ба вуҷуд омада буданд. Ба истисноии аҳолии муҳоҷири урупоӣ, сокинин ва аҳолии маҳаллии ин шаҳрҳо, шаҳрнишин маҳсуб намешуданд. Онҳо намояндагони навоҳӣ ва манотиқи гуногуни ҷумҳуриҳои миллӣ буданд. Аз ин рӯ, онҳо худро шаҳрнишини асили шаҳри мазкур намедонистанд ва бештар худро аз манотиқе медонистанд, ки худи онҳо ё обову аҷдоди онҳо дар онҷо мутаваллид шудаанд.

Шаҳри Душанбе аз ҷумлаи чунин шаҳрҳо мебошад, ки соли 1929 Истолинобод ва соли 1961 дубора Душанбе номгузорӣ шуд.

Дар натиҷаи марзбандии милливу давлатӣ, ки 27 октябри 1924 анҷом ёфт, тоҷикон на танҳо шаҳрҳои торихии худ, яъне Бухорову Самарқанд, балки бештари сарзаминҳои вилояти Сурхондарё ва Қашқадарё ва чанд ноҳияву шаҳри водии Фарғонаро аз даст доданд, ки бештарини аҳолии онҷоҳо тоҷикон буданд. Дар қарори кумисиюни марзбандии узбакҳо, ки аз ҷониби ҳамаи органҳои олии ҳизбиву шӯравӣ таъйид шуда буд, гуфта мешуд, ки тоҷикон аксарияти аҳолии Бухорову Самарқанд ва атрофи ин шаҳрҳоро ташкил медиҳанд, машмули Узбакистон

---

55. Варейкис И., Зеленский И. Национально-государственное размежевание Средней Азии. – Труды Среднеазитского издательства. 1924, саф.80.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

мешаванд, зеро ин шаҳрҳо маркази навоҳии узбакнишин мебошанд ва аз назари иқтисодиву тиҷоратӣ ва шаройити истифодаи об бо аҳолии узбак сахт иртибот доранд ва ҳатто гуфта мешуд, ки «зиндагӣ кардани тоҷикони Самарқанд, Бухоро ва бахшҳое аз водии Фарғона дар ҳудуди Узбакистони шӯравии сусиёлистӣ боиси ҳеч гуна иғтишош намешавад, зеро дар байни тоҷикон ва узбакҳо хусумати миллӣ вуҷуд надорад.»[56]

Аммо вазъияти ҳуқуқии аҳолии бумии тоҷик, ки бар хилофи майли худ дар Ҷумҳурии Узбакистон боқӣ монда буданд, аз рӯзҳои аввали марзбандии миллӣ то ҳоли ҳозир, амалан тағйир наёфтааст. Ҳама итминонҳо ва ваъдаҳои расмӣ, ки ҳокимони вақт дар замони марзбандии миллӣ, дар бораи он ки манофеи миллии тоҷикон дар Узбакистон бе чуну чаро муроот мешавад, фиребу дурӯғ будааст. Илова бар ин, пас аз марзбандии миллӣ ва давлатӣ шовинизми (миллатгаройии) узбакӣ, ки нисбат ба тоҷикон пайдо мешуд, хеле тақвият ёфт. Ҳам дар Ҷумҳурии собиқи Туркистон ва ҳам дар Ҷумҳурии ҷадиди Узбакистон тадрис дар мадориси умумӣ (ибтидоӣ) ва олии шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Фарғона ва дигар навоҳии тоҷикнишин фақат ба забони узбакӣ буд. Ба тоҷикон шадидан ин фикрро талқин мекарданд, ки онҳо худро «узбак» биноманд. Чунин таблиғоти огоҳона ва аксари вақтҳо таҳдидҳои мустақим боис шуд, ки на танҳо тӯдаҳои тоҷикон, балки роҳбарони масъули ҳизбӣ ва шӯравӣ, рӯшанфикрони тоҷик дар аснод (шиноснома ва зоднома) худро ба номи «узбак» сабт мекарданд, ва бо ҷидду ҷаҳд дар узбак кардани аҳолии тоҷик саҳм доштанд.

Аз рӯзҳои аввали баъд аз марзбандии милливу давлатӣ ва таъсиси Ҷумҳурии Узбакистон дар зеҳну фикри тоҷикони онҷо чунин ақидаро талқин мекарданд, ки Узбакистон танҳо барои узбакон аст. Он касе ки худро тоҷик медонад, ба Тоҷикистон фиристода хоҳад шуд. Тоҷиконе, ки хоҳиш доштанд дар Узбакистон бимонанд, бояд забони узбакиро ба унвони забони давлатӣ ва модарӣ мепазируфтанд. Дар баъзе ҷойҳо, ки чанд макта-

56. История коммунистических организаций Средней Азии. Тошканд, 1967, саф.746

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

би тоҷикӣ боқӣ монда буд, то имрӯз тадрис ба забони узбакӣ сурат мегирад. Агар аз кормандони тоҷики бахши омӯзиш ва парвариш ё муассисоти давлатӣ касе мехост ба забони тоҷикӣ суханронӣ кунад, ҳатто агар дар байни фақат тоҷикон бошад, худ ба худ аз кор барканор мешуд ё ба кори дигар гумошта мешуд, ки забон дар он муҳит нақше надошт. Ҳамчунин вазъ дар Самарқанд ва Бухоро ва низ Хуҷанд (то замоне ки дар соли 1969 Хуҷанд ҷузви Тоҷикистон шуд) ҷараён дошт. Дар Самарқанд ва Бухоро ва манотиқи дигар, ки аҳолии бумишон тоҷикон мебошанд, чунин иқдом то ба имрӯз идома дорад. Ин далелро набояд инкор кард, ки аз ҳамон ибтидо ҷунбиши зиддитоҷикӣ, ба ҷуз равшанфикрони узбаку турки ҳама дараҷаҳо, кормандони давлатӣ ва ҳизбӣ ва низ равшанфикрони маҳаллии тоҷик — аъам аз кормандони шӯравӣ ва ҳизбӣ намояндагони илму фарҳанг, ҳунар, омӯзишу парвариш фаъолона ширкат карданд, ки мегуфтанд, тоҷикон танҳо дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд ва барои тоҷикони боқимонда дар сарзамини Узбакистон ба вуҷуди мактабҳо, китобҳо, нашриҳо, родию ва баъд тилвизиюн, муассисоти идорӣ ва давлатӣ ба забони онҳо ниёзе нест. Ва гӯё ба таври куллӣ дар Бухоро, Самарқанд, Сурхондарё, Қашқадарё ва соири шаҳрҳо ва вилоёти Узбакистон, тоҷикон вуҷуд надоранд.

Иллати бисёр муҳими дигар, ки боис гардид кормандони тоҷики муассисоти давлатӣ, ҳизбӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ, худро на ҳарфан, балки амалан дар шиноснома «узбак» биноманд, шароити сирф иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буд, ки маҷбур мекард, то онҳо миллати худро инкор кунанд. Баъд аз марзбандии милливу давлатӣ ва додани худмухторӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарзамини он ба саҳнаи мубориза ҳои хунин байни воҳидҳои артиши сурх ва дастаҳои босмачиён табдил ёфт. Аз тарафи дигар, Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистон амалан ва аз назари қонунӣ аз марказҳои фарҳангӣ ва иқтисодии нисбатан рушдкарда, яъне Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва навоҳии дигар, барканда шуда буд. Аз ин рӯ тоҷикон намехостанд маҳалли ошно, хона ва хешу табори худро гузошта ба ҷумҳурии худмухтори ношинохта барои кору зиндагӣ бираванд. Дар айни ҳол, Дафтари Осиёи миёнаии ҳизби кумунисти (булшевикони) Русия ва

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

созмонҳои маҳаллии ҳизбиву шӯравии узбак, мусиррона лузуми фиристодани кормандони тоҷики ҳизбӣ, шӯравӣ ва фарҳангии Узбакистонро ба Тоҷикистон барои кор дархост мекарданд. Бадин иллат аксари тоҷикон барои нарафтан ба Тоҷикистон миллияти худро иваз мекарданд ва худро ба номи «узбак» сабт менамуданд.

Чунин равише ки ҳамзамон бо марзбандии милливу давлатӣ шурӯъ шуд ва дар солҳои оянда идома ёфт, ба сабаби сиёсати ба истилоҳ «миллии Ҳизби кумунисти Иттиҳоди шӯравӣ ва Ҷумҳурии Узбакистон» таъсири фалокатборе дар коҳиши аҳолии тоҷики Узбакистон дошт. Масалан агар дар соли 1917 дар Самарқанд 44,157 тоҷик ва 3,301 узбак буд, пас дар соли 1927 вақте ки Самарқанд машмули Узбакистон буд, теъдоди аҳолии узбаки шаҳр якбора зиёд шуд ва ба 43,304 нафар ва теъдоди тоҷикон ба 10,716 нафар расид.[57] Чанд ноҳия, ки дар саршумории соли 1920 ҳамчун ноҳияи тоҷикнишин сабт шуда буданд, дар саршумори соли 1967 ба ноҳияи узбакиншин табдил ёфтанд.

Аз ин рӯ, барои он ки дар оянда тақаллуб дар арқом ва таҳрифи фоҳиш дар саршумории соли 1969 роҳ пайдо накунад, созмонҳои ҳизбиву шӯравии шаҳр ва хиттаи Самарқанд тасвибномаи вижаеро содир карданд , ки ба шаҳри Самарқанд ва 9 то 11 шӯрои рустои атрофи он унвони ноҳияи алоҳидаи тоҷикнишин дода шуд. Дар давраи табдили Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ ва хуруҷи он аз тобеъияти Ҷумҳурии Узбакистон, кумисиюни арзии тоҷик таҳти раҳбарии Абдурраҳим Ҳоҷибоюф қотеъона дархост мекард, ки шаҳри Самарқанд ва дигар навоҳии тоҷикнишин ба вилояти Панҷакант мулҳақ ва машмули Тоҷикистон шавад. Дар бораи манотиқи узбакнишини хиттаи Самарқанд, ки шояд боиси напайвастани Самарқанд ба Тоҷикистон гардид, дар назар гирифта шуда буд, ки дар он манотиқ шӯрои русто ва ё ноҳияҳои узбакнишин ташкил шавад

57. Комилан равшан аст, ки иллати якбора тақлил ёфтани аҳолии бумии тоҷик дар Самарқанд, муҳоҷирати дастҷамъии онҳо ба ҷойҳои дигар нест. Аҳолии тоҷики Самарқанд дар маҳали сукунати худ боқӣ монданд, вале миллияти худро иваз карданд. -Ғ.М.-

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ва ҳуқуқи миллӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ҳатмӣ муроот гардад.

Дар мавриди шаҳри Бухоро бояд гуфт, ки дар худи шаҳри Бухоро ва атрофи он аслан форсҳо, арабҳо ва яҳудиёни Бухоро зиндагӣ мекарданд, ки забони модарии онҳо забони тоҷикӣ буд ва ҳаст. Қобили тазаккур аст, ки Бухорои қадим аз нигоҳи торихӣ дар ҳамаи кишварҳои шарқ ва ғарб, ҳамчун шаҳри бумии тоҷикон бо адабиёт, ҳунар, фарҳанги тоҷикӣ ва сокинине ки ҳамеша ба забони тоҷикӣ (форсӣ) сухан мегуфтанд, шӯҳрат доштааст. Бо ин ҳол саршумории соли 1962 Бухороро ба унвони шаҳри узбакнишин сабт кард. Масалан дар яке аз истеъломномаҳо Абдулқодир Муҳйиддинуф — раиси нозирони шӯрои халқии Ҷумҳурии Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ дар бораи сохтори миллии Бухоро ва атрофи он тавзеҳи зеринро медиҳад ва ба ин пурсиш, ки чанд дар сади сокинони Бухоро тоҷикон мебошанд? Нависандаи истеъломнома посух медиҳад, ки «ин пурсишро бояд баръакс матраҳ кард, бад-ин гуна ки: чанд дар сад узбак дар Бухоро зиндагӣ мекунад, зеро агар фарз кунем, ки Бухоро даҳҳо ҳазор нуфус дорад ва аз он миён 15-20 нафар узбак бошанд, пас чи гуна метавон ин шумораро ба ҳисоби дар сад гирифт». Дар ҷараёни саршумории соли 1926 дар мавриди навоҳии дигар ва вилоятҳои тоҷикнишин низ таҳриф ва тақаллубҳои фоҳише рӯй додааст.

Агар натоиҷи ҳамаи саршуморихоеро, ки дар Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сусиёлистӣ ва ҷумҳуриҳои он, бавижа дар Узбакистон сурат гирифта буд, мавриди баррасӣ қарор диҳем, чунин тасаввуре эҷод мешавад, ки ба сари аҳолии тоҷики Узбакистон ҳамеша эпидемӣ ва бемориҳои мудҳише фурӯ рехтааст ва дар натиҷаи он теъдоди тоҷикон дар муқоиса бо аҳолии узбаки ҳамон Ҷумҳурии Узбакистон на зиёд, балки хеле кам шудааст. Бо ин ҳол дар Тоҷикистон тибқи саршумориҳои ҳамон солҳо издиёди тоҷикон ва узбакон ба таври мусовӣ дида мешавад. Дар воқеъ аҳолии тоҷики Узбакистон ба ҳеч гуна эпидемӣ ва беморӣ гирифтор нашуда буд. Он чи бар сари онҳо омада буд, дар бисёре аз сафаҳоти ин китоб омадааст. «Арқоми оморӣ» дурӯғи расмии таррохишудае буд, ки таи солҳои дароз вуҷуд дошт.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## Хулосаи матолиб

Ҳамчунон ки манобеи хаттии боқимонда, таҳқиқоти шарқшиносони рус дар қарни 19 ва ибтидои қарни 20 ва пажӯҳишҳои бисёре аз муҳаққиқони хориҷии торихи қавмҳои шарқ, гувоҳӣ медиҳанд, тоҷикон ба нажоди ориёӣ (ҳинду урупоӣ) тааллуқ доранд ва қадимтарин бумиёни қораи Осиё маҳсуб мешаванд. Гузаштагони тоҷикон дар ҳазораҳои 5-4 қабл аз мелод ба кишоварзӣ, эҷоди рустоҳо ва шаҳрҳо дар сарзамини Осиёи миёна машғул буданд. Онҳо дар ҳақиқат нахустин бунёнгузорони сохтори давлат дар ин сарзамин буданд, ки қалби Осиёи марказӣ маҳсуб мешуд. Дар ҳазораҳои 3-2 қабл аз мелод дар сарзаминҳои Суғд, Хоразм, Марву Бохтар давлатҳое ободмешаванд, ки бунёнгузорони онҳо ниёкони мо будаанд. Яке аз вижагиҳои боризи ин давлатҳо он буд, ки ниёкони тоҷикон бо қавмҳо ва қабилаҳои ғайриориёӣ (юнониҳо, арабҳо, мисриён, ошуриён, бобулиҳо ва ғайра) якҷоя дар сулҳу оромиш ба сар мебурданд, бар хилофи истилогарони дигар, ки саъй мекарданд қавмҳо ва қабилаҳои тасхиршударо нобуд ё ғулом созанд, ниёкони мо дар кишварҳои Осиёи миёна дигаргуна рафтор мекарданд.

Сиёсати ҳукумати фармонравоёни ошурӣ ва бобулӣ дар он замон иборат аз он буд, ки қавмҳои тасхиршударо бикӯчонанд ва дар байни қавмҳои дигар пароканда созанд. Манобеъи хаттӣ, масалан навиштаҳои кутуби динӣ гувоҳӣ медиҳад, ки шоҳони эронӣ ба наҳви дигар рафтор мекарданд. Онҳо кӯшиш мекарданд, батадриҷ қавмҳои тасхиршударо ба сарзаминҳои бумии худ баргардонанд. Яке аз нахустин фармонҳои Куруш (536-529 қабл аз мелод) фармон дар бораи баргардондани асирони яҳудӣ ба меҳанашон буд.

Империяи (императории) Эрон, ки ниёкони тоҷикон низ машмули он буданд, замоне як абарқудрати ҷаҳонӣ буд, ки аз шарқ то Ҳинд ва аз ғарб то Юнон густариш дошт. Пойтахти он ба

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

навбат гоҳе Персиполис (Тахти Ҷамшед) ва гоҳе Шош буд, ки бузургтарин давлатҳо яъне Порс, Илом ва Модро дар бар мегирифт.

Императории Эрон ҳамчун аввалин абарқудрати ҷаҳон дар тӯли 200 сол (526-330 қабл аз мелод) шинохта шудааст. Ҳамон тавр ки маълум аст, дар торихи бостон куллан 6 императории ҷаҳонӣ вуҷуд дошт:

1) Императории Миср (солҳои 1600-1200 қабл аз мелод)
2) Императории Ошур (солҳои 900-607 қабл аз мелод)
3) Императории Бобул (солҳои 607-526 қабл аз мелод)
4) Императории Эрон (солҳои 526-330 қабл аз мелод)
5) Императории Юнон (солҳои 330-146 қабл аз мелод)
6) Императории Рум (солҳои 146 қабл аз мелод - 476 баъд аз мелод)

Императории Эрон дар муқойиса бо императориҳои фавқ на танҳо истилогарӣ мекард, балки сулҳро дар ҷаҳон барқарор менамуд. Шоҳони эронӣ ба яҳудиён иҷоза доданд, ки аз асорат баргарданд ва ҳатто кӯмак карданд, ки онҳо кишвари шоҳии худро барқарор созанд. Ба ин амр танҳо як императории нирӯманде қодир буд, ки ба нирӯи худ бовар дошт.

Ниёкони мо ҳуқуқ ва русуми қавмҳову қабилаҳои ғайритоҷикро бе чуну чаро эътироф ва муроот мекарданд, ба онҳо иҷоза медоданд, ки фароизи мазҳабӣ ва суннатҳои худро ба забони модарӣ анҷом диҳанд. Дар қарнҳои 3-2 қабл аз мелод дар сарзаминҳое, ки ниёкони тоҷикон ба сар мебурданд, баъд аз фурӯпошии императории Искандари Мақдунӣ давлатҳои бузурги Порт ва Кушоноиён ба вуҷуд меоянд, ки шоҳони онҳо фарзандони халафи қавмҳои эронӣ буданд. Портҳо қавмҳои ориёйӣ буданд ва бархосташон аз ноҳияи Деҳистони Туркманистон кунунӣ буд. Нахустин бор онҳо давлати юнонии селевкиёнро аз байн бурданд. Ниёкони қавми тоҷик императории густурдаи Кушони бузургро бино ниҳоданд, ки он сарзаминҳои Осиёи миёна, Афғонистон, Покистон ва шимоли Ҳинди кунуниро дар бар мегирифт. Давлати Кушониён дар тӯли бештар аз 500 сол дар сарзамини Осиёи марказӣ сулҳу оромишро нигоҳ дошт. Императории Кушон монанди дигар кишварҳои эронии Осиёи миёна ба

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

истиклол ва ҳуқуқи давлатҳои дуру наздик таҷовуз накардааст. Онҳо бо Ҳиндустон, Чин, Порс, Рум ва кишварҳои дигар равобити дӯстонаи тиҷоративу фарҳангӣ доштанд. Дар давраи Кушониён ва хонадони Ҳайтолиҳо (қарнҳои 5-7) дар Хуросони бузург* нахустин ҷараёнҳои шаклгирии қавми тоҷик шурӯъ мешавад, ҳамзамон бо он шаклгирии забони муосири тоҷикон — форсии дарӣ сурат мегирад. Ҳамин забон, забони муоширати аъроби истилогар бо суғдиён, хоразмиён, бохтариён, фарғониён буд, ки забони арабиро намедонистанд ва иҷборан исломро дар байни онҳо интишор дода буданд. Аз ин рӯ, арабҳо маҷбур шуданд, ки дар соли 705 мелодӣ ба мардуми Бухоро иҷоза диҳанд, то таълимоти исломӣ ва намозро ба забони модариашон, яъне забони форсӣ (тоҷикӣ) адо кунанд. Баъдтар Қуръон ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд.

Вақте ки аъроб давлатҳои форсиву тоҷикии Сосониву Ҳайтолиро сарнагун карданд, сохтори давлатдории онҳо дар тӯли чанд садсола нисбат ба давлатҳои истилошуда хеле паст буд. Аз ин рӯ аъроб сохтор ва тарзи идораи давлати Сосониёнро пазируфтанд. Сулаймон ибни Абдулмалик — яке аз халифаҳои араб дар бораи давлатдории форсу тоҷикон гуфта буд: «Аз он чиз дар шигифтам, ки эрониҳо ҳазор сол ҳукумат карданд ва як сол ҳам ба мо эҳтиёҷ надоштанд, вале мо сад сол мешавад, ки ҳукумат мекунем ва як соат ҳам бидуни онҳо наметавонем бошем». Агар дар замони ҳукумати хонадони Умия эрониён мустақиман дар идораи давлат ширкат намекарданд, дар замони Аббосиён дастгоҳи давлат комилан аз тоҷикон ва эрониён иборат буд. Ба ҷуз ин, барои ба қудрат расидани Аббосиён Абӯмуслим — фарзанди тоҷикон нақши бузург дошт. Агар ӯ мехост, ҳокимияти хилофати арабро ба осонӣ ба даст меовард. Дар замони халифа Ҳорунаррашид тоҷикони Балх, Бармакиён ба мақоми вазорат ва ҳокими вилоёт мерасанд. Арабҳо маҷбур буданд ҳукумати вилоёт ва шаҳристонҳои эрониву тоҷикиро ба дасти тоҷикону эрониён бидиҳанд. Дар натиҷа давлатҳои Саффориён, Тоҳириён ва

* Хуросони бузург — Минтақаҳои Эрон, Афғонистон ва Осиёи миёнаро дар бар мегирифт.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ниҳояти бузургтарини онҳо — давлати Сомониён ба вуҷуд омад, ки тибқи маъмул онро нахустин давлати тоҷикон меноманд. Муҳаққиқон ва сайёҳоне, ки дар ҳамон вақт ба давлати Сомониён сафар карда буданд, сохтори идории давлат ва сиёсати давлатии онро дар муқоиса бо давлати худ ва қавмҳову қабилаҳои дигар аз ҳама одилтар ва ҳокимони давлати Сомониёнро — бехтарин ҳокимони ҷаҳон донистаанд. Баъд аз сад сол дар сарзамини давлати Сомониён се давлати турку муғул эҷод мешавад. Бояд мутазаккир шуд, ки дар фурӯпошии нахустин давлати миллии тоҷикон худи тоҷикон гунаҳкор буданд.

Ҳазор сол пеш, ҳамчунон ки дар ҳаводиси охири солҳои 1991 ва 1992, ҳокимони алоҳидаи вилоёти тоҷикӣ, дасисаҷӯёни муғриз ва авомфиребони мутаасиб ба хотири мансаб, мақому ҳокимият алайҳи ҳукумати марказӣ қиём ва пояҳои онро суст карданд ва ба туркон — бардагони муздури собиқ мусоидат карданд то давлати Сомониёнро сарнагун намоянд. Фаҷеътар аз ҳама он буд, ки баъд аз фурӯпошии давлати Сомониён туркҳо ва муғулҳо як ба як ҳамаи намояндагони қадимтарин шаҷараи шоҳонро ҳам дар марказ ва ҳам дар шаҳристонҳои давлати тоҷикон нобуд карданд.

Дар сарнагун шудани давлати Сомониён (ҳамонанди ҳаводиси ахири Ҷумҳурии Тоҷикистон) нирӯҳои иртиҷоӣ бисёр гунаҳкор буданд. Мутаассибин аз он ки Сомониён аз маъориф, илму фарҳанг ва ҳунару пизишкӣ пуштибонӣ мекарданд ва аз он ки дар дарбори Оли Сомон ба шоирон, нависандагон ва донишмандон бавижа Абӯ Алӣ ибни Сино, арҷи бисёр қоил буданд, норозӣ буданд ва онҳо Ибни Сино ва равшанфикрони дигарро «мулҳид» ва «душмани ислом» эълом карданд. Онҳо мардумро даъват карданд то аз туркон пуштибонӣ кунанд, зеро ба қавли онҳо гӯё туркҳо низ мусулмон ҳастанд ва ба хотири наҷоти давлати Сомониён набояд хун рехта шавад. Омадани туркон бар сари ҳокимият дар воқеъ барои мутаассибин аз назари тактикӣ хеле судманд буд, воқеъият он буд, ки ин нирӯҳо аз торикӣ ва нодонии ҳокимони турку муғул дар дини мусулмонӣ истифода карда, метавонистанд ба осонӣ ба онҳо фишор оваранд. Хонҳои турку муғул, ки ба тозагӣ исломро пазируфта буданд, аз рӯҳони-

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ёни мусулмон бе чуну чаро итоат мекарданд. Ҳамчунин рафтор нисбат ба миҳан ва халқи худ хиёнат ва ҷинояте беш набуд, ки авоқиби фоҷиабори он то рӯзҳои мо эҳсос мешавад. Пас аз фурӯпошии давлати Сомониён ва эҷоди давлатҳои ҷадид дар сарзамини Осиёи миёна ҳокимият ба дасти хонадонҳои мухталифи турку муғул афтод. Аммо идораи давлат куллан дар дасти тоҷикон боқӣ монд. Ҳокимони турку муғул, ки қодир набуданд ба умури ҳукуматӣ ва идораи давлат бипардозанд, маҷбур буданд, ки тоҷиконро ба мақомоти муҳимми давлатӣ ба унвони вазир, мушовир, мустахдими дастгоҳи давлат ва ғайра таъйин кунанд. Онҳо на танҳо системи идораи давлати тоҷикон балки фарҳанги ғанӣ ва тарзи зиндагии куҳани халқи тоҷикро пазируфтанд. Забони тоҷикӣ тақрибан дар ҳамаи давлатҳои сарзамини Осиёи миёна то соли 1924 забони расмӣ буд. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ҳатто аслу насаби турку муғулии худро инкор кард ва монанди Сомониён муддаъӣ буд, ки Баҳроми Чӯбин аз ниёкони дури ӯст, хонҳои Қарахонӣ таҳти таъсири достонҳои ҷовидонии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, худро аз табори Афросиёб медонистанд. Вале ҳамон гуна, ки маълум аст Афросиёб набераи Фаридун буд ва дар шарёни ӯ хуни туркӣ набуд. Аз манобеи хаттӣ, мо медонем, ки донишмандони форсу тоҷик барои хонҳои мухталифи турку муғул ойинномаҳо ва дастуруламалҳои гуногуне таҳия мекарданд, дар бораи созмони давлат ва шеваҳои идораи он, китобҳо менавистанд. Яке аз ҳамин гуна донишмандон Назомулмулки Тӯсӣ буд, ки дар дарбори туркони салҷуқӣ мақоми вазоратро ба ӯҳда дошт ва барои ҳокимони ин дудмон китоби «Сиёсатнома»-ро навишт.

Ҳамин тавр, дар замони ҳукумати муғулҳо, темуриён, хонҳои узбак, аз асри 16 ва баъд аз истилои Осиёи миёна аз тарафи Русия, то октябри 1917 дар раъси давлатҳои Осиёи миёна, туркон қарор доштанд, вале амалан идораи давлат ба истиснои созмони нирӯҳои давлатӣ дар дасти тоҷикон буд. Тоҷикон сарфи назар аз таъсири густурдаи фарҳанг, илму ҳунар ва собиқаи тӯлонии идораи ҳукумат, мавқеияти сахт ё иборати дақиқтар зиндагии ғуломонаеро дар салтанати туркон ва муғулон доштанд.

Туркҳо ва муғулҳо ҳамвора тоҷиконро аз манотиқ ва

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

шаҳрҳои бумишон ба манотиқи дурафтодаи кӯҳистонии Осиёи миёна меронданд ва мавриди таъқибу таҳқир қарор медоданд. Таъқиботи мудовими қабойили турку муғул бар вижагиҳои миллӣ ва асолати нажодии тоҷикон таъсири манфӣ гузошт. Онҳо аз муқобила бо қабойили кӯчнишин ва бархӯрдҳои хунини доимӣ хаста шуданд ва ягона роҳи наҷоти миллати худро аз нобудии ҳамагонӣ дар дараҳои кӯҳҳои саъбулъубур ва тақрибан холӣ аз сакана ёфтанд.

Баъд аз истилои императории Русия бар Осиёи миёна дар вазъияти иҷтимоии қавми тоҷик тағйироти куллӣ ба вуҷуд наомад. Баракс, таъсиси устони кулли (генерал-губернатории) Туркистон дар сарзамини ишғолшуда, тоҷиконро бавижа дар ҳавзаи корбурди забон тоҷикӣ, фарҳанги миллӣ, иқтисод, кишоварзӣ, тиҷорат ва дигар бахшҳои ҳаётӣ дар вазъи бадтарин қарор дод. Таъсиси хиттаи Туркистон, ба худии худ аз он гувоҳӣ медод, ки дар Осиёи миёна туркон зиндагӣ мекунанд ва тоҷикон ҳамчун қавме ки таъсири қобили таваҷҷӯҳе бар зиндагии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Туркистони Русия надоранд, дорои нақши дараҷаи ду ҳастанд. Чунин мавзеъи зиддитоҷикӣ ва табъиз нисбат ба тоҷикон баъд аз баргузории марзбандии миллӣ ва давлатӣ ҳам идома ёфт, вале акнун на аз ҷониби маъмурони подшоҳӣ, балки аз ҷониби маъмурони ҳизбӣ ва идорӣ дар Осиёи миёнаи шӯравӣ ва дар пойтахти ипературии шӯравӣ. Дар натиҷаи «табартақсим»-и Осиёи миёна ба минтақаҳои* идориву давлатӣ, ҷумҳуриҳо ва вилоёти ба истилоҳ худмухтор ва мустақил, тоҷикон аз сарзаминҳои торихии худ комилан маҳрум шуданд; дар сарзамини бумии худ, ки ҳаққан ба онҳо тааллуқ дошт дар мақоми ақаллиятҳои миллӣ қарор гирифтанд ва ҳатто бо дар назар гирифтани номҳои маснӯии ҷадиди ҷумҳуриҳои тозатаъсиси Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сусиёлистӣ, ба унвони аҳолии ғайрибумӣ шинохта шуданд. Пас аз ин тоҷиконе, ки дар хиттаи Туркистон, баъд дар Туркистони шӯравӣ зиндагӣ мекарданд «турк» маҳсуб мешуданд. Баъд аз таъсиси Ҷумҳурии Узба-

* Дар ин маврид вожаи «минтақа» комилан бо истилоҳе ки дар низоми ҳуқуқӣ ба кор меравад, ҳаммаъни нест.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

кистони шӯравии сусиёлистӣ дар сарзамини Туркистон ва қисмати зиёди Бухоро, тоҷикон зоҳиран ба «узбак» табдил шуданд ва бояд худро узбак меномиданд, зеро дар сарзамини Ҷумҳурии Узбакистон зиндагӣ мекарданд. Торихи марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна ончунон печида ва муттазод аст, ки аснод ва навиштаҳои марбут ба он, муаррихон ва ҳуқуқшиносон, то ҳанӯз натавонистаанд ба масойили равшаннашудаи он посухи қонеъкунандае бидиҳанд. Масалан сарзаминҳо ва марзҳои ҷумҳуриҳои худмухтор ва ҷумҳуриҳои шӯравии собиқ, ки ҳоло давлатҳои мустақил ҳастанд, оё тибқи асли қонунӣ ва бар мабнои ҳуқуқӣ таъйин ва мустақар шудааст? Ба ин пурсиш ва пурсишҳои дигар, муаррихони беғараз ва онҳое, ки ин кори «табартаксимро» анҷом медоданд, яъне ширкаткунандагони мустақими ҷараёни тақсимот қодир набуданд, ки посух бигӯянд ва ҳаққонияти ин амали муҳимро, ки барои қавмҳои Осиёи миёна сарнавиштсоз, вале барои тоҷикон фоҷиабор буд, собит кунанд. Дарвоқеъ баъзе аз коршиносони мӯътарифанд, ки ба иллати танаввӯъи таркиби миллӣ, робитаҳои гуногуни иқтисодӣ, тамойюлҳои иқтисодии ноҳияҳо ва рустоҳои кӯчак ва ғайра, «таъйин карданимарзҳои ҷумҳуриҳо ва вилоёти миллӣ ба тавр собит ва фаврӣ ғайримумкин буд. Дар оянда, тибқи ирода ва хоҳиши аҳолӣ, таҷдиди назар ва ислоҳи марзҳо эҳтимол дорад.»* Боре, «хирадмандон»-и онзамонии Иттиҳоди шӯравӣ ва ахлофи онҳо на танҳо дар сурати мавҷуд будани «ирода ва хоҳиши аҳолӣ» балки дар ҳолати вуҷуди дархостҳои мусирронаи аҳолӣ, намехостанд, ки ин масъаларо одилона ҳал кунанд. Пешвоёни собиқи мо «ленинистҳои ба истилоҳ содиқ» умедвор буданд, ки императории шӯравӣ қавист ва давоми тулонӣ хоҳад дошт ва дар сурати вуҷуди миҳани шӯравии муштарак барои ҳама, марзҳои ҷумҳуриҳо, ки дар замони худ ба хости афроде таъйин шуда буд, ҳеч нақше нахоҳад дошт. Дар он замон истилоҳи «халқи шӯравӣ» ройиҷ буд, ки назарияпардозони шӯравӣ ихтироъ карда буданд. Вале ин умедҳо мисли ҳубоби собун дар як лаҳза таркиданд.

---

* Варейкис И., Зеленский И. Национально-государственное размежевание Средней Азии. – Тошканд, 1924, саф.72.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Масойили ҳалнашудаи миллӣ, бавижа масъалаи арзиро, ки дар гузашта боқӣ монда буд, на аз роҳи музокира, балки илзоман аз роҳи зӯру силоҳ ҳал мешавад, ки дар натиҷа ҳазорон фарди бегуноҳ қурбон мегарданд. Ҳамон гуна ки ин ҳодиса дар вилояти Оши Ҷумҳурии Қирқизистон миёни узбакҳо ва қирқизҳо ва дар шимоли Тоҷикистон миёни тоҷикон ва қирқизҳо иттифоқ афтод. Дар Молдавия байни русҳо ва молдовиҳо бархурди хунин сурат гирифт. Ихтилофоти арзии байни гурҷиҳо ва обхозиҳо, байни осиҳо ва гурҷиҳо, байни украинҳо ва русҳо барои Крим идома дорад. Масойили ҳодди арзӣ дар Иттиҳоди шӯравии собиқ хеле зиёд аст ва ҳамаро наметавон зикр кард. Худо кунад, ки ин масойили ҳодди арзӣ ба таври оқилона аз тариқи сулҳ, бар мабнои ирода, аз роҳи ҳамапурсӣ, меъёрҳои қонунӣ ҳал карда шавад, на аз роҳи муборизаи мусаллаҳона ва нобуд кардани ҳамдигар, ҳамон гуна ки дар «манотиқи ба истилоҳ ҳодди» Иттиҳоди кишварҳои мустақил* чунин вазъ сурат мегирад. Ин ҳама бархӯрдҳои хунин миёни қавмҳо барои сарзаминҳо ва таъйини сарнавишти миллии худ, бад-ин иллати аслӣ сурат мегирад, ки дар замони шӯравӣ марзҳои идории ҷумҳуриҳои шӯравӣ ва худмухтор тибқи майл ва иродаи раҳбарони Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сусиёлистӣ ва бидуни дар назар гирифтани манофеи ториҳиву қавмӣ ва фарҳангии қавмҳои сокини он, таъйин карда мешуд. Натойиҷи марзбандии миллӣ ва давлатии Осиёи миёна нишон медиҳад, ки аҳдоф ва вазойифи аслии марзбандӣ ба даст наёмад. Ҳуқуқи қавмҳои ин минтақа барои таъйини сарнавишти худ, ҳатто то замони истиқлоли ҳар кадом аз ҷамоҳири шӯравӣ, дар амал иҷро нашуд. Қавмҳое, ки дар давлати миллатҳои дигар зиндагӣ мекарданд, ҳам дар заминаи идораи созмонҳои давлатӣ, ҳам дар заминаи имконоти мусоъид барои рушди фарҳанги худ ва ҳуввияти миллӣ аз ҳуқуқи лозим бархурдор набуданд. Бавижа ин вазъ ба тоҷикон яъне аҳолии бумии Узбакистон, ки ҳоло дар онҷо ба сар мебаранд, марбут мешавад.

---

* Ҷанубтарин нуктаи ин «нуқоти ҳод» ҳамоно Тоҷикистон мебошад, ки дар тӯли бештар аз 1000 километр бо Афғонистон ҳаммарз аст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Дар зимни он ки тоҷикон ва узбакҳо дар Узбакистон ҳуқуқи қонунии баробар доранд, дар гузашта ва ҳол ҳуқуқи миллии тоҷикон ба таври фоҳиш нақз мешуд ва мешавад. Дар Узбакистон чунин шароитеро эҷод кардаанд, ки узбакҳо (ки номи ҷумҳурӣ аз номи онҳо гирифта шудааст) нисбат ба тоҷиконе, ки дар шиносномa миллияти худро иваз накардаанд, ҳуқуқи иҷтимоии бештаре доранд. Нобаробарии теъдоди кормандони давлативу идорӣ дар Узбакистон дар байни тоҷикон ва узбакҳо дар гузашта ва дар ҳоли ҳозир моро ба ҳайрат меоварад. Ба ин масъала бояд фиқдони комили раҳбарони иқтисодӣ ва фарҳангиву илмии намояндагони миллати тоҷикро изофа кард. Дар аксар созмонҳои раҳбарии Ҷумҳурии Узбакистон як нафар тоҷикро наметавон пайдо кард. Чунин вазъ дар байни намояндагони Шӯрои олӣ ва аъзои ҳукумати Узбакистон имрӯз ҳам мушоҳида мешавад. Тоҷикон ки аз лиҳози теъдод баъд аз узбакҳо дар ҷои дуввум қарор доранд, амалан аз ҳуқуқи ширкат дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Узбакистон маҳрум мебошанд. Раҳбарони гузашта ва кунунии Узбакистон аз сиёсати зиддитоҷикии интихоби раҳбарон (кадрҳо), ки дар тӯли 70 сол аз замони таъсиси ҷумҳурӣ идома дошт, ҳеч наметавонанд, даст бикашанд. Ҳуқуқ ва имтиёзоти иҷтимоӣ танҳо барои қавме таъмин мешавад, ки номи ҷумҳурӣ аз номи он миллат гирифта шудааст. Мо аз ин фикр ба дур ҳастем, ки мардуми узбакро ба ҳамаи инҳо муттаҳам кунем. Баръакс, мо ба хирадмандии халқи узбак бовар дорем, ки онҳо ба раҳбарони худ кӯмак мекунанд то роҳҳои эҳтиром ва эътимоди мутақобиларо байни тоҷикон ва узбакон, ҳам дар Узбакистон ва ҳам дар Тоҷикистон (ки ҳоло 2 милиёну 200 ҳазор узбак ба сар мебаранд) пайдо кунанд. Ҳама чиз марбут аст ба хирадмандии раҳбарони кунунии ҳар ду кишвар ва ҷунбишҳову ҷараёнҳои гуногуни сиёсӣ.

Агар онҳо муносибати таҳқирона ва табъизонаи худро нисбат ба тоҷикон, ки дар тӯли солҳои зиёд дар Узбакистон идома дорад, ба таври усулӣ ва решаӣ иваз накунанд, ҳар андоза ки мо дар ин бора бигӯем ва шиор диҳем, ҳеч гуна дӯстӣ ва боварӣ байни халқҳои мо вуҷуд нахоҳад дошт. Ягона роҳ, мурооти ҳуқуқи қонунии тоҷикон дар Узбакистон, эҷоди шароити

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

баробар барои онҳо, ҳамонгуна ки дар Тоҷикистон барои узбакҳо фароҳам шудааст, мебошад. Мо бовар дорем, ки дар ин сурат байни халқҳои мо сулҳу оромиши ҳақиқӣ (на дӯстии «дипломатии» забонӣ, ки касе ба он бовар надорад) барқарор хоҳад шуд.

Он чи ба масъалаи мавқеият ва шаклгирии қавмҳое, ки дар ҳоли ҳозир дар Осиёи марказӣ зиндагӣ мекунанд, марбут мешавад, он аст ки тибқи манобеи хаттӣ ва таъйиди аксари шарқшиносон, қадимтарин бумиёни ин минтақа, тоҷикон мебошанд. Таассур ва норизоятии баъзе аз муҳаққиқон ва ҳамкорони наздики худро дар бораи ин далели мусаллам, хуб мефаҳмем. Аммо бояд бо онҳо ба бемаънӣ будани ин баҳс дар оянда мувофиқат кард. Таърихро ба суди амёл ва ғаразҳои сиёсатмадорони мухталиф ва ҳатто ба хотири «дӯстии халқҳо» наметавон бознавис ё таҳриф кард. Дӯстии воқеӣ наметавонад бар пояи чунин иддаои дурӯғин устувор бошад, ки ҳамаи қавмҳои Осиёи миёна дар як вақт, дар як сол ва ё ҳатто дар як садсола шакл гирифта бошанд. Чунин чизе дар торих набуд ва нахоҳад шуд. Ҳақиқати талх аз он иборат аст, ки аксари муаллифон ҳангоми омӯзиш ва ошноӣ бо торихи қавми худ, этногенез (торихи пайдоиш ва шаклгирии қавм) ва дигар масоили гузаштаи он, бо таҳриф кардани ҳақоиқи торихӣ, халқи худ ва доираи густурдаи хонандагонро ба иштибоҳ меандозанд.

Ҳамин гуна, омӯзиши манобеи хаттӣ ва осори илмӣ нишон медиҳад ки қадимтарин сокинони бумии Осиёи миёна тоҷикон буданд ва ҳастанд. Бинобар ин агар ба даврабанди илмии давраҳои бостон (то милод) қуруни вусто ва давраи навин истинод кунем, тоҷикон ва ниёкони эронии онҳо ҳуқуқи комил ва мусаллам доранд, ки яке аз поягузорони дастовардҳои тамаддуни ҷаҳонӣ дар машриқзамин маҳсуб шаванд.

Қавмҳои алоҳида, ки баъдан ба Осиёи миёна омадаанд, мумкин аст машмули раванди ташаккули дастовардҳои фарҳанг ва тамаддуни қавмҳои охири қуруни вусто (асрҳои миёна), давраи нав ва навин бишаванд. Ин нукта низ мусаллам аст, ки муҳаққиқон, осори бостоншиносии давраҳои бостон, аҳди биринҷӣ, оҳан ва ибтидои қуруни вусторо, ки дар Осиёи миёна ёфт

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

шудааст, комилан ба тамаддуни тоҷикон ва ниёкони онҳо мутааллиқ медонанд.

Нишонаҳои фарҳанги қабилаҳо ва ақвоми турк дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ фақат дар охири қуруни вусто, кашф мешавад. Агар бо таъбирҳое мувофиқ бошем, ки баъзе бостоншиносон бар мабнои ковишҳои худ дар Осиёи миёна пешниҳод мекунанд, пас мантиқан бояд донист, ки намояндагони фарҳанги урупоӣ (инглисҳо, олмониҳо ва дигарон) дувист сол пеш ба қораи Омрико рафта буданд, вале созандагони фарҳанги бостонии Омрико бумиён яъне сурхпӯстон, моё ва инкҳо мебошанд.

Мунсифонатар аз ҳама он аст, ки бояд ковиши бостоншиносии сарзамини Тоҷикистони таърихиро бо мавозини илмӣ ва ахлоқи инсонӣ татбиқ дод, ки донишмандон воқеии тамоми дунёи мутамаддин тибқи он зиндагӣ ва кор мекунанд. Онҳо ҳеч гоҳ аз мулоҳизоти рӯзмарра ва фишори сиёсӣ пайравӣ намекунанд, ба хотири манфиати шахсӣ виҷдони худро намефурӯшанд.

Мо тоҷикон, ки худро қадимтарин қавми бумии Осиёи миёна медонем, бояд давраҳои алоҳидаи таърихи гузашта ва наздики худро бипазирем, ки замоне дар ақалият қарор гирифтем, ифтихороти гузаштаи худро аз даст додем, аз ҷиҳоти бисёре, қабл аз ҳама аз назари иқтисодӣ, аз ҳамсоягони худ, ки муддатҳо баъд ҳамчун қавму миллат шакл гирифтанд, ақиб мондем ва хеле дер ҳамчун миллат ва қавми воҳид шакл гирифтем. Бар мо воҷиб аст, ки ба вазъи пешомадаи имрӯз розӣ шавем ва онро бипазирем. Бавижа дар ин давраи муштараки таърихӣ набояд равобити худро бо ҳамсоягони турки худ тира созем. Мо бояд қонуни сулҳ ва оромишро дар байни халқҳо ва давлатҳоямон ба таври дақиқ муроот кунем. Тоҷикон дар тӯли таърих ба хотири тасарруфи сарзаминҳои бегона ва истило бар қавмҳои дигар, даст ба ҷангу ҷидол назадаанд.

Дар тӯли таърих на танҳо давлатҳои қаблӣ, балки ҷумҳуриҳои собиқи мо ки ҳоло давлатҳои мустақил ҳастанд, чандмиллиятӣ будаанд. Дар сарзамини ҳар як аз ин давлатҳо бо қавме ки номи давлат ба номи он қавм гузошта шудааст, тоҷикон яъне қадимтарин сокинони Осиёи миёна зиндагӣ мекунанд, ки дар натиҷаи «табартақсим» дар хориҷ аз давлати миллии худ қарор

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

гирифтанд. Акнун ба хотири дӯстӣ ва бародарӣ, ки дар бораи он ҳамеша мегуфтем ва имрӯзҳо такрор мекунем, мисли солҳои гузашта ва наздик барои табдили ҷумҳурии чандмиллиятии худ ба ҷумҳурии якмиллатӣ набояд, ки тоҷикон иҷборан ҳамгун шаванд. Чунин кор корест хатарнок ва торих гувоҳ аст, ки ин амал пайомадҳои хубе нахоҳад дошт. Чунин кӯшишҳо дар торихи қавми тоҷик як бору ду бор рух надодааст ва ҳамаи онҳо бидуни натиҷа мондааст; ҳаттo метавон гуфт, ки натиҷаи баръакс ба бор овардааст, дар чунин шаройит тоҷикон ҳамеша ғолиб будаанд. Оё беҳтар нест, ки ҳуқуқи баробар ҳам барои қавми худ ва ҳам барои қавмҳои дигар, бавижа тоҷикон ба вуҷуд оварда шавад, ки аҷнабӣ нестанд ва дар замини меросиву аҷдодии худ зиндагӣ мекунанд.

Мо умедворем, ки раҳбарони кунунӣ ваояндаи Узбакистон, иштибоҳоти фоҷиабори гузашта ва хатоҳои кормандони ҳизбии Ҷумҳурии Узбакистони шӯравии сусиёлистӣ, дабирони кумитаҳои ноҳия ва вилоят ва дигар раҳбаронро нисбат ба тоҷикон ислоҳ кунанд. Охир, тоҷикон дар шаклгирии давлатмадории қавми узбак ва эҷоди ҷумҳурии шӯравии онҳо дар соли 1924, рушди фарҳанг, маориф ва илми узбакҳо саҳми бузурге доранд. Мо умед дорем, ки байни қавмҳои узбак ва тоҷик дӯстии ҳақиқӣ тавсиа ва таҳким хоҳад ёфт.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Дар фейсбук ба гурӯҳи Китобхона ҳамроҳ шуда, садҳо китоби дигарро ба таври ройгон аз худ кунед




Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

# ЗАМИ МАҲО

## *НАЗАРИ ШАРҚШИНОСОНИ РУС ДАР БОРАИ ТОҶИКОН (СОЛҲОИ 1835- 1924 )**

### ГОГОЛ Н.В. ДАР БОРАИ ҲАРАКАТИ ҚАВМҲО ДАР ОХИРИ ҚАРНИ 5 (аз маҷмӯаи «Арабески» СПб., 1835)

Нависандаи бузурги рус барои нахустин бор дар Русия роҷеъ ба орийӣ будани қавмҳои эронии Осиёи миёна изҳори назар кардааст. «Ин қавмҳо тамаддуне доштанд, ки бо тамаддуни Рум ихтилоф дошт ва комилан бо он фарқ мекард. Табиати зоҳирӣ ва ботинии онҳо дорои нишонаҳои барҷастаи асил ва вижа буд.

Шакли зоҳирии онҳо ба шакли зоҳирии қавмҳои аҳди бостон паҳлӯ мезад; чашмони сиёҳи дурахшон, мӯҳои сиёҳ, хутути боризи чеҳраи ҷанубӣ, ки гӯё аз ҳавои фарру шукӯҳ танаффус мекунад, дорои сурати пур аз лаззати бостонӣ буд.

Ҳангоми нахустин ошноии румиҳо бо онҳо, вазъияти онҳо нишон медод, ки онҳо сокинони қадимии Аврупо ҳастанд ва муҳоҷирати онҳо дар аҳди хеле бостон сурат гирифтааст. Шабоҳати шигифтангези баъзе вожаҳои решагии забони жарманӣ (олмонӣ) бо забони форсӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо аз Осиё бархостаанд. Ба ҳар сурат пайдоиши ибтидоии жарманиҳо ва олмониҳо аз Осиё будааст ва муҳоҷирати онҳо дар гузаштаҳои дур сурат гирифтааст.

---

* Гоголь Н.В. Собр. соч. Т.6. Статьи. — М.,1978, саф.129.

Вижагиҳои сабк ва забони муаллифон дар пораҳои нақлшуда, мутобиқи меъёри забони адабии ҳамон вақт, бидуни тағйирот, оварда шудааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## ХАНИКОВ Н. ТАВЗЕҲОТ ДАР БОРАИ БУХОРОИ ХОНӢ СПб., 1843

С. 55. «Тоҷикон». Аз ин сокинони бумии Бухорои хонӣ иддаи хеле кам боқӣ монда, онҳо сокинони аслии шаҳри Бухоро мебошанд.»

## ХАНИКОВ Н. ЁДДОШТҲО РОҶЕЪ БА МАРДУМШИНОСИИ ФОРС. МАСКАВ, НАУКА, 1977

С. 25-26. «Қабилаҳои гуногун, ки аз ин сарзаминҳои густурда ва кӯҳҳои биёбонӣ гузар кардаанд, сокинони шаҳрҳо ва деҳот, танҳо теъдоди ночизи қавми пуршуморест, ки аз дер замонҳо соҳиби ин сарзамин будааст. Қавме ки мо ҳоло дар бораи он сухан мегӯем ва гузаштаи он гоҳе қаҳрамонона ва гоҳе таассуфбор буда, асароти маҳвношуданӣ доштааст.

Ҳамин гуна, фақат омӯзиши қабилаву қавмҳои эронӣ ва рангорангии онҳо ба мо имкон медиҳад то ба ошкор кардани баъзе далелҳои куллӣ умед дошта бошем, ки иҷоза медиҳад ҷои ҳар як аз узви хонаводаҳои қавмҳои эронӣ ва хонаводаи бузурги башариро дуруст таъйин кунем.»

С.61. «Тоҷикони кунунӣ ё ба ибораи дигар ҳамон порсҳо, ки туркон онҳоро қизилбошӣ мегӯянд, қавми фавқулодда зебое мебошанд; онҳо чеҳраи бе андоза зебои гирд бо хатҳои дуруст, абрӯвони сиёҳи зебо, чашмҳои сиёҳи калон — «чашмҳои ғизолӣ» доранд, ки дар байни мардуми машриқзамин нишонаи зебоии истисноӣ ба шумор меравад.

С.98. Дар муқоиса бо афғонҳо аз тоҷикон боҷ бештар ситонида мешавад, барои артиш ва пулис аз онҳо сарбози бештар талаб мекунанд. Аксари тоҷикон дар манотиқи кӯҳистонӣ зиндагӣ мекунанд.

С.118. Қавмҳои турк, ки худашон дар натиҷаи равобити судманд бо қавмҳои эронӣ ба андозаи қобили таваҷҷӯҳ шакли худро иваз карданд, натавонистанд, ки таъсири чашмрас ба

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

симои маҳаллӣ ворид кунанд, ки шаклгирии ин мардум ҳамон гуна ки дар боло дидем бист қарн пеш дар замони бостон сурат гирифтааст.»

## ЁДДОШТҲОИ САРГУРД БЛАНКЕННАГЕЛ ҲАНГОМИ САФАРИ Ӯ АЗ ОРЕНБУРГ БА ХИВА ДАР СОЛИ 1793-94. СПб.,1858

С.11. Сортҳо қадимтарин сокинони ин сарзамин ҳоло тобеъи узбакҳо мебошанд ва тахти ситами онҳо қарор доранд. Сарфи назар аз он ки онҳо бештар аз ҳама боҷ мепардозанд, ки узбакҳо иҷборан ба дӯши онҳо бор кардаанд, бештар аз дигарон ба тиҷорат шуғл меварзанд ва куллан дар пешаҳо маҳорат доранд ва нисбат ба сокинони дигар сарватмандтар ҳастанд.

## БОЙГОНИИ ШАРҚШИНОСОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ ШАРҚШИНОСИИ АКАДЕМИЯИ УЛУМИ ШӮРАВӢ. АЗ МАХЗАНИ П.И. ЛЕРХ АХБОРИ П.И. ЛЕРХ ДАР БОРАИ ШАҲРҲО ВА АҲОЛИИ ОСИЁИ МИЁНА БА СОЛҲОИ 60 ҚАРНИ 19 ТААЛЛУҚ ДОРАД. МУАЛЛИФ ДАРҲОЛ БАЪД АЗ ИЛҲОҚИ ХИТТАИ МО БА РУСИЯ БА ОСИЁИ МИЁНА САФАР КАРД. МАХЗАНИ 36, САБТИ ШУМОРАИ 1, ПАРВАНДАИ 15.

Барги 47. «Тоҷикон ба сокинони муқимии Туркистон ва ба аҳолии бумии тамоми Осиёи миёна тааллуқ доранд ва узбакҳо истилогарони ин хитта мебошанд. Тоҷиконро дар сарзамини Хива сорт ва узбакҳоеро, ки дар шимоли хоки Хива ба сар мебаранд, арол мегӯянд.»

Барги 43. «Роиҷтарин забонҳо дар Бухоро форсӣ ва туркӣ мебошанд. Ба забони форсӣ тоҷикон, шаҳриён ва куллан ҳар бухороӣ, ки каме савод дорад аз он дар такаллум, коргузорӣ ва мукотиба истифода мекунад.»

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## ВАМБЕРӢ О. РИСОЛАҲО ДАР БОРАИ ОСИЁИ МИЁНА. МАСКАВ, 1868

с.318-319. «Тоҷикон аз замонҳои қадим аксарияти кулли аҳолиро ташкил медоданд, ки тамоюлҳои фарҳангии то исломиро идома медоданд, ҳарчанд ки аз ҳукумат маҳрум буданд, вале нисбат ба ҳокимони худ нақши фарҳангварӣ доштанд. Мисли қарнҳои нахуст, баъд аз пазируфтани ислом дар арсаи донишҳои мазҳабӣ ва фалсафа, тоҷикон аз дигарон фарқ доштанд, ҳамчунон ки ҳоло дар Бухоро, Қӯқанду Кошғар муллоҳо ва эшонҳои машҳур ба ин миллат тааллуқ доранд. Дар дарбори Бухоро, сарфи назар аз решаи қавмии узбакии хон, вазирони аввал ва мансабдорони олирутба ба таври истисноӣ аз тоҷикон интихоб мешаванд ва ҳатто аз хонигарии ваҳшии узбакии Хива ба мансаби меҳтар, (дабири давлатӣ) мансаби аз ҳама боло, ки рушди бештари фикриро тақозо мекард, истисноан аз байни форсҳои маҳаллӣ интихоб карда мешуданд.»

## РОБЕРТ Ш.А. РИСОЛА ДАР БОРАИ ТОТОРИСТОНИ БОЛО, ЁРКАНД ВА КОШҒАР. СПб., 1872

С.27. «Сортҳо ё мардуми муқим машмули тоҷикони ориёӣ ва узбакҳои тоторӣ ва ғайра мебошанд. Дар сар то сари Бухоро то худи Сирдарё (Яксарт) тоҷикон аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд. Онҳо кишоварз, тоҷир, косиб, дабир, мирзо-номанавис мебошанд. Тоҷикон қабилаи бисёр зебо ҳастанд.»

## ГРЕБЁНКИН А.Д. ТОҶИКОН. ТУРКИСТОНИ РУС. МАҶМӮАИ НАШРШУДА БА МУНОСИБАТИ НАМОИШГОҲИ ПОЛИТЕХНИКӢ ШУМОРАИ 2, БО ТАҲРИРИ В.Н. ТРОТСКИЙ. МАСКАВ, 1872

С.1. «Баъд аз тасхири шаҳрҳои Туркистон (1834) мо ба кишвари тоҷикон ворид шудем ва ҳар чи қадар аз он замон ба самти шарқ ва ҷануб ҳаракат мекардем, ҳамон қадар ба тоҷикон бештар бармехӯрдем, ва ниҳоят дар бахшҳои ҷанубии кӯҳҳои Тиёншон ҳамон ҷое, ки рӯдҳои Чирчиқ, Ангрен, Сир, Оксӯ ва

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Зарафшон сарчашма мегиранд, онҳо бар турк он бартарӣ доранд ва дар баъзе ҷоҳо фақат тоҷикон бидуни омезиш бо қавмҳоии дигар зиндагӣ мекунанд.»

## С.3. ВОДИИ ЗАРАФШОН

«Тоҷикон дар панҷ шаҳр: Самарқанд, Ургут, Катта-қӯрғон, Панҷакант ва Панҷшанбе зиндагӣ мекунанд.»

«Мафҳуми шаҳр ва тоҷик дар фаҳмиши Осиёи миёнаиҳо ончунон ба ҳам марбутанд, ки масалан узбакҳо гумон мекунанд, ки ҳамаи онҳо ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, тоҷикон ҳастанд. Ба ин пурсиш ки: дар Янгиқӯрғон чӣ касоне зиндагӣ мекунанд? Узбак посух медиҳад: тоҷикон. Ва агар ба тоҷик будани янгиқӯрғониён шубҳа кардӣ, узбак бо эҳсоси ранҷидагӣ мегӯяд: чаро онҳо тоҷик набошанд? Зеро онҳо дар шаҳр зиндагӣ мекунанд ва бо тиҷорат машғул ҳастанд. Равшантар аз ин далеле барои узбак вуҷуд надорад.»

«Шаҳр маҳалли воқеии сукунати тоҷик аст ва тоҷик дар шаҳр дар муҳити худ аст. Ин гироиши тоҷикон ба тиҷорат ва зиндагии пуртакопӯ, ки дар маҷмӯъ зиндагӣ ва фаъолиятро дар хитта таъмин мекунад ва вуҷуди тоҷикро барои узбак ба вижа дар ҳоли ҳозир зарур месозад.»

С.21. «Бахши зиёди саноеъи дастии хитта дар дасти тоҷикон аст; онҳо дар коргоҳҳои худ нисбат ба қавмҳои дигар, муздурон ва дастгоҳҳои бештар доранд, ба ҷуз ин дар баъзе пешаҳо на танҳо ҳарифе балки ҳатто муқаллидоне аз қавмҳои дигар надоранд.»

С.37. «Худи тоҷикон дар бораи худ мегӯянд: «Мо ҷангро дӯст надорем, мо манзил (хона), замин ва дукон дорем, мо кор мекунем ва бо маҳсули корҳои худ метавонем зиндагӣ кунем, ҷанг моро хонахароб мекунад. Узбакҳо — чизи дигаре ҳастанд! Онҳо танҳо ҳамон вакт серанд ки ҷанг мекунанд...»

С.49-50. Узбакҳо дар сухан ба тоҷикон беэътиноӣ мекунанд, баъзе аз қабилаҳои онҳо бо он худситоӣ мекунанд, ки духтарони худро ба тоҷикон ба шавҳар намедиҳанд.

Тоҷикон низ бо онки узбакҳо бо такаббуру ғурур ба онҳо нигоҳ мекунанд, табассум мекунанд ва мегӯянд: «Узбакҳо биду-

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ни мо наметавонанд зиндагӣ кунанд ва аз ин рӯ мо онҳоро дар дасти худ нигоҳ доштаем; онҳо барбарӣ ва ҷоҳил ҳастанд ва ҳатто тавони дар бораи худ фикр карданро надоранд. Барои худ наметавонанд андеша кунанд. Мо ба онҳо либос медиҳем, ба онҳо меомӯзем, ки чиро бо чи беҳтар аст бихӯранд ва чигуна либос бипӯшанд, онҳоро дар мактабхона ва мадраса омӯзиш медиҳем, ба онҳо қозӣ, мулло ва рӯҳониёнро медиҳем, ба онҳо ҳунар меомӯзем ва бо ҳар гуна коло таъмин мекунем. Рост аст, ки замони ҷанги дохилӣ узбакҳо моро мезананд ва ғорат мекунанд, вале вақте оромиш мешавад, мо метавонем хисоратҳои худро ҷуброн кунем. Узбак хеле сода аст» — бо ин ҳарфҳо ҳамеша тоҷикон суханони худро ба поён мерасонанд.

С.51. «Хиттаи Зарафшон гоҳ гоҳе ба фоҷиаҳое гирифтор мешуд, ки пас аз он аҳолӣ бавижа аҳолии заминҳои ҳосилхез ва дорои корезҳои фаровон ба ҳадди қобили мулоҳизае кам мешуд. Аз ин рӯ, узбакҳоеро, ки имрӯз дар ҳудуди хиттаи Зарафшон ба сар мебаранд, аз насли онҳое донистан, ки ҳанӯз дар замони ҳаракати умумии узбакҳо ҳавзаи Зарафшонро ишғол карда буданд, ба назари мо дастикам далеле надорад.»

С.70. «Дар ибтидо ҳамаи тюаклҳо (қабилаи узбак, ки дар байни Панҷаканд (Панҷакент, Панҷекат.- Мутарҷим) ва Самарқанд зиндагӣ мекунад.-Р.М.) кӯчнишин буданд. Вале чун барои кӯчнишин сарвати муайян ва теъдоди кофии дом (чорво, чорпо) лозим аст, бахше аз тюаклҳо, ки дар натиҷаи ҷангҳои зиёд фақир шуда буданд, даст ба кишоварзӣ заданд. Танҳо тангдастӣ, ниёзмандии моддӣ онҳоро водор кард, ки зиндагии муқимиро бипазиранд.»

С.77. «Муллоҳои рустоҳои минг (қабилаи минг дар атрофи Самарқанд -Р.М.) бештар тоҷикон буданд.

Туркҳо (қабилаи узбак дар водии Зарафшон -Р.М.) тақрибан ба таври истисноӣ кӯчнишин ҳастанд, танҳо онҳое ки хеле фақир ҳастанд ва шумораашон хеле кам аст ба кишоварзӣ ва ё кашондани ҳезуму янтоқ ба Самарқанд ва маҳалҳои дигари хитта машғуланд.»

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## НАЗАРИ А.В. БУНЯКОВСКИЙ ДАР БОРАИ САРЗАМИН ВА МЕРОСИ ХИТТАИ ТУРКИСТОН. ДАР МАҶМӮАИ: ТУРКИСТОНИ РУС. МУНТАШИРШУДА БА МУНОСИБАТИ НАМОИШГОҲИ ПОЛИТЕХНИКӢ, ТАҲТИ НАЗАРИ Н.А. МАЕВ, ШУМОРАИ 1. МАСКАВ, 1872.

с.119-133 «Тоҷикон ва ғалча (тоҷикони кӯҳистонӣ) - қабилаи эронӣ ва бумиёни кишвар мебошанд.

Дар ҳоли ҳозир тӯдаи аслии онҳо дар Хӯҷанд ва Уротеппа ва тақрибан дар ҳамаи водиҳои кӯҳистонӣ зиндагӣ мекунанд. Гурӯҳбандии қабилаҳои эрониро дар кӯҳҳои Туркистон ду гуна тавзеҳ мекунанд: бахше аз ин қабилаҳо аз тарафи қабилаҳои ҷангҷӯи узбак ё ба кӯҳҳо ронда шуданд, ки онҳо тавонистанд ҳувияти миллии (қавмияти) худро нигаҳ доранд ва ё баръакс онҳо дар кӯҳҳо зиндагӣ карда, бо дастнорас будани маҳалли зисти худ, аз худ дифоъ мекарданд ва бо ин тавонистанд, ки аз ҳамлаҳои қабилаҳои турк эмин бимонанд ва ҳамин гуна истиқлоли худро ҳифз карданд.»

«Ба ҷуз навоҳии Уротеппа, Ҷиззах ва Хуҷанд, ки тоҷикон дар рустоҳои кӯҳистонӣ гоҳе танҳо ва гоҳе ҳамроҳ бо узбакҳо зиндагӣ мекунанд, онҳо дар улёи (болооби) водии Ангрен (Оҳангарон -Р.М.) низ ба чашм мерасанд, ки якҷо бо қурамиҳо дар водии Чирчиқ ба сар мебаранд ва рустоҳои сортҳо ва тоҷикон дар паҳлӯи ҳам қарор доранд.»

## КОЛДЕВИН Н. НАБАРДИ РУСҲО БО БУХОРИЁН ДАР СОЛИ 1868. СПб., 1873

С.2. «Қавмҳои гуногун дар Туркистон зиндагӣ мекунанд. Асилтарини онҳо ду қавм: тоҷикон ва узбакҳо мебошанд. Тоҷикон — мардуми сарватмандтар ва босаводтар нисбат ба узбакҳо мебошанд.

Аз он ки тоҷикҳо саводи бештар доранд, бар узбакҳо каме ҳокимият доранд ва тоҷикон дар бораи узбакҳо мегӯянд: «Узбакҳои камсавод наметавонанд бидуни мо зиндагӣ кунанд.»

Тоҷикон дар рустоҳо, кӯҳистон ва водиҳои ҳосилхези рӯдхонаҳо ва дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд. Тоҷикон қавми

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

муқимӣ ҳастанд.

Узбакҳо қавми комилан дигар мебошанд, онҳо дӯст надоранд, ҳамеша дар якҷо бимонанд, бо галаи худ аз ҷое ба ҷои дигар мераванд, яъне кӯч мекунанд. Агар узбак фақир аст, ӯ дар шаҳр ё русто зиндагӣ мекунад; то он даме ки сарват ба даст биёрад, зиндагӣ мекунад ва чун сарватро ба даст оварад ҳамон лаҳза зиндагии муқимиро тарк мекунад ва аз ҷое ба ҷое кӯч менамояд.

Узбакҳо қавме сахтдил мебошанд, онҳо дӯст доранд аз роҳе ғорат зиндагӣ кунанд, дар ҳоле ки тоҷикон қавми сулҳдӯст мебошанд. Ин тамоюли тоҷикон ба сулҳ мавриди писанди узбакҳо нест ва онҳо бо нафрат ба тоҷикон нигоҳ мекунанд ва онҳоро «сорт» мегӯянд.»

## СТРЕМОУХОВ Н. САФАР БА БУХОРО. АХБОРИ РУС, ШУМОРАИ 6, 1875

С.678. «Агар росташро бигӯем, узбакҳо дар дараҷаи хеле поин ва ибтидоии рушди ақл қарор доранд ва дар ин замина аз тоҷикони зираку чобук хеле ақиб афтодаанд».

Тоҷикон бахши аз ҳама пуршумори аҳолӣ мебошанд ва дар ҳамаи муносибот аз дигарон бартаранд.»

## ХОРОШИХИН А.П. МАҶМӮИ МАҚОЛАҲОИ МАРБУТ БА ХИТТАИ ТУРКИСТОН. СПб., 1876 (АРҚОМИ СОЛИ 1867)

С.809. «Аҳолии Самарқанд 20 000 нафар мебошад. Тоҷикон 6/10 бахши он, бештар аз нисфи аҳолии шаҳр ва қавмҳои дигар 1/10 бахши аҳолии шаҳрро ташкил медиҳанд.»

С.217. «Тоҷикон мумкин аст бумиёни Самарқанд номида шаванд.»

С.226. «Тошкандиён — ағлаб ҳамон тоҷикон ҳастанд... Онҳо бо узбакҳо омехта шуданд ва ҳатто забони табиъии худро аз даст доданд, ки он ҳоло дар кӯҳистони Чаткал ва Ангрен (Оҳангарон -Р.М.) роиҷ аст.»

## КУН А. ТОРИХЧАИ ХОНИГАРИИ ҚӮҚАНД. 1872

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

(ИҚТИБОС АЗ МАҚОЛАИ АЛОҲИДА)

С.4. «Ба назари ман тоҷиконро сарфи назар аз теъдоди ками онҳо бумиёни водии Фарғона бояд донист, ки дар Осиёи миёна ақвоми турк бештар ва бештар онҳоро дар худ ҳал мекунанд.»

## РАДЛОВ В.В. ВОДИИ МИЁНАИ ЗАРАФШОН – ЁДДОШТҲОИ АНҶУМАНИ ҶУҒРОФИЁИИ ИМПЕРАТОРИИ РУС. ШӮЪБАИ МАРДУМШИНОСӢ, ҶИЛДИ 4, СПб. 1880.

С.69. «Мукотибаи расмӣ, асноду фармонҳои афроди ҳукуматӣ, ҳатто дар Кокан ҳамеша ба забони форсӣ навишта мешавад.»*

## МИДДЕНДОРФ А.Ф. ТОРИХЧАИ ВОДИИ ФАРҒОНА. СПб. 1882

С.399 «Он қадар ки ба ман маълум аст, тоҷикон ягона қавме дар кураи замин ҳастанд, ки бо чунин зиндагии сахт рӯ ба рӯ ҳастанд, ки сарфи назар аз таъсироти душманона алайҳи онҳо дар тӯли садсолаҳо, онҳо барои пешрафти худ роҳ боз мекунанд».

## НАЛИВКИН В.В. ТОРИХЧАИ ХОНИГАРИИ ҚӮҚАНД. ҚОЗОН 1886

С.18. «Бахше аз узбакҳо ба кишоварзӣ машғул шуда, оҳиста оҳиста аз зиндагии кӯчнишинӣ ва нимакӯчнишинӣ ба зиндагии муқимӣ ё тахтанишинӣ гузаштанд. Онҳо фарҳанге, ки тоҷики бумӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо, ё ҳадди ақал тайи қарнҳо эҷод карда буд, комилан қабул карданд. На танҳо тарзҳо ва василаҳои коркарди заминро аз тоҷикон иқтибос карданд, балки сохти меъмории манзил ва асбобу риштаҳои мухталифи тавлидот ва васоилу тарзҳои онро низ аз онҳо омӯхтанд. Ҳамин гуна,

* Манзур Қӯқанд аст. Манзур аз забони форсӣ - забони тоҷикист.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

узбак тамоми инҳоро дар шакли омода аз худ карда, дар ин замина шогирди тоҷики истилошуда буд. Узбак вакте аз тоҷик абзоре ё олатеро мегирифт ва дар забони худ номи онро пайдо намекард, чун ин абзор ё олат дар зиндагии кӯчнишинон вуҷуд надошт, ин абзорро ҳамон гуна, ном мебурд, ки тоҷик (ба забони форсӣ).

Аз ин рӯ вожаҳои зиёди форсӣ ба забони узбакӣ ворид шуд».*

## ЯБОРСКИЙ. И.Л. ГУЗОРИШИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ МАЪМУРИЯТИ ИЛМӢ БА ОСИЁИ МИЁНА, СУРАТ ГИРИФТА ДАР ТОБИСТОНИ СОЛИ 1894. (МУСОФИРАТ БА БАХШИ КӮҲИСТОНИИ АМОРАТИ БУХОРО ВА ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД). ОДЕССА 1895.

С.41. «Дар тамоми тӯли роҳи тайшуда, аз рустои Қизилимчоқ то шаҳри Сариқтуй (болооби Қашқадарё ва Сурхондарё - Р.М.) аҳолии ин хитта саросар тоҷик мебошанд, куллан онҳо бисёр зебо ва пуртоқат ҳастанд. Тақрибан дар ҳама ҷо онҳо аз зулм ва ғорате, ки аҳолии узбаки Бухоро ба онҳо раво дидаанд, шикоят мекарданд».

## СИВЕРС В. ОСИЁ. ҶУҒРОФИЁИ ҶАҲОНӢ. СПб.,1896

С. 271 «Тоҷикон бар хилофи қабилаҳои дигар бештар аз ҳама покии навъи ҳинду олмонӣ, забони форсиро нигоҳ доштаанд. Онҳо дар Фарғона, Қаратоғ, ҳавзаи рӯди Зарафшон, Бухорои шарқӣ ва Бадахшон сукунат доранд».

## ГЕЙЕР И.И. РОҲНАМОИ ТУРКИСТОН. ЧОПИ АВВАЛ. ТОШКАНД 1901.

С.27. «Аз бумиён, онҳо қабилаи тарбиятдидае ҳастанд ва

---

* Ворид шудани вожаҳои форсӣ танҳо ба забонҳои узбакӣ ва олмонӣ хос нест. Китоби «Фараҳнги тафсирии забони зиндаи рус» таълифи Владимир Далро варақ бизанед ва хазорон вожаи бархоста аз забони тоҷикиро пайдо хохед кард. ( -Р.М.)

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

кишвар мадюни муваффақиятҳои онҳо дар ҳунари кишоварзӣ мебошад. Зеро тақрибан ҳамаи системҳои обёриро тоҷикон сохтаанд, ки зиндагиро дар бузургтарин водиҳои Туркистон таъмин мекунад.

Тоҷикон аз муборизаҳои тӯлонӣ нотавон шуда сарзамини падарии худро тарк гуфта ба кӯҳистон рафтанд ва дар онҷо аз ғорати ҷанг ва чашмҳои ҳариси боҷгирони ғолиб халос шуданд. Дараҳои сахтгузари кӯҳистонӣ дар берун аз саҳнаи муборизаҳои қавмӣ қарор дошт ва тоҷикон аз вахомати нерӯҳои сарфшуда барои дифоъи хунӣ аз фарҳанг ва истиқлол осуданд ва дараҳои сахтгузари кӯҳистониро ба рустоҳои шукуфта табдил доданд».

## ВЯТКИН В.Л. МАДОРИК РОҶЕЪ БА НАҚШАБАРДОРИИ ТОРИХИИ ВИЛОЯТИ САМАРҚАНД. ШУМОРАИ 8, САМАРҚАНД, 1902

С. 15-16. «Дар замони темуриён номҳои туркӣ ба нудрат дида мешавад, аксарияти онҳо форсӣ мебошанд. Худи Темур ва авлоди ӯ агарчи туркиюласл буданд, аз гузоштани номҳои туркӣ ба кӯҳҳо ва рустоҳое, ки худ бунёд ниҳода буданд, иҷтиноб меварзиданд. Ҳамон анбӯҳи номҳои туркӣ, ки дар ҳама ҷои вилоят ба назар мерасад, дар сад соли охир ба вуҷуд омадааст. Вале куллан метавон гуфт, ки номҳои қадимӣ дар навоҳии сукунати тоҷикон боқӣ мондаанд ва хеле банудрат дар маҳалҳои сукунати узбакҳо мушоҳида мешаванд, зеро рустоҳои тоҷикнишин дар наздикии Самарқанд ва доманаи кӯҳҳо мутамаркиз шудаанд ва иллати ин шароитро дар тамоми хиттаи Туркистон аз оғози истилои Шайбониён бояд шумурд, ҳамчунин аз водиҳо ронда шудани тоҷикон тавассути туркҳо аст, ки то ин авохир идома дорад. Билохира тоҷикҳо дар рустоҳои аз ҳама калонтари камтар ё бештар ҳифозатшуда боқӣ мондаанд. Узбакҳое, ки ба водии ҳосилхези Зарафшон омаданд, робитаи қабилаии худро аз даст надоданд ва дар инҷо ҷудо -ҷудо, қабила - қабила ва шоха -шоха лангар партофтанд ва ҳар кадом ноҳияи муайянро ишғол карданд ва номҳои қабилаҳо ва шохаҳои узбакӣ ба аглаби ин маҳалҳо гузошта мешуданд».

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## СЕМЕНОВ А.А. ТОРИХЧАИ МАРДУМШИНОСИИ КӮҲИСТОНИ ЗАРАФШОН, ҚАРОТЕГИН ВА ДАРВОЗ МАСКАВ 1903. П. ТОҶИКОНИ КӮҲИСТОНӢ.

«Ҳамаи ривоятҳои бумиён дар бораи муҳоҷирати онҳо ба кӯҳистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо аз ҳамвориҳои Суғд ва Бохтари бостон, яъне воҳаҳои Омударёи кунунӣ омадаанд. Ҳамаи бумиёни Зарафшон, Қаротегин ва бахше аз Дарвоз мегӯянд, ки ниёкони онҳо ба инҷо ё аз атрофи Самарқанд, ё аз Бухоро омадаанд, дар тамоми Дарвоз бо як забон мегӯянд, ки аҳолии ин вилоят ба кӯҳистон аз тарафи рӯди Ёхсӯ, аз ҳамвории наздики Кӯлоб омадаанд.»

## ГЕРТНЕР А. РУСИЯ. ҶУҒРОФИЁИ ФАРҲАНГӢ ВА СИЁСӢ. МАСКАВ, 1909

С.252. «Тоҷикон дар Туркистон ягона намояндаи нажоди ориёӣ ва қадимтарин бумии ин хитта мебошанд.

Тоҷикон дар байни туркистониён аҳолии олирутбаеро ташкил медиҳанд ва равшанфикртарин халқҳои Туркистон махсуб мешаванд».

## ПАВЛОВ Н. ТОРИХИ ТУРКИСТОН. ТОШКАНД, 1910

С.11. «...Бо ҳамлаи Тимучин (Чингизхон -Р.М.) ба миллати эронӣ зарбаи мудҳише ворид шуд.

Бояд одилона гуфт, ки то ҳоли ҳозир тоҷикон қавме сахтҷон мебошанд: чунин миллати нодир монанди тоҷикон зарбаҳои зиёде хӯрдааст, бо вуҷуди ин агар ба онҳо имкон медоданд, ки каме нафаси тоза бикашанд, дубора зинда мешуданд. Ин сатрҳоро ман вақте менависам, ки мо дар арафаи эҳёи нави ин миллати пуртавон ва сахтҷон қарор дорем, то ин эҳё тоҷикон зиндагӣ намекарданд, балки бо ранҷу азоб зиндагӣ ба сар мебурданд ва ин ранҷу азоб натиҷаи се зарбае буд, ки Тимучин, Темур ва узбакҳо ворид сохта буданд».

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

# ШИШОВ А. СОРТҲО. ПАЖӮҲИШҲОИ МАРДУМШИНОСӢ ВА ИНСОНШИНОСӢ. БАХШИ 1. ТОШКАНД 1907

С.1-3. «Сортҳо кишоварзони моҳир мебошанд. Онҳо кишоварзиро бавижа дар навоҳии дорои аҳолии анбӯҳ ба ҳадди камол расонианд. Дар сарзаминҳои қадимие, ки имкони хуби обёрӣ вуҷуд дорад, ҳамаи заминҳои обёришудаи он аз як силсила ободӣ иборат аст. Дар чунин сарзаминҳо ҷолиз (полиз) дар паҳлӯи ҷолиз ва боғ дар паҳлӯи боғ қарор дорад. Даст ёфтан ба маҳорат дар кишоварзӣ танҳо тавассути заҳамоти зиёд, таҷриба ва дониши фаровон мумкин аст.

Сортҳо дар кишти ғалла, улуфа, пунба ва растаниҳои равғандор маҳорати зиёд доштанд.

Ҳамчунон ки дар боло зикраш гузашт, сортҳо ба ҳамаи риштаҳои кишоварзӣ машғул буданд, вале мутамаркиз кардани тамоми нерӯ барои он ва тамоми сарвати худро танҳо дар замин донистан бо зоти онҳо муғоират (мухолифат) дорад ва доираи бузурги фаъолият ва тавоноиҳои гуногунро дархост мекунад.

Дар ин хитта (минтақа) тақрибан ҳама пешаҳо дар дасти сортҳо мебошад. Пешаварони сорт худро халқи тавоное нишон доданд, ки мехоҳад дар корҳои худ маҳорат дошта бошад, равишҳои беҳтарро бипазирад ва ба беҳтарин намунаҳо тақлид кунад.

Онҳо ба тавлиди абрешим ва коғазу чарм, сохти зин, шамъу собун ва ҳунари сарроҷӣ, пӯлодгудозӣ, оҳангарӣ ва коркарди тило ва нуқраву мис, ҳирфаҳои чӯбкорӣ, дурудгарӣ, харротӣ ва оҳангарӣ машғул буданд. Ва ҳамчунин банноиву гаҷкорӣ менамуданд, вале бухорисозӣ ва шервонсозӣ намекарданд.

Оё сортҳо мардуми бофарҳанг буданд? Агар мо бипазирем, ки моҳияти фарҳанг иборат аст аз ҷамъоварии таҷрибаҳои зиёд ва баъд нигоҳ доштани онҳо ва ниҳоят рушду тавсияи онҳо ва низ агар мо бипазирем, ки нахустин шарти аслии фарҳанг иборат аз ҷамъоварии дастовардҳои фарҳангӣ дар шакли маҳорат, дониш, неру ё сармоя барои гузор аз тобеияти комил аз табиат ба

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

истифодаи огоҳонаи он тавассути кори худ, бавижа дар кишоварзӣ, пас мо бадин натиҷа мерасем, ки сортҳо дар ин замина на танҳо аз ҳокимияти табиат раҳиданд, балки тобеъ кардани табиатро ёд гирифтанд.»

С.83. «Пажӯҳишгарон пайдоиши вожаи сортро ба номи қавми бостонии «яксорт» марбут медонанд, ки тибқи тавзеҳоти Птоломей (қарни 4) ҷуғрофидони аҳди бостон дар канори рӯдхонаи Яксорт (Сирдарё) зиндагӣ мекарданд. Птоломей мутазаккир мешавад, ки зистгоҳи яксортҳо дар ҳамон махалли рӯдхонаи Яксорт воқеъ аст, ки он дар наздики кӯҳҳои Танур маҷрои худро иваз мекунад.»

## ШИШОВ А. СОРТҲО. ТАҲҚИҚОТИ МАРДУМШИНОСӢ ВА ИНСОНШИНОСӢ. БАХШИ 1. ТОШКАНД 1907

С.101-102. «... Тибқи тозатарин ахбор, теъдоди куллии сортҳоро бояд хеле бештар донист (нисбат ба хонигарии Бухоро, ки тибқи гуфтаи А. Шишов теъдоди онҳо дар онҷо 1 428 000 нафар мебошад -Р.М.). Пас дар хиттаи Туркистон тоҷикон аз назари теъдод пас аз қирқизҳо дар ҷои аввал қарор доранд ва 24 дар сади тамоми аҳолиро ташкил медиҳанд. Агар дар назар бигирем, ки тамоми аҳолии Туркистон 5 260 000 буд, теъдоди сортҳо ба 1 262 000 нафар мерасид. Арқоме, ки мо аз маъхазҳои дигар дарёфт кардем ба арқоми боло, ки ба тамоми Туркистон марбут мешавад, хеле наздик аст. Ин имкон медиҳад, ки теъдоди сортҳои хиттаи Туркистон 1 256 000 бошад ва он ба ҳадди кофӣ қобили эътимод дар хиттаи Туркистон аст. Агар ба он теъдоди сортҳои кишварҳои ҳамҷаворро (амлоки Бухоро ва афғон), ки 800 000 аст, изофа кунем, теъдоди куллии сортҳо ба 2 056 000 баробар мешавад.»

С.73-74. «Дар осори хаттӣ, ки ҳоло маъмул аст, вожаи сорт нахустин бор дар асари Кудаткубилик, ки дар сол 1068-9 дар Кошғар навишта шудааст, ба назар мерасад, ва маънии он тибқи гуфтаи Вамберӣ «тоҷир» (сортлар бошӣ, яъне раҳбари сортҳо ё корвони тоҷирон, ки ба Чин меравад) мебошад.»

С.78. «Ба ақидаи Вамберӣ чунин натиҷа метавон гирифт, ки

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

сортҳо барҳости тоҷикӣ доранд. Ӯ зимни баррасии пайдоиши сортҳои Хива ба ин натиҷа мерасад.»

С.76-77. «Вамберӣ мегӯяд: Туркҳо ҳамеша сортҳоро бумиёни Тронс-Уксониё (Мовароуннаҳр -Р.М.) меноманд. Аз ин рӯ ба таври мудаллал метавон вожаи сортро номи туркии тоҷик донист. Дар ҳақиқат тоҷикон онҳое мебошанд, ки дар ин авохир дар байни узбакҳо сукунат гузиданд ва лаҳҷаи эронии худро нигоҳ доштаанд ва бештар бухориён мебошанд, ва сортҳо онҳое ҳастанд, ки хеле қабл муқимӣ шудаанд ва бахши зиёди онҳо забон модарии худро ба туркӣ иваз кардаанд... Ҳарчанд ки ман байни тоҷикон ва сортҳо фарқе намегузорам, вале онро низ наметавонам эътироф кунам, ки сортҳо куллан бо баъзе вижагиҳои зоҳирӣ аз тоҷикон тафовут доранд. Сортҳо мардуми хушқаду қомат мебошанд, пешонии борик ва барҷаста, рӯи дароз доранд ва ин бадон иллат аст, ки онҳо аксари аксари авқот бо асирони озодшудаи форсии муқими Осиёи миёна ақди никоҳ мебанданд, ки тоҷикон ҳеч гоҳ чунин намекунанд...»

С.77-78. «Пантусов мегӯяд: «Сортҳо» ё тоҷикон сокинони шаҳрҳо ва рустоҳо мебошанд, ки ба кишоварзӣ, тиҷорат ва косибӣ машғуланд.»

С.80. Тибқи гуфтаи Костенко ақвоми зер сорт номида мешаванд:

1. Тоҷиконе ки аз қавми эронӣ, бумиёни Осиёи миёна мебошанд, ки ҳоло дар ҳавзаи Зарафшон ва бахше аз вилояти Хуҷанд зиндагӣ мекунанд».

2. Ӯзбакҳо, тоторҳо, қирқизҳо ва қавмҳои мухталифи муқиме, ки аз омезиши мутақобилаи онҳо ба вуҷуд омадаанд ва дар шаҳрҳои бумии вилоёти Сирдарё ва Фарғона ва ҳавзаи Зарафшон сокин ҳастанд ва дар шаҳрҳои вилояти Ҳафтрӯд тиҷорат мекунанд.

3. Тороҷчӣ, қабилаи муқимии мусулмон, ки аксарияти аҳолии ноҳияи Кулҷинро ташкил медиҳад. Ҳамаи ин қавмҳо, ки номи куллии сортро доранд, худро ба ин ном наменоманд ва тибқи номи шаҳре, ки дар он зиндагӣ мекунанд, ном бурда мешаванд... Ҳамин гуна, ба ақидаи Костенко ҳамаи аҳолии муқимии Туркистон номи куллии сортро доранд...»

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## ШИШОВ А. ТОҶИКОН. ТОШКАНД 1910

С.163. «Тоҷикон қадимтарин кишоварзони хитта мебошанд. Онҳо дар ин амр муаллими ҳамаи қавмҳои дигар буданд, ки дар ин ҷо сокин шуда буданд. Узбакҳои тобеъкунанда дар шароити комилан нави кишоварзӣ муқимӣ шуданд ва табиист, ки онҳо бояд чизҳои омодаро мепазируфтанд. Аз ин рӯ онҳо фарҳангеро, ки таи қарнҳо бумиёни тоҷик эҷод карда буданд, комилан пазируфтанд, онҳо на танҳо васила ва абзори кишоварзӣ, балки тарзи меъмории манзил, асбоб ва тавлидоти гуногунро иқтибос карданд...»

## ШИШОВ А.П.. ТОҶИКОН. ТАҲҚИҚОТИ МАРДУМШИНОСӢ ВА ИНСОНШИНОСӢ. БАХШИ 1. МАРДУМШИНОСӢ. ТОШКАНД 1910.

С.223-224. Тоҷикон. «Дар тӯли ҳазорон сол бозичаи истилогарони бе банду бор ва бераҳми ҷаҳонӣ буданд, ки дар натиҷа дар кишвар, тартиботи шарқӣ ва барбарӣ ва истибдоди комили ҳукуматдорон ҳоким буд ва дар байни мардум даҳшат эҷод мекард.

Тоҷикон дар чунин замони тӯлонӣ дар зери зулми ҳокимони сахтдил қарор гирифта, баояндаи худ бовар надоштанд ва натавонистанд, ки хислатҳои ахлоқии худро пок нигоҳ доранд. Ҳарчанд зулми тӯлонӣ ба рушди баъзе норасоӣ ва нуқсонҳо дар байни тоҷикон сахт муассир буд, вале он нуқсонҳо дар муқобили қобилиятҳои фавқулодда ва нақӯкории онҳо тақрибан ба назар намерасад. Кишоварзӣ, ки шуғли қадимист ва дар хислати қавмҳо накӯкорӣ эҷод мекунад, ба ҷуз таъсир ба рушди неруи маънавӣ ва ҷисмонии тоҷикон, дар хислати онҳо нармии шоирона эҷод мекард.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## СЕМЕНОВ А.А. ОСИЁИ МИЁНА. МАСКАВ 1911

С.45. «Тоҷикон аз қадим кишоварз ва боғпарвар буданд. Зистгоҳҳои онҳо дар Осиёи миёна ҳанӯз дар чанд қарн пеш аз мелод вуҷуд дошт, аз ин рӯ ин давра қадимтарин аҳолии Осиёи миёна ва дар зимн дар муқоиса бо қавмҳои дигар бофарҳангтарин ва босаводтарин қавмро дар бар мегирифт.

Тоҷикон ҷангҷӯ нестанд ва аз дер замонҳо дар шуғлҳои мусолиматомез тахассус доранд ва дар ҳама ҷо мегӯянд, ки онҳо ба кишоварзӣ, тиҷорат ва саноат тамоюл доранд. Ҳамаи ободиҳои хитта, намуди шукуфои он, коркарди саҳроҳо, боғҳои зебои мева ва ҷӯйборҳои зиёд бо дасти онҳо ба вуҷуд омадааст.

Тоҷикон аз тарафи узбакҳо истило шуда, ба зудӣ тавонистанд, ки аз вазъи ногувори қавми мағлуб раҳо шаванд, онҳо ба зудӣ бо ғолибон хӯ гирифтанд ва оҳиста оҳиста тавонистанд, ки онҳоро ба даст гиранд. Онҳо ба хотири доштани ҳуши тез ва чобукиву зарангӣ тақрибан ҳамаи мансабҳои олиро дар давлатҳои узбакҳо ба даст оварданд ва чун онҳо аз нигоҳи рушди ақл аз узбакҳо болотар буданд, ҳамеша ҳамчун муаллим ва намуна барои ҳокимони худ хидмат мекарданд.

## ШИШОВ А. ТОҶИКОН. МАЗҲАБ ВА МАРОСИМҲО. МАҶАЛЛАИ «ОСИЁИ МИЁНА», ТОШКАНД, 1911.

Теъдоди тоҷикон дар вилоятҳои ҷудогонаи хиттаи Туркистон ба шарҳи зер аст:

Дар вилояти Самарқанд тибқи саршумории куллии соли 1897 -217 ҳазор нафар буд (Ахбори Туркистон, 1906, шумораи 45).

Дар вилояти Фарғона тоҷикон 172,200 нафар буданд (Маҷалаи солиёнаи вилояти Фарғона, ҷилди 1, шумораи соли 1902).

Дар вилояти Сирдарё 130 ҳазор нафар.

Ҳамин гуна, теъдоди тоҷикон дар ҳудуди сарзаминҳои русии Осиёи миёна 519,200 нафар мебошад.

Дар Бухоро ва хиттаи Ҳисор 240,000 нафар.

Дар Қаротегин 50,000, Дарвоз 35000, Рӯшон 5000, Шуғнон 5448, Вахон 3000 ва куллан 358 ҳазор нафар.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Теъдоди куллии тоҷикон баробар аст бо 1,190,000 нафар.

## ШИШОВ А. ТОҶИКОН МАҶАЛЛАИ «ОСИЁИ МИЁНА», КИТОБИ 6. 1911.

С.25. «Тоҷикони асортазада ба хотири бартарии маънавии худ ҳамеша бар узбакҳои асиркунанда, ки ҳатто дини қавми мағлубро пазируфта буданд, бартарии ахлоқӣ ва фикрӣ доштанд.

Аз байни тоҷикон на танҳо қишри олии равшанфикрони кишвар — рӯҳониён, муаллимони мадрасаҳои халқӣ, додрасҳо, қонунгузорон ба вуҷуд омаданд, балки гоҳ гоҳе баъзе аз онҳо дар суккони ҳокимият қарор гирифта, қудрати олиро ба даст меоварданд ва ҳоким мешуданд. Дар ҳоли ҳозир тоҷикон ба ин гурӯҳҳо дастабандӣ мешаванд: кишоварзи моҳир, коргар, корфармои хурд-тоҷир, пешавари моҳир».

## ДМИТРИЕВ-МАМОНТОВ А.И. РОҲНАМОИ ТУРКИСТОН ВА РОҲИ ОҲАНИ ОСИЁИ МИЁНА ВА ТОШКАНД. СПб., 1912.

С.57 «Тоҷикон. Аз байни бумиён, намояндагони бештар тарбиятдидае ҳастанд ва дигарон пешрафтҳои ҳунари кишоварзиро марҳуни онҳо мебошанд, зеро бахши муҳими системи обёриро, ки воҳаҳои Туркистонро обшор мекунад, онҳо сохтаанд.»

## П.Е. КУЗНЕТСОВ. ДАР БОРАИ ТОҶИКОНИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН. (АХБОРИ АНҶУМАНИ ҶУҒРОФИЁИИ ИМПЕРАТОРИИ РУС, ШӮЪБАИ ТУРКИСТОН) ҶИЛДИ II, ШУМОРАИ 2, БАХШИ 1. ТОШКАНД 1915

С.1-3. Куллан дар вилояти Намангон тақрибан чиҳил рустои тоҷикнишин вуҷуд дорад, дар 32 тои онҳо мо будем; ба иллати камии фурсат 7 рустои дигар мавриди таҳқиқ қарор нагирифтанд, вале мо иттилооте дар бораи онҳо дорем, ки аз афроди дигар дарёфт шудааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Дар инҷо феҳрасти 39 русторо бо теъдоди аҳолии ҳар яки онҳо меоварем.

| № Номи русто | Мард | Зан | Ҳавлӣ |
|---|---|---|---|
| 1. Қуюқмазор (дар 32 фарсах аз Намангон) | 453 | 290 | 210 |
| 2. Косон (30-33 фарсах аз Намангон) | 8266 | 7336 | 2705 |
| 3. Юмалак шайх (34 фарсах аз Намангон) | 148 | 145 | 46 |
| 4. Хитой сой (35 фарсах аз Намангон) | 2200 | 1924 | 736 |
| 5. Боястон (40 фарсах аз Намангон) | 495 | 507 | 155 |
| 6. Қашқаллоқ (46 фарсах аз Намангон) | 196 | 186 | 44 |
| 7. Ҳазрати Бува (41 фарсах аз Намангон) | 92 | 90 | 16 |
| 8. Оққургон (40 фарсах аз Намангон) | 295 | 406 | 107 |
| 9. Сафед-Бӯлон (48 фарсах аз Намангон) | 320 | 376 | 92 |
| 10. Подак (43 фарсах аз Намангон) | 60 | 72 | 19 |
| 11. Мамай (48 фарсах аз Намангон) | 475 | 360 | 120 |
| 12. Варзик (46 фарсах аз Намангон) | 3347 | 3235 | 830 |
| 13. Қароқургон (50 фарсах аз Намангон) | 60 | 60 | 19 |
| 14. Варзигон (44 фарсах аз Намангон) | 394 | 368 | 141 |
| 15. Чуст | 8705 | 7519 | 2790 |
| 16. Дува (39 фарсах аз Намангон) | 158 | 135 | 56 |
| 17. Саримсоқтеппа (38 фарсах аз Намангон) | 223 | 206 | 83 |
| 18 Садача (37 фарсах аз Намангон) | 61 | 53 | 25 |
| 19. Чодак (85 фарсах аз Намангон) | 2324 | 1985 | 884 |
| 20. Пуник (100 фарсах аз Намангон) | 800 | 650 | 350 |
| 21. Оқҷар (93 фарсах аз Намангон) | 100 | 85 | 60 |
| 22. Ҷарбулоқ ё Аштликгузар (93 фарсах аз Намангон) | 80 | 45 | 30 |
| 23. Ашт (109 фарсах аз Намангон) | 2370 | 1960 | 947 |
| 24. Пискоят (116 фарсах аз Намангон) | 550 | 460 | 150 |
| 25. Гудос (126 фарсах аз Намангон) | 470 | 365 | 223 |
| 26. Шайдон (126 фарсах аз Намангон) | 830 | 732 | 250 |
| 27. Улугқуруқ (129 фарсах аз Намангон) | 174 | 208 | 60 |
| 28. Бувадархон (131 фарсах аз Намангон) | 468 | 365 | 85 |
| 29. Понгоз (128 фарсах аз Намангон) | 2250 | 1992 | 670 |
| 30. Кӯли хоҷа (156 фарсах аз Намангон) | 168 | 148 | 50 |
| 31. Мулломир (160 фарсах аз Намангон) | 320 | 280 | 97 |
| 32. Қамишқургон (128 фарсах аз Намангон) | 1650 | 1290 | 325 |
| 33. Кукумбой (16 фарсах аз Намангон) | 680 | 605 | 202 |
| 34. Ғалчақишлоқ (5 фарсах аз Намангон) | 473 | 451 | 245 |
| 35. Шамсикӯл (13 фарсах аз Намангон) | 176 | 158 | 70 |
| 36. Қизилтеппа (34 фарсах аз Намангон) | 107 | 95 | 28 |
| 37. Қаирма (38 фарсах аз Намангон) | 279 | 168 | 81 |
| 38. Теппақургон (38 фарсах аз Намангон) | 366 | 341 | 136 |
| 39. Ярқишлоқ (39 фарсах аз Намангон) | 368 | 330 | 129 |

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Агар қавмҳои дигарро аз ин ҳисоб ҳазф кунем, пас теъдоди куллии тоҷикон дар 39 рустои фавқуззикр баробар аст бо 74 ҳазор нафар ва 12 700 ҳавлӣ.

С.17-18 «Шуғли аслии тоҷикони вилояти Намангон кишоварзӣ ва боғдорист. Сарчашмаи даромади тоҷикони Кӯли Хоҷа тавлид ва интиқоли намаки маъданӣ мебошад. Намакро аз ҳамон ҷои кӯли Охсикан ба даст меоваранд, ки бумиён онро Қаракиён гӯянд. Дар инҷо чанд олунак (хаскаппа) ҳаст, ки дар онҳо тақрибан 10 нафар тоҷики намаккан зиндагӣ мекунанд. Дар ин ҷо ҳеч гуна манзиле, дарахте ва буттае ба назар намерасад. Об аз Қамишқурғон, ки дар фосилаи 8 фарсах қарор дорад, оварда мешавад, як кӯза об 20 копек арзиш дорад. Гоҳе коргари тоҷик омодааст, ки барои як финҷон чой 20 копек бипардозад.»*

С.23 «Турк кардани тоҷикон дар вилояти Намангон монанди вилояти Тошканд ба чашм намехӯрад; шояд бадон сабаб бошад, ки дар Намангон тоҷикон бисёранд ва бо ҳамдигар робитаро қатъ намекунанд. Эҳтимолан иллати дигар он аст, ки тоҷикони Намангон номи қавми худро боиси шармандагӣ намедонанд; ҳамчунон ки маълум аст, вожаи тоҷик ва қул (ғулом)-ро туркон муродифи ҳам медонанд».

## ЛАВРОВ М.В. ТОРИХ ВА ҶУҒРОФИЁИ ХИТТАИ ТУРКИСТОН. М.-ПГР. 1916

С.28. «...Ба сокинони бумӣ ва нахустини Туркистон қавме ба номи тоҷик аз нажоди ориёӣ ва гурӯҳи эронӣ тааллуқ дорад ва онҳо мардуми муқимӣ мебошанд.»

## БАРТОЛД В.В. ТОҶИКОН, ТОРИХЧА, КУЛЛИЁТ. ҶИЛДИ 2. БАХШИ 1. МАСКАВ 1923

С.469 «... Туркҳо ба тоҷикон сахт ниёз доштанд; ҳанӯз Маҳмуди Кошғарӣ ин таъбирро зикр карда буд ки: «турке бидуни тот (яъне тоҷик -Р.М.) ва кулоҳе бидуни сар нест».

---

* Маоши якрӯзаи коргари тоҷик дар конҳои намак дар ҳамон замон 1 рублу 76 копек буд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

С.468 «Соли 1920 вакте Қонуни асосии Туркистон тасвиб шуд, миллатҳои бумии он танҳо қирқизҳо, узбакҳо ва туркманҳо шинохта шуданд. Вале тоҷикон кадимтарин сокинони минтака фаромӯш шуда буданд. Оянда нишон хоҳад дод, ки марзбандии миллии соли 1924 то чи андоза ба эҳёи миллати тоҷик мусоидат хоҳад кард.»

С.467. «Аз 3 хонигарии узбакҳо дар Туркистон, забони тоҷикӣ бештар аз ҳама дар хонигарии Бухоро забони коргузории давлатӣ ва фарҳангӣ буд, дар Хива камтар аз ҳама ва дар Қӯканд дар ҳадди миёна қарор дошт. Дар муқоиса бо Хива забони тоҷикӣ дар Бухоро он қадар қавӣ буд, ки на танҳо забони расмии хонигарии Бухоро шуд, балки дар Ҷумҳурии Бухоро, ки сентябри соли 1920 таъсис гардид, боқӣ монд.

Ба ҳар дараҷа ва андозае, ки узбакон ба зиндагии муқимӣ мегузаштанд, тоҷикон ва забони онҳо бештар ва бештар ба тарафи кӯҳистон ронда мешуданд».

## БАРТОЛД В.В. ТОҶИКОН. АЗ ДОИРАТУЛМАОРИФИ ИСЛОМ. КУЛЛИЁТ, ҶИЛДИ 2, БАХШИ 1, МАСКАВ 1923

С.470. «Дар замони мо эрониёни шарқиро гоҳе дар қиболи форсҳо тоҷик меноманд; марзҳои ғарбии сукунати тоҷикон байни Астаробод ва Язд хат кашида мешавад. Дар Туркистон бавижа дар давраи ҳокимияти узбакҳо, тоҷикон тадриҷан аз ҳамвориҳо ба манотиқи кӯҳистонӣ ронда мешуданд.»

## БАРТОЛД В.В. ДАР БОРАИ ТОРИХИ ОБЁРИИ ТУРКИСТОН. КУЛЛИЁТ, ҶИЛДИ 3, МАСКАВ 1965

С.105. «Вилоёти он сӯи Амударё дар ин замон ба давлати Форс дохил набуданд, танҳо таҳти таъсири ғайримустақими он қарор доштанд, сиккаҳои навъи сосонӣ зада мешуд. Аҳолӣ ҳамоно эрониҳо буданд. Истилогарони турк бо ситонидани боҷ қаноат мекарданд, баъзан туркҳоро ба мансабҳои бумиён мегузоштанд, вале дар инҷо гурӯҳ гурӯҳ сокин намешуданд. На дар давраи истилои аъроб ва на дар нахустин қарнҳои исломӣ марказҳои

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

туркнишин ва дорои номҳои туркӣ набуданд. Бахши аз ҳама пурнуфустар ва фарҳангӣ ҳавзаи Зарафшон буд».

С.119. Марказҳои ҷудогона, ҳаммонанди Форс «деҳ» ё ба вожаи маҳаллӣ «кент» номида мешуд, туркҳо бо худ вожаи қишлоқро (маҳалли сукунати зимистонӣ) оварданд, ки дар қарнҳои ахир густариш ёфт ва ба маҳалли сукунати ҳамешагӣ ҳатто ба маҳалоте, ки эрониён зиндагӣ мекунанд, итлоқ мешуд. Дар асноди авохири қарни 16 аҳолии рустонишин (деҳнишин) аз сокинони қишлоқнишин фарқ доштанд.

## «ПРАВДА» 15 НОЯБРИ СОЛИ 1924

«То ҳоли ҳозир (то марзбандии Осиёи миёна дар соли 1924) ба тоҷикони Осиёи миёна камтар таваҷҷӯҳ мешуд. Дар ҳоле ки тоҷикон ҳам аз лиҳози теъдод ва ҳам аз лиҳози ҷойгоҳашон дар Осиёи миёна дархури таваҷҷӯҳи бештар мебошанд. Теъдоди кулли онҳо танҳо дар Осиёи миёнаи шӯравӣ бештар аз як милиён мебошад.»

## МАДОРИК ВА АСНОД ДАР БОРАИ НОҲИЯБАНДИИ ОСИЁИ МИЁНА. КИТОБИ: «САРЗАМИН ВА АҲОЛИИ БУХОРО ВА ХОРАЗМ». БАХШИ 1. БУХОРО – ТОШКАНД 1926

С.150. Фасли 5. Аҳолӣ. Могодович И.

С.149-251. «То муқимӣ шудани узбакҳо, тоҷикон ва забони онҳо бештар ва бештар ба тарафи кӯҳистон ронда мешуд. Вале аҳолии шаҳрнишин ҳамоно ба тоҷикӣ сухан мегуфтанд ва дар Бухоро ин забон ҳатто баъд аз сарнагун шудани амир, то марзбандии миллии соли 1924 забони расмӣ буд».

## РАСТАНИҲОИ БОРВАРИ ТОҶИКИСТОНИ МИЁНА. ТАҲҚИҚОТИ ҲАЙАТИ ЭЪЗОМИИ ҶОМЕЪИ ТОҶИК ШУМОРАИ 13, ЛЕНИНГРАД, 1935.

М.Г. Попов. Сарватҳои поённопазири навъҳои марғуб ва кайфияти олии навъҳои борвар.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

С.4. «Бар пояи далелҳои зиёде, ки вуҷуд дорад, метавон ҳадс зад, ки ҳамин охапетси (навъе зардолу -Р.М.) машҳур низ ҳамон навъи самарқандии тоҷикии бабар аст, ки эҳтимолан ҳамроҳ бо анвои дигар дар қарнҳои 10-13 аз Тоҷикия* ба Испания оварда шудааст.

С.6. Растанипарвар дар Тоҷикия ба дунболи илми гиёҳшиносӣ пеш меравад ва ҳар ҷо, ки тоҷикон ба сар мебаранд осор ва бақоёи тамаддуни олии кишоварзӣ, анвоъи пурбор ва арзишманди гиёҳон дида мешавад. Бадин тариқ, дар Тоҷикия мавқеи ҷуғрофиёии қавми тоҷик бо ҷаҳони гиёҳони ваҳшӣ ва дастовардҳои бузурги пайвандзании рустаниҳои аҳлӣ мутобиқати олӣ дорад.»

* Истилоҳи «Тоҷикия»-ро дар муқоиса бо «Тоҷикистон» мо барои ифодаи паҳноии густариши қабоил ва фарҳанги тоҷикӣ пешниҳод намекунем.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## ГУЗОРИШИ ТУНДНАВИСИШУДАИ ҶАЛАСАИ КУМИСИЮНИ ВИЖАИ АРЗИИ* ДАФТАРИ ОСИЁИ МИЁНАИИ К.М.Ҳ.К.(Б)Р. БАРОИ МАРЗБАНДИИ МИЛЛӢ**

(Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия, махзани 62, сабти шумораи 2, парвандаи 100, баргҳои 9-39

**Рафиқ Карклин О***. раёсати ҷаласаро ба ӯҳда дорад.**

**Раис:** Ҷаласаи дуввуми кумисиюни ҳалли масъалаи марзбандии миллии ҷамоҳири Осиёи миёна ифтитоҳ мешавад. Ман чунин тартиби кори кумисиюнро пешниҳод мекунам: масъалаҳо мавриди музокирот қарор дода нашавад, зеро чанд лойиҳаи тасвибномаи зеркумисиюнҳо вуҷуд дорад, ки дар охирин ҷаласаи кумисиюни мо мавриди баррасӣ қарор гирифта буд. Ман гумон мекунам, ки салоҳ аст, агар ин лойиҳаҳоро ба навбат мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Фикр мекунам, дар яке аз ин лойиҳаҳо дар мавриди ҳамаи бандҳои аслии табодули назар ба амал хоҳад омад ва бо нукоти лойиҳаҳои дигар такмил карда хоҳад шуд.**** Ҳамин гуна, рафиқон, ман пешниҳод мекунам, ки баррасиро аз зеркумисиюни узбакҳо шурӯъ кунем.

---

* Дар назди кумисиюни марказии арзӣ Дафтарҳои муваққатии миллии (кумисиюнҳои миллии) узбакҳо, туркманҳо, қирқизҳо ва қазоқ, кумисиюнҳои тоҷикҳо ва қарақалпоқҳо фаолият мекарданд. Он кумисиюн иборат буд аз: Н. Айтакуф, К. Атабоюф, И.Ю. Айдорбекуф, И. Варейкис, Р. Исломуф, Д.И. Манжара, Д. Раҳимбоюф, И.И. Межлаук, Х. Сахатмуродуф, Ф. Хоҷаюф ва дигарон.

** Ҷаласа соати 8, 4 июни 1924 шурӯъ шуд.

*** Раиси кумисиюн.

**** Дар гузориши тундневисишуда бо камоли сароҳат фомулбандиҳо ва ибороти бюрократӣ ва идорабозии аз нигоҳи замбони русӣ бесаводонаи бюрократҳои шӯравӣ, риёкориҳо ва бераҳмии онҳо пиромуни масоиле, ки ба онон марбут буд, сабт шудааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Ҳоло сухан ба рафиқ Раҳимбоюф дода мешавад.

**Раҳимбоюф А.**: Мо нуқтаи назари воҳид дорем, нуқтаи назари муштараки кумисиюни узбакӣ чунин аст: Ҷумҳурии Узбакистон (мустақил) бо узбакҳои бухорӣ, (ба истисноИ канори чапи Омударё), Чаҳорҷӯ ва Каркӣ, узбакҳои Хоразм, Самарқанд (ба истисноИ Панҷ ноҳияи кӯчнишини вилояти Ҷиззах), узбакҳои Фарғона (ба истисноИ бахши кӯҳистонии қирқизҳо), узбакҳои Тошканд бо вилоёти Тошканд ва Мирзочӯл таъсис карда шавад. Дар таркиби Ҷумҳурии Узбакистон Вилояти худмухтори Тоҷикистон, ки дар баргирандаи бахши кӯҳистонии Бухоро, Ғузор*, Кӯлоб, Мастчоҳ ва ғайра мебошад, таъсис карда шавад. Ба ақидаи мо, ба ҳамин тартиб бояд Ҷумҳурии Туркманистон бо туркманҳои Туркманистон, Бухоро ва Хоразм таъсис карда шавад. Ҷумҳурии Узбакистон бояд мустақиман ба иттиҳоди ҷумҳуриҳо дохил шавад. Ҳамчунин Ҷумҳурии Тукманистон. Мо кормандони Узбакистон фикр мекунем (ба истисноИ рафиқ Исломуф), ки байни Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Узбакистон бояд робитаи иқтисодӣ вуҷуд дошта бошад. Рафиқ Исломоф бар ин назар аст, ки ҳар ҷумҳурӣ бавижа дар масоили иқтисодӣ мустақиман ба иттиҳод ворид шавад. Онҷи ба масъалаи қарақирқизҳо марбут мешавад, ба назари мо мақрун ба маслиҳат аст, ки воҳиди қарақирқизҳои навоҳии Ҳафтрӯд, Сирдарё ва вилояти Фарғона таъсис карда шавад. Ба назари мо, бояд байни вилояти қарақирқиз (чун бахше аз он дар Фарғона ҷойгир аст) ва Ҷумҳурии Узбакистон мутобиқати иқтисодӣ вуҷуд дошта бошад, вале албатта ҳалли ин масъаларо ба худи қарақирқизҳо вогузор мекунем. Мо ҳамоно қотеона бар ин назар ҳастем, ки федеросиюни Осиёи миёна таъсис карда нашавад, зеро ин амр мувофиқи маслиҳат нест.**

(Хоҷануф аз ҷои худ мегӯяд: «Вале фидиросиюни ғайришӯравӣ мумкин аст?»

---

* Билохира Ғузор ба Тоҷикистон дода нашуд.

** Сабки гузоришгарон нигаҳ дошта шудааст. Танҳо иштибоҳоти фоҳише ки бар маънӣ халал ворид мекунад, ислоҳ шудааст. Аз мӯҳтавои гузоришҳо метавон тасаввуроти равшане дар бораи савод ва омодагии аъзои кумисиюн касб кард.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Инак тақрибан ончи мо тасмим гирифтем, мо тасвибномаи зеркумисиюни қирқизҳоро хондем, онҳо низ масъаларо ба ҳамин тартиб ҳал кардаанд.

**Раис**: Шумо шояд лойиҳаи худатонро мехонед ва баъд мумкин хоҳад буд табодули назар ба амал ояд.

**Абдурраҳмонуф Т.**: Пиромуни Ҷумҳурии Қирқизистон назари шумо чист?

**Раис**: Ин масъала баъдан, рафиқон. Ҳоло рафиқ Раҳимбоюф тасвибномаи зеркумисиюни узбакҳоро мехонад.

**Раҳимбоюф А.**: Тасвибномаи зеркумисиюни узбакҳо. (Мехонад.*)

**Раис**: Сухани навбатӣ ба рафиқ Айтакуф аз зеркумисиюни туркманҳо. Ман гумон мекунам, ки аз ин «ёддошти мухтасар» бандҳои 29 ва 30 бандҳои аслӣ ва боқимонда тавзеҳоти ин ду банд маҳсуб мешаванд.

**Айтакуф Н.**: Ҳоло мо бандҳои 29 ва 30-ро мехонем («Иттиҳоди мушаххаси туркманҳо»-ро мехонад.)

**Раис**: Сухани навбатӣ ба рафиқ Хоҷануф аз зеркумисиюни қирқиз дода мешавад. (Хоҷануф мехонад). Акнун, рафиқон, ман фикр мекунам, ки боз пешниҳоди рафиқони хоразмӣ шунида шавад. Инҷо гузориши катбӣ мавҷуд аст, ки рафиқон Одинаюф, Абдусаломуф ва дигарон имзо кардаанд. Дар ин ҷо комилан хондани гузориш қобили салоҳ нест, вале бояд пешниҳоди ҳайати Хоразм хонда шавад. Рафиқ Одинаюф лутфан бихонед.

**Одинаюф К.**: «Салоҳиятҳои иқтисодии ноҳияи Хоразм...» (мехонад)**

**Раис**: Матни ҳамаи лойиҳаҳо шунида шуд. Ман фикр мекунам, дар музокирот бештар аз панҷ дақиқа сухан нагӯем. Масъала равшан аст.

---

* Чоп нашудааст.

** Чоп нашудааст. Сухан дар бораи майл ва хоҳиши қарақалпоқҳо барои таъсиси вилояти худмухтор дар дохили Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистони (Қазоқистон)-и шӯравии сусиёлистӣ меравад. Дар миёнаи сентябри соли 1924 конфронси ҳизбии вилояти Омударё баргузор шуд, ки дар ҳудуди он қарақалпоқҳо ба таври мутароким зиндагӣ мекарднанд. Дар конфронс тасмим гирифта шуд, ки вилояти худмухтори қарақалпоқ таъсис ва ба ҷумҳурии худмухтори Қазоқистони шӯравии сусиёлистӣ васл карда шавад. -Р.М.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

**Раҳимбоюф А.:** Дар инҷо ниёз ба зиёд гуфтан нест, зеро баъд аз шунидани тасмимоти се зеркумисиюн* чунин падидае эҷод мешавад, ки мақомоти раҳбарии узбак пиромуни ин масъала тасмими собит доранд, ки дар пленуми Кумитаи марказии ҳизби Бухоро ва дар тасвибномаи конфронси вилояти Самарқанд ва конфронси ҳизбии вилояти Фарғона пазируфта шудаанд. Ва дар ҷаласоти маҳаллии Бухоро низ ин масъала баррасӣ шуд. Ҳамфикрии комил ҳам дар масъалаи ташкили ҷумҳурии миллии шӯравӣ** ва ҳам дар бораи шакл ва сохтори ин ҷумҳурӣ вуҷуд дорад. Ҳамин гуна ҳамфикриро мисли он ки дар байни кормандони туркман чи туркистонӣ ва чи бухороӣ мушоҳида мекунем.

Рафиқон Одинаюф ва Абдусаломуф шадидан гузоришҳои катбӣ менависанд, дар ҳоле ки дар Хоразм дар ҷаласаи густурда бо ширкати ман, Атобоюф ва дигарон ин масъала пазируфта шуд. Сарфи назар аз ин, ман масъалаи Хоразмро канор мегузорам, бигзор ин масъаларо дар Хоразм ҳал кунанд. Ҳамин кофист, ки ақидаи кумунистони ду миллати Осиёи миёна вуҷуд дорад ва чун кумунистони ду миллат*** аз нуқтаи назари кумисиюни мо пайравӣ мекунанд, аъзои Дафтари Осиёи миёнаӣ ва аъзои кумисиюн, нуқтаи назари моро таъйид хоҳанд кард.

Ба назари мо, танҳо роҳи ҳалли ин масъала бояд ҳамин шева бошад. Фидиросиюни Осиёи миёнаии шӯравӣ масъаларо комилан ҳал нахоҳад кард. Эҷоди фидиросиюни шӯравӣ густариши ихтилофоти миллии моро сабаб хоҳад шуд; он аз доираи Туркистон ба доираи Осиёи миёна мунтақил мешавад, бавижа вақте ки рафиқони масъули қирқиз қасд доранд Ҷумҳурии бузурги Қирқизистон — Оренбургиро**** ба Қирқизистони Туркистон бипайванданд. Дар ин миён сарфи назари аз ихтилофоти гуногуни миллӣ, ки моро ба марзбандӣ водор мекунад, эҷоди ҳар гуна пайванде ҳам аз назари нишонаҳои ҷуғрофиёӣ ва ҳам аз назари

---

* Зеркумисиюнҳои узбакҳо, туркманҳо ва Хоразм дар назар аст.

** Ҷумҳурии Узбакистон дар назар аст.

*** Миллатҳои узбак ва туркман дар назар аст.

****Дар санад ҳамин гуна сабт шудааст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

нишонаҳои иқтисодӣ бо Қирқизистони муттаҳида аз имкон берун аст.

Рафиқони қирқиз мудаъии ташкил пойтахти худ дар шаҳри Тошканд мебошанд. Саволе пеш меояд, ки барои Ҷумҳурии Қирқизистон ҷиҳати идораи сарзамини байни Тошканд ва Оренбург чи фарқе вуҷуд дорад. Ба ҷуз он, Тошканд маркази фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодии узбакҳо мебошад. Мо бо рафиқон тақрибан масъалаи Тошканд ва вилояти онро гуфтугӯ кардем, ки аксарияти кулли аҳолии онҷо узбакҳо мебошанд ва дар хиттаи ба истилоҳ иқтисодии Тошканд, ки ҳамроҳи вилояти Мирзочӯл як системи иқтисодиро ташкил медиҳанд ва узбакҳо бартарӣ доранд ва дарояндаи наздик, маркази Узбакистон ба Тошканд оварда хоҳад шуд. Агар мо ҳоло марказро дар Самарқанд месозем, танҳо барои он аст, то тасавуроте дар бораи Бухоро ба вуҷуд наёяд, ки онро ба Тошканд пайваст мекунанд.

Ба назари ман, сӯҳбатҳо дар бораи Тошканд ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Қирқизистон ҳеч гуна поя ва асосе надорад.

**Муҳиддинуф А.**: Қатъномаҳои (пайнавиштҳои) кумисиюнҳои ҷудогона дар нукоти аслӣ тафовут надоранд. Дар ҳама ҷо лузуми эҷоди ҷумҳуриҳои миллиро эътироф мекунанд. Ман танҳо дар бораи лаҳазоти ҷудогона сӯҳбат хоҳам кард.

Дар лоиҳаи туркманҳо дар робита бо марз чунин сабт шудаст: «Канори рости Омударё то Чаҳорҷӯ». Ба ақидаи мо, чун аҳолии туркман дар назар аст, мо метавонем дар канораи рост таваққуф кунем, вале масъаларо бояд кумисиюни вижа ба таври ниҳоӣ равшан кунад.

Дар банди 30 тезисҳои рафиқони туркман гуфта мешавад, ки бояд ургонҳои ҷудогонаи иқтисодӣ таъсис гардад ва робитаи мустақими Ҷумҳурии Туркманистон бо Иттиҳоди шӯравӣ эҷод шавад. Ба назари ман ин амр барои худи туркманҳо низ қобили салоҳ нест, қобили салоҳ набудани вуҷуди мусовии ургонҳои иқтисодӣ ба ҳар кас маълум аст. Назари ман ин аст, ки ин масъала дар миқёси Осиёи миёна бояд ҳал шавад.

Дар тезиси қирқизҳо, рафиқони қирқиз шаҳри Тошканд ва уездии Тошканд ва ҳатто вилояти Сирдарёро шомили марзҳои худ сохтаанд. Ман гумон мекунам, ки рафиқ Хоҷануф ноду-

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

рустии ин амрро дармеёбад. Мо бояд ба арқом такя кунем ва муайян намоем, ки дар навоҳии Тошканд 53 дар сад узбакҳо ва 24 дар сад қирқизҳо мебошанд. Ҳамон тавр ки дида мешавад рафиқ Хоҷануф дар ин арқом мутобиқате пайдо намекунад.

Акнун дар бораи федеросиюн бо Ҷумҳурии Қирқизистон. Адами робитаи иқтисодӣ ва низ ҳудуди густурдае ки Ҷумҳурии Қирқизистонро аз Ҷумҳурии Туркистон ҷудо мекунад, гувоҳи он аст, ки дар инҷо хеч унсури қобили салоҳ вуҷуд надорад.

Масъалаи саввум: Дар бораи эҷоди ноҳияҳои ҷудогонаи қирқизнишин дар Ҷумҳурии Бухоро. Мо мегӯем агар вилоятҳои худмухтори қирқиз таъсис карда шаванд, пас ҳамин гуна вазъ дар робита бо Бухорои шарқӣ низ пеш хохад омад.

Тезиси рафиқони хоразмӣ бо дигар тезисҳо комилан тафовут дорад. Онҳо пешниҳод мекунанд, ки Хоразм ҳамчун воҳиди ҷудогонаи мустақил боқӣ монад ва ба он бахши Омударё низ пайваст гардад.* Масъалаи мазкур, ки-мо ҳоло ба таври мушаххас таҳқиқ накардаем, бояд дар инҷо мавриди баррасӣ қарор гирад.

**Хомутхонуф**: Ман гумон мкунам, ки ончи рафиқ Хоҷануф дар бораи марзбандӣ қироат кард, усулан ҳал мешавад. Ончи дар сарзамини Ҷумҳурии Туркистон бо миллатҳои ҷудогона мегузарад, мусалламан густариш хоҳад ёфт ва бо ин масъалаи марзбандии ҷумҳуриҳои ҷудогонаи миллӣ ҳанӯз ҳал нахоҳад шуд.

Рафиқ Раҳимбоюф дар бораи Ҷумҳурии Хоразм сухан гуфт. Ман ҳам гузориши рафиқ Одинаюфро хондам, ки мегӯяд: «Дар Ҷумҳурии Хоразм аксарият узбакҳо мебошанд. Аз ин рӯ, Хоразм бояд ба Ҷумҳурии Узбакистон бипайвандад» Бо ин ҳам рафиқ Одинаюф ва ҳам кормандони дигар мувофиқ ҳастанд. Хеч гуна ҳисорате ба аҳолӣ ворид нахоҳад шуд, балки баръакс моводи зиндаи** Ҷумҳурии Хоразм, Қирқизистон ва Туркманистон

* Вилояти Омударё дар назар аст.

** Бюрократҳои ҳизбиву шӯравӣ аҳолии Хоразм, Қазоқистон, Қирқизистон ва Туркманистонро «маводи зинда» меномиданд. Инсонҳо барои онҳо беш-тар аз «маводи зинда» набуданд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

беҳбуд хоҳад ёфт.

Дар масъалаи иттиҳоди иқтисодии ҷумҳуриҳо, ман нуқтаи назари кормандони туркманро дуруст мешуморам. Албатта, инҷо ҳам дар хатти машйи шӯравӣ ва ҳам дар хатти машйи ҳизбӣ ихтилофоте вуҷуд дорад, ба таври умда иқтисод нақши муҳим дорад, ки бидуни он ҳеч як аз ҷумҳуриҳо наметавонад вуҷуд дошта бошад, аз ин рӯ иттиҳоди иқтисодии ҷумҳуриҳои мустақил ва сохтори иқтисодии онҳо комилан амали мусбатест.

**Атобоюф К.С.**: Ба таври умда, зарур аст, ки пиромуни ихтилофи назарҳое, ки ба миён омада, ақидаи худро иброз намоем. Ман бар рӯи ихтилофи назарҳое, ки байни бухороиҳо, узбакҳо ва туркманҳо ба вуҷуд омада, таваққуф мекунам. Рафиқони узбак мудаии канори рости Омударё ҳастанд, дар ҳоле ки аҳолии онҷо истисноан туркманҳо мебошанд. Инро то ин замон Булотуф таъйид мекард, ки ба ин ноҳияҳо сафар кардааст ва онҳоро хуб медонад. Агар рафиқони узбак ба ин ақида ҳастанд, ман таваққуф нахоҳам кард, вале мо туркманҳо кумисиюнеро ки таркиби ақвоми соҳили ростро баррасӣ кунад, қабул дорем. Мо мухолифи вогузории каронаи чап ба туркманҳо ва вогузории каронаи рост ба узбакҳо мебудем.

Ихтилофи дигар пиромуни марзҳои Хоразм вуҷуд дорад. Ба ҳудуди Хоразм шаҳреро дохил карданд, ки худи хоразмиҳо онро канор гузоштаанд, масалан монанди Тошҳавз*. Вале ҳангоми ҳалли ин масъала мо ин аслро поя қарор додаем, ки шаҳр бозори миллӣ маҳсуб мешавад. Чун бозор бозори туркманҳост, мо онро ба Туркманистон пайваст кардем. Бо таваҷҷӯҳ ба ин асл, пиромуни марзҳое, ки дар шаҳрҳои дигар муқаррар карда шудааст, ихтилоф ба миён нахоҳад омад ва шаҳрҳое ҳамчун Ғазавот** ва ғайра ба вилояти Туркманистон дохил мешаванд, ин бозори туркманҳо аст. Тошҳавз аз лиҳози таркиби аҳолии шаҳр ба узбакҳо тааллуқ дорад, вале мо онро ҳамчун бозор ба назар

---

* Дар ҳудуди Туркманистони кунунӣ ҷойгир аст.

** Дар санад иштибоҳ шудааст. Хазават дар ҳудуди Туркманистони кунунӣ ҷойгир аст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

гирифтем.

Мо то ба Қунғурот* расидем ва ҳарчанд, ки Қунғурот ба Туркманистон тааллуқ дорад, мо тасмим гирифтем, ки ин хитта дар Қирқизистон боқӣ бимонад. Дар ҳоли матраҳ шудани масъала ба чунин сурат, мумкин аст забони муштарак пайдо кард ва марзҳоро таъйин намуд.

Агар рост ва бепарда сухан гӯем, мо дар масъалаи марзбандии иқтисодӣ устувор нестем ва дирӯз вақте, ки ҷаласаи кормандони туркман баргузор мешуд, мо ба чунин ақида будем, вале дар онҷо марксистҳое ҳузур доштанд, ки мегуфтанд: сиёсат бар мабнои иқтисод сохта мешавад ва истиқлоли сиёсӣ, ки мо эълон мекунем дар иттиҳоди иқтисодӣ ҳеҷ гуна маънӣ нахоҳад дошт. Туркманҳо ҳамчун омили собиткунанда, як силсила арқомро дар заминаи копературатиф ва тиҷорат меоваранд, ки ҳамаи захираҳои зинда** комилан ба эҳтиёҷоти аҳолии узбак мутаваҷҷеҳ сохта шудааст. Аз ин рӯ мегӯянд, ки агар мо ягонагии иқтисодиро нигаҳ дорем, чунин истисмор аз тарафи узбакҳо дар оянда низ идома хоҳад дошт; мо қотеона бар марзбандии иқтисодӣ исрор меварзем.

**Карклин О** : Ягона лоиҳае, ки метавон онро асос қарор дод, лоиҳаи кумисиюни руфақои узбак аст. Имрӯз зарурате ба баррасӣ кардани ҷузъиёт нест ва масъалаи марзҳоро бояд мавкул гузошт, зеро мо иттилооти кофӣ дар ин бора надорем, ки ба таври комилан мушаххас сухан гӯем. Мо бояд масъалаи Ҷумҳурии мустақили Узбакистон, ки оё Узбакистон мустақиман ба Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ дохил мешавад ва низ масъалаи шаҳри Тошкандро ҳал кунем, ки он боиси ихтилоф бо рафиқони қирқиз мебошад. Ман фикр намекунам, ки яке аз ҷумҳуриҳо қасд дошта бошад, бахше аз ҷумҳурии дигарро ғасб ва ё ишғол намояд. Дар ниҳояти амр, агар ихтилофе пиромуни Тошканд ба миён ояд, кунгураеро дар бораи Тошканд созмон медиҳем ва масъаларо ба раъй мегузорем. Ба фикри ман дар инҷо аксарияти

---

* Дар санад иштибоҳ шудааст. Қунғурот, ки ба Вилояти худмухтори Қарақалпоқистон тааллуқ дошт, ба Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистони (Қазоқистон) шӯравии сусиёлистӣ дохил шуд.

** Одамони зинда дар назар аст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

аҳолӣ узбакҳо мебошанд. Шак мекунам, ки ин масъала ба гунаи дигар ҳал шавад.

Бо эҳтимоли қавӣ метавон гуфт, ки ҳамин ғуруби имрӯз сарнавишти Тошканд қаблан таъйин шудааст, мушкил ба назар мерасад, ки Тошканд пойтахти Қирқизистон* шавад.

Ихтилофи дигар. Рафиқ Хоҷануф пешниҳод мекунад, ки ҳамаи кашмакашҳое, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Туркистон вуҷуд дорад, ҳамроҳ бо масъалаи марзбандӣ ба Ҷумҳурии Қирқизистон, Бухоро ва Хоразм мунтақил гардад. Билохира эҷоди фидиросиюне, ки рафиқ Хоҷануф пешниҳод мекунад, моҳиятан чизеро тағйир нахоҳад дод. Ба назари ман ин масъаларо низ бояд инкор кард.

Ихтилофи дигар, пиромуни равобити иқтисодии Ҷумҳурии Туркманистон ва Узбакистон мебошад. Агар мо банди 30 тезиси рафиқони туркманро бихонем, хоҳем дид, ки дар он пешниҳоди рафиқ Исломуф рад карда шудааст. «Ҷумҳурии Туркистон тибқи шароити маишӣ яке аз манобеъи ашъёи хом мебошад.» (Мехонад). Агар дар инҷо гуфта мешуд, ки онҳо ба ҳадди баробар ба якдигар марбут ҳастанд, пас эҳтимолан инҷо робита вуҷуд дорад. Идомаашро мехонем: «Мисли дигар ҷумҳуриҳои Осиёи миёна, эҳтиёҷоти саноеъи давлатӣ дархост мекунад, ки бо пойгоҳи аслии таъминотии он, робитаи мустақим вуҷуд дошта бошад. аз ин рӯ бояд ягонагии иқтисодии ҷумҳуриҳо таҳким ёбад ва ғайра.» Инҷо ихтилофи назарҳо чи қадар бихоҳед зиёд аст.

**Садо аз толор**: Оё мешавад ислоҳ кард?

**Карклин О.**: Ислоҳ кардан мушкил аст. Агар ба фидиросиюни МовароиҚафқоз — (Озарбойҷон, Арманистон ва Гурҷистон) нигоҳ кунем, онҳо аз нигоҳи иқтисодӣ бо ҳамдигар марбут буданд ва ҳоло аз лиҳози сиёсӣ бо ҳам иртибот доранд. Мушкили дигаре наметавонад бошад ва агар шумо ба таври дигаре фикр мекунед, он ба далел ниёз дорад. Ба назари ман, дар ин маврид низ нуқтаи назари зеркумисиюни узбакҳоро бояд қабул кард. Он

---

*Таваҷҷӯҳ кунед ба адами комили истидлол дар тасмимоти О. Карклин. Зимни тӯл кашидани ихтилофот ӯ масъаларо бо шеваи сахти иродаӣ, худаш ҳал мекард.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

чи ба масъалаи охарӣ марбут мешавад, ки рафиқони хоразмӣ пешниҳод карданд, он аст ки он низ шабеҳи ҳамон пешниҳоди рафиқони қирқиз аст, вале он каме маҳдуд аст. Ва онҳо мехоҳанд Ҷумҳурии Хоразмро бо пайвастани вилояти Омударё густариш бидиҳанд. Рафиқ Хоҷануф баландпарвозӣ мекунад ва пешниҳод менамояд, ки ин густурдагӣ то Сибир идома ёбад.

Ман такрор мекунам, танҳо лоиҳае, ки метавон ҳамчун поя пазируфт — ин лоиҳаи пешниҳодии рафиқони узбак мебошад.

**Файзулло Хоҷаюф**: Ончи ман мехостам бигӯям, инҷо рафиқон каму беш онро гуфтанд, ба ҳар сурат чанд калимае пиромуни масъалаи марзӣ изофа мекунам. Агар онро поя ва асос қарор диҳем, ки марзҳои ҷумҳуриҳои ҷудогона хутути муайяне хоҳад дошт, дар ҳар сурат мавзӯъ ҳал нашуда боқӣ мемонад, чун кумисиюни мо масъаларо ба ҳукми поя қарор медиҳад.

Нахуст — дар бораи марзҳои Туркманистон. Дар мавриди Калиф ҳақ ба ҷониби туркманҳо нест, зеро аксарияти кулли аҳолии онҷо узбакҳо ва танҳо чанд дар сад туркманҳо мебошанд. Туркманҳо метавонанд дар онҷо ҳамчун ақалияти миллӣ зиндагӣ кунанд, ҳамчунон ки узбакҳо дар навоҳии Аулие-Атин. Ҳамин гуна, каронаи чап дар дасти туркманҳо ва каронаи рост дар дасти узбакҳо боқӣ хоҳад монд, бидуни чунин тарзи тақсим эҷоди Ҷумҳурии Узбакистон аз имкон берун аст. Дар идома рафиқ Хоҷануф мегӯяд, ки дар вилояти Бойсун бояд ноҳияи махсусе таъсис карда шавад.

Ман бояд иттилоъ бидиҳам, ки дар вилояти Бойсун мисли ин ки як қирқиз ҳам вуҷуд надорад. Дар сурате ки дар вилояти Бойсун онҳо 8 дар сад мебошанд. Он қирқизҳое, ки дар вилояти Қурғонтеппа боқӣ мемонанд, ба унвони ақалияти миллӣ бояд бимонанд. Чунон ки рафиқ Карклин зикр кард бояд тасвибномаи кумисиюни узбак ба ҳайси поя ва асос пазируфта шавад.

Акнун роҷеъ ба масъалаи иқтисодӣ. Ба ақидаи ман назари рафиқони узбак ва туркман роҷеъ ба марзбандии иқтисодӣ нодуруст аст. Зеро ташкилотҳое вуҷуд доранд, ки ба ҳеч ваҷҳ қобили тақсим нестанд ва ба ҷуз он Ҷумҳурии Узбакистон ва Туркманистон, ки вориди иттиҳод мешаванд, бояд сарзаминҳои худро на ҳамчун ноҳияҳои мустақили иқтисодӣ, балки ҳамчун

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

навоҳии якпорча бо иқтисоди Иттиҳоди ҷамоҳир бидонанд. Инҷо зарур аст, ки намояндагии иқтисодии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди ҷамоҳир масалан ба сурати ташкилоти иқтисодии Шӯрои иқтисодии Осиёи миёнаӣ ва ғайра ташкил карда шавад.

**Раис:** Сухан ба рафиқ Герман.

**Герман:** Тибқи лоиҳаҳои пешниҳодкардаи зеркумисиюнҳои гуногун метавон гуфт, ки масъала то ҳадде равшан мешавад. Албатта, ҳанӯз зуд аст натиҷа бигирем, ки масъала мушаххас ба таври ниҳоӣ шакл гирифтааст, вале бояд гуфт, ки дар равшан кардани масъалаҳои печида гоме ба пеш бардошта шудааст. Вале инҷо як нуктаро бояд мутазакир шуд. Музокирот нишон дод, ки нуқтаи заъфи масъалаи марзбандӣ имконоти иқтисодӣ мебошад. Албатта, масъалаи гурӯҳбандии миллӣ низ масъалаи ҷолиб аст ва хеле хуб мебуд агар касе нақшаро нишон медод, ҳамин гуна ман фикр мекунам, ки бо фароҳам шудани ин маводи изофаӣ, ки феълан дар дасти мо нест, масъала хеле равшан мешуд.

Роҷеъ ба лоиҳаҳои пешниҳодшуда бояд гуфт, ки лоиҳаи узбакҳо бидуни шак муназзамтар аст, вале бо ин ҳама ман намехоҳам бигӯям, ки ҳамаи муқаррароти он комилан дуруст аст. Масъала дар ин ҷост, ки баъд аз пешниҳоди ин лоиҳаҳо таъсиси Ҷумҳурии Узбакистон комилан мусаллам аст ва ҳамин чиз дар мавриди Ҷумҳурии Туркманистон низ содиқ аст, ки масъалаи он низ муайян аст, вале он чи ба сарнавишти Хоразм ва вилояти Қирқизистон* марбут мешавад он аст, ки ин масъала ончунон сода нест. Маълум аст ки агар ҳоло кормандони масъул ба зершӯъбаҳои** миллӣ тақсим шудаанд, пас нуктаи дигар низ маълум аст, ки рафиқони туркман роҷеъ ба сарнавишти қирқизҳо ва баръакс қирқизҳо роҷеъ ба сарнавишти туркманҳо қазоват нахоҳанд кард.*** Ҳамин гуна, инҷо масоиле вуҷуд дорад, ки

---

* Ба Вилояти кӯҳистонии Қирқизистон бояд навоҳии Пишпек, Қарокӯл ва Норинро мутааллиқ месохтанд.

** Инҷо иштибоҳ рафтааст: Ба ҷои зеркумисиюни миллӣ — зершӯъбаи миллӣ омадааст.

*** Герман ба таври равшан бадон ишора мекунад, ки сарнавишти қирқизҳо, туркманҳо ва қавмҳои дигар на дар Осиёи миёна ва на аз тарафи ин қавмҳо, балки дар пушти деворҳои сурхи Кремли Маскав ҳал карда хоҳад шуд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

доираи мавзӯъи онҳо аз ҳудуди гурӯҳҳои алоҳида фаротар меравад. Дар оянда ба онҳое, ки ба ҳалли ин масоили мавриди ихтилоф машғул мешаванд, ин масоилро дар назар бигиранд: чи силсиламаротибе пеш хоҳад омад? Дар куҷо ин масоил ҳал карда мешаванд? Ончи ба таври ниҳоӣ маълум шуд метавон аз бадеҳиёт донист, вале масоиле, ки то ҳанӯз равшан нест, бояд баррасӣ шавад ва бояд зикр кард, ки дар лоиҳае, ки рафиқ Хоҷануф хонд, омадааст, ки бояд Ҷумҳурии Қирқизистон ба вилояти қирқизии Туркистон ва ё баръакс пайваст карда шавад, ин масъала ҳалнашуда боқӣ мемонад. Агар дар лоиҳаи зеркумисиюни узбакҳо ишора мешуд, ки Ҷумҳурии Қирқизистон ба вилояти Туркистон пайваст шавад, пас пиромуни ин масъала назари тарафи Ҷумҳурии Қириқизистонро бояд донист ва роҷеъ ба масъалаи баҳсомези шаҳри Тошканд, бояд гуфт, ки бо изофа шудани шаҳри Тошканд ранги масъала комилан дигаргун мегардад. (Раис: вақти шумо тамом шуд). Ман ҳоло сухани худро тамом мекунам. Агар мо дар навоҳии Тошканд ҳамапурсӣ баргузор кунем, он гоҳ тасаввуроти дигаре нисбат ба ҳамапурсии шаҳри Тошканд ба вуҷуд хоҳад омад. Инҳо ҳама тасвирҳои гуногунеро эҷод хоҳад кард. Ҳамин гуна инҷо масъала хеле печидааст. Масъалаи тақсимот, таъйини хутути марзӣ — ҷузъиёте мебошанд, ки бояд дар оянда муайян карда шавад. Бо ин ҳама мехоҳам бигӯям, ки ончи равшантар ва муайянтар аст, таъсиси Ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Узбакистон аст. Дар мавриди Ҷумҳурии Қирқизистон ва Хоразм бояд баҳс кард.

**Исломов Р.**: Ман фикр мекунам, ки масъала равшан аст ва бояд ки ба ҳалли он шурӯъ намоем. Албатта, ихтилофи назари мо пиромуни марзи туркманҳо ихтилофи кӯчакест ва онро ҳар вақт метавон ҳал кард, агар мо инҷо марзҳоро таъйин мекунем, ин марзҳо шартӣ ва муваққатӣ* хоҳанд буд. Мо ба ин масъала ҳар вақте метавонем муроҷиа кунем ва он чи рафиқ Атобоюф дар бораи волостҳо гуфт, ки кадом волост ба кӣ тааллуқ дошта

* Ин ва дигар гуфтаҳои аъзои кумисиюн вижаи марзбандӣ гувоҳӣ медиҳад, ки муҳимтарин масъалаи марзбандии миллӣ — аломатгузорӣ ва таҷдиди аломатгузории марзҳо байни ҷумҳуриҳои оянда омода карда нашуда буд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

бошад; ин масъаларо бояд баррасӣ кард ва ба тавофуқ расид. Ба назари ман ихтилофи зиёд дар лоиҳаи рафиқони қирқиз вуҷуд дорад. Дар лоиҳаҳои зеркумисиюни узбакҳо ва туркманҳо пиромуни эҷоди ҷумҳуриҳои мустақил сухан меравад, вале зеркумисиюни қирқизҳо пешниҳод мекунад, ки дар бораи истиқлол сухан нагӯем, балки роҷеъ ба пайвасти ҷумҳуриҳое, ки ҳоло вуҷуд доранд ва таъсиси фидиросиюн гуфтугӯ кунем ва ин тафовути аслист, ки байни мо вуҷуд дорад ва бояд ҳал кард, ки мо чиро поя қарор медиҳем: эҷоди фидиросиюн, ки ба мо чизе намедиҳад ва ин вазъи гарони моро каме ҳам сабук нахоҳад кард. Амалан лоиҳаи рафиқони қирқиз чизе ба мо намедиҳад, ба ҷуз фазои густурда дар риштаи маориф, додрасӣ ва ғайра, вале он моҷароҳо, ки бар пояи ихтилофоти миллӣ вуҷуд доштанд, боқӣ хоҳанд монд. Аз ин рӯ ҳоло зарур аст, ки ҷумҳуриҳои мустақилро таъсис кунем; умдатан тасмим дар бораи таъсиси Ҷумҳурии Узбакистон бо бартарии аҳолии узбак, Ҷумҳурии Туркманистон бо бартарии аҳолии туркман, Ҷумҳурии Қирқизистон бо бартарии аҳолии қирқиз боқӣ бимонад. Агар мо тарҳи пешниҳодкардаи туркманҳоро поя қарор диҳем, лозим меояд, ки масъалаи усулии эҷоди маркази иқтисодӣ ҳал карда шавад, чунин кор шуданист ё хайр? Ба назари ман рафиқони туркман мегӯянд, ки узбакҳо дар оянда онҳоро истисмор хоҳанд кард, чун онҳо аз назари иқтисодӣ қавӣ ҳастанд; албатта онҳо мехоҳанд истиқлоли комил дошта бошанд ва дар ин бора бояд мувофиқат ҳосил шавад. Агар ба Тошканд чун ба маркази тиҷоратӣ гироиш вуҷуд дорад, ҳамчунин гироиш аз тарафи дигарон низ вуҷуд дорад; инҷо масъала бояд ба таври усулӣ ҳал карда шавад: ё пешниҳодҳои мо ё пешниҳодҳои рафиқони қирқиз ба сифати поя қаррор дода шавад.

**Хоҷануф С.**: Асли мавзӯъ чунин аст, ки дар ин маврид на танҳо назари қирқизҳо ва узбакҳо, балки назари давлатӣ бояд вуҷуд дошта бошад ва рафиқ Карклин бояд ҳамин назари охириро иброз медошт, вале дар суханронии ӯ чунин назаре вуҷуд надошт. Инҷо масъалаи беҳзистии хурдабуржуозӣ ва ё беҳтар зиндагӣ кардани мо матраҳ нест, балки масъалаи давлатӣ ҳал мешавад. Рафиқон бояд бифаҳманд, ки мо зуд ва ба осонӣ наме-

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

тавонем тақсим шавем ва он ҷанҷолҳое, ки ҳама аз он метарсанд ва ё ин ки вонамуд мекунанд, ки метарсанд, боз ҳам тақвият хоҳанд ёфт ва қабл аз он ки оромиш фаро расад, як дафъа оташ хоҳанд гирифт ва дар солҳои наздик асароти дардоваре хоҳанд дошт ва пиромуни гурӯҳбандӣ ба пояи хасисаҳои миллӣ, на танҳо баҳсҳои доманадоре ба амал хоҳанд овард, балки дарди сарҳое низ ба дунбол хоҳанд дошт ва инро огоҳона бояд тасаввур кард. Дар ин ҳама вахшатҳо роҷеъ ба ихтилофоти миллӣ дарунмояи дигар нуҳуфтааст ва инҳо суханҳои пӯк нестанд. Ман гумон мекунам чун мо ба ин зудӣ тақсим намешавем, зеро инҷо фақат масъалаи ҳуқуқӣ дар миён нест ва амалан чун мо ба ин зудӣ тақсим намешавем ва наметавонем ихтилофоти байни миллатҳоро аз байн бибарем, аз ин рӯ ҳамчунон, ки мебояд омода шавем ва аз шеваҳои риёкорона ва фиребгарона эҳтироз кунем.

**Раис**: Рафиқон, ман бояд зикр кунам, ки инҷо ҳеч кас касеро фиреб намедиҳад.

**Хоҷануф С.**: На, ин арқоме, ки инҷо зикр шуд, бовар накарданист. Яке аз рафиқони туркман гуфт, ки касоне онҳоро истисмор мекунанд ва аз ин рӯ лозим аст, ки мо аз нигоҳи ҳуқуқӣ тақсим шавем. Ин тасаввуроти рафиқ Исломов ва ҳамфикрони ӯ аз туркманҳост. Вале ин кори оқилона нест. Чун иқтисод танҳо ба қонунҳои рӯи коғаз марбут намешавад. Бинобарин ҳар қадар, ки мо тақсим шавем аз ягонагии иқтисодии Осиёи миёна мо наметавонем даст бикашем. (Садо аз толор: «Ин воқеият аст»).

**Хоҷануф С.**: Бале, рост аст, шумо ҳоло дуруст мегӯед, вале гоҳе ҳам нодуруст гап мезанед.

**Раис**: Рафиқон хоҳиш мекунам баҳс накунед.

**Хоҷануф С.**: Истиқлол чизи хубест, вале он мутобиқи хости онҳое низ бояд бошад, ки амалан мустақил нестанд, барои онҳое, ки амалан мустақил ҳастанд ва ҳукумат мекунанд, истиқлол як ҳарфи пучест. Агар мо дар бораи марзбандии миллӣ ва манофеи ҳар миллате сӯҳбат мекунем, пас бояд гуфт, ки истиқлол танҳо барои узбакҳо, ки аз истиқлоли иқтисодӣ бархурoранд, балки барои онҳое, ки аз лиҳози иқтисодӣ тобеъ ҳастанд, низ арзиш дорад, фақат бо як эълони зоҳирӣ ва қонунҳои холӣ шумо наметавонед истиқлоли иқтисодиро эҷод кунед. Бояд ба ин

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

кор омода шуд ва бидуни шак бояд корҳои фарҳангӣ, ободгардонӣ, сохтмонӣ ва воқеан шӯравӣ анҷом дода шавад. Аз ин рӯ бояд дар бораи марзбандии иқтисодӣ ва истиқлоли онҳое сухан гуфт, ки ба он ниёз доранд, на барои ҳокимон, ва он гоҳ лоиҳаи узбакҳо то ҳадде тағйир хоҳад ёфт. Агар дар тезиси узбакҳо фақат дар бораи узбакҳо ва дар дар тезиси туркманҳо фақат дар бораи туркманҳо сухан равад, ин комилан наҳваи бархӯрди шӯравӣ ба масъала нест. Рафиқон мехоҳанд собит кунанд, ки дар уезди Тошканд тибқи маълумоти 1920 теъдоди зиёди узбакҳо вуҷуд доранд, вале тибқи арқоми оморӣ дар онҷо 61,5 дар сад қирқизҳо ва қурамаҳо, 26,6 узбакҳо ва сортҳо ба сар мебаранд, дар ноҳияи Голодний степ 40 дар сад қирқизҳо ва агар дар онҷо аз бахши русии аҳолӣ сарфи назар кунем, теъдоди узбакҳо ва қирқизҳо баробар хоҳад шуд. Агар шумо намехоҳед, ки гурӯҳҳои миллии дигар низ каме рифоҳ дошта бошанд, пас шаҳри Тошканд бояд амалан маркази Ҷумҳурии Қирқизистон бошад, зеро мо онҷунон содалавҳ нестем, ҳамчунон, ки рафиқони туркман фикр мекунанд, ки ба онҳо кофӣ нест.

**Раис**: Вақти шумо ба охир расид.

**Садо аз толор**: Ман пешниҳод мекунам, ки музокира идома ёбад ва табодули назар сурат бигирад. Хоҳиш мекунам, ки барои суханронӣ 5 дақиқа дода шавад. (Садоҳо: 10 дақиқа, 2 дақиқа).

**Раис**: Инак, ман раъй мегирам рафиқон! Ки тарафдори 5 дақиқа? Ки тарафдори ду дақиқа? Инак, ду дақиқа.

**Хоҷануф С.**: Мо нисбат ба рафиқони туркман ва узбак саховатмандтар ҳастем ва масъаларо аз назари давлатӣ матраҳ мекунем. Мо дар вилояти Фарғона 5 ноҳияи қирқизнишин, дар ноҳияи Марғиён – 2 ва дар ноҳияи Қӯқанд 2 ноҳия ва дар ноҳияи Намангон ва боз дар як ноҳияи дигар чанд ноҳияи қирқизнишинро боқӣ мегузорем. Мо лузуми вуҷуди ақалиятҳои миллиро дар онҷо инкор намекунем ва бар он ҳастем, ки вилояти Омударё ба вилояти Хоразми қирқизнишини қарақалпоқҳо пайваст карда шавад. Мо мегӯем, ки ноҳияи Адаев бояд ба Ҷумҳурии Хоразм мулҳақ шавад, зеро ба ақидаи мо ин масъаларо на аз ин нуктаи назар баррасӣ бояд кард ки: ин шаҳр аз они ман, ин ҷӯй

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

аз они ман; ва ту рамаи худро дар ҷои дигар бичарон, ин шеваи рафиқони туркман ва узбак аст. Афроди давлатӣ бояд ба чунин формулбандӣ роҳ надиҳанд.

**Раис:** Вақти шумо тамом шуд.

**Хоҷануф С.:** Шумо бисёр хурдагир ҳастед, рафиқ Карклин. Хуб ман даст мекашам, дар ҳар сурат наметавонӣ собит кунӣ.*

**Раис:** Сухан ба рафиқ Межлаук — 5 дақиқа.

**Межлаук И.И.:** Дар ин ҷаласа мехостам як эродро зикр кунам, ки шарҳи он ба қарори зер аст: мо бояд дар инҷо на танҳо нуқтаи назари танги маҳаллиро таҳия кунем, балки мутааҳҳид ҳастем нуқтаи назари Дафтари Осиёи миёнаии Кумитаи марказиро эҷод кунем. Ман намехоҳам бигӯям, ки лоиҳаи узбакҳо нодуруст аст, он аз назари Ҷумҳурии Узбакистон дуруст формулбандӣ шудааст ва барои рафиқони туркман низ қобили қабул аст. Вале кумисиюни мо ночор аст, масъаларо фаротар матраҳ намояд. Ва инҷо рафиқ Герман комилан ҳақ буд. Канор гузоштани Ҷумҳурии Қирқизистон ҳам аз лиҳози сиёсиву иқтисодӣ ва ҳам аз нигоҳи органҳои иттиҳод масъаларо ҳал намекунад; шумо рафиқон дидед, ки дар ин ҷо намояндагон чи гуна иброз доштанд. Осиёи миёна сиёсати воҳид дорад ва рафиқон дар назар доранд, ки Осиёи миёна иқтисоди воҳид дорад ва ин дар он зоҳир мешавад, ки дар шаҳри Тошканд сармояҳои бонкӣ ва сармояи саноативу тиҷоратӣ мутамаркиз шудааст ва ногузир аст фаолияти худро дар тамоми сарзамини Осиёи миёна густариш диҳад ва ҳеч гоҳ чунин нахоҳад шуд, ки ду бонк бо ду раёсат яке барои Узбакистон ва дигаре барои Сирдарё вуҷуд дошта бошад ва шумо наметавонед ягонагии маркази сиёсӣ ва вуҷуди Дафтари Осиёи миёнаии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Русияро инкор кунед. Вале сиёсат бидуни иқтисод вуҷуд надорад. Аз ин рӯ бояд гуфт, ки чунин шакли мутобиқати Ҷумҳурии Қирқизистон дар Осиёи миёна ногузир дар симои иттиҳоди икктисоди

* Ба Хоҷануф С. ҳатто вақти сухан гуфтан намедоданд, даҳони ӯро мебастанд. Ӯ танҳо касе аз аъзои кумисиюн аст, ки мардона ва содиқона ва ошкоро вазъиятро тавзеҳ медод ва оқибатҳои фоҷиабори ҳар иштибоҳи аъзои кумисиюнро гӯшзад мекард.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Осиёи миёна зоҳир мешавад ва ин дуро наметавон аз ҳам ҷудо кард. Ин каноргузорӣ аз назари иқтисодӣ қобили қабул нест ва ба мутобиқати иқтисодӣ ва сиёсӣ ниёз дорад. Ман фикр мекунам, ки нукоти зер ба лоиҳаи узбакҳо бояд изофа шавад: зарур аст, ки ба маркази сиёсӣ ҳамчунин Ҷумҳурии Қирқизистон дар ҳамон шакле ки ташкил карда мешавад, мулҳақ карда шавад. Даст кашидан аз он масъаларо ҳал нахоҳад кард. Бо ҳамин ба сухани худ хотима мебахшам.

**Раис**: Сухан ба рафиқ Абурраҳмонуф.

**Абурраҳмонуф Т.**: Ман мехоҳам дар бораи лоиҳаи рафиқони узбак таваққуф кунам. Маълум мешавад, ки Ҷумҳурии Туркманистон ва Узбакистон аз нигоҳи иқтисодӣ муттаҳид мешаванд, чун маркази ягонаи иқтисодӣ доранд, чаро ба он як силсила марокизи дигари иқтисодиро, ки рафиқони қирқиз ишора карданд ҳамроҳ накунем, чун иқтисоди қирқизҳо бо иқтисоди дигарон сахт марбут аст. Масалан бахши қирқизнишини вилояти Фарғона бо вилояти Ҳафтрӯд ва вилояти Сирдарё* робитаи қавӣ дорад. Онҳоро ҳеҷ гоҳ аз назари иқтисодӣ наметавон аз ҳам ҷудо кард. Дар ҳар сурат қавми қирқиз, ки ба домпарварӣ иштиғол дорад ба Тошканд ва Фарғона барои фурӯхтани маҳсулоти худ ва дарёфти маводи мавриди ниёз хоҳад омад. Аз ин рӯ, робита ҳаст ва хоҳад буд, ки нодида гирифтани он ҳеҷ мумкин нест. Масъалаи дигар — масъалаи фарҳангист, ҳар чи қадар, ки мо бихоҳем ба ҷуз Тошканд, маркази фарҳангии дигаре дар Осиёи миёна вуҷуд надорад.

**Садо аз толор**: Магар Самарқандро намедиҳанд?

**Абурраҳмонуф Т.**: Оре, Самарқандро намедиҳанд, ҳамчунин аз нигоҳи фарҳангӣ қирқизҳои Ҳафтрӯд ва Сирдарё албатта на ба Оренбург балки ба Тошканд гироиш хоҳанд дошт ва қирқизҳои Фарғона низ ба гироиш хоҳанд дошт.

Ман замоне мухолифи таъсиси фидиросиюни Осиёи миёна

---

* Дар натиҷаи марзбандии миллӣ вилоятҳои Сирдарё ва Ҳафтрӯд ба Ҷумҳурии худмухтори Қазоқистони шӯравии сусиёлистӣ дода шуд, ки ҳоло вилоятҳои Алма-ато, Толдиқурғон, Ҷамбул, Қазоқистон ҷанубӣ ва Қизилордаро ташкил медиҳанд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

будам ва мегуфтам, ки дар ҳудуди Осиёи миёна таъсиси Қирқизистон мумкин нест, вале маълум мешавад, ки иқтисод моро бо ҳам мепайвандад. Чун иқтисоди мо дар ҳудиди Осиёи миёна бо ҳам марбут аст, бо як нуки қалам наметавон онро канор гузошт ва роҳи дурустро бояд пайдо кард. Дар айни ҳол масъалаи матраҳкардаи рафиқ Межлаук дуруст аст.

**Межлаук И.И.**: Ман мухолифи фидиросиюн ҳастам.

**Абурраҳмонуф Т.**: Агарчи тарафдори фидиросиюн ҳам бошед. Акнун дар бораи таъсиси вилояти худмухтори Қарақирқиз ва дохил шудани он ба Ҷумҳуриҳои Қирқизистон ва Узбакистон ва маркази он. Мавқеи ҷуғрофиёии қарақирқизҳо боис мешавад, ки онҳо дар марҳалаи аввал шаҳри Тошкандро маркази худ интихоб кунанд. Мо ба таври вижа ба ин амр исрор намекунем ва мегӯем, ки ин вазъ танҳо то кунгураи нахусти шӯроҳо бошад ва баъд аз он мо шаҳреро дар Фарғона интихоб карда ва маркази вилояти худро ба онҷо интиқол хоҳем дод. Аз тарафи дигар, Тошканд маркази хубест ба-дин маънӣ, ки мо метавонем бо Пишпек ва Аулеэ-Ато робита дошта бошем. Агар марказ ба Андиҷон оварда шавад, як бахши вилояти Қарақирқиз барканда хоҳад шуд. Эҳтимолан пиромуни Тошканд мубоҳисаҳои зиёде ба вуҷуд хоҳад омад, ҳарчанд ки рафиқони тошкандӣ мехоҳанд Тошкандро аз роҳи ҳамапурсӣ ба даст биёваранд; дар ҳар сурат мо ҷое пайдо хоҳем кард.

**Раҳимбоюф А.**: Ман фикри Хоҷануфро дар бораи лоиҳаи кумисиюни қирқиз роҷеъ ба равобити иқтисодии вилоятҳои Урал, Акмалинск, Семипалатинск бо Туркистон ва Бухоро ва ғайраро комилан инкор мекунам. Ӯ дар бораи ба таркиби Қирқизистони Туркистон ҳамроҳ кардани Оренбург ва ба Осиёи миёна пайвастани Ҷумҳурии бузурги Қирқизистон ва фидиросиюни он сухан мегӯяд, ки балоҳате беш нест.

Онҷи ба суханронии рафиқ Абдурраҳмонуф роҷеъ ба қарақирқизҳо марбут мешавад, он аст ки мо дар ҷаласаи кумисиюни узбакҳо масъаларо дар назар гирифтем; чун бахше аз қарақирқизҳо дар Фарғона мебошанд, мо масъалаи вижае дар бораи пайванди иқтисодӣ ва фарҳангии қирқизҳо матраҳ накардем ва ҳалли ин масъаларо ба худи қарақирқизҳо вогузор

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

кардем. Чун дар бораи ба қирқизҳои Туркистон ҳамроҳ кардани Қирқизистони бузург ва ба Осиёи миёна пайвастани фидиросиюни ҳамаи қирқизҳо сухан намерафт, бинбар ин ҳарфест пуч. Рафиқ Хоҷануф бо такя бар тасаввуроти шӯравӣ ва давлатӣ мегӯяд, ки ташкили ҷумҳуриҳо имкон надорад ва ҷанҷолу ихтилоф бештар хоҳад шуд. Чунин даргирӣ агарчи бесадост, дар ҳар сурат вуҷуд дорад, идомаи он дар оянда комилан мумкин нест. Такрор мекунам, ки ташкили ҷумҳуриҳои мустақили Узбакистон ва Туркманистон комилан зарурӣ ва ногузир аст; роҷеъ ба қарақирқизҳо ман чизе намегӯям. Ва ин амр барои рушди қавмҳои Осиёи миёна гоме ба пеш хоҳад буд. Эҷоди фидиросиюни Осиёи миёна густариши низоъҳои Туркистон дар тамоми Осиёи миёна ва ҳатто то Сибир хоҳад буд.

Дар робита бо баҳсе, ки байни бухориён ва туркманҳо дар бораи марзҳо вуҷуд дорад, масъаларо бояд чунин ҳал кард: Агар аксарияти аҳолӣ туркманҳо ҳастанд, он маҳал ба туркманҳо ва агар узбакҳо ҳастанд ба узбакҳо дода шавад. Дар дасти ман китобчае ҳаст, ки идораи омор таълиф кардааст, таҳти унвони «Навоҳии Тошканд». Дар ин китоб ахборе роҷеъ ба навоҳии Тошканд ва Мирзочӯл вуҷуд дорад, аз ҷумла гуфта мешавад, ки инҷо 45 дар сад узбак ба изофаи 7,9 дар сад қурамаҳои узбак, 2,2 дар сад тоҷик ва куллан 55 дар сад ба сар мебаранд. Ин арқом маҳсули таҳайюли Исломуф ё Раҳимбоюф нест, балки арқоми расмии воқеӣ мебошад. Теъдоди қирқизҳо 25,6 дар сад ва қарақирқизҳо 1,9 дар сад мебошад. Масъала равшан аст, масъалаи Тошканд мусаллам аст ва мо қотеона бар рӯи қарори худ пофишорӣ мекунем.

**Пӯлодуф К.Ю.** (Файзулло Хоҷаюф тарҷума мекунад). Рафиқ Пӯлодуф тавзеҳотеро роҷеъ ба истиноди рафиқ Атобоюф арз мекунад, ки дар каронаи рости Омударё мардуме зиндагӣ мекунанд, ки ба забони туркманӣ сухан мегӯянд ва ин мардум қурама* номида мешаванд, ки қурама ҳамон узбакҳо мебошанд. Бинбарин гуфтаи Атобоюф дуруст нест. Роҷеъ ба масъалаи Тошканд, рафиқ Хоҷануф дар суханронии худ бадон ишора кард, ки

* Қурама – қабилаи узбак.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

пойтахти Ҷумҳурии Қирқизистон бояд шаҳри Тошканд ё Бухоро бошад; барои узбакҳо танҳо шаҳри Самарқанд боқӣ мемонад, вале агар дар онҷо ҳам 7-8 нафар қирқиз пайдо шавад, он гоҳ рафиқ Хоҷануф шаҳри Самарқандро низ аз они худ мекунад ва узбакҳо ҷое барои рафтан нахоҳанд дошт.

Бояд гуфт, ки кумисиюн на танҳо ин нуктаи назар, ки Тошканд шаҳри узбакҳо ё миллати дигарест, балки зарурати танзими муносиботи байни миллатҳоро низ дар мадди назар доштааст. Ин далел, ки Казалинск ва Оқмачит* ва навоҳии дигар ба Ҷумҳурии Қирқизистон дода шудааст, дар ҳоле ки аксарияти аҳолии онҷо узбакҳо мебошанд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кумисиюни узбакҳо** дар ин масъала беғараз будааст. Мо хостори он ҳастем, ки рафиқ Хоҷануф, вақте дар бораи узбакҳои Ҷумҳурии Қирқизистон фикр мекунад, ҳамчунин беғараз бошад.

**Раис**: Хоҳиш мекунам назмро муроот кунед. Мо аз чаҳорчӯби баррасии масъала, ки Дафтари Осиёи миёнаӣ ба ӯҳдаи мо вогузор кардааст, дур шудаем. Дар масъалае, ки Дафтари Осиёи миёнаӣ 28 январ матраҳ кард, аз ҷумла гуфта мешавад: «Марзбандии Ҷумҳуриҳои Осиёи миёна бар пояи хусусиятҳои миллӣ ва арзӣ бамавқеъ шинохта шавад». Аз ин рӯ ман пешниҳод мекунам, ки дар чаҳорчӯби ҳамин тасвибнома қарор бигирем. Инҷо танҳо кумисиюн ҷаласа дорад.

Сухани навбатӣ ба рафиқ Сахат-Муродов.

**Сахат-Муродов**.: Ба назари ман, инҷо ду масъалаи усулӣ вуҷуд дорад. Нахуст, ҳамон ки дар бораи он дар ҷаласаи умумии Кумитаи марказӣ сухан рафта буд, ё ба таври мушаххас: оё ҷомаи Тошканд ба қомати узбакҳои бухорӣ мувофиқ ҳаст ё на? Ва оё муттаҳид шудани Бухоро бо Хоразм имконпазир аст? Масъалаи дигар: Оё бо ин равиш марзбандӣ имконпазир аст ва оё фидиросиюни Осиёи миёна ташкил хоҳад шуд? Мо ба ин натиҷа расидем, ки дар миқёси Осиёи миёна бар пояи 3 миллат бояд

---

* Ноҳияҳои Оқмачит (Перовск) ва Козалинск бо шаҳрҳои ҳамноми худ ба Ҷумҳурии худмухтори Қазоқистони шӯравии сусиёлистӣ дохил шуданд.

** Зеркомисиюни узбакҳо дар назар аст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

марзбандӣ сурат бигирад: узбак, қирқиз ва туркман. Чунин ба назар мерасад, ки мо ба тасмими мушаххас даст ёфтаем. Дар масъалаи мавриди баҳс пиромуни муттаҳид шудан дар микёси Осиёи миёна, мо тасмим гирифтем, ки на аз роҳи шӯравӣ ва сиёсӣ, балки танҳо аз назари иқтисодӣ муттаҳид шавем.

Дигарон низ тасмим гирифтанд, ки муттаҳид шаванд. Мо мегӯем ки ташкили фидиросиюни Осиёи миёна қобили қабул нест, лузуме ба чунин иттиҳод нест, ва мо бар онем, ки иттиҳод аз назари иқтисодӣ сурат бигирад. Чунон ки рафиқ Атобоюф изҳор кард, онро морксистон нагуфтаанд.

Ҳамин гуна, мо мехоҳем боз ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор бидиҳем, агар ба мо собит кунанд, ки мо наметавонем аз назари иқтисодӣ тақсимбандӣ шавем; ҳарчанд ки рафиқ Исломуф эътироф кард, ки ӯ туркманҳоро истисмор мекард ва хоҳад кард, пас бояд масъалаи иттиҳоди иқтисодиро ба сурати дигар матраҳ кард. Чун Дафтари Осиёи миёнаи вуҷуд дорад иттиҳоди сиёсӣ ва ҳамчунин иттиҳоди иқтисодӣ низ мумкин аст. Вале чун масъалаи иттиҳоди иқтисодӣ ҳал мешавад ва узбакҳо аксарият доранд, албатта масъалаи мо аз байн хоҳад рафт. Ва ин як тарафи масъала аст.

Аз тарафи дигар наметавон бовар кард, ки омори Файзулло Хоҷаюф пиромуни каронаи рости Омударё қобили эътимод аст. Қаблан рафиқ Пӯлодов мегуфт, ки дар онҷо аксарият туркманҳо ҳастанд, вале баъдан ки ӯро таблиғ карданд, ҳоло ӯ мегӯяд ки аксарият қурамаҳо ҳастанд. Мо пешниҳод мекунем, ки каронаи рост ба туркманҳо дода шавад ва дар мавриди қурамиҳо — кумисиюни баробарҳуқуқ* ташкил карда шавад. Вале дар мавриди Тошканд, мо ҳарфе надорем.

**Муҳиддинуф А.**: Мо масоили куллиро такрор мекунем, ки ба ҳама маълум аст. Ман пешниҳод мекунам, ки фақат ба ихтилофҳо таваҷҷӯҳ кунем.

**Раис**: Пешниҳод шуд, ки ба музокироти куллӣ хотима дода шавад. Кӣ тарафдори ин пешниҳод аст? Аксарият. Ба масоиле мепардозем, ки дар лоиҳаҳо пешниҳод шудааст. Ман пешниҳод

* Кумисиюни баробарҳуқуқ ташкил дода нашуд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

мекунам, ки масъалаи аслии фидиросиюни Осиёи миёна ё марзбандӣ бидуни фидиросиюн матраҳ шавад. Дар ин бора дар банди аввали лоиҳаи рафиқони қирқиз гуфта мешавад. Барои ибрози назари худ бар рӯи пешниҳодҳо кофист, ки ба сурати «тарафдор» ё «мухолиф» ақидаи худро баён намоед. Хоҷануф тарафдори фидиросиюн аст.

**Межлаук И.И.**: Ман пешниҳод мекунам бидуни «тарафдор» ва «мухолиф». Масъала равшан аст.

**Айтакуф Н.**: Ман масъалаи иттиҳоди иқтисодии Осиёи миёнаро матраҳ мекунам.

**Раис**: Ду пешниҳод вуҷуд дорад; он ҳам аъзои кумисиюн раъй медиҳанд. Пешниҳоди нахуст: марзбандӣ бидуни фидиросиюн дар микёси ҷумҳуриҳои кунунии Осиёи миёна — Ҷумҳуриҳои Туркистон, Ҷумҳурии Бухоро ва Хоразм. Пешниҳоди дуввум: аз ҷумҳуриҳои Осиёи миёна ва Ҷумҳурии Қирқизистон фидиросиюни Осиёи миёна таъсис шавад. Ки тарафдори пешниҳоди нахуст аст? — 9 нафар. Пешниҳоди якум пазируфта мешавад.

**Хоҷануф С.**: Мо ҳақи истиноф дорем, (ҳақ дорем масъаларо дубора матраҳ кунем).

**Одинаюф К.**: Мо на тарафдори пешниҳоди аввал ва на пешниҳоди дуввум ҳастем, чун нуқтаи назари мо бо ҳеч кадом аз инҳо мутобиқ нест.

**Раис**: Ҳоло мо бояд ин масъаларо ҳал кунем, ки дар ҳудуди Осиёи миёна кадом ҷумҳуриҳоро ташкил мекунем. Масъала он аст, ки дар лоиҳаи рафиқони узбак як масъала ончунон равшан нест; оё Қирқизистон «вилояти худмухтор» номида шавад ё «ҷумҳурӣ»? Ки назари мухолиф дорад?

**Абдурраҳмонуф**: Ман гумон мекунам, ки бояд дар бораи вилояти қарақирқиз сухан гуфт.

**Рикунов**: Бояд ин масъаларо матраҳ кард, ки оё қарақирқизҳо мустақиман вориди иттиҳод хоҳанд шуд ё хайр?

**Раис**: Мо дар бораи ҳуқуқи ин ҷумҳуриҳо баъд сӯҳбат хоҳем кард, ҳоло бояд ин масъаларо ҳал кунем, ки кӣ тарафдори ин ақида аст, ки қарақирқизҳо вилоят дошта бошад? Ман масъалаи вилояти қарақирқизро ба раъй мегузорам: кӣ «тарафдор»

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

аст, хоҳиш мекунам даст боло кунад (8 нафар), пас вилояти худмухтор мешавад. Акнун роҷеъ ба ҳуқуқ ин вилояти худмухтор ниёзе ба сухан гуфтан нест; эҳтимолан он ба Ҷумҳурии фидироли Русияи шӯравӣ дохил мешавад, ё ба яке аз ҷумҳуриҳои дигаре, ки тархрезӣ мегардад. Ҳоло, роҷеъ ба ҷумҳуриҳои Туркистон ва Узбакистон як пешниҳод ҳаст: мустақиман ворид шудани ин ҷумҳуриҳо ба Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравӣ. Акнун, рафиқон, пиромуни тоҷикон чунин пешниҳоде ҳаст, ки вилояти худмухторӣ Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Узбакистон таъсис карда шавад. Кӣ тарафдори ин пешниҳод аст, хоҳиш мекунам даст баланд кунад (аксарият). Пазируфта мешавад.

**Эшонхоҷаюф И.**: Дар бораи вилояти Тоҷикистон, ман мехоҳам бигӯям, ки дар кумисиюн тоҷикон ширкат накарданд ва ҳеҷ гуна зеркумисиюни тоҷик вуҷуд надошт.

**Раис**: Ман тавзеҳ медиҳам. Дар нахустин ҷаласаи умумӣ кумисиюни мо, се зеркумисиюн ва кумисиюни узбакҳоро ҷудо кард.

**Хомутхонуф**: Вақте мо ин масъаларо дар Самарқанд баррасӣ мекардем, ин масъала бо иттифоқи оро тасвиб шуд*.

**Раис**: Масъала равшан аст. Акнун роҷеъ ба маркази ҳизбӣ. Ҳеҷ кадом аз рафиқон чунин чизеро пешниҳод накард ва Дафтари Осиёи миёнагии Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Русия нигоҳ дошта мешавад. Акнун роҷеъ ба шӯрои иқтисодӣ, ман фикр мекунам, ки пиромуни ин масъала низ ихтилофи назар вуҷуд надорад ва ҳеҷ як аз рафиқон нагуфт, ки равобити иқтисодӣ вуҷуд надошта бошад.

**Межлаук И.И.**: Ман пешниҳод мекунам, ки мустақиман раъйгирӣ шавад.

**Раис**: Ду пешниҳод вуҷуд дорад; як пешниҳод дар бораи он ки шӯрои Осиёи миёнаӣ таъсис карда шавад, яъне нигоҳ дошта шавад.

**Межлаук И.И.**: Масъала он аст, ки ақидаи рафиқ Исло-

* Тоҷикон ба зеркумисиюни узбакҳо дохил нашуданд ва ҳатто даъват нашуда буданд. Бо иттифоқи оро тасвиб шуда буд, ки Самарқанд бояд ба Узбакистон дохил шавад.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

муф ва дигарон ба ҳалли масъалаи дигар марбут аст. Дар он сурат, ки агар вилояти қирқизҳо, ки дар таркиби Ҷумҳурии Туркистон аст ва аз назари иқтисодӣ ба инҷо тамоюл дорад, бо Ҷумҳурии Қирқизистони бузург муттаҳид нашавад, пас дар он сурат бояд аз назари иқтисодӣ дар шӯрои иқтисодии Осиёи миёна муттаҳид гардад, вагарна хориҷ карда шавад. На ҳамаи Ҷумҳурии Қирқизистон аз назари иқтисодӣ ба Тошканд гироиш дорад, балки истисноан ҳамон бахше, ки ҳоло ҷузве аз Ҷумҳурии Туркистон мебошад; аз ин рӯ агар ҷумҳурии воҳиди Қирқизистон* таъсис карда шавад, онро наметавон ба хотири аз ҳам ҷудо будани манотиқи иқтисодӣ ба шӯрои иқтисодии Осиёи миёна пайваст кард ва ба-дин сабаб бояд ҳар ду вариант зикр шавад ва ин кор сурат бигирад.

**Исломуф Р.** Кумисиюни узбак изҳор кард, ки иттиҳоди иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Туркманистон амри зарурист, вале чун Ҷумҳурии Қирқизистон бо Ҷумҳурии Қирқизистони бузург муттаҳид карда мешавад, дар бораи он сухан намеравад, балки танҳо дар бораи Ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Узбакистон сухан меравад.

**Раис:** Боз мо аз доираи масъала хориҷ мешавем. Мо набояд ба масъалаи Ҷумҳурии Қирқизистон даст бизанем, балки масъаларо дар микёси Осиёи миёна мавриди баррасӣ қарор бидиҳем. Ҷумҳурии Қирқизистон ҳанӯз ба ҷумҳуриҳои Осиёи миёна дохил намешавад. Мо бояд муқаррар кунем, ки равобити иқтисодие қи ҳоло дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи миёна вуҷуд дорад ба ҳар тарзе, ки тақсим шаванд, дар чаҳорчӯби шӯрои иқтисодии кунунӣ бояд нигоҳ дошта шаванд; ба ин иттиҳоди иқтисодӣ ҳамчунин вилоятҳои худмухтор ва ҷумҳуриҳое, ки дар сар то сари Осиёи миёна таъсис карда мешаванд, дохил хоҳанд шуд. Ба ҳар роҳе, ки шуда, бояд ин вазъ нигоҳ дошта шавад. Агар мо тасмим бигирем, ки равобити ҳизбӣ ҳифз карда шавад ва он аз тариқи Дафтари Осиёи миёнагӣ сурат бигирад, пас равобити иқтисодии мо аз тариқи иттиҳоди иқтисодии Осиёи миёна сурат

---

* Сарзаминҳои Қазоқистон ва Қирқизистони кунуни дар назар аст.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

мегирад. Масъалаи Ҷумҳурии Қирқизистон ҳалнашуда боқӣ мемонад, мо наметавонем масъалаеро қаблан ҳал кунем, ки ба мо дахл надорад.

**Раҳимбоюф А.:** Вақте ки мо ин масъаларо дар зеркумисиюни узбакҳо баррасӣ мекардем, онро ҳалнашуда боқӣ гузоштем, зеро медонистем, ки кумисиюни қирқизҳо тасмим гирифт, ки Ҷумҳурии Қирқизистони бузург ба Тошканд* пайваст шавад ва низ мо медонем, ки дар Оренбург кумитаи қирқизҳои вилояти Оренбург тасмим гирифт, ки бо қирқизҳои Туркистон дар Тошканд муттаҳид шавад. Чун байни қирқизҳои Туркистон ва Ҷумҳурии Қирқизистон мувофиқат вуҷуд дошт, пас ба назари мо иттиҳоди иқтисодӣ аз имкон берун аст. Агар суҳбате дар бораи пайваст шудани Ҷумҳурии Қирқизистони кӯчак бо бузург** дар миён набуд, пас матраҳ кардани ин масъаларо мо зарурӣ медонистем. Мо медонем, ки ақидаи пайваст шудани ду ҷумҳурии қирқизҳо вуҷуд дорад.

**Садо аз толор:** Матраҳ кардани масъалаи мавҷудияти ду ҷумҳурии қирқиз лузуме надорад, эҳтимолан як ҷумҳурӣ хоҳад шуд.

**Хоҷануф С.** Вале ду ҷумҳурии тоторҳо вуҷуд дорад: Ҷумҳурии Крим ва Тоторӣ.

**Раҳимбоюф А.** Рафиқ Хоҷануф дар зеркумисиюни худ масъалаи пайваст кардани Ҷумҳурии Қирқизистонро ба Ҷумҳурии Қирқизистони Туркистон ҳал кардааст, аз ин рӯ мо иттиҳоди ғайримумкини иқтисодии Осиёи миёнаро бо Қирқизистони муттаҳида рад мекунем. Агар қирқизҳои Туркистон ба онҷо пайваст намешаванд, пас метавон масъаларо мавриди баррасӣ қарор дод.

**Хоҷануф С.:** Рафиқ Карклин масъаларо на ончунон оқило-

---

* Дар санад чунин омадааст.

** Таҳти унвони Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон)-и кӯчак Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистони (Қазоқистон) шӯравии сусиёлистӣ дар назар аст, ки 26 августи 1921 дар таркиби Русияи фидирол таъсис шуда буд. Таҳти унвони Ҷумҳурии Қирқизистон (Қазоқистон)-и бузург Ҷумҳурии худмухтори Қирқизистони (Қазоқистон)-и шӯравии сусиёлистӣ дар назар аст, ки бар мабнои марзбандии миллии соли 1924 аз сарзаминҳои Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ ташкил карда шуд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

на ҳал мекунад; бахши қирқизнишини Туркистон, бидуни шак вобаста аз он, ки ба Ҷумҳурии Қирқизистон пайваст хоҳад шуд ё хайр, истиқлол дорад. Ва ин бахши қирқизнишин як вилоятро дар бар хоҳад гирифт, як вилояти иқтисодии новобаста аз он ки муттаҳид карда мешавад ё хайр. Агар он воҳиди иқтисодии як вилоятро дар бар мегирад, шумо бояд дигар гуна сӯҳбат кунед, вагарна ин муносибати ғайришӯравӣ хоҳад буд.

**Раис**: Агар масъалаи равобити иқтисодиро матраҳ кунем, пас бояд дар бораи нигаҳ доштани равобити иқтисодӣ дар байни воҳидҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳуриҳои Осиёи миёна таъсис хоҳанд ёфт, сухан гуфт.

**Раҳимбоюф А.**: Хоҷануф бисёр оқилона мегӯяд, ки новобаста аз муттаҳид шудани қирқизҳои Туркистон бо Ҷумҳурии Қирқизистон бояд дар бораи равобити иқтисодӣ сухан гуфт, пас маълум мешавад, ки як бахши ҷумҳурӣ бо ҷумҳуриҳои Осиёи миёна пайваст мешавад ва бахши дигар ҳар тавр, ки бошад, бошад. Ин комилан ғайримумкин аст, инҷо бояд масъаларо чунин матраҳ кард: оё қирқизҳои Туркистон ба Ҷумҳурии Қирқизистон ворид мешаванд ё на? Ва онгоҳ масъалаи равобити иқтисодӣ аз байн меравад, вагарна бояд дар бораи он сухан гуфт.

**Межлаук И.**: Ман бояд тазаккур диҳам, ки ин амр аз назари теорӣ на танҳо қобили пазируфтан, балки зарурист ва арқоми иқтисодӣ ногузир онро дархост мекунад, ки ин гулӯлапораҳо аз ҳам пош нахӯранд. Ба ҷуз ин, мо аз ду тараф мухолиф дорем: рафиқ Исломуф марди хеле дурандеш ва рафиқи некхоҳ Айтакуф. Ҳақ ба ҷониби рафиқ Исломуф аст, вақте, ки ӯ талаб мекунад, зеро Ҷумҳурии муқтадири Ӯзбакистон аз назари иқтисодӣ ба ҳеҷ ҷо вобастагӣ нахоҳад дошт ва ба маркази воҳид ҳам ниёз надорад. Аз ин ҷо Туркманистон алоқаманд аст, ки органе вуҷуд дошта бошад, то туркманҳо ва ӯзбакҳо намояндагии баробар дошта бошанд. Вале чун шумо зарурати маркази сиёсиро дар Осиёи миёна эътироф мекунед, аз рӯи содалавҳӣ гумон мекунед, ки маркази иқтисодӣ вуҷуд нахоҳад дошт. Ин ногузир аст. Фикр кардан дар бораи чизе, ки мумкин аст гунаи дигар дошта бошад, кори беҳуда аст ва нодида гирифтани ин амр мумкин нест ва қабл аз ҳама ба суди худи ҷумҳуриҳо ва намояндагии баробари

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

онҳост.

**Раис:** Мо чунин фикре надорем, ки касеро аз таркиби ҷумҳуриҳои Осиёи миёна берун кунем, вале ман фикр мекунам, ки дахл кардан ба Ҷумҳурии Қирқизистон ғайримумкин аст, чун аз доираи баҳси мо берун аст.

**Хоҷануф С.** (Аз ҷой): Вале вилояти Ҳафтрӯд ба баҳси мо марбут мешавад?

**Раис:** Оре, мо ба Сирдарё ва Ҳафтрӯд дахл мекунем, чун ба доираи баҳси мо марбут мешавад, вале на Ҷумҳурии Қирқизистон. Мо ба қирқизҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Туркистон дахл мекунем. Масъалае ба миён меояд, ки равобити иқтисодӣ, ки дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи миёна — Туркманистон, Хоразм ва Бухоро вуҷуд дорад, нигоҳ дошта шавад.

Нахустин масъалаи мо низ ҳамон аст, ки матраҳ шудааст, яъне нигоҳ доштани равобити иқтисодӣ дар микёси Осиёи миёна.

**Исломуф Р.:** Эҷоди маркази иқтисодӣ дар Осиёи миёна салоҳ нест ва агар лузуме ба эҷоди он ҳаст, пас органе бояд бошад, ки раҳбарӣ кунад. Мо медонем, ки дар оянда баъд аз чанд сол назми дигаре барқарор хоҳад шуд. Чун мо бо Ҷумҳурии Қирқизистон равобити иқтисодӣ барқарор намекунем ва чун мо робитаро қатъ мекунем, пас робита хеле кам хоҳад буд. Чун равобити иқтисодӣ дар Туркистон вуҷуд нахоҳад дошт, ки дар муқоиса бо Аулиа-Ато дар фосилаи каме қарор дорад ва ғайра.

**Исломуф Р.:** Дар инҷо сухан гуфтан дар бораи онки ин марказ ҳатман лозим аст, комилан нодуруст аст, вагарна мо наметавонем кор кунем ва иқтисодро тараққӣ диҳем. Бо Ҷумҳурии Туркманистон мо ҳамеша метавонем робита барқарор кунем. Масалан бигиред ширкатҳои пахтаро; онҳоро метавон таъсис кард, онҳо ва мо суди муайяне хоҳем дошт. Ва ниҳоят мо «Туркшелк» (Абрешими Туркистон)-ро дорем, ки масалан 40 дар сади саҳми он сармояи хориҷӣ мебошад ва «Туркшерст» (пашми Туркистон), ки саҳми хориҷии он 45 дар сад аст.

Куллан сармояи Туркистон нақше бозӣ намекунад, мо метавонем бар мабнои саҳмҳои худ органҳои куллӣ дошта бошем. Дар назар дошта бошед, ки мо бо эҷоди иттиҳоди иқтисодии

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Осиёи миёна, чизе ба даст нахоҳем овард. Тамоми иқтисод дар ин ҷо мутамаркиз шудааст, ҳама чиз аз Тошканд дикта хоҳад шуд ва дар онҷо шумо метавонед тасвибнома содир кунед, ки кори фарҳангиро чигуна идора кунед ва бидуни пашизе дар даст нишинед. Дар ҳар сурат шумо наметавонед коре бикунед, чун ҳама кори шумо аз Тошканд бастагӣ хоҳад дошт.

**Раҳимбоюф А.**: Агар рафиқ Хоҷануф ақидаи худро дар бораи пайваст кардани Ҷумҳурии Қирқизистони бузург бо Қирқизистони кунунӣ идома бидиҳад ва агар ӯ мушаххасан бигӯяд, ки дар оянда низ чунин ақида хоҳад дошт, дар ин сурат мо бояд ин масъаларо ба раъй бигузорем.

**Хоҷануф С.**: Масъала он аст, ки Хоҷануф хони қирқиз нест ва аз ин рӯ изҳороти фардӣ содир накунад.

**Раис**: Раъй медиҳем.

**Раҳимбоюф А.**: Раъйгирӣ ғайримумкин аст, чун Хоҷануф сиёсатбозӣ мекунад. Бигузор ӯ ақидаи худро ошкоро бигӯяд.

**Раис**: Дар ҳар сурат ӯ нахоҳад гуфт.

**Исломуф Р.**: Ҳоло метавон масъалаи иттиҳоди иқтисодии Узбакистон ва Туркманистонро матраҳ кард. Масъалаи Ҷумҳурии Қирқизистон ҳоло ҳал нашудааст. Агар ду Ҷумҳурии Қирқизистон муттаҳид шаванд, пас танҳо ду ҷумҳурии дигар боқӣ мемонад.

**Раис**: Кӣ мехоҳад роҷеъ ба масъалаи қирқизҳое, ки дар Туркистон, Хоразм ва Бухоро зиндагӣ мекунанд, ибрози ақида кунад. Оё онҳо бо Ҷумҳурии Қирқизистон муттаҳид карда шаванд ё чун воҳиди мустақил ҳар кадом алоҳида бошанд.

**Хоҷануф С.**: Мо ба фидиросиюни Осиёи миёна дохил мешавем.

**Раҳимбоюф А.**: Ман пешниҳоди рафиқ Исломуфро дар бораи иттиҳоди иқтисодии ҷумҳуриҳои Узбакистон ва Туркманистон комилан тарафдорӣ мекунам. Рафиқ Хоҷануф бояд ақидаи худро ба таври мушаххас ва равшан баён кунад.

**Раис**: Инҷо на танҳо онҷи рафиқони қирқиз пешниҳод мекунанд, муҳим аст, балки бояд ақидаи худро изҳор ва назари кумисиюнро равшан кард, зеро фардо дар ҷаласаи Дафтари Осиёи миёнаӣ дар ин бора сухан гуфтан лозим меояд, ки бо

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

қирқизҳои ҷумҳуриҳои Осиёи миёна чи бояд кард?

**Худойқулуф.**: (Хоҷануф тарҷума мекунад): Рафиқ Худойқулуф мегӯяд, ки дар ин маврид тарзи матраҳ кардани масъала чандон воқеъбинона нест. Инҷо дар мавриди Тошканд сӯҳбат карданд, дар ҳоле, ки Тошканд дастоварди ҳама аст. Дар ин бора касе эътироз намекунад. Ин тасаввуроти ғалатест, ки гӯё мо масъалаи марзбандиро матраҳ мекунем, пас баъд аз он мо ҳеч гоҳ ҳамдигарро нахоҳем дид. На, мо ҳамеша аз назари иқтисодӣ ба ҳамдигар ниёз хоҳем дошт.

Инҷо дар бораи узбакҳо низ суханҳои бисёр гуфта шуд ва низ гуфта шуд, ки Хоразм дур аст, вале вақте кумисиюн масъалаи ба Осиёи миёна пайваст кардани Ҷумҳурии Қирқизистонро матраҳ кард, ҳатто намехоҳанд, ки онро мавриди баррасӣ қарор диҳанд ва ин ба ақидаи ӯ тазоҳур (худнишондиҳӣ) аст. Дар бораи сарнавишти муштарак дар гузашта ва ногузир будани ин муштаракот дар оянда ҳоҷат ба сухан нест, чун он ба ҳеч ваҷҳ тағйир нахоҳад ёфт. Ҳоло набояд танҳо масъалаи иттиҳоди иқтисодии туркманҳо матраҳ карда шавад. Дар ин иттиҳод ба хотири вазъияти воқеии худ, бояд қирқизҳо низ ширкат кунанд. Пас фурӯгузор кардани ин масъала мумкин нест.

**Раис**: Такрор мекунам, ки мо метавонем масъаларо дар чаҳорчӯби тасвибномаи Дафтари Осиёи миёнагӣ баррасӣ кунем. Кори мо иборат аст аз баррасӣ кардани масоил дар миқёси ҷумҳуриҳои Осиёи миёна ба изофаи қирқизҳое, ки ба ҷумҳуриҳои Осиёи миёна дохил мешаванд.

**Межлаук И.И.**: Ман пешниҳод мекунам, ки дар ҷараёни марзбандӣ аз минтақаи нуфузи Дафтари Осиёи миёнагӣ ва иттиҳодияҳои иқтисодии зидахл хориҷ шудани қирқизҳое, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Туркистон ба сар мебаранд, ғайримумкин шумурда шавад, пас зарур аст, ки иттиҳоди ҷудогонаи қирқизҳо ташкил карда шавад.

**Раис**: Пешниҳоди мушаххасе вуҷуд дорад, ки қирқизҳои Ҷумҳурии Туркистон бидуни қирқизҳои Бухоро ба воҳиди ҷудогона дар чаҳорчӯби ҷумҳуриҳои Осиёи миёна ҷудо карда шаванд. Кӣ тарафдори ин пешниҳод аст? — 7 нафар. Мухолиф? — нест. Аъзои боқимондаи кумисиюн бетараф мебошанд. Пас пеш-

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ниҳод пазируфта мешавад. Масъалаи дуввум дар бораи робитаи иқтисодӣ. Пешниҳоде вуҷуд дорад, ки робитаи иқтисодӣ, ки дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи миёна вуҷуд дорад, ҳифз шавад, ё ки ин робита таъмин карда шавад ва низ шӯрои иқтисодии Осиёи миёна ҳифз карда шавад, пешниҳоди мухолиф ба ин, пешниҳоди рафиқ Исломуф аст.

**Айтакуф Н.**: Пешниҳод мекунам, ки ин робитаи иқтисодӣ нигоҳ дошта нашавад, балки бо марказ робита барқарор карда шавад.

**Хомутхонуф**: Ман пешниҳод мекунам, ки масъалаи иттиҳоди иқтисодии ҷумҳуриҳои Осиёи миёна ҳалнашуда боқӣ бимонад ва ба ҷумҳуриҳои миллӣ, ки ҷадидан ташкил мешаванд, барои баррасӣ вогузор шавад.

**Исломуф Р.**: То замони таъсиси Ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Узбакистон, масъала ҳал нашуда боқӣ бимонад ва баъд ба онҳо ҳуқуқи ҳалли он вогузор карда шавад.

**Раис**: Кӣ тарафдори он аст, ки масъала то замони таъсиси ҷумҳуриҳои миллӣ, ҳалнашуда боқӣ бимонад? — 2 нафар. Кӣ тарафдори он аст, ки робитаи исктисодӣ нигоҳ дошта шавад? — 6 нафар (Рафиқ Раҳимбоюф аз раъйдиҳӣ худдорӣ кард).

Масъалае, ки боқӣ мемонад, масъалаи марзӣ аст. Ман пешниҳод мекунам, ки ба иллати адами далоили мушаххас ин масъала мавриди баррасӣ қарор нагирад, балки баррасии масъалаи марзӣ омода гардад.*

**Исломуф Р.**: Албатта, мумкин аст, ки марзҳо ишора нашаванд, вале дар ҳар сурат бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Узбакистон аз чи муташаккил хоҳад шуд.

**Хоҷануф С** : Ман пешниҳод мекунам, ки марзбандии миллӣ дар навоҳии иқтисодӣ бар асоси маҳдуд кардани аксарияти миллатҳои алоҳида сурат гирад.

**Раис**: Ман фикр мекунам, ки масъаларо дар шакли фор-

---

* Ба таъйини марзҳои давлатии ҷумҳуриҳо ва вилоёти худмухтори тозатаъсис кумисиюни марказии арзӣ машғул буд, ки мураккаб буд аз 15 нафар узви мусовиюлҳуқуқ ва онҳо ҳамаи ҷумҳуриҳо ва вилоёти Осиёи миёнаро (ба ҷуз тоҷикон.-Р.М.) намояндагӣ мекарданд. Ин кумисиюн бояд кори худро дар тӯли моҳи сентябри 1924 анҷом медод.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

мулбандии кулӣ набояд пазируфт. Худ ба худ маълум аст, ки Ҷумҳурии Узбакистон аз навоҳие таъсис хоҳад шуд, ки узбакҳо дар онҷо зиндагӣ мекунанд.

**Одинаюф К.**: Бо мувофиқати узбакҳои Хива.

**Раис**: Ҳамин тавр, имрӯз ғуруб мо масъалаи марзиро баррасӣ нахоҳем кард, шояд Дафтари Осиёи миёнагӣ кумисиюни вижае* барои такмили ин масъала таъсис хоҳад кард.

**Исломуф Р.**: Ба назари ман формулбандии куллиро метавон ироа кард, вале барои таъйини марзҳои дақиқ бояд кумисиюне ташкил карда шавад.**

**Раис**: Ҳамин гуна, бегоҳии имрӯз масъалаи марзиро баррасӣ нахоҳем кард, балки пиромуни Тошканд изҳори назар хоҳем кард. Кӣ дар ин бора мехоҳад сухан бигӯяд?

**Исломуф Р.**: Масъала он аст, ки арқоми Хоҷануф бо дигар арқоми сабтшуда тафовут дорад. Теъдоди узбакҳо ва қурамаҳо — 34 ҳазор нафар, вале қирқизҳо ва қарақалпоқҳо 22 ҳазор нафар.*** Ҳеч масъалае набояд дар бораи Тошканд вуҷуд дошта бошад, Тошканд бояд аз они узбакҳо ва ҳатман пойтахти онҳо бошад. Мо муваққатан дар бораи Самарқанд розӣ ҳастем.

**Файзулло Хоҷаюф**: Агар инҷо дар бораи Тошканд чун пойтахт сухан гуфта мешавад, мо ҳоло ақидаи худро дар ин бора баён накардаем ва ин масъала бояд дар зеркумисиюни узбакҳо мавриди баррасӣ қарор гирад. Вале онки Тошканд шаҳри узбакҳост — ин дуруст аст.

**Хоҷануф С.**: Дар Тошканд бояд қирқизҳои Туркистонро мутамаркиз кард.

**Айтакуф Н.**: Ба шаҳрҳо набояд вижагии миллӣ дод. Дар Хоразм як шаҳр вуҷуд надорад, ки дар он туркманҳо зиндагӣ кунанд, туркманҳо дар канораҳо зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин,

---

* Чунин кумисиюни вижа ташкил нашуд.

** Масъалаи марзҳои ҷумҳуриҳои тозатаъсисро кумисиюни марказии арзӣ ҳал мекард.

*** Ҳамчунон ки хонандагон мӯътақид мешаванд, сарнавишт ва маҳали зисти даҳҳо ҳазор узбак, қирқиз ва қарақалпоқ мояи нигаронии аъзои кумисиюн (он ҳам комилан мунсифона) буд. Вале ҳамчунон, ки мо медонем, онҳо нисбат ба сарнавишти миллионҳо тоҷик бетафовут буданд. Дар бораи онҳо ҳатто сухан намегуфтанд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ман пешниҳод мекунам, ки шаҳрҳо ба ҳамон аҳолӣ мутааллиқ шавад, ки онҳоро муҳосира кардаанд.

**Муҳиддинуф А.**: Дар ноҳияи Тошканд низ бештар узбакҳо зиндагӣ мекунанд. Ман бо пешниҳоди рафиқ Айтакуф мувофиқам.

**Атобоюф К.С.**: Қабл аз он ки дар бораи Тошканд сухан гуфта шавад, бояд бо далел таъйин карда шавад, ки амалан шаҳри Тошканд ба кӣ таалluқ дорад, чун бозор ва ё маркази иқтисодӣ; ба узбакҳо ё қирқизҳо. Агар ба торих муроҷиа кунем, маълум мешавад, ки шаҳри Тошканд маркази узбакҳо набуд. Аз ин рӯ, ман пешниҳод мекунам, ки масъалаи шаҳри Тошканд чунин ҳал шавад: чун бозор ба яке аз гурӯҳҳои миллӣ таалluқ доштани он маълум гардад.

**Межлаук И.И.**: Ман пешниҳод мекунам, ки ҳоло музокира қатъ ва ба раъй гузошта шавад.

**Раҳимбоюф А.**: Ин ҷо ноҳиябандии идорӣ вуҷуд дорад, ки созмони тарроҳии давлатӣ (госплан) ва дигар созмонҳои иқтисодии Туркистон таҳия кардаанд. Бисёр таассуфовар аст, ки рафиқ Атобоюф, ки замони тӯлонӣ раиси кумисарҳои халқ буд, ошнойии комил нисбат ба Тошканд, ки чӣ гуна бозорест, надошт. Дар ин ҷо Туркистон тибқи вижагиҳои иқтисодӣ ба чандин ноҳияҳо тақсимбандӣ шудааст. Инҷо дар банди 9 роҷеъ ба хиттаи Тошканд, гуфта мешавад, ки дар Тошканд ва навоҳии он аксаран узбакҳо зиндагӣ мекунанд, бинобарин ин масъала мавриди баҳс нест ва муҳимтар он ки Тошканд маркази фарҳангии узбакҳо мебошад.*

**Хоҷануф С.**: Агар шумо ноҳияи Тошкандро бигиред, хоҳед дид, ки теъдоди қурамаҳо ба ҳисоби дар сад 15, ва дар шаҳри Тошканд 7,9 дар сад аст, яъне 1,5 баробар тақлил меёбад. Агар мо танҳо ноҳияи Тошкандро бигирем, пас қирқизҳо дар онҷо 45,8 дар сад ва узбакҳо 28 дар сад мебошанд, вале вақте шаҳри кӯҳнаро низ ба он меафзоем, теъдоди онҳо баробар мешавад ва

---

* Шевае ки А. Раҳимбоюф мекӯшид аз тариқи он «ҳақ» будани худро собит намояд, боиси таҳайюр аст. Ӯ на ба қонун ва далоили торихӣ такя мекунад, балки ба банди 9 ва дастурҳои бюрократӣ ва ношинос.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ба куллӣ сар дар гум мешавем ва аз ин рӯ ҳангоми таъйин кардани таалluқи шаҳр, бояд ки танҳо аҳолии шаҳри Тошканд дар назар гирифта нашавад. Рафиқ Исломуф ин арқомро ба ҳам омехта ва бехабар аз он аст, ки дар ин ҷо тамоми шаҳри кӯҳна дар назар гирифта шудааст.

**Исломуф Р.**: Ман ба омори расмӣ истинод мекунам: Аҳолии бумӣ яъне узбакҳо дар инҷо дар рустоҳо — мардҳо 96 ҳазор нафар, занон — 86 ҳазор нафар ва қирқизҳо — 79 ҳазор нафар мард, 84 ҳазор нафар зан мебошанд. Ин арқоми идораи марказии омор мебошад. Агар аҳолии шаҳрҳоро дар назар бигирем, пас аксарияти кулл узбакҳо мебошанд вале қирқизҳо 82 ҳазор нафар мард ва 76 ҳазор нафар зан мебошанд.

**Раис**: Ҳама тавзеҳот дода шуд, акнун ба раъйгирӣ шурӯъ мекунем. Ду пешниҳод вуҷуд дорад: яке пешниҳоди рафиқ Хоҷануф, ки Тошканд ба иттиҳоди қирқизҳо дохил шавад ва дигар пешниҳоди рафиқ Исломуф, ки Тошканд ба иттиҳоди узбакҳо дохил шавад. Ба раъй мегузорам: касе, қи тарафдори ба иттиҳоди узбакҳо дохил шудани Тошканд аст, хоҳиш мекунам, даст боло кунад (6 раъй). Касе ки тарафдори ба иттиҳоди қирқизҳо дохил шудани Тошканд аст, хоҳиш мекунам даст боло кунад (2 нафар)- ақалият. Ҳамин тавр, пешниҳоди рафиқони узбак пазируфта мешавад.

Акнун, рафиқон масъалаи марзӣ ва дигар масоили кӯчак боқӣ мемонад, ки албатта дар оянда ҳал хоҳад шуд. Ман чунин пешниҳоде дорам: як кумисиюне ташкил карда шавад, ки ҳамаи пешниҳодҳое, ки мо пазируфтем, тасҳеҳ намояд. Касе мухолифи чунин пешниҳод нест? Ман пешниҳод мекунам, ки аъзои кумисиюн 3 нафар бошад, хоҳиш мекунам аъзои кумисиюнро таъйин кунед. (Карклин, Раҳимбоюф ва Атобоюф узви кумисиюн интихоб мешаванд).

Ҷаласа баста эълом мешавад.*

* Имзоҳо дар нусха вуҷуд надорад. Вале роҷеъ ба арқоми идораи марказии омор бавижа дар он солҳо ин таъбири халқ хуб вифқ мекунад: «Ҳам дурӯғи маъмулӣ вуҷуд дорад ва ҳам омор».

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## Роҳнамои
## номҳои рафиқоне, ки дар баррасии масъалаи марзбандии миллии ҷумҳуриҳои Осиёи миёна, дар ҷаласаи Дафтари тадорукотии Кумитаи марказӣ (4 январ 1924) ширкат карда буданд.

**Маркази ҳифз ва таҳқиқи асноди торихи навини Русия. Махзани 17, сабти шумораи 112, парвандаи 566, барги 42 ва пушти барги 42.**

| Номи хонаводагӣ | миллат | мансаб ва вазифа | маҳалли кор |
|---|---|---|---|
| Исломуф Р. | узбак | Раиси шӯрои кумисорҳои халқии Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ, узви Дафтари Осиёи миёнаӣ, узви ҳайти раисаи Кумитаи марказии ичроияи иттиҳод ва Кумитаи марказии ичроияи Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сусиёлистӣ | Тошканд |
| Манжара | украин | Раиси кумисиюни марказии бозрасии Туркистон ва кумисори халқии бозрасии коргару деҳқон | Тошканд |
| Хоҷануф С. | қирқиз* | Дабири саввуми Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Туркистон, узви Дафтари Осиёи миёнаӣ, муовини раиси Кумитаи марказии ичроияи Туркистон ва кумисори халқии кишоварзӣ | Тошканд |
| Раҳимбоюф | узбак | Дабири Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Туркистон, муовини раиси Кумитаи марказии ичроияи Туркистон | Тошканд |

*қазоқ

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

| Номи хонаводагӣ | миллат | мансаб ва вазифа | маҳалли кор |
|---|---|---|---|
| Варейкис | литвонӣ | Узви Дафтари Осиёи миёнай, дабири Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Туркистон | Тошканд |
| Карклин | латиш | Муовини раиси Дафтари Осиёи миёнай, узви ҳайати раисаи Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон | Тошканд |
| Атобоюф | туркман | Муовини раиси нозирони Бухоро | Бухоро |
| Хоҷаюф Ф. | узбак | Узви Дафтари Осиёи миёнай, раиси шӯрои нозирони Бухоро | Бухоро |
| Тӯхтабоюф | қирқиз* | Сардабири рӯзномаи «Оқ жӯл» | Тошканд |
| Абдурраҳмонуф | қара-қирқиз** | Узви ҳайати раиса ва дабири масъули Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон, узви Кумитаи марказии Туркистон | Тошканд |
| Мендешуф | қирқиз*** | Раиси Кумитаи марказии иҷроияи Қирқизистон, узви ҳайати раисаи Кумитаи вилояти қирқизҳо ва узви ҳайати раисаи Кумитаи марказии иҷроияи Ҷумҳурии Русияи федиролӣ шӯравии сусиёлистӣ. | Оренбург<br>Тошканд |
| Жургануф | қирқиз**** | Намояндаи Қирқизистон дар Кумитаи иҷроияи | |

*қазоқ
**қирқиз
***қазоқ
****қазоқ

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

| Номи хонаводагӣ | миллат | мансаб ва вазифа | маҳалли кор |
|---|---|---|---|
| | | Туркистон | |
| Коростелев | рус | Дабири Кумитаи вилояти Қирқизистон, узви ҳайати раисаи Кумитаи марказии иҷроияи Қирқизистон ва номзад ба узви Кумитаи марказӣ | Оренбург |
| Абдусаломуф | узбак | Намояндаи салоҳиятдори Хоразм дар Маскав | Маскав |
| Чонгелдин А.Б. | қара-қирқиз* | Кумисори халқии таъминоти иҷтимоӣ ва узви ҳайати раисаи Кумитаи марказии иҷроияи Қирқизистон. | Оренбург |

Ҳамин тавр, феҳрасти фавқ таркиби зерини кумисиюнро нишон медиҳад, ки сарнавишти тамоми мардуми тоҷикро ҳал кард (бо дар назардошти миллияти аъзои кумисиюн):

1. Узбак-4.
2. Украин-1.
1. Қазоқ-5.
4. Литвонӣ-1.
5. Латиш-1.
6. Рус-1.
7. Тоҷик-нест.
8. Туркман-1.
9. Қирқиз-1.

*қазоқ

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Дар фейсбук ба гурӯҳи Китобхона ҳамроҳ шуда, садҳо китоби дигарро ба таври ройгон аз худ кунед




Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

## Роҳнамои номҳои коркунони олирутбаи ҳизбиву давлатии Осиёи миёна, ки мустақиман дар марзбандии милливу давлатии Осиёи миёна ширкат карда буданд

**Айтакуф Нодирбой** — корманди давлатӣ, аз соли 1922 узви Ҳизби кумунисти Иттиҳоди шӯравӣ. Дар нимҷазираи Манқишлоқ, дар хонаводаи моҳигир мутаваллид шудааст. Соли 1920 раиси шӯрои авул ва баъд узви Кумитаи инқилобии волост, намояндаи кунгураи 1 шӯроҳои И.Ҷ.Ш.С. (1922), узви Кумитаи иҷроияи Туркистон ва аз январи 1924 раиси Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон, баъд аз марзбандии миллӣ аз моҳи ноябри 1924 — раиси Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Туркманистони шӯравии сусиёлистӣ. Аз соли 1925 раиси Кумитаи марказии иҷроияи Ҷумҳурии Туркманистони шӯравии сусиёлистӣ ва муовини раиси Кумитаи марказии иҷроияи И.Ҷ.Ш.С. Соли 1938 тирборон шуд.

**Атобоюф К.М.**— корманди ҳизбӣ ва давлатӣ, соли 1920 узви Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти Туркистон. Дар мақомҳои муовини раиси шӯрои нозирони халқии Ҷумҳурии халқии Бухорои шӯравӣ, муовини раиси Кумитаи иҷроияи Туркистон, раиси шӯрои кумисорҳои халқии Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ (то октябри 1922) ва раиси шӯрои кумисори халқии Ҷумҳурии Туркманистони шӯравии сусиёлистӣ ифои вазифа кардааст. Соли 1937 тирборон шуд.

**Имомуф Чинор** — корманди ҳизбӣ ва давлатӣ, аз охири соли 1918 то миёнаи соли 1920 раиси Кумитаи ҳизбии ноҳияи Уротеппа. Аз соли 1920 то соли 1923 роҳбари ташкилотҳои ҳизбӣ дар вилояти Ҷиззах, Самарқанд ва Каттақӯрғон буд. Дар охири соли 1923 муовини аввали раиси кумисиюни марказии бозрасӣ ва

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

контроли халқии бозрасии коргару деҳқони Ҷумҳурии худмухтори Туркистони шӯравии сусиёлистӣ таъйин шуд. Аз октябри соли 1924 дабири Дафтари муваққатии ҳизбӣ дар Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ, узви Дафтари Осиёи миёнагии Кумитаи марказии Ҳ.К.(б)Р. буд. Аз декабри 1924 дабири масъули Дафтари тадорукотии ҳизби кумунисти (болшевикони) Узбакистон дар Ҷумҳурии худмухтори Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ ва ҳамзамон намояндаи ҳамешагии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Узбакистони шӯравии сусиёлистӣ буд. Аз охири соли 1930 раиси кумисорҳои халқии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ ва аз соли 1931 то 1933 кумисори халқии тандурустӣ ва дар солҳои 1933-35 раиси кумисорҳоии халқии додгустарии Ҷумҳурии Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ буд. Солҳои 1935-37 дабири масъули Кумитаи марказии иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистони шӯравии сусиёлистӣ ва мудири умури шӯрои кумисорҳои халқии Ҷумҳурии шӯравии сусиёлистӣ Тоҷикистон буд. Соли 1935 тирборон шуд.

**Исломуф Рустам** — корманди ҳизбӣ ва давлатӣ. Дар мақомҳои Кумисори маводи ғизоии Ҷ.Х.Ш.С. Туркистон, раиси шӯрои кумисориёи халқии Ҷ.Х.Ш.С. Туркистон, дабири Дафтари тадорукотии Ҳизби кумунисти болшевикони Ҷ.Ш.С. Узбакистон, кумисори халқии кишоварзии Ҷ.Ш.С. Узбакистон ифои вазифа кардааст.. Солҳои 1929-1934 узви Дафтари Осиёи миёнаии К.М.Ҳ.К.(б) Иттиҳод буд. Соли 1937 тирборон шуд.

**Эшонхоҷаюф Усмонхон** — рӯзноманигор ва омӯзгор. Аз соли 1919 узви ҳизби кумунист. Дар солҳои 1922-24 кумисори халқии маорифи Ҷ.Х.Ш.С. Туркистон ва дар солҳои 1924-25 сардабири рӯзномаи «Узбакистони сурх» ва ҳамзамон мудири шӯъбаи таблиғоти К.М.Ҳ.К.(б) Узбакистон буд. Баъд дабири Кумитаи ҳизбии вилояти Сирдарё, мудири Кумитаи тадорукотии Ҳ.К.(б) Иттиҳод дар Нижни-Новгород, дабири Кумитаи ҳизбии вилоятҳои Қафқози шимолӣ ва Кросноуфинск буд. Иттилои дигар дар даст нест.

**Мавлонбекуф Аҳмадбек** — корманди ҳизбӣ ва давлатӣ. Солҳои 1918-1921 дар мақомҳои мудири шӯъбаи кор ва таъминоти иҷтимоии Кумитаи иҷроияи ноҳия ва шаҳри Хуҷанд, раиси

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Кумитаи ҳизбии ноҳия ва шаҳри Хуҷанд ва Кумитаи инқилобӣ ва Кумитаи иҷроияи шаҳр ва ноҳияи Хуҷанд ифои вазифа кардааст. Солҳои 1921-23 раиси кумисиюни фавқулоддаи мубориза бо зиддиинқилобиён ва коршиканиии вилояти Фарғона, раиси Кумитаи инқилобии вилояти Фарғона ва раиси Кумитаи ҳизбии вилояти Самарқанд буд. Баъд дабири аввали Кумитаи марказии Ҳ.К. Бухоро, раиси К.М. кумисиюни бозрасии Ҳ.К. (б) Узбакистон. Кумисори халқии бозрасии коргару деҳқони Узбакистон, кумисори халқии додгустарӣ, додситони Ҷ.Ш.С. Узбакистон буд. Аз соли 1934 то миёнаи соли 1937 мудири шӯъбаи таблиғоти К.М.Ҳ.К.(б) Тоҷикистон буд. Соли 1937 тирборон шуд.

**Раҳимбоюф А.** — корманди ҳизбӣ ва давлатӣ, аз соли 1919 узви ҳизби кумунист. Аз хонаводаи тоҷир, омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Тошкандро хатм кард. Аз соли 1918 дар Хӯҷанд муаллим буд. Солҳои 1919-1920 раиси Кумитаи иҷроияи ноҳия ва шаҳри Хӯҷанд, раиси Кумитаи Ҳ.К.(б) Туркистон дар вилояти Самарқанд, аз сентябри соли 1920 раиси Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон ва дабири К.М.Ҳ.К. Туркистон, узви ҳайати кумисориёи халқии миллатҳои Ҷ.Ф.Ш.С. Русия. Аз соли 1923 дабири К.М.Ҳ.К. Бухоро, дабири К.М.Ҳ.К. Узбакистон (1924-1925), баъд дар умури ҳизбӣ ва давлатӣ. Аз соли 1933 раиси шӯрои кумисорҳои халқии Ҷ.Ш.С. Тоҷикистон буд. Соли 1937 тирборон шуд.

**Рискулуф Турар** — корманди давлатӣ ва ҳизбӣ, аз соли 1917 узви ҳизби кумунист. Аз хонаводаи деҳқон. Солҳои 1918-1919 - кумисори халқии беҳдошт ва раиси кумисиюни марказии мубориза бо гуруснагии Кумитаи марказии иҷроияи Ҷумҳурии Туркистон, аз марти 1919 то январи 1920 раиси Дафтари мусулмонон ва узви ҳайати раисаи Ҳ.К.(б) хиттаи Туркистон ва ҳамзамон аз марти соли 1919 муовини раис ва дар моҳҳои феврал — июни 1920 раиси Кумитаи марказии иҷроияи Туркистон буд. Аз соли 1921 муовини кумисори халқии умури миллатҳои Ҷ.Ф.Ш.С. Русия ва аз соли 1922 раиси шӯрои кумисорҳои халқии Ҷ.Х.Ш.С. Туркистон буд. Аз соли 1924 дар умури ҳизбӣ ва давлатӣ. Соли 1938 тирборон шуд.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

**Рудзутак Ян Эрнстович** – корманди ҳизбӣ ва давлатӣ, аз соли 1905 узви ҳизби кумунист. Аз хонаводаи деҳқон, коргар. Аз соли 1917 узви ҳайати раисаи шӯроҳои иттиҳоди нассоҷони вилояти Маскав ва сар то сари Русия, шӯрои иттиҳодияи синфии Маскав, ширкаткунандаи набардҳои октябри соли 1917 дар Маскав. Солҳои 1917-1920 раиси шӯрои иқтисодии Маскав, раиси маркази нассоҷӣ ва Кумитаи марказии иттиҳодияи синфии коргарони нақлиёт. Соли 1920 узви К.М.Ҳ.К.(б)Р. Солҳои 1920-21 – раиси кумисиюни Кумитаи марказии иҷроияи сар то сарии Русия ва шӯрои кумисорҳои халқии Ҷ.Ф.Ш.С. Русия дар Туркистон ва раиси Дафтари К.М.Ҳ.К.(б)Р. дар Туркистон. Солҳои 1922-24 раиси Дафтари осиёи миёнаии К.М.Ҳ.К.(б)Р. Раҳбари умури омодагӣ барои таъсиси ҷумҳуриҳои миллии шӯравӣ дар Осиёи миёна буд. Солҳои 1926-32 узви Дафтари сиёсии К.М.Ҳ.К.(б) иттиҳод, узви ҳайати раисаи Кумитаи иҷроияи сар то сарии Русия ва Кумитаи марказии иҷроияи И.Ҷ.Ш.С. буд. Соли 1937 тирборон шуд.

**Хоҷаюф Файзулло** – корманди давлатӣ, аз соли 1920 узви Ҳизби кумунист. Аз хонаводаи тоҷир солҳои 1920-24 раиси шӯрои кумисорҳои (нозирони) халқии Ҷумҳурии халқии Бухорои шӯравӣ буд. Аз ноябри 1924 то феврали 1925 раиси Кумитаи иқтисодии Ҷ.Ш.С. Узбакистон ва аз феврали 1925 то июни 1937 раиси шӯрои кумисорҳои халқии Ҷ.Ш.С. Узбакистон буд. Соли 1938 тирборон шуд.

**Ҳоҷибоюф Абдурраҳим** – корманди сиёсӣ. Соли 1918 ба симати муаллими мадраса дар вилояти Моварои Хазар (Закаспий) ба фаолият шурӯъ кард. Солҳои 1919-20 мушовир ва баъд мудири шӯъбаи кишоварзии ноҳияи Хуҷанд буд. Солҳои 1921-22 дар вилояти Фарғона ба симати раиси кумисиюниислоҳоти обу замин ифои вазифа кард. То ибтидои соли 1934 раиси шӯрои кумисорҳои халқии Ҷ.Ш.С. Тоҷикистон буд. Соли 1939 тирборон шуд.

**Карклин У.** – муовини раиси Дафтари Осёи миёнагии К.М.Ҳ.К.(б)Р. Иттилооте дар бораи ӯ дар даст нест.

**Одинаюф** – дабири масъули К.М.Ҳ.К. Хоразм. Иттилооте дар бораи ӯ дар даст нест.

**Межлаук И.И.** – корманди давлатӣ, узви Дафтари Осиёи

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

миёнагии К.М.Ҳ.К.(б)Р., узви Кумитаи инқилобии Ҷ.Ш.С. Туркманистон. Дабири масъули тадорукотии Ҳ.К.(б) Туркманистон ва аз феврали 1925 дабири К.М.Ҳ.К.(б) Туркманистон, узви Кумитаи марказии иҷроияи И.Ҷ.Ш.С. буд. Соли 1938 тирборон шуд.

**Варейкис И.М.** — корманди ҳизбӣ, дабири Дафтари Осиёи миёнагии К.М.Ҳ.К.(б) Иттиҳод, узви кумисиюни марказии бозрасии Ҳ.К.(б)Р. ва аз соли 1930 узви К.М.Ҳ.К.(б) Иттиҳод, узви Кумитаи марказии иҷроияи сартосарии Русия ва Кумитаи марказии иҷроияи И.Ҷ.Ш.С. буд. Соли 1939 тирборон шуд.

**Сахатмуродуф Х.** — туркман, узви Дафтари Осиёи миёнагӣ ва узви Кумитаи инқилобии Ҷ.Ш.С. Туркманистон. Дабири масъули Дафтари тадорукотии Ҳ.К.(б) Туркманистон ва аз феврали 1925 дабири К.М.Ҳ.К.(б) Туркманистон буд. Иттилои дигаре дар даст нест.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

# Ихтисорот

И.Ҷ.Ш.С.—Иттиҳоди ҷамоҳири шӯравии сусиёлистӣ
К.М. — Кумитаи марказӣ
К.М.Ҳ.К.(б)Р.— Кумитаи марказии Ҳизби кумунисти (болшивикони) Русия
Ҷ.Ш.С —Ҷумҳурии шӯравиҷ сусиёлистӣ
Ҷ.Х.Ш.С. - Ҷумҳурии худмухтори шӯравии сусиёлистӣ

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

# Вожаномаи мухтасар

## Вожаномаи форсӣ ба форсиву русӣ

Абъод — андоза.
Авосит: ҷамъи васат — миёнаҳо.
Авқот: ҷамъи вақт.
Асафбор — печальный.
Аснод: ҷамъи санад — документы.
Асолат — хусусият, покӣ.
Арозӣ: ҷамъи арз — замин, хок, сарзамин, бум.
Ахлоф: ҷамъи халаф — фарзанд, ҷонишин.
Бардадорӣ — ғуломдорӣ.
Барчасб — тамға — ярлык.
Басиҷ — сафарбар — мобилизация.
Бойгонӣ — архив.
Бориз — равшан.
Бумӣ — таҳҷой, мардуме, ки аз ҷои дигар наёмада, дар ватани аҷдоди худ зиндагӣ мекунад.
Вижа — махсус — особенный. Вижагӣ — хусусият — особенность.
Бавижа — махсусан — особенно. Вижа калимаи тоҷикист, вижаро аз вожа, ки он ҳам калимаи тоҷикист, бояд фарқ кард.
Вожа — калима.
Гузориши тунднависишуда — стенографический отчет.
Гурӯҳи нажодӣ — этническая группа.
Даврабандӣ — периодизация.
Зисалоҳ — салоҳиятдор.
Илал: ҷамъи иллат — сабабҳо — причины.
Илҳоқ — пайваст. Илҳоқ кардан — пайвастан. Мулҳақ шудан — пайваст шудан.
Имтидод ёфтан — тӯл кашидан.
Искон — маҳалли зист.
Истеъломнома — запрос.
Итлоқ кардан — нисбат додан, гузоштани ном.
Ифтихори миллӣ — национальная честь.
Иҷтиноб варзидан — худдорӣ кардан.
Кудито — переворот.
Кӯлӣ — ҷӯгӣ.
Латма — зарба.
Мадорик: ҷамъи мадрак — документы.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Манотиқ: ҷамъи минтақа — минтақаҳо.
Манофеи сиёсӣ — политические интересы.
Маохиз: ҷамъи маъхаз — манбаъҳо — источники.
Мардумшиносӣ — этнография.
Махзан — бунёд — фонд.
Мудаллал, мустадал — аргументированный.
Мудовим — давомдор.
Мунҷар ба чизе шудан — приводить к чему-либо.
Мусиррона — боисрор — настойчиво.
Мустақар(р) — барқарор, побарҷо.
Мустақиман — непосредственно.
Мутааддид — пуршумор.
Мутаволӣ — дароз.
Муштаракот — общность.
Муҷозот шудан — ҷазо дидан.
Мӯҳкам — сахт, қавӣ, ин вожа дар тоҷикӣ ба сурати маҳкам ва махкам роиҷ шудааст, ки ғалат аст.
Натиҷагирӣ кардан — хулоса кардан.
Нақз шудан — вайрон шудан.
Нуфус — аҳолӣ, мардум.
Нуктаи ход — минтақаи пурошӯб — горячая точка.
Отӣ — оянда.
Парванда — дело.
Парчам — дирафш — флаг, знамя.
Сабти шумораи — опись.
Самтгирӣ — ориентация.
Сариъан — зуд, тез — быстро.
Суд — фоида.
Тааррузӣ — наступатеьное.
Табъиз — дискриминация.
Тавоноӣ — способность.
Талаққӣ кардан — фаҳмидан, қабул кардан — воспринимать.
Тарҷеҳ додан — предпочитать.
Тасхир — тасарруф, забт, истило, ишғол.
Теъдод ва раддабандии миллии аҳолӣ — национальный состав населения.
Устони кулл — генерал-губернаторство.
Фарзанди халаф — фарзанди шоиста, сазовор.
Фоқиди замин — безамин.
Якпорчагии арзӣ — территориальный менталитет.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Қалил — кам. Тақлил ёфтан — кам шудан.
Қуруни мутамодӣ — қарнҳои тӯлонӣ.
Ғайримустақим — косвенный.
Ҳамгун кардан — омехта кардани қавме бо қавми дигар. Ҳамгуншавӣ — нобуд шудани миллате дар миёни миллати дигар, фаромӯш кардани забон ва русуми миллати худ ва пазируфтани забон ва русуми миллати дигар.

## Вожаномаи русӣ ба форсӣ

Абориген — бумӣ. Коренной народ — қавми бумӣ.
Антропология — инсоншиносӣ.
Архив — оршив, бойгонӣ.
Ассимиляция — ҳамгуншавӣ, омезиш.
Генерал-губернаторство — устони кулл.
Генеральный секретарь — дабири кулл.
Голосовать — раъй додан. Голосование — раъйдиҳӣ, раъйгири.
Поставить на голосование — ба раъй гузоштан.
Гриф — мӯҳр, рамз.
Диалект — гӯйиш.
Династия — дудмон, хонадон, силсила, ол.
Дискриминация — табъиз.
Добровольно — довталабона.
Документ — санад, мадрак. Документы — аснод, мадорик.
Закавказье — Моварои Қафқоз.
Идеолог — андешапардоз.
Интеллектуальное развитие — рушди фикрӣ.
Исследование — пажӯҳиш, таҳқиқ.
Кочевник — кӯчнишин. Полукочевник — нимакӯчнишин.
Край — хитта, минтақа.
Манкурт — манкурт, манқурт.
Менталитет — якпорчагӣ, яклахтӣ.
Метис — дурага.
Монолитный — якпорча, яклахт.
Накануне — дар остонаи, дар шуруфи.
Народ — қавм. Народность — қавм: ҷамъаш ақвом.
Насильственный — иҷборӣ.
Национально-территориальное разделение — тақсимоти милливу арзӣ, марзбандии миллӣ.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

Национально-территориальное размежевание — марзбандии миллӣ.
Оседлый — муқим, муқимӣ, тахтанишин, сокин.
Особенность — вижагӣ, хасиса.
Оставить вопрос открытым — масъаларо ҳалношуда боқӣ гузоштан.
Оценивать — арзёбӣ кардан.
Переворот — кудито, табаддулот.
Пленум — ҷаласаи умумӣ.
Постановление — тасвибнома.
Принцип — асл. Принципы — усул.
Присоединение — илҳоқ, пайваст.
Причерноморье — Ҳавошии (атрофи) Бахри сиёҳ.
Происхождение — бархост, пайдоиш. Этническое происхождение — пайдоиши нажодӣ, бархости қавмӣ, бархости нажодӣ, пайдоиши қавмӣ.-
Противостояние — рӯёрӯӣ, муқобила.
Самоназвание — номи худбофт, номи худсохт.
Секретный — сиррӣ. Совершенно секретно — комилан сиррӣ.
Скотовод — домпарвар, чорвопарвар.
Сосредотачивать — мутамаркиз кардан. Сосредоточение — тамаркуз.
Специальный — вижа — махсус, хосс.
Средние века — асрҳои миёна, қуруни вусто.
Строго — акидан. Строго запрещено — акидан мамнӯъ.
Тенденция — гиройиш, тамоюл.
Фактор — омил: ҷамъаш: авомил. Факторы — авомил.
Формирование — шаклгирӣ, ташаккул. Формироваться — шакл гирифтан.
Ханство — хонигарӣ.
Численный состав — теъдоди афрод. Численный состав населения — теъдоди ва раддабандий (таркиби) аҳолӣ.
Экономические рычаги — аҳрумҳои (дастакҳои) иқтисодӣ.
Экспансия — таҷовуз, истило.
Этногенез — пайдоиши нажодӣ.
Этногруппа — гурӯҳи нажодӣ.
Эноним — истилоҳи қавмӣ, вожаи нажодӣ.
Этнос — қавм.
Ярлык — барчасб.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

مؤلف از رهبران و کارمندان این مرکز برای کمک و انتخاب اسناد ارزشمند پیرامون تاریخ مرزبندی ملی و ساختار دولتی مردمان آسیای میانه صمیمانه سپاسگزار است.

مؤلف همچنین از یو. س. مالتسوف، ا. ک. میربابایوف و ا. ایشان‌قل‌اف برای آماده کردن مدارک و نقل قولهای فصل «نظر شرق‌شناسان روس در بارهٔ تاجیکان»[1] متشکر است.

ما به روشن کردن آن صفحاتی از تاریخ مردم تاجیک می‌پردازیم که قبلاً کاملاً سرّی بود و در زمان شوروی از جانب تئوریسینهای ساختار «آیندهٔ درخشان» مردمان اتحاد شوروی سخت پاسداری می‌شد. تئوریسینهای شوروی کوشش می‌کردند که مسایل مهم تاریخی بویژه پیدایش خلقهای علیحده و تعلق نژادی آنان، استیلا بر اهالی بومی و سرزمینهای آنها، از آن خودکردن معنویت و فرهنگ قومهای تسخیرشده‌را از مردم پنهان بدارند. کتب و اسنادی که در این باره گواهی می‌دادند، تحت کنترل و سانسور کمیتهٔ خاصی قرار داشتند. انتشار، نقل قول و حتی بازگو کردن محتوای چنین تحقیقاتی اکیداً ممنوع بود.

اکنون در این باره بدون ترس از برچسب ملت گرایی بورژوایی و مخالفت با انترناسیونالیسم و «دوستی خلقها» می‌توان آزادانه گفت و نوشت. اکنون برای مردم تاجیک دانستن حقیقت تاریخی نه تنها ممکن، بلکه ضرور است. فقط با دانستن همهٔ حقایق تاریخی است که مردم تاجیک این ملت خلاق و متفکر و در عین حال رنج‌کشیده می‌تواند دوباره هم از لحاظ معنوی و هم از لحاظ جسمانی احیا شود.

**مؤلف**

---

۱ این مدارک اکنون از نگاه کتاب‌شناسی خیلی کمیاب شده‌است. اغلب نوشته‌های قبل از انقلاب تنها یک نسخه باقی مانده و از این رو ارزش تاریخی آنها خیلی زیاد است. مؤلف.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

چگونه؟ و در نتیجهٔ کدام جریان؟ به وجود آمده‌است، توجه مارا به خود جلب کرد. سارتها که بودند؟ کدام یک از اقوام کنونی آسیای میانه از نظر هم‌خونی، هم‌زبانی و خصیصه‌های مردم‌شناسی به آنها نزدیک بودند و دیگر علامتهای مردم‌شناسی از آنجمله جمعیت و منطقهٔ زیست آنها در دوره‌های گوناگون تاریخی تا زمان مرزبندی ملی باید مشخص شود. و سرانجام آنها چه شدند؛ مردند، همگون شدند یا به طور مصنوعی و دقیق‌تر بگوییم اجباری در نتیجهٔ سرشماریهای نفوس، به نام ملت دیگر ثبت شدند؟ خلاصه، به این پرسشها حتی‌الامکان باید پاسخهای بی‌غرضانه داده شود. به سبب پرهیز از تکرار غیرضروری، تمرکز توجه به: مسائلی که به بهانه‌های مختلف سیاسی، ایدئولوژیک (به خاطر دوستی در میان خلقها در زمان خود) مورد ممنوعیت اکید قرار داشت، بسیار مهم بود. محققین از ترس آنکه سخت مجازات نشوند، از انعکاس حقایق تاریخی پرهیز می‌کردند. برای آنها نوشتن در بارهٔ مطالبی که در چهارچوب سیاست حزبی نمی‌گنجید، ممنوع بود. با وجودی که تمام منابع اطلاعاتی ممنوعه و اسناد و بسیاری از کتابها در آرشیوهای حزبی و کتابخانه‌های ویژه موجود بود، ولی محققان به آنها دسترسی نداشتند.

مؤلف در اثر قبلی خود «تاریخ تبرتقسیم» (دوشنبه ۱۹۹۱) عمدتاً اشتباهات فاحشی‌را که در جریان مرزبندی ملی در حق ملت تاجیک اعمال شده بود، مورد بررسی قرار می‌دهد. کمیسیون تام‌الاختیار ازبکی که اعضایش به زهر پان‌ترکیسم آغشته بودند، حقیقت موجودیت تاجیکان‌را همچون ملت و حق آنهارا بر سر زمینهای تاریخی خود، کاملاً انکار می‌کرد؛ در نتیجه اهالی تاجیک‌را در طول قرون متمادی به زور به مناطق کوهستانی و وادیهای تنگ می‌راندند.

نادیده گرفتن احیای پروسهٔ پان‌ترکیسم که تاجیکان از آن سخن می‌گویند و روسها نیز نگران احیای آن در روسیه هستند، غیرممکن است. ن. آ. نارو چنیتسکایا مورخ روس در اولین کنگرهٔ بین‌المللی روسها که در ۲۸-۲۶ مهٔ سال ۱۹۹۳ در مسکو برگزار گردید، پیرامون پیدایش ایدهٔ «توران بزرگ»

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

مطالبی ارائه داد و از جمله گفت: در ترکیه نقشه‌هایی منتشر شده که سرزمینهای حواشی دریای سیاه، کریمه، قفقاز، ارمنستان و گرجستان با ترکیه با یک رنگ نقاشی شده‌است و علامتهای حرکت به سوی تارتارستان و باشقیردستان در آن کشیده شده‌است که شعار «ترکها متحد شوید»را بر روی آن نوشته‌اند[1].

در این کتاب اختلاف نظرها میان رهبران پیرامون تقسیمات مرزی ازبکها، قزاقها و ترکمنها به طور مفصل مورد بررسی قرار گرفته که قبلاً به عللی که حالا معلوم است، چیزی نوشته نمی‌شد. مؤلف هنگام بررسی این مسئله که کدام یک از اقوام کنونی آسیای میانه به راستی بومیان قدیمی این منطقه محسوب می‌شوند، اساساً به تحقیقات شرق‌شناسان نامی پیرامون تاریخ مردمان آسیای میانه و خطهٔ ترکستان که زمانی به امپراتوری روسیه تعلق داشت، استناد می‌کند. پیش از همه باید گفت که در بین شرق‌شناسان، مکتب شرق‌شناسان روس سهم بزرگی در تحقیقات بی‌غرضانه و قضاوت عینی تاریخ تاجیکان و دیگر اقوام همسایهٔ آنها در آسیای میانه دارد. دلائل غیرقابل انکاری که این محققان در پژوهشهای خود آورده‌اند، بر این گواهی می‌دهد که قدیم‌ترین بومیان آسیای میانه تاجیکان می‌باشند. محققان قزاق، قرقیز و ترکمن نیز بر چنین عقیده‌اند، به استثنای محققان ازبک که به طور غیرواقعی قوم خودرا بر خلاف نژادشناسی تاریخی آسیای مرکزی قدیمی نشان می‌دهند.

مؤلف برای نخستین بار از مآخذ و اسنادی استفاده کرده که قبلاً به عنوان اسناد سرّی خارج از دسترس بود. این مآخذ از جانب «مرکز حفظ و تحقیق اسناد تاریخ نوین روسیه» در اختیار ما گذاشته شده که شمارهٔ آنها به قرار ذیل است: مخزن ۱۷، ثبت شمارهٔ ۲، پروندهٔ ۱۵۴؛ مخزن ۱۷، ثبت شمارهٔ ۳، پروندهٔ ۴۳۱، ۴۴۳، ۴۶۸؛ مخزن ۱۷، ثبت شمارهٔ ۸۴، پروندهٔ ۴۸۵، ۵۰۸، ۷۳۸، ۷۳۹؛ مخزن ۱۷، ثبت شمارهٔ ۱۱۲، پروندهٔ ٥٦٦؛ مخزن ۵۰، ثبت شمارهٔ ۱، پروندهٔ ۳۴؛ مخزن ٦٢، ثبت شمارهٔ ۲، پروندهٔ ۸۷، ۸۸، ۱۰۱، ۱۰۲، ۱۰۵؛ مخزن ۵۵۸، ثبت شمارهٔ ۱، پروندهٔ ۲۵۵٦، ۲۶۹۴، ۳۲۴۴، ۳۲۴۵، ۳۴۱۴.

---

۱ ناروچنیتسکایا ن. آ. Geopoliticheskaya missiya Rosii. 1 Vsemirniy Russkiy Sobor. Perviy etap: Rossiyskaya sobornaya misl. ۲٦-۲۸ مهٔ ۱۹۹۳، مسکو، ۱۹۹۳، ص. ٢٤.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

# مقدمه

مؤلف این کتاب بر مبنای بایگانیهای مستند و منابع ویژه کوشیده‌است تا به مسائل پیچیدهٔ تاریخ پرفاجعهٔ تاجیکان پاسخ بگوید، چونکه تا به امروز در آثار و نوشته‌های پژوهشگران به طور شایسته مورد بررسی قرار نگرفته‌است.

قبل از هر چیز باید به این پرسش پاسخ داد که: چرا تاجیکان به عنوان قدیمی‌ترین ساکنان آسیای مرکزی قادر نبوده‌اند استقلال دولتی و ملی خودرا حفظ کنند؟ چه عاملی باعث شد که آنها در روند رشد خود نتوانستند به یکپارچگی ارضی دست بیابند؟

مؤلف کوشش می‌کند که پیشینه‌های تاریخی و عواقب فلاکت‌بار تسخیر آسیای میانه‌را توسط قبائل ترک و مغول برای تاجیکان روشن نماید. به نظر مؤلف تاخت و تاز قبائل ترک و مغول نسبت به مجموع وقایع دیگر از جمله حملهٔ اسکندر مقدونی، استیلای اعراب و قبول اجباری اسلام و مرزبندی ملی و منطقه‌ای که منجر به تشکیل جمهوریهای ملی شوروی در سال **۱۹۲۴** شد، وحشیانه‌تر و فاجعه‌بارتر بود.

بسیاری از صفحات این کتاب به تجزیه و تحلیل این مسئله و مسایل دیگر تاریخ خونبار و اسفناک مردم تاجیک اختصاص داده شده‌است. مؤلف بر این است تا زمینه‌ها و دلائل تاریخی بلایا و مصیبتهای جاری در آسیای میانه، از آنجمله حملات بیگانگان، جنگهای داخلی و تقسیمات اجباری اراضی‌را (که بیشتر از همه بر سر تاجیکان وارد شد و باعث نابودی آنان گردید) روشن سازد. تاجیکان همواره مورد تعقیب قرار می‌گرفتند، نابود می‌شدند و شرایط

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

دشوار زندگی‌را برای آنها ایجاد می‌نمودند. آنان‌را همگون[1] می‌کردند و از نظر اخلاقی و روحی مورد تحقیر قرار می‌دادند.

پس راه رهایی چیست؟ چگونه می‌توان از این پس خودرا، آینده، تاریخ همچنین فرهنگ و هویت ملی خودرا حفظ کرد و این کشور کوچک کوهستانی‌را از خطر نابودی رهانید؟

این مسائل دردناک به پاسخهای دقیق و قانع‌کننده‌ای نیازمند است. متأسفانه مؤلف در چهارچوب یک کتاب قادر نیست به همه پرسشها پاسخ کامل دهد. به غیر از این عدم دسترسی به اسناد و مدارک ضروری به ویژه تاریخ تاجیکان دورهٔ شوروی کار مؤلف‌را دشوارتر ساخته‌است. لایحهٔ تصویب‌نامهٔ تقسیمات ملی و ارضی‌را که سال ۱۹۲۴ تحت رهبری گ. و. چیچرین کمیسر خلقی امور خارجهٔ اتحاد جماهیر شوروی تنظیم شده‌است، مثال می‌آوریم. در این سند چنین آمده‌است که جمهوری تاجیکستان شوروی سوسیالیستی در سال ۱۹۲۴ تشکیل شود و ازبکستان باید به عنوان یک جمهوری خودمختار جزو جمهوری تاجیکستان گردد. ولی در واقع برعکس شد. ما به اسناد کاملاً سرّی جلسهٔ کمیسیون مرکزی پیرامون این مسئله، نتوانستیم دسترسی پیدا کنیم. اطلاعات غیرمستقیم‌را در بارهٔ این واقعیت و دیگر جنبه‌های تاریک جریان «تبرتقسیم» در بایگانیهای «سرّی» می‌یابیم که ما از آرشیوهای مسکو و شهرهای دیگر شوروی سابق به دست آورده‌ایم.

برای نخستین بار بر مبنای دلایل متعدد از نوشته‌های شرق‌شناسان روس قبل از انقلاب شوروی، گروه عظیم نژادی آسیای میانه که به «سارت»ها مشهور است، مورد تحلیل مقایسه‌ای قرار گرفته‌است. در نوشته‌های تاریخی شوروی پیرامون اقوام آسیای مرکزی جماهیر شوروی سابق در بارهٔ سارتها تقریباً چیزی گفته نشده‌است. حتی «پژوهشهای ویژه»ی مربوط به این گروه عظیم نژادی آسیای میانه نیز از بین رفته‌است. پیدایش سارتها از کجا؟

---

۱ همگون‌شوی: Assimilation

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

ازبک این حقیقت تاریخ‌را فراموش نکرده‌اند که اکثر بزرگان علم و ادبشان ذواللسانین بودند، نیز بدانند که بزرگانی چون حمزه حکیم‌زاده نیازی، مختار اشرفی، عبدالله قهار، کامل یارمت‌اف و بسیار شخصیتهای برجستهٔ دیگر تاجیک بودند. امروز هم میلیونها تاجیک در وطن تاریخی خود با شناسنامهٔ ازبکی برای قدرتمندی و شکوفایی جمهوری صاحب‌استقلال ازبکستان خدمت می‌کنند.

همچنین در تاجیکستان زیاده از یک میلیون ازبک (با قوم و شاخ و شاخچه‌ها) زندگی می‌کنند و تاجیکان عرصهٔ زبان آنهارا تنگ نکرده‌اند، پاسپورت تاجیکی نداده‌اند و به این امر احتیاجی هم نیست. بزرگواری باید از دو طرف برابر ظاهر شود... آن طور نشود که «دنیارا آب زیر کند، مرغابی‌را آب تا زانو باشد».

سخن‌را اینجا کوتاه می‌کنم. راستی‌را، از خواندن کتاب رحیم مس‌اف خسته و دل‌شکسته شدم. به خدا، آن همه ظلم و بیداد تاریخ‌را نمی‌توان تن تنها تحمل کرد. اما چه می‌توان کرد؟

خلق تاجیک در آسیای میانه
دانی تنها در آسیای زمانه[1]

اما با این همه احساس تنهایی و نومیدی امیدوارم که هر تاجیک جوهردار، سفینهٔ لنگردار رحیم مس‌اف‌را بخواند و بداند که دوست و دشمنش کیست؟ بخواند، بداند و ذو دست‌را به زنخ ستون نموده بیندیشد که آیا آن «تاجیک گردن‌کش و لشکرشکن» (خسرو دهلوی) کجا شد؟ آیا آن «جنگیهای نامی بخارا و سمرقند که اکثر مرغیلانی (سارت، تاجیک) می‌باشند» (محمد ظهیرالدین بابر) کجا شدند؟ بخواند و بداند که «سستی و تاجیکی» چه بلاهایی به سرش آورده‌است... بخواند و بداند که بدون دفاع از

---

۱ از مؤلف پیشگفتار.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

افتخارات و مقدسات ملی، بدون دفاع از وطن، مادر. عار و ناموس ملی و فرّ آریایی نمی‌توان خودرا صاحب‌وطن خواند. و باز برای حسن خاتمه یک رباعی مولانا جلال‌الدین بلخی‌را که اصلاً تاجیک وخشان‌زمین بوده، اما گاه گاه دعواگران کم‌فرهنگ ترکش خوانده‌اند، می آورم و امیدوارم که به درونمایهٔ آن اندر می‌رسید:

من بندهٔ آن قوم که خودرا دانند
هر دم دل خودرا ز غلط برهانند
از ذات و صفات خویش سازند کتاب
فهرست کتاب‌را اناالحق خوانند[1]

**لایق شیرعلی**
ژانویهٔ ۱۹۹۵

۱ در چاپ روسی کتاب به جای این رباعی، رباعی مولانا عبدالرحمان جامی آورده شده‌است.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

عبدالله رحیم‌بایوف، چنار امام‌اف، عبدالرحیم حاجی‌بایوف (دو شخصیت اخیر، نیز در شناسنامه ازبک، اما اصلاً تاجیک) که سال ۱۹۲۴ چندی برای جمهوری مختار و چندی برای ولایت مختار تاجیکستان در هیئت ازبکستان رضایت داده بودند، برای از هیئت ازبکستان بیرون آمدن و بنیاد جمهوری مستقل تاجیکستان تلاشهای بی‌دریغ کردند. نصرت‌الله مخسوم، شاتیمور، عبدالقادر محی‌الدین‌اف و عبدالرحیم حاجی‌بایوف در این تلاشها سر خودرا باختند. اما باز هم تلاشهایشان کاملاً به ثبوت نرسید. سمرقند و سرخان‌دریا در هیئت ازبکستان باقی ماند. در این مورد حتی برقیهٔ «پدر خلقها» یعنی ای. و. استالین که سال ۱۹۲۴ به افتخار تأسیس جمهوری مختار تاجیکستان فرستاده شده بود و در آن آمده بود که «تاجیکان تاریخ پرثروتی دارند و به تاجیکان مراجعت شده بود که «خودرا پیرامون فرزندان صادق میهن خویش متحد سازید و به تمام مشرق‌زمین نشان بدهید که شما وارثان شایستهٔ اجداد خود هستید که درفش آزادی‌را محکم در دست داشتند»، سودی نبخشید. استالین با آن همه جباری و قهاری در این مرحلهٔ سرنوشت‌ساز به تاجیکان عنایتی نکرد. به گنهگاری خود و دیگر ترک‌زدگان اقرار کردن عبدالقادر محی‌الدین‌اف «که ما این خیانت‌کاری‌را سر کردیم (یعنی انکار کردن تاجیکان‌را) خطای خودرا به گردن می‌گیریم و می‌خواهیم اصلاح بکنیم» نیز بعد از جشن حنابندان بود....

همین گونه، به تاجیکان چهار سنگ و چهار درهٔ تنگ رسید و به کوهها راندن تاجیکان و سرکوب کردن روح تاجیکان‌را مهر ننگ‌آور تاریخ «دست‌آموز» ثبت کرد... و سرکوب کردن روح تاجیکی در سمرقند و بخارا و دیگر مناطق تاجیک‌نشین ازبکستان با آن همه شعارزنیهای دروغین «دلی‌میز بیر و تلی‌میز باشقه» دوام دارد...

با این همه روحیهٔ تاجیک‌ستیزی، بی‌عدالتی، بی‌دادی، قدرت‌طلبی و

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

قدمت‌جویی در یک مورد باید اعتراف کرد که ازبکان با بیداری و هشیاری همگانی، با «چُستی ترکی» (تعبیر مولوی)، با «ازبکی و زورکی» (تعبیر خلقی) با استفاده از سیاستهای بی‌مایهٔ هزاررویه، از نیرو و مغزهای نمایندگان چندین ملت، به خصوص از ناخودآگاهی و خودفراموشی تاجیکان ازبک‌شده و یا تاجیکان خانه‌شیرِ میدان‌غریب، خلاصه از همه دار و دسته، دولت قوی و پهن‌آور ساخته‌اند. اما ما با «سُستی و تاجیکی» (تعبیر مولوی) در گربه‌رَوَک صندلی پنهان شده، یکدیگررا پیش‌پایی داده، چهار سنگ کوهستان‌را وطن خود خوانده (شکر قسمت که لااقل این وطن‌را داریم!) به ورطه‌ای رسیدیم که خون همدیگررا می‌ریزیم... صد دریغ و حیف آن فرهنگ عالی!..

اما در این باره که در ازبکستان همه تاجیکان‌را جبراً شناسنامهٔ «ازبک» داده، نفوس ازبکان‌را زیاد ساخته، تاجیکان‌را آهسته آهسته به «صفر» رسانیده‌اند و رساندنی هستند، من به دل خود ایمان دارم که با شناسنامهٔ ازبکی تاجیک سربلند، نافرمان و شخ‌سر ازبک نمی‌شود، در دل او آتش سغدی باقیست، دل او، جوهر او، اصل و نصب آریایی او، با هزاران جلد شناسنامهٔ ازبکی به این زودی و آسانی زدوده نخواهد شد.

از آنکه در ازبکستان تا امروز عرصهٔ زبان فارسی تاجیکی‌را تنگ می‌کنند و شرایط مساعدی‌را برای گسترش آن فراهم نمی‌آورند، یک نکته‌را باید بگویم که برادران ازبک هر قدر زبان فارسی تاجیکی‌را خوار کنند، آن قدر خودشان ضرر می‌بینند. زیرا یک وقت انشاءالله در ازبکستان نیز خردمندان والاهمتی خواهند پیدا شد که جهل چنگیزی‌را رها کرده، باکمال پاس تاریخ ضرورت آموختن و دانستن زبان فارسی تاجیکی‌را درک خواهند کرد، زیرا تمام آثار گذشتهٔ ازبکی بدون دانستن زبان فارسی تاجیکی و عربی شرح و توضیح و ترجمه امکان‌پذیر نخواهد بود. زبان امروزهٔ ازبکی هم بدون استفادهٔ فراوان از زبان فارسی تاجیکی و عربی غنی نخواهد شد. برادران

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

معلوم بود و امروز هم معلوم است. اما شیوهٔ تیرآوران خودی، یعنی زادگان ملت خودمان‌را که این قدر خیانتهای سنگین و ننگین‌را به خلق خود روا دیده‌اند. چه سان تعبیر کنیم؟ آه، آه. دلم دارد می‌ترکد. در این کشور سنگستان نمی‌دانم سرم‌را به کدام سنگ بزنم؟

ببینید: فیض‌الله خواجه‌یوف در (شناسنامه‌اش ازبک، اما اصلاً تاجیک!) به حیث رئیس ناظران خلقی جمهوری خلقی بخارا اولین کاری‌را که سامان می‌دهد، زبان تاجیکی‌را از مکتبهای بخارا طرد می‌کند؛ عبدالله رحیم‌بایوف (در شناسنامه ازبک، ولی اصلاً تاجیک!) در مقام رئیس کمیسیون مرزبندی آسیای میانه، ترکیب خلقهای آسیای میانه‌را اساساً ازبکها، قرقیزها، ترکمنها و دیگر خلقهای کم‌نفوس یا خُرد قلمداد می‌کند و تاجیکان‌را حتی در شمار این «خلقهای خُرد» هم نمی‌گیرد. حتی برای آموختن متن مردم بخارا به بخارا مخصوص سفر می‌کند. گویا از مرّیخ تازه به روی زمین افتاده باشد و در این شهر تخم تاجیک‌را نمی‌بیند. به حرفهای عبدالقادر محی‌الدین‌اف (در شناسنامه ازبک، ولی اصلاً تاجیک!) این مرد در اول ترک‌زده، بعد از خیانت‌کاریهای خود و پیروان خود نسبت به خلق خود یعنی خلق تاجیک پشیمان و خاک بر سر، یک سر مو اعتنا نمی‌کند که می‌گوید و ثابت می‌کند که در بخارا به جز یک محلهٔ دُرْمَن که پنج یا شش خانواده به ازبکی گپ می‌زنند، دیگر مردم سراسر تاجیکند. عبدالرئوف فطرت - ترک‌زده (در شناسنامه ازبک و اصلاً تاجیک، بیش از این نویسندهٔ تاجیک، معارف‌پرور و اصلاح‌طلب تاجیک) در مقام عضو دفتر سیاسی کمیتهٔ مرکزی حزب کمونیست بخارا در بخارا و سمرقند با هم‌سلوکانش برای به زبان تاجیکی حرف زدن ۵ روبل جریمه می‌ستاند. عبدالرحیم حاجی‌بایوف (در شناسنامه ازبک، اصلاً تاجیک) در تلاش سمرقند به منزلهٔ پایتخت تاجیکستان می‌گوید که الحال در تاجیکستان جنگهای باسمچی‌گری دوام دارد، بین سمرقند و تاجیکستان راه نیست، ما در دیههٔ قره‌تاغ یا دوشنبه پایتخت می‌سازیم. تضادرا ببینید که تاشکند با $\frac{1}{3}$ ازبک بودن نفوسش پایتخت ازبکستان می‌شود. اما سمرقند که از قدیم‌ترین شهرهای تاجیکان است،

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

پایتخت تاجیکستان شده نمی‌تواند. آیا مسخرگی تاریخ نیست که قدیم‌ترین خلق بومی آسیای میانه در بخارا و سمرقند دولت بزرگ سامانیان‌را بنیان نهاده، زبان و فرهنگ و هویت ملی خودرا شکوفایی و رفعت بخشیده‌است، آمده آمده در دیهک قره‌تاغ یا دوشنبه پایتخت بسازد؟

س. خاجن‌اف سرور قرقیزها (قزاقها) اصرار می‌کند که سمرقند و خجند و سرخان‌دریا به تاجیکان متعلق باشد، کسی اورا پشتیبانی نمی‌کند، زیرا در کمیسیون مرزبندی یگان تاجیک نبوده‌است، نه نه، بوده‌است: فیض‌الله خواجه‌یوف، عبدالله رحیم‌بایوف، اما ازبک‌زده، همه جا پَلّهٔ ترازورا به سود ازبکان می‌گردانند.

در هیئت حاضرین مجلس و مشورتها و تصمیم‌گیریهای تقسیم‌بندی مرزهای آسیای میانه نمایندهٔ روس، اوکرائین، لاتیش، لیتوونی، قزاق، ترکمن، ازبک بوده‌است، اما تاجیک نه. زیرا آب از سرگه گل‌آلود است. غمخوار خلقهای مظلوم شرق لنین فراوان‌خرد از وجود تاجیک نام خلقی در آسیای میانه حرفی نمی‌دانسته‌است و عبدالله رحیم‌بایوف که با او کار کرده‌است، نیز نمی‌دانسته‌است یا از ترس جان خود نادیده گرفته‌است. بیشتر از این، از هئیت کمیسیون مرزبندی دانشمندان بزرگ تاریخ آسیای میانه و. و. بارتولد، ص. عینی، م. س. آندره‌اف. آ. آ. سمیونوف برکنار کرده می‌شوند تا پرده از روی حقیقت نبردارند. بدین منوال این مجلس و مشورتها، مجلس و مشورتهای کوران تاریخ و خودفروشان ملت تاجیک بوده‌است. چنان که می‌بینیم به قول ناصر خسرو «از ماست که بر ماست» یا به قول شاعری:

آتش به دو دست خویش بر خرمن خویش
من خود زده‌ام، چه نالم از دشمن خویش...

اما بعدها، هرچند کار از کار گذشته بود و آهن سردکوفتنها سودی نداشت، عبدالقادر محی‌الدین‌اف، نصرت‌الله مخسوم، شیرین‌شاه شاتیمور،

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

# سخنی دربارهٔ این کتاب[۱]

در طول هفتاد سال حکومت شوروی پیرامون تاریخ آسیای میانه و خلقهای ساکن آن، اختیاراً به روسیه همراه شدن آسیای میانه (در حالی که روسها آنرا اشغال کرده بودند)، از مرزبندی سرزمین ورارود که ای. آ. زلنسکی آنرا ««تبرتقسیم» نامیده بود، در چهارچوبهٔ ایدئولوژی حاکم کتابهای زیادی نوشته شده‌است که از «اتحاد شکست‌ناپذیر جمهوریهای آزاد» (و دیدیم که این اتحاد در یک چشم زدن از هم پاش خورد)، «دوستی خلل‌ناپذیر خلقها»، «دودمان یگانهٔ خلقهای شوروی»، «خلق یگانهٔ شوروی» با یک سبک و مرام سخن می‌رفت. این کتابهای از «گذشتهٔ تیره و آیندهٔ درخشان» صحبت می‌کردند، اما همگی از تعمق اندیشه، تحلیل و بررسی خالصانهٔ علمی و تاریخی، حقیقت و عدالت اجتماعی عاری بودند. در بارهٔ اینکه مردمان آسیای میانه در مسیر تاریخ کی پیدا شدند، از کجا آمدند، چگونه شکل گرفتند، تا زمان تبرتقسیم مرزها چه سرنوشت و سرگذشت تاریخی داشتند، چه شجره، چه نام و نشان، چه سابقه، چه هویت، چه فرهنگ و سهم فرهنگی در تمدن بشر داشتند؟ سخن راست و قوی‌بنیاد کم خوانده‌ایم یا هیچ نخوانده‌ایم. در این کتابها خوانده‌ایم که مرزبندی جمهوریهای آسیای میانه با حسن تفاهم، اتفاق آراء و رضایت خلقهای ساکن آن صورت گرفته، در حالی که این مسئله نتیجهٔ سیاست ملی دلخواه

---

۱ این پیشگفتار از روسی ترجمه نشده‌است، بلکه مؤلف آنرا نخست به همین زبان فارسی نوشته‌است.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

لنینی بوده‌است.

اما چون کتاب تازهٔ دانشمند غیور تاجیک، تاریخ‌شناس شیرجگر رحیم مس‌اف «تاریخ تاجیکان با مهر کاملاً سرّی»را می‌خوانیم، مثل روز روشن می‌بینیم که صورت واقعی و تاریخی این عمل خیانت‌بار چه خال و خطها و داغ و جراحتها داشته‌است. آکادمسین رحیم مس‌اف «دشتهای خودرا رفعت بخشیده، کوههای دیگران‌را پست نزده» (تعبیر شاعر شهیر قزاق اُلژاس سلیمان‌اف) معتمد و اساسمند، با مدارک یک‌رو و یک‌پهلوی تاریخی، با اقتباسهای پردان‌ترین خاورشناسان جهان‌شمول، دلیلهای قاطع خطی و باستان‌شناسی، مواد و اسناد سر به مهر صندوق‌بند تاریخی، ثابت می‌کند که آن همه کتابهای ساختگی و مرده‌خون فرسخها از علم استنادی و استدلالی دور بوده‌اند. این کتاب در نظر اول دنبالهٔ کتاب مشهور او «تاریخ تبرتقسیم» (دوشنبه ۱۹۹۱) نمودار می‌شود، اما چون به محتوای آن آشنا می‌شوید، موی بر بدنتان سنان می‌شود، دل ریش ریش، جگر لخته لخته خون می‌شود، اگر دل و جگر پاک آریایی، واضح‌تر بگویم وجدان و انصاف والای انسانی داشته باشید. این کتاب تنها یک کار علمی نیست، بلکه داستانی است پر از اشک و خون، پر از آه و فریاد، نوشته با زبان اسناد، بلکه فاجعه‌نامه‌ای است از خودی خودرا کشتنمان گاها به دست خود، گاه به دست دشمنان... این کتاب با خون دل انشا شده و بایستی هر تاجیک پرجگر آنرا با خون دل بخواند و بداند که که بوده‌ایم و که هستیم، از کجا بوده‌ایم، به کجا رسیده‌ایم و که و که‌ها مارا به این پرتگاه هلاکت کشانده‌اند؟..

از فجیع‌ترین و مرگ‌بارترین عملها و عاملهایی که در امور مرزبندی سیاسی و مأموری محدودهٔ تاجیکستان امروزه (پاره‌یکی از خراسان بزرگ!) از بین سطرهای این کتاب به چشم می‌خورد، این است که شاعر فرموده:

باکم از ترکان تیرانداز نیست

شیوهٔ تیرآورانم می‌کشد

جای بحث نیست که دشمن دشمن است و غاصب غاصب است، کژدم کژدم است و باید بلاشک نیش بزند. ترکان تیرانداز از زمان سامانیان غرضشان

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

نام کتاب: **تاریخ تاجیکان با مهر «کاملاً سرّی»**
مؤلف: **آکادمسین رحیم مَس‌اف**
ناشر: **انتشارات دانش**
مترجم: **میلاد سغدی‌نژاد**
مکان و زمان چاپ: **شهر دوشنبه، ۱۳۷۵**
چاپ: **اول (به زبان فارسی)**
شمار نسخه: **۳۰۰۰**

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

# فهرست مطالب

سخنی در بارهٔ این کتاب (لایق شیرعلی)........................ ٤
مقدمه ........................................................ ۱۲
فصل یکم. توصیفات تاریخی و نژادی. تعداد و رده‌بندی اهالی آسیای میانه قبل از استقرار حاکمیت شوروی و مرزبندیهای ملی........................ ۱۷
فصل دوم. تقسیمات ملی و دولتی آسیای میانه. مباحثات و اختلاف نظرها پیرامون بعضی مناطق و شهرها........................ ۷۶
۱. تاریخچهٔ مسئلهٔ مرزبندی ملی........................ ۷۶
۲. تأسیس دولتهای نو در آسیای میانه........................ ۸۵
خلاصهٔ مطالب ........................ ۱۲۰

ضمیمه‌ها:
نظر مستشرقین روس در بارهٔ تاجیکان (۱۸۳۵ـ۱۹۲٤)........................ ۱۳۳
گزارش تندنویسی‌شدهٔ جلسهٔ کمیسیون ویژهٔ ارضی دفتر آسیای میانه‌ای کمیتهٔ مرکزی حزب کمونیست بلشویکان روسیه[1] در بارهٔ مرزبندی ملی ........................ ۱۵۷
راهنمای اسامی رفیقانی که در بررسی مسئلهٔ مرزبندی ملی جمهوریهای آسیای میانه، در جلسهٔ دفتر تدارکاتی کمیتهٔ مرکزی (٤ ژوئن ۱۹۲٤) شرکت کرده بودند ........................ ۱۹۲
راهنمای اسامی کارمندان عالی‌رتبهٔ حزبی و دولتی آسیای میانه که مستقیماً در مرزبندی ملی و دولتی آسیای میانه شرکت کرده بودند ........................ ۱۹۵

---

۱ «ک. م. ح. ک. ب. ر.» علامت اختصاری عبارت «کمیتهٔ مرکزی حزب کمونیست بالشویکان روسیه» است که در این کتاب به‌کار رفته.

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

به نام خدا

آکادمسین رحیم مَس‌اف

# تاریخ تاجیکان با مُهرِ «کاملاً سرّی»

(بخشی از تاریخ فاش نشدۀ تاجیکان در اوایل قرن ۲۰)

دوشنبه ۱۹۹۶
انتشارات «دانش»

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст

آکادمسین رحیم مَس‌اف

# تاریخ تاجیکان بامُهر «کاملاً سرّی»

(بخشی از تاریخ فاش نشدهٔ تاجیکان در اوایل قرن ۲۰)

دوشنبه ۱۹۹۶
انتشارات «دانش»

Ин китоб аз сомонаи www.kitobkhon.tj боргирӣ шудааст